ISSN 2219-5408

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

№ 1 (62-2)

Душанбе – 2015

Маҷаллаи илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, № 1, қисми 2 (62-2), 2015, бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ

САЛИМОВ Н. Ю. – сармуҳаррир
МУЛЛОЕВ А. – ҷонишини сармуҳаррир
АБДУЛЛОЕВА Р. Х. – котиби масъул

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Фалсафа, сиёсатшиносӣ (Б. Самиев, Р.Назариев, М. Гулахмедов); **таърих ва ҳуқуқ** (Ҳ. Пирумшоев); **иқтисодиёт** (З. Шарифов, А. Ҷӯраев, А. Насимов); **педагогика ва методикаи таълим** (У. Зубайдов, М. Нуъмонов, Б. Маҷидова); **забон ва адабиёти тоҷикӣ, русӣ, англисӣ** (А. Худойдодов, С. Хоркашев, М. Газиева, С. Ҷаматов)
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ, тел. 224-14-02, www.tgpu.tj

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2014 таҳти № 0187/мҷ аз нав ба қайд гирифта шудааст.
Ба феҳристи маҷаллаву нашрияҳои илмии тақризнависӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия барои интишори натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ тавсия медиҳад, дохил карда шудааст

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, № 1, часть 2 (62-2), 2015, серия общественных, гуманитарных и филологических наук

САЛИМОВ Н. Ю. – главный редактор
МУЛЛОЕВ А. – зам. главного редактора
АБДУЛЛОЕВА Р. Х. – ответственный секретарь

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:
Философия, политология (Б. Самиев, Р. Назариев, М. Гулахмедов); **история и право** (Х. Пирумшоев); **экономика (**З. Шарифов, А. Джураев, А. Насимов); **педагогика и методика преподавания** (У. Зубайдов, М. Нугманов, Б. Маджидова); **таджикский, русский, английский языки и литература** (А. Худойдодов, С. Хоркашев, М. Газиева, С. Джаматов)
Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 121, ТГПУ имени Садриддина Айни, тел.: 224-14-02, www.tgpu.tj

Журнал перерегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан от 22 января 2014 года за № 0187/мч.
Журнал входит в перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, рекомендуемых ВАК для публикации основных научных результатов диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук

Herald of the Pedagogical University is a scientific publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, No. 1, part 2 (62-2), 2015, series of the social, humanitarian and philology sciences

N. SALIMOV – chief editor
A. MULLOEV – the deputy – chief editor
R. ABDULLOEVA – managing editor

EDITORIAL BOARD:
Philosophy and political sciences (B. Samiev, R. Nazariev, M. Gulahmedov); **History** (Kh. Pirumshoev); **Economics (**Z. Sharifov, A. Juraev, A. Nasimov), **Pedagogy and method of teaching** (U. Zubaidov, M. Nugmanov, B. Majidova); **Tajik, Russian, English languases and literature** (A. Khudoidodov, S. Khorkashev, M. Gazieva, S. Jamatov)
Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, 121 Rudaki Avenue, TSPU named after Sadriddin Aini, ph.: 224-14-02, www.tgpu.tj

The magazine was registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan on 22 January, 2014, No. 0187/mj.
The magazine is included in the list of leading scientific magazines and editions recommended by HAB for publication of main scientific results of dissertations for the scientific degree of doctoral and candidate thesises.

О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ИСТОРИЧЕСКИХ И СОЦИАЛЬНЫХ УСЛОВИЙ РЕАЛИЗАЦИИ АРИСТОТОЛЕВСКИХ ИДЕЙ В МУСУЛЬМАНСКОЙ ФИЛОСОФИИ

Норбоев Ю. М.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

История взаимоотношений древнегреческой и восточной домусульманской и мусульманской культур имеет глубокие корни, и она растягивается по разным временам их развития. Еще в ранние древние времена эти взаимоотношения смогли объединить в себя достижения разных народов, которые включились в бытие и сознание локальных народов.

Они особенно заметны в период осуществления военных походов Александра Македонского от Египта до Индии. Но предисловием к этой истории могут служить события, связанные с именем великого персидского полководца Кира, что есть греческой транслитерацией персидского имени Куруша. Где-то около 550 г. до н.э., Кир объединил персов и мидян после того, как последние помогли свергнуть Ассирийскую империю около 612 г. до н.э., и на фоне этой объединенной силы была создана мощная армия, которой удалось завоевать много соседних государств, что превратило Персидскую империю в одну из крупнейших в мире. Он вел персов и мидийцев к потрясающим победам: в 545 г. до нашей эры, Кир победил короля Креза (царя Лидии) там, где в настоящее время эта территория является частью Турции; вошел в Вавилон в 538 до н.э. и были освобождены многочисленные народы, привезенные в Вавилон как пленные рабы.

Камбис - сын Кира и его наследник завершили неосуществившиеся походы своего отца и завоевал Египет, и продвигался до ее южных регионов - дальше, чем то, что не было сделано любым другим полководцем. Когда Камбис заболел и умер в Египте, престол перешел к дальнему его родственнику, известному как Дарий I (522-486 до н.э.). Дарий I (известен и как Дарий Великий) продолжил расширение персидской империи.

В походах Александра Македонского обращаем внимания на завоевание им персидских городов Сузы и Персеполиса. Историки отмечают, что в ноябре 331 г. до н.э. Когда войска прибыли в Сузы, город почти без боя сдался и передал им свою казну. «Солдаты Александра были поражены богатством персов, когда в казне обнаружили большой запас золота и серебра, многое из которого было награблено персами в Греции более 100 лет назад. Они также обнаружили, мебель, гобелены, и драгоценные камни и др.. Александр раздал большие подарки своим людям и послал небольшую часть Суза сокровища в Афины и эта небольшая часть, однако, была больше в шесть раза годового дохода Афины того времени. Суза была родиной матери Дария, его дочерей и членов его гарема, все из которых теперь были переданы под защиту армии Александра» [6, с. 35].

В декабре 331 г. до н.э. войска Александра двинулись в сторону города Персеполис, церемониальный центр персидской империи и зимний дом персидских царей. Как и с Сузой, армия встретила небольшое сопротивление персов и они, вероятно, были последние войска из армии Дария и поэтому Александр быстро с ними разобрался и завоевал Персеполис. В этом городе греки нашли самый большой клад: «Подавляющая часть его была кладезь золота и серебра, которые, нужно сказать, считался крупнейшим состоянием в мире. Клад был настолько огромен, что потребовалось более 500 верблюдов и более 4000 мулов для транспортировки его обратно в Македонию. Клад весил около 7300 тонн, и было достаточно для того, чтобы Александр финансировал свою армию на 25 лет» [6, с. 35]. В знак мести персам, греки 25

апреля 330 г. до н.э. сожгли огромный дворец в Персеполисе, который был построен Дарием I примерно в 520 г. до н.э. и он, по утверждению многих историков, был символом господства Дария III.

Тем не менее, было принято, скорее всего, не простое решение. С одной стороны, как македонец, Александр глубоко был впитан греческой культурой и поэтому он пришел в Персию частично отомстить за обиды персиянам, совершенным в отношении Греции вдобавок к тому, что он амбициозно хотел стать в качестве возвышенного правителя Персии. С другой стороны, «он был восхищен и высоко оценил многие вещи об этой древней цивилизации. Он хотел, чтобы был принят в персидский правящий класс. Он начал принимать персидский образ жизни и стал допускать в свои круги персидских слуг. Вынужденные делить власть с персами, некоторые из македонских солдат начали выражать свое недовольство» [3, с. 36].

В этой войне со стороны персов наряду с теми, кто мужественно сражался за свою землю, было множество предателей не только среди простого народа, но и правителей и полководцев. К одному из них относился Бесс – родственник Дария и сатрап страны, где происходили эти сражения. Он вместе с греческим наемником Набарзаном стали на путь предательства царя Дария: «В это время Набарзан и Бесс заключили между собой преступный союз и решили с помощью тех войск, которые находились под их командованием, схватить царя и заключить в оковы. Они имели намерение или передать царя живым Александру, если он их настигнет, получив за свое предательство благодарность и большое вознаграждение, или в случае возможности избежать встречи с македонским полководцем - убить Дария, захватив его власть, и возобновить войну» [6, с. 68].

Вторжение войск в Центральную Азию имело свои особенности. Прежде всего, население этого региона имело слабую зависимость от центральной власти царей Персии и распад этой империи открывало перед ними возможность полной независимости. Образ же Александра здесь сложился как захватчика и не рассматривался как освободителя от насилий и эксплуатации персидских царей. Поэтому, Александр и его войска здесь оказались перед сложной задачей ведения войн, которые в труднодоступных местностях часто изобиловали поражением.

К началу весны 334 г. до н.э. Александр уже был готов к вторжению в Центральную Азию. Он желал следовать по стопам Ксенофонта и стремился подражать Киру Великому в создании всемирной империи. Для реализации этой цели его войска весной 329 г. до н.э. отправилась в сторону Бактрии и Согдианы. На завоеванных территориях они расширяли поселения, в которых постепенно стали оседать его воины старшего возраста, инвалиды, наемники и пленные вместе с местным населением, что привело к смешению его состава из числа греков, македонцев, ассирийцев, иранцев, вавилонцев и др. Однако, главное противостояние и сопротивление местного народа все еще было впереди. То, что местные автохтонные племена саков и согдийцы истребили двухтысячную армию македонцев, а массагеты нападали на отдельные отряды Александра, было только часть этого сопротивления. Другое дело было восстание Спитамена, который частично истребил греческий гарнизон, а в других случаях использовали военные хитрости: «Но, отступая, мятежники применили известную скифскую тактику заманивания противника в глубь пустынной страны. Македонцы, увлеченные преследованием, уходили все дальше и дальше в безводные степи; тем временем сакские наездники продолжали тревожить врага внезапными нападениями, не позволяли его отрядам отделяться от главных сил, чем затрудняли ему добывание продуктов и фуража... Александр, сославшись на нездоровье, приказал своей армии повернуть обратно» [1, с. 36]. Тем не менее, опытному полководцу в конце концов удалось сломить сопротивление не только Спитамена, но и жителей семи городов, которые были расположены по берегам Сыр-Дарьи и с центром восстания - Кирополь. Александр, как и со Спитаменом только путем обмана удалось сломить и перебить их отряды, а дети и женщины были обращены в рабство.

Этот успех подкреплялся и тем, что Александр очень хотел предстать перед новыми персидскими подданными как законный преемник Ахеменидов, принимая некоторые церемониальные обычаи и традиции персов. Кроме этого, Александр и его люди переняли у персов знания об оросительных сооружениях, о государственной почте, о системе дорог, а со своей стороны они провели денежную реформу, вводя в оборот серебряную драхму, а также казну Ахеменидов, развивая градостроительство и др. В этих взаимоотношениях двух культур и в условиях постоянной трансформации мышления народов региона в результате частого перемещения различных слоев по обширной территории империи эллинизма со сливанием греко-персидской культуры, прерывалась и связь многих людей с родным местом, и они стали чувствовать себя космополитами, гражданинами всего мира. Это отразилось и на философию исламского периода Востока с возникновением в ее недре таких рационалистических школ, как калам, му'тазилизм, суфизм, восточный перипатетизм и исмаилизм. Особенностью этой эпохи считается бурное развитие перевода произведений греческих философов и мыслителей на арабский язык, которое рассмотрим в более широком плане.

Широкий размах этой тенденции наблюдается уже в более поздние периоды развития этой «смешенной» культуры с развитием взаимоотношений персидских царей с вавилонцами и греками, особенно при правлении сасанидских династий. Касаясь перевода философской литературы на арабский язык, Е.А. Фролова отмечает следующее: «После того, как император Зенон в 439 г. закрыл несторианскую школу в Эдессе (Междуречье), тысячи несториан обосновались в Персии, привезя с собой целые библиотеки сочинений античных мыслителей. В изгнании они оставались враждебны византийской церкви и в знак протеста игнорировали греческий язык, используя сирийский. С целью распространения несторианской теологии они начали перевод своих текстов и комментаторов аристотелевской логики («Введение в Категории Аристотеля» Порфирия... Неудивительно, что к VII в. в Сирии, Ираке, Персии, Египте уже имелись тексты отдельных сочинений Аристотеля, существовала традиция перевода и комментирования» [5, с. 19].

С арабским завоеванием Персии, начинается новая эра в истории персидской мысли. Социально-политическая революция, вызванная арабскими завоеваниями, знаменует собой начало взаимодействия между арийской, семитской и греческой культуры, и мы находим, что персидская культура, хотя позволяет вторгнуться им на поверхности ее духовной жизни, стала во многом семитизированной и эллинизированной, спокойно перенимает Ислам к своим арийским привычкам мышления. Вторжение эллинской культуры имеет свои особенности.

Начиная с VII в. процесс перевода древнегреческих манускриптов и произведений известных литераторов, философов и других интеллектуалов получило широкий размах и интерес к изучению различных наук возрос. Местные правители стремились к сохранению и распространению различных знаний, и поэтому ценили труд ученых, создавая им условия. Наравне с другими научными работами, при Аббасидских халифах началась беспрецедентная по своим меркам деятельность по переводу научных и философских трудов на арабский язык. Справедливости ради нужно отметить, что эта деятельность зародилась еще при Омейядских халифах. Она возродилась при аббасидском халифе аль-Мансуре (754-775), а аль-Мамун основал «Дом мудрости» в Багдаде и привлекал туда многих известных переводчиков, в основном из числа христиан, евреев, ассирийцев и других народов, которые хорошо знали несколько языков – греческий, сирийский, пехлеви, а некоторые из них знали даже санскрит.

Однако, эти люди не были простыми переводчиками и большинство из них были философами при византийском императоре Юстиниане, который считал философские труды еретическими и поэтому наложил запрет на исследование и преподавание философских дисциплин, а также разогнал их школы в Афинах. Спасаясь от террора императора, они перебрались на Ближний Восток и здесь они вместе со своими

учениками со временем развили деятельность групп переводчиков. Между прочим, «Дом мудрости» возглавил один из этих людей – Юханна ибн Масавейх. Благодаря трудам этих переводчиков мусульманский мир ознакомился с произведениями таких древнегреческих ученых и философов, как Аристотель, Архимед, Гален, Гиппократ, Евклид, Пифагор, Платон, Аристотель, Архимед, Гален, Евклид, неоплатоники и др. По этому поводу, тот же Сайид Хусейн Наср отмечает, что «В период с 750 г. н. э. до 1 000 г. н. э. на арабский язык был переведен огромный корпус философских и научных произведений с греческого, сирийского, пехлеви и санскрита. Этот перевод осуществлялся несколькими переводческими школами, отличающимися друг от друга степенью своей компетентности» [5, с. 13].

Таким образом, процесс преобразования мышления локального народа начался с изучением греческой мысли, которое, хотя в сочетании с другими причинами, тормозили рост естественной спекуляции, но означало переход от чисто объективного отношения доисламской философии персов, отражающейся в учении Зороастризма и маздакизма, к субъективному отношению более поздних мыслителей. Это, случилось, конечно, в значительной степени из-за влияния идей внешних мыслителей, как греческий, которое произвело гораздо больше духовного аспекта, чем можно было ожидать и в его более поздних переосмыслениях в мусульманской философии. Оно оживило и одухотворило, к примеру старую идею иранского дуализма света и тьмы, и тем самым греческая мысль вызвала в новую жизнь мусульман тонкий персидский интеллект, и в значительной степени способствовал ее ассимилированию с общим ходом интеллектуальной эволюции в регионе.

Наряду с суфизмом, му‘тазилизмом, каламом и восточным перипатетизмом, к указанным философским школам Ислама относят и исмаилизм, сторонником которого был Насир Хусрав. В качестве научной иллюстрации этого философского течения и его места в истории мусульманской философии и исламской культуры можно привести заключения Х. Додихудоева по вкладам, которые внесли исмаилиты в эту культуру. Автор эти вклады определяет по нескольким нововведениям, которые заключаются в том, что «исмаилиты первыми в истории науки и ислама сочиняли свои научные и философские труды на персидском языке и в этих трудах арабские термины заменили персидскими»; «к существующим в их время наукам добавили сравнительное религиоведение, философию религию и христологию»; «осуществили синтез исламской пророческой мудрости и античную философию»; в научной и религиозной мысли развивали рационализм и подняли роль разума» [2, с. 13] и т.д.

Влияние философии древнегреческих мыслителей на взгляд исмаилитских авторов, несомненно, велико и оно охватывает не только чисто философские, но и теологические и метафизические вопросы, как о Боге, акт творения мира через призму эманации божественного света или потенции, соотношении двух миров и др. Все это происходило благодаря доступа к произведениям античных философов, переведенных вышеуказанными переводчиками на территории халифатской империи. Другой исследователь исмаилизма и философии Насира Хусрава Р.З. Назариев фокусируя свое внимание на изучение этих вопросов, в частности, и сравнивая идею о Боге в интерпретациях двух разных идейных школ Запада и Востока, заключает следующее: «Следует оговориться, что проблемы общества во взглядах Сократа, Платона, Аристотеля и других философов Древней Греции адекватным образом находятся под влиянием религии, но они, по сравнению с воззрениями исмаилитов сведены до минимума. Несмотря на религиозные ограничения и запреты, во взглядах исмаилитов подобно древним грекам, важнейшим вопросом являлся не столько «обожествление» Бога, сколько выяснение места и роли человека в жизни и в обществе. Из этого контекста последовательно вытекают другие проблемы: вопрос об открытости и свободе самого человека, как личности в обществе и гражданина государства» [2, с. 62].

На примере исмаилитского учения, можно судить о том, что мусульманские мыслители легко стали адаптировать свои мировоззренческие взгляды к новым вызовам

и требованиям жизни, отражающихся на их философию и теологию, которые оказались в центре этого влияния. Легкость же восприятия греческо-эллинистические идеи в мусульманской философии объясняется, прежде всего тем, что их религии – Ислам и Христианство генетически являются близкими формами верования. Эллинистические философские знания перемещаясь с коранистическими установками, образовали с ними нечто столкновение рационализма и теологии и в этой контрадиктности все-таки преимущество получила задача защитить саму религию Ислам. Но это не означает, что особенность средневековой мусульманской философии, которая находилась под влиянием эллинистических традиций, состояла в том, что она сама по себе проявляла стремления к тому, чтобы стать служанкой теологии и религиозных институтов.

Гармонизация и преодоление контрадиктности между теологией и философией, с позиции мусульманских философов, избиравших путь рационализма, проявились в разработке двойной истины – философской и теологической, светской и духовной, в которой теология была нацелена на путь к постижению абсолютной истины, а философия – к практической области деятельности человека: «Мусульманская теология, достигшая расцвета в Багдаде с VIII по X в., также столкнулась с необходимостью философской аргументации. Первые возникшие там школы делали упор на свободу воли (*кадария*) или настаивали на ограничивающей власти Бога (*джабария),* тогда как другие считали любое нравственное суждение (*мурджиа*) исходящим от «мусульманских грешников». В Басре и Багдаде мутазилиты (от араб. *му'тазила* - обособившиеся) старались совместить лучшие аспекты греческой философии со своей теологической доктриной, видя в этом способ наилучшего возможного доказательства того, что ислам является «религией здравого смысла» [3, с. 137-138].

Таким образом, в истории трансформации мировоззрения мусульманских средневековых мыслителей важную роль сыграли изменения политических и социокультурных условий, связанных с завоевательными походами греков, македонцев и арабов, которые имели двоякое – позитивное и негативное значения для покоренных народов.

Литература:

1. Вершигора П. П. Военное творчество народных масс. - М.: Воениздат, 1961.
2. Додихудоев Х. Философский исмаилизм. - Душанбе, 2014.
3. История человечества (VII-XVI века). Т. IV. - М.: Магистр-пресс, 2003.
4. Назариев Р. З. Аллегорическая интерпретация философских и теологических проблем в исмаилизме. - Душанбе, 2009.
5. Фролова Е.А. История арабо-мусульманской философии. Средние века и современность: Учебное пособие. - М., 2006.
6. Skelton D., Dell P. Great Empires of the Past: Empire of Alexander Great. NewYork, 2005.

О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ИСТОРИЧЕСКИХ И СОЦИАЛЬНЫХ УСЛОВИЙ РЕАЛИЗАЦИИ АРИСТОТЕЛЕВСКИХ ИДЕЙ В МУСУЛЬМАНСКОЙ ФИЛОСОФИИ

В статье анализируются основные проблемы, связанные с вопросами исторических и социальных условий реализации аристотелевских идей в мусульманской философии. В историческом контексте рассматриваются факторы и причины сливания культур греческого народа с персидскими народами в результате походов Александра Македонского, а с арабскими завоеваниями в этот регион и в мусульманской культуре. Особое внимание уделяется анализу развития переводческой деятельности и проникновения идей древнегреческих мыслителей в мусульманскую средневековую философию.

Ключевые слова: эллинистическая философия, мусульманская философия, Аристотель, «Дом мудрости», переводческая деятельность, античная литература, влияние древнегреческой философии, суфизм, му'тазилизм, исмаилизм.

ON SOME ASPECTS OF HISTORICAL AND SOCIAL CONDITIONS FOR REALIZATION OF ARISTOTLE'S IDEAS IN MUSLIM PHILOSOPHY

The article considers the main problems relating to the aspects of historical and social conditions for realization of Aristotle's ideas in Muslim philosophy. The factors and causes of the cultural

diffusion between Greek and Persian peoples as a result of Alexander of Macedon's invasions, and with that of Arabic invasion in this area and in Muslim culture. The author considers the matter of translational activities and penetration of ideas of Ancient Greek thinkers to the medieval Muslim Philosophy.

Key words: hellenistic philosophy, Muslim philosophy, Aristotle, "House of the wisdom", translate actions, literature of the antiquity, Sufism, Mu'tazilism, Ismailism.

Сведения об авторе: Норбоев Юсуфжон Мардонкулович, аспирант кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: norboev.87@mail.ru

Information about the author: Norboev Yusufjon Mardonqulovish, post-graduate student of philosophy department, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

ҲИКМАТИ РОЗӢ АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Карамхудоев Ш. Х.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Дар таърихи афкори фалсафии мардуми форс-тоҷик оид ба масъалаҳои гуногуни фалсафӣ андешаҳои мутазодде мавҷуд мебошанд, ки ғолибан ғановати маънавии ниёгони моро нишон медиҳанд. Яке аз чунин донишмандон, ки ӯро бештар ба равияи материалистӣ мутамоил медонанд, Муҳаммад Закариёи Розӣ мебошад. Дар ин мақола дар хусуси андешаҳои Розӣ аз назари Носири Хусрав баҳс мешавад.

Ҳаким Носири Хусрав Закариёи Розиро даҳрӣ (материалист) ҳисоб намекунад. Зеро ба ақидаи даҳриён: «Олам маснӯъ нест, бал қадим аст ва сонеъи маволид худи олам аст. Ва мар ӯро сонее нест, бал азалӣ аст, ҳамеша буд ва ҳамеша бошад». Аз ин ҷо бармеояд, ки даҳриён (материалистон) ҳастии Худоро инкор мекунанд, хилқат ва оғози офаринишро эътироф наменамоянд. Аммо Розӣ ақидаи ҳастии Худоро қабул дорад, вале қудрати Ӯро дар бар хилофи донишмандони равияи идеалистӣ маҳдуд меҳисобад. Худои Розӣ қодир нест, ки аз нестӣ ҳастиро биёфарад: «…мумкин нест, ки Худой чизе падид тавонад овардан на аз чизе» [4, с. 111]. Агар дар таълимоти мутафаккирони идеалист танҳо як Худои воҳид қадим бошад ва дигарон дар нисбати ӯ мӯҳдасанд, Розӣ дар баробари Худо боз чор чизи дигарро қадим мешуморад: нафс, ҳаюло, макон, замон. Ӯ менигорад: «Қадим панҷ аст, ки ҳамеша буданд ва ҳамеша бошанд: яке Худой ва дигар нафс ва се дигар ҳаюло ва чаҳорум макон ва панҷум замон» [4, с. 107]. Носири Хусрав Розиро ба асҳоби ҳаюло мансуб медонад.

Ақидаҳои Носири Хусрав ва Закариёи Розӣ дар моҳияти худ бо ҳам мувофиқ намеафтанд. Бинобар ин Носири Хусрав дар бештари китобҳои худ ва махсусан дар «Зод-ул-мусофирин» аз ақидаҳои ӯ бо интиқоди шадид ёд мекунад. Ба андешаи мутафаккири идеалист, одати Закариёи Розӣ ин будааст, ки барои манфиати хеш бар хилофи андешаҳои донишмандони гузашта мебаромадааст: «Муҳаммад Закариёи Розиро одат он будааст, ки қавлҳои ҳукаморо хилоф кардааст. Ва мақсудаш бароати хеш ва изҳори сафвати хотир ва ҳиддати идроки хеш будааст» [5, с. 64]. Ҳамин тариқ ба андешаи Носири Хусрав Розӣ қавли накӯ ва ақлии Арастуро оид ба «табиат оғози ҳаракату сукун аст» намеписандад [5, с. 63-64]. Инчунин ба андешаи файласуфи идеалист Розӣ қавли некӯи ҳаким Эроншаҳриро оид ба қадимии ҳаюло ва макон зишт кардааст [5, с. 110].

Таззоди андеша байни ин файласуфони мутааллиқ ба равияҳои гуногун бештар дар масъалаи ибдоъ шиддат мегирад. Ба андешаи Розӣ, ҳаюлои олам азалию бе оғоз аст, аммо сураташ бошад мухдас, офаридашуда аст: «Оламро ҳаюло қадим аст ва сураташ мабдаъ аст» [5, с. 100]. Носири Хусрав алорағми Розӣ чунин ақидаро пайравӣ мекунад, ки ҳам сурат ва ҳам ҳаюлои олам офарида мебошанд: «Олам мухтареъ аст, ҳам ба сурат ва ҳам ба ҳаюло». Тибқи андешаи ҳаким Носири Хусрав, ҳаюло ва сурат ба як

даъфат падид омадаанд ва ҳарду сунъи офаридагор мебошанд. Аммо тибқи андешаи файласуфи равияи асҳоби ҳаюло аввал ҳаюло дар шакли бетаркиб, ба ғояти хурдӣ вуҷуд дошт ва баъд сурат бар ҳаюло пайдо мегардад. Сурат аз он сабаб бар ҳаюло пайдо мегардад, ки нафс аз нодонии худ бар он фитна ва гирифтор мегардад: «Ва нафс ҷавҳаре қадим ва нодон аст. Нафс ба нодонии худ бар ҳаюло фитна шуд ва орзуи лаззати ҳиссӣ кард ва ба ҳаюло андаровехт в-аз ӯ суратҳои заиф кардан гирифт аз ҷонварони хурд. В-аз орзӯи ёфтани лаззате ҳиссӣ чу ба ҳаюло пайваст шуд, нафс мар олами хешро фаромӯш кард ва он суратҳо заифанд. Ва чу Худо донист, ки нафс хато кард ва он чи хато кард, ба нодонӣ кард, бар ӯ бубахшуд. В-аз ҷумлагии ҷузвҳои лоятаҷаззо ҳаюло мар ин оламро аз баҳри нафс биёфарид ва андар ӯ ин ҷонварони қавӣ падид овард, то нафс ба орзӯи ҳиссӣ бирасид. Ва нафс андар ин ҷавҳари лотаҷаззо овехтаву омехта бимонд» [5, с. 99]. Розӣ нафсро қадиму нодон меҳисобад ва сабаби офариниши оламро аз нодонии нафс ҳисоб мекунад. Аммо аз назари Носири Хусрав нафсро «ҷавҳари баситу рӯҳонӣ ва зинда аст ба зот, доност ба қувват, фоил аст ба табъ» [5, с. 49]. Носири Хусрав нафсро дуюмин офаридаи Худованд ҳисобида, онро ба қувват тамому ба феъл нотамом меҳисобад. Тафовути нафс аз ақл аз назари Носири Хусрав дар он аст, ки ақл бевосита аз амри Худованд ба вуҷуд омад, нафс бошад, ба воситаи ақл аз амри Худо пайдо шудааст. Он чӣ ақл анҷом дод, бе замон анҷом дод, аз баски байни ӯ ва Офаридгораш миёнҷӣ набуд, ҳам ба феъл тамом гардид ва ҳам ба қувват. Аммо чун байни нафс ва амри Худовандӣ ақл миёнҷӣ гардид, он ба қувват тамом ва ба феъл нотамом монд. Барои ба феъл тамом шудани нафс замон лозим омад. Бинобар ин замон низ ба нафс хос аст, ки то дар раванди замон нафс аз ҳар рӯй комил гашта, ба ақл баробар шавад. Носири Хусрав андешаи Розиро оид ба он ки нафс олами хешро фаромӯш карда, бар ҳаюло фитна шудааст, ба ин тарз мавриди инкор қарор медиҳад, «фитна бар ҳаюло нафсҳои ҷузвӣ шудаанд, ки ҷуҳоли халқанд» [5, с. 104] яъне мардум, ки нафси ҷузвии илмпазири худро на барои омӯзиши илм ва на барои риёзат кашидану парҳезгорӣ, балки ба одатҳои дигари нолозим одат кунонад, нафси ҷузвии ӯ аз асли худ ҷудо мегардад.

Ба андешаи Розӣ, барои раҳонидани нафс Худованд ҳукаморо аз файласуфон падид овардааст, то ӯро огоҳ кунанд, ки ин олами ту нест: «Он гоҳ Худой мар ҳукаморо аз фалсафа падид овард, то мар нафсро огоҳ карданд андар ин олам андар сурати инсонӣ аз ин сир…то нафсҳо бад- ин фалсафа аз ин олам ҳаме берун шавад, то ҳамагӣ нафс ба охир аз ин олам берун шавад. Ва чу тамомии ҷавҳари нафс бад-ин ҳикмат аз ҷавҳари ҳаюло ҷудо шавад, нафс ба олами хеш бозрасад ва неъмати хешро бозёбад ва доно шуда бошад бағоят ба иноияти Худой. Он гоҳ чу иноияти илоҳӣ аз ин олам бархезад, ин олам фурӯ резад» [5, с. 99-100].

Аммо ба қавли Носири Хусрав, «он ҳукамо, ки мар эшонро аз олами эшон ёд кардаанд, пайғамбарон буданд…» [5, с. 104]. Агар ин андешаҳои мутазодди ин донишмандонро бо ҳам муқоиса намоем, мантиқан ба чунин хулоса омадан мумкин аст, Худованд худаш талош меварзад, ки мудом барои раҳоии нафс пайғамбареро бояд бифиристад, то ба нафс кумак намояд, на файласуфон, зеро онҳо низ маҳсули «нафси нодони фитнашуда» мебошанд.

Чуноне ки таъкид намудем, Носири Хусрав низ ин оламро фарозовардаи нафси кулл медонад, аммо нафси кул ин оламро на аз нодонӣ ва ноогоҳӣ, балкӣ дониста ва донишмандона падид овардааст. То дар раванди эволютсионӣ нақси худро ислоҳ карда ба дараҷаи ақли кулл расад. Нақси ӯ бошад, аз назари мутафаккир ин аст, ки ба мартабат аз ақл пасттар омад ва ҳамеша майли дорад, ки бо он баробар шавад. Барои ин мақсади нафси кулро баровардан, ба ӯ ғояти офариниш - инсон кӯмак мерасонад. Яъне ҳар инсон бояд кӯшиш кунад, ки нафси ҷузвии худро покиза нигоҳ дорад, то бо кулли худ мувофиқ бошад на мухолиф. Барои ҳидояти мардум бошад нафси кулл ба онҳо пайғамбарону имомонро фиристодааст.

Дар боло қайд гардид, ки Розӣ дар радифи Худо нафсу ҳаюло ва макону замонро низ қадим мешуморад. Носири Хусрав бошад, танҳо Худоро қадим шуморида, аввалин

офаридаи ӯро ақли кул, дуюмин нафси кул ва вуҷуди ҳаюлоро натиҷаи ҳаракати аввалини нафси кул меҳисобад. Мутафаккири идеалист андешаи Закариёи Розиро оид ба қидами ҳаюло аввал бо далоили қуръонӣ ва баъд бо далелҳои мантиқӣ рад мекунад. Ба андешаи Носири Хусрав, бисёр андешаҳои Розӣ ҳамдигарро инкор менамоянд. Зеро Розӣ ҳаюлоро қадим мешуморад, аммо қадим чизеро мегӯянд, ки замони ӯ беохир бошад. Нисбат ба қавли ӯ ҳаюло аввал дар ҳолати бетаркибӣ вуҷуд дошт. Агар ӯ қадим мебуд, замони бетаркибии ӯ ба поён намерасид. Пас ибтидои замони таркиби ҳаюло интиҳои замони бетаркибии ӯ мебошад. Пас ҳар чизе ки замони ӯ сипарӣ шавад, ӯ қадим буда наметавонад. Носири Хусрав хулоса мекунад, ки чун ба андешаи Розӣ муддати бетаркибии ҳаюло сипарӣ гардид, пас маълум мешавад, ки ин муддат оғоз низ доштааст. Аммо чизе, ки оғозу анҷом дорад, ӯ на қадим, балки муҳдас мебошад.

Азбаски ба ақидаи Носири Хусрав нафс, ҳаюло, макон ва замон офаридаҳои Худо мебошанд, пас набояд махлуқро бо холиқ баробар кард. Аз ин ҷиҳат ӯ ин гуфтаҳои Розиро зери танқиди сахт қарор медиҳад: «Ва зиштрӯйтар аз он бошад, ки мар Холиқро бо махлуқ андар як ҷинс шуморад» [4, с. 107].

Розӣ кӯшиши ақидаи худро оид ба беинтиҳоӣ ва қадимии олам бо чунин далел исбот мекунад: «Мутамаккин бе макон набошад ва раво бошад, ки макон бошад ва мутамаккин набошад» [4, с. 106]. Ба андешаи файласуфи моддагаро мавҷудияти мутамаккин (маконгиранда, яъне ҷисм) бе макон мумкин нест, аммо вуҷуди макон бе мутамаккин мумкин аст. Аммо ба қавли Носири Хусрав «вуҷуди макон ба вуҷуди мутамаккин аст ва бе мутамаккин мар маконро вуҷуд нест» [4, с. 106]. Яъне ҳастии макон вобаста ба ҷисми маконгирандааст, бе ҷисм мавҷудияти макон мумкин нест. Ҳаким барои исботи ин ақида мисоли шиша ва обро меоварад. Шишае, ки пур аз об аст, агар ӯро сарнагун созӣ, то ҳаво дар дохили он надарояд, ки маконро ишғол намояд, об аз он берун нашавад. Ин далели он аст, ки макони бе мутамаккин, яъне бе ҷисми маконгиранда вуҷуд надорад. Ба қавли Закариёи Розӣ ҳар мутамаккине дар моҳияти худ маҳдуд аст ва дар дохили макон аст. Пас лозим аст, ки макон бе ниҳоят бошад. Ҳар ҷисм, ки маҳдуд аст ё ниҳояти ҳар ҷисме макон бошаду ҳар ҷисм дар дохили макон бошад, пас макон бе ниҳоят аст. Ҳар чизе ки беҳудуд бошад, қадим аст, пас макон қадим аст [4, с. 106]. Аммо Носири Хусрав масъалаи қадим будани маконро намепазирад. Зеро ба ақидаи ӯ ҳоли макон гардандааст аз як ҳол ба ҳоли дигар. Ҳар чи ҳоли гарданда дорад, қадим нест.

Дар таърихи фалсафа оид ба муносибати макон ва замон бо модда ду нуқтаи назар мавҷуд аст. Яке назарияи ҷавҳарият (субстанциональная концепция) аст ва дигаре - назарияи нисбият (реляционная концепция). Дар назарияи якум замону макон ҳамчун ҷавҳари мустақил шарҳ дода шудаанд. Дар назарияи дуюм бошад, мақулаҳои макону замон на ҳамчун ҷавҳари мустақил, балки чун сифати объект ҳисоб меёбанд. Андешаҳои Закариёи Розӣ оиди макону замон ба назарияи якум мувофиқат мекунанд. Зеро ӯ макону замонро ҷавҳари мустақил ва новобаста аз модда меҳисобад. Аммо дар оғози асри ХХ бо кашф шудани назарияи нисбият аз тарафи Эйнштейн зарбаи сахте ба таълимоти ҷавҳарияти макону замон расид. Ин назария аз илм мафҳуми макони мутлақ ва замони мутлақро соқит кард. Бепоягии таълимоти ҷавҳарияти макон ва замонро чун шакли ҳастии мустақил ва новобаста аз ҳаюло нишон дод.

Андешаҳои Муҳаммад Закариёи Розиро аз дидгоҳи Носири Хусрав баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Розӣ даҳрӣ буда наметавонад, зеро аввалан ҳастии Худоро эътироф мекунад, дуюм оламро абадӣ намешуморад.
2. Розӣ қудрати Худоро маҳдуд меҳисобад.
3. Розӣ дар қатори Худо нафсу ҳаюло ва макону замонро низ қадим мешуморад.
4. Розӣ нафсро фитнашуда ва гирифтори ҳаюло медонад.
5. Ба андешаи Розӣ, вуҷуди ҳастӣ аз нодонии нафс аст.
6. Розӣ ҷонибдори назарияи ҷавҳарият (субстанциональная концепция)-и макону замон аст.

Адабиёт:
1. Арабзода Н. Мир идей и размышлений Носира Хусрава. - Душанбе, 2003.
2. Додихудоев Х. Философия крестьянского бунта. – Душанбе, 1987.
3. Карамхудоев Ш. Х. Носири Хусрав ва Ҷалолуддини Румӣ (таҳлили муқоисавӣ). - Душанбе, 2012.
4. Носири Хусрав. Зод-ул-мусофирин. - Душанбе, 2010.
5. Носири Хусрав. Куллиёт. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн. - Душанбе, 1991.

ФИЛОСОФИЯ ЗАКАРИЯ РАЗИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ НОСИРА ХУСРАВА

В статье анализируется полемика Носира Хусрава с Мухаммадом Закария Рази о материи, пространстве и времени.

Ключевые слова: пространство, время, субстанциональная концепция, реляционная концепция.

ZAKARIA RAZI'S PHILOSOPHY FROM THE POINT OF VIEW OF NASIRA KHUSRAW

The article controversy of Nasir Khusraw with Muhammad Zakaria Razi on the problem of matter, space and time.

Key words: space, time, substantial conception, a relational concept.

Сведения об авторе: Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович, кандидат философских наук, зав. кафедрой философии и политологии Таджикского государственного института языков имени С. Улугзода, e-mail: shukratk@mail.ru

Information about the author: Karamkhudoev Shukrat Khudonazarbekovich, PhD of philosophic sciences, the head of chair of philosophy and political of Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda

ИДЕАЛҲОИ МУОСИРИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМИНАИ ТАҒЙИРОТҲОИ ИҶТИМОӢ

Идиев Х. У., Турсунова Т. С.
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мавҷудияти ҳар як ҷомеа дар баробари омилҳои объективӣ инчунин ба падидаҳои хусусияти субъективӣ, аз ҷумла идеалҳои дар бораи инкишоф доштааш вобастагии ногусастанӣ дорад. Идеалҳои рушди иҷтимоӣ ба сифати омили муҳими мавҷудияти низоми иҷтимоӣ дар ташаккули шуури ҷамъиятӣ иштироки фаъол доранд ва аз бисёр ҷиҳат тамоюлҳои арзишию ҷаҳонбинии аъзои ҷомеаро муайян менамоянд. Идеалҳои рушди иҷтимоӣ ҳамчун инъикоси тамоюлҳои муҳими инкишофи ҷомеа баромад намуда, дар навбати худ ангезаи муҳиме барои таъмини суботи иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароит барои ҳалли мақсадноки масъалаҳои тараққиёти минбаъдаи мамлакат ба шумор мераванд. Муҳтавои идеалҳои рушди иҷтимоӣ танҳо иборат аз образу улгуҳои эҳтимолию хосташавандаи инкишофи ҷомеа иборат набуда, балки ин воқеиятест, ки дараҷаи пӯёию мақсаднок доштани дурнамои ҳолати инкишофи мамлакатро нишон медиҳанд. Бинобар ҳамин ҳам, идеалҳои рушди иҷтимоӣ дар раванди инкишофи ҷомеа тағйир меёбанд ва зуҳури идеалҳои нав гувоҳи то чӣ андоза қудрату имконияти ҳалли масъалаҳои наву рузмарраи тараққиёташро доштани ин ва ё он низоми иҷтимоӣ мебошанд [1].

Барои дарки моҳияти идеали иҷтимоӣ аввалан шарҳу тафсири худи мафҳуми «идеал» ва мафҳуми аз ҷихати маъною лаҳни гӯиш наздиктар бо он, яъне «идея» ба мавқеъ менамояд [8, с. 12-46]. Шарҳу тафсири маъноию мазмуни ин мафҳумҳо заминаи дарки масъалаи мавриди назарро амиқтару дастрастар месозад. Пеш аз ҳама қайд бояд кард, ки ҳарду мафҳум ҳам маҳсули рушди ҷамъиятию таърихии истеҳсоли маънавӣ ва падидаҳои марбут ба шууру ирода мебошанд. Идеали иҷтимоӣ ин пеш аз ҳама

тасаввуроти зеҳнии инсон ва ҷомеа оид ба чигунагии воқеияти рушди ояндаи ҷамъият дар робита бо талаботу манфиатҳои имрӯзаи онҳо мебошад. Идеал новобаста аз он ки маҳсули ҳолати зеҳнии субъект ба шумор меравад, вале он алоқамандии ногусастанӣ бо воқеияти объективии ҳаёти ҷомеа дорад. Аз ин рӯ, аксар маврид муҳаққиқон барои баҳо додан ба идеали иҷтимоӣ муҳтавои онро бо воқеияти объективии ҳаёти ҷомеа муқоиса менамоянд. Ҳар қадар ин муҳтаво аз воқеияти объективии ҳаёти ҷомеа дур бошад, ҳамон қадар он татбиқнашаванда ва ғайриреалӣ дониста мешавад. Барои ҳамин ҳам, идеали инкишофи иҷтимоӣ маҳсули танҳо андешарониҳои холису назарияпардозиҳо нест, балки он аз умқи таҳлили воқеияти мавҷудаи ҷамъиятӣ маншаъ мегирад ва аз бисёр ҷиҳат инъикоскунандаи орзую омол, тасаввури субъект аз эҳтимоли тағйири ҳолати ин воқеият дар оянда мебошад. Мавҷудияти идеали иҷтимоӣ барои пешниҳод ва интихоби улгуи рафтору фаъолияти иҷтимоӣ шароит фароҳам меорад. Аз ин ҷиҳат идеали иҷтимоӣ ҳавасмандию рағбати субъектро барои тағйири ҳолати мавҷудаи иҷтимоӣ ва сайъу кушиши тезондани суръати ба дараҷаи камолоти тасаввуршаванда расидани воқеияти кунуниро ба вуҷуд меорад. Дар робита бо ин идеалҳои иҷтимоӣ аҳёнан ба ҷузъҳои таркибии мафкураи ҳаракату ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ табдил меёбанд.

Дар баробари ҷузъиёти зикршуда бояд ёдовар шуд, ки идеали иҷтимоӣ танҳо аз тасаввуроти зеҳнии субъектҳои иҷтимоӣ иборат нест, балки он аз бисёр ҷиҳат ба диди воқеии равандҳои таърихии инкишофи ҷомеаи мушаххас асос ёфта, барои дарки қонуниятҳои рушди минбаъдаи он кумак менамояд. Аз ин рӯ, ҳар як ҷомеа кушиш менамояд чунин идеалҳоро назарияпардозӣ намояд, ба ин васила зиддиятҳоро дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ошкор созад ва фаъолнокии аъзои худро дар тағйиротҳои суратгиранда назаррас намояд. Ташаккули иделҳои иҷтимоӣ ин як навъ маҳсули ҷустуҷуи ҷавоби ҷомеа ба даъватҳои шароити нави инкишофаш мебошад ва бинобар ҳамин ҳам зуҳури идеалҳои нави инкишофи иҷтимоӣ нишондиҳандаи мавҷудияти имконияту захираҳои ҷавобгу ба талаботҳои ҷадиди тараққиёти ҷомеа аст. Ҳар қадар вазъи инкишофу суботи ҷамъиятии ҷомеа хусусияти ноустувор дошта бошад, ҳамон қадар ҷомеаи мазкур ба таҳияи намунаҳои идеали рушди иҷтимоии худ камтар таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Зеро ҷомеа дар ҳолати дар чунин вазъ қарор доштанаш бештар ба ҷустуҷуи роҳҳои ҳалли масъалаҳои ҷории мавҷудият, бақои худ андармон аст. Барои ҷомеаи тоҷикистонии солҳои навадум, ки дар он таъмини талаботҳри ҳаётию амнияти афзалияти бештар доштанд, аслан чунин ҳолат хос буд. Бинобар ҳам вобаста ба ҷомеаи тоҷикистонӣ мо метавонем пас аз имзои шартномаи истиқрори сулҳ дар бораи зуҳури шаклҳои муайяни идеалҳои рушди иҷтимоии он андешаронӣ кунем.

Ҳар як ҷомеа бинобар ҳамин ҳам дар раванди инкишофаш дар тасаввуроти аъзояш тамоюлҳои мухталифро оид ба ягон шакли рушди идеалиаш ба вуҷуд меорад. Муҳтавои ин идеал дар ҳама маврид иборат аз хоҳишу ормони ба даст овардани чунин ҳолати ҳаёти ҷамъиятӣ аст, ки дар он таъмини беҳтари талаботу ниёзҳои аъзои ҷомеа ба даст меояд. Тамоюлҳои мазкур барои амалигардонияшон шаклҳои гуногуни рафтори иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд. Зуҳури ин шакли амалҳои иҷтимоӣ вобаста ба шароитҳои мушаххаси инкишофи ҷомеа ва инчунин сохтори сиёсии он дар навъҳои гуногун зоҳир мешавад. Шакли зоҳиршавии ин фаъолнокӣ метавонад танҳо дар доираи шуғлу фаъолияти гуногуни меҳнатӣ боқӣ монад ва ё дар бисёр ҳолатҳо ба фаъолиятҳои сиёсию ҷамъиятӣ пайвандад [2, с. 6-144].

Ҳамчунин тамоюлҳои мазкур метавонанд ҷойгоҳи худро дар фазои илму санъат ва иҷрои маросимҳои динию фарҳангии аъзои ҷомеа пайдо кунанд, ки ин амал бештар дар зинаҳои авали ташаккулёбии идеали матлуби инкишофи ҷамъият мушоҳида мешавад ва ба тадриҷ ба зершуури аъзои дигари ҷомеа роҳ меёбад. Ҳар қадар низоми иҷтимоӣ хусусияти кушод дошта бошад ҳамон қадар ба зершуури омма роҳ ёфтани моделҳои гуногуни идеали инкишофи ҷомеаро ҳамвортар месозад. Дар ҷомеаи низоми иҷтимоияш хусусияти демократидошта тамоюли ташаккул додани чунин идеалҳо ҳам аз ҷониби сохтори сиёсӣ ва ҳам ҷомеаи шаҳрвандии он хеле бештар ба назар мерасад,

зеро онҳо ба ин васила кушиш менамоянд захираи фаъолнокии одамонро ба самти бароямон мақбул равона созанд.

Ҳар қадар дар байни идеалҳои инкишофи аз ҷониби ин ниҳодҳо пешниҳодшаванда зиддиятҳо хусусияти оштинопазир дошта бошанд, ҳамон қадар суботи иҷтимоӣ ноустувор мегардад ва эътимоди онҳо ба ҳамдигар камтар мешавад. Идомаи ин ҳолат метавонад дар бисёр ҳолатҳо имконияти зуҳури муноқишаҳои иҷтимоиро бештар созад. Бинобар ҳамин ҳам дар низоми демократӣ сохтори сиёсии ҷомеа пайваста кушиш менамояд муҳтавои идеали инкишофи ҷамъиятии тарғибшавандаашро дар заминаи талаботу манфиатҳои на фақат гуруҳи маҳдуди одамон, балки дархури идеалҳои доираи васеи аъзои ҷомеа ташаккул диҳад. Яке аз соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа, ки дар он аксар маврид диди идеалҳои одамон аз инкишофи ҷамъият ба ҳамдигар наздик мешаванд ин бидуни шубҳа истеҳсолоти моддӣ аст. Майли мусоидат ба рушди ин соҳа ва баҳрабардорӣ аз натиҷаи он яке аз арзишҳои калидӣ дар муҳтавои ҳама гунна идеали инкишофи ҷамъиятӣ аст. Аксар маврид мусоидат ба ин равандро идеалҳои мазкур аз дигар арзишҳо бартарият медиҳанд. Дар навбати худ раванди мусоидат ба рушди соҳаи мазкур ба тадриҷ муносибатҳои дигари иҷтимоии аъзои ҷомеаро метавонад тағйир диҳад, зеро онҳо ба он вобастагии ногусастанӣ доранд.

Яъне соҳаи истеҳсолот ҳамчун асоси мавҷудияти ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор рафта аз таъмини рушди инкишофи он таъмини тамоюлҳои марбут ба инкишофи соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа вобастагии ногусастанӣ дорад. Ин раванд аз бисёр ҷиҳат дар низоми демократии идоракунӣ низ имконияти баҳрабардории қишрҳои гуногуни ҷомеаро аз ҳуқуқу озодиҳои пешниҳодшаванда фароҳам меорад. Мавҷудияти зиддиятҳои оштинопазир дар соҳаи истеҳсолот омили суст шудани суръати рушди ҷамъиятӣ гардида, нақши худро ташаккули шаклҳои алтернативию бо ҳамдигар оштинопазири идеалҳои рушди иҷтимоӣ мегузоранд. Яке аз масъалаҳои мубрам дар ин маврид барои ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ хос ин назари одамон ба риоя нашудани адолати иҷтимоӣ дар ҷараёни хусусигардонии моликияти ҷамъиятӣ пас аз барҳам хурдани низоми шуравӣ мебошад. Тибқи назари омма ин моликият беадолатона аз ҷониби гурӯҳҳои наздик ба ҳокимият тақсим гардида, имрӯз барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат намекунад. Бинобар ҳам тамоюли идеали рушди иҷтимоие, ки алҳол дар тасаввури бештари мардум диди инкишофи истеҳсолоти моддии ҷамъият вуҷуд дорад, аз бисёр ҷиҳат хусусияти эсхатологӣ дорад. Яъне мундариҷаи онро чунин майлу орзуе ташкил медиҳад, ки гардиши чархи таърих ҳамаро ба ҷои худ мегузорад ва бар ивази ҷуброни маҳрумиятҳои имрӯз таҳаммулкунандаи онҳо рӯзе фаро мерасад, ки ин беадолатӣ аз байн меравад. Бинобар ҳамин ҳам дар ҷомеа тамоюли муносибати хусуматомезу бадбинона нисбати шахсоне, ки имрӯз аз нигоҳи даромад пешрафт доранд, бештар ба назар мерасад. Такя ба чунин як идеали рушди ҷомеа наметавонад барои татбиқи ташаббускорию фаъолнокии аксари аъзои ҷомеа дар соҳаи истеҳсолоти моддии ҷамъият мусоидат намояд. Ба сифати исботи мавҷудияти ин тамоюлҳо дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ якчанд нишондодҳои оморие, ки марбут ба сатҳи қаноатмандии мардум аз вазъи ҳаёти моддияшон мебошанд, то андозае шаҳодат медиҳанд:

Лутфан бигӯед, ки оё Шумо аз шароити рӯзгори имрӯзаатон қаноатмандед?

	ҷинс		ҳамагӣ
	мард	зан	
Комилан қаноатмандам	39,4%	36,8%	38,1%
Аслан қаноатмандам	46,7%	50,9%	48,8%
Аслан қаноатманд нестам	11,6%	11,0%	11,3%
Умуман қаноатманд нестам	1,7%	0,8%	1,2%
Дар ҷавоб душворӣ мекашам	0,6%	0,6%	0,6%
Ҳамагӣ	*100,0%*	*100,0%*	*100,0%*

Бинобар ҳамин ҳам либоси арзишҳое, ки бо он идеали рушди ҷамъиятии ниҳодҳои расмӣ зоҳир мешавад, бояд дар шароити муосир бештар дар худ тамоюли ҳамоҳангсозии манфиат ва фаъолияти табақаҳои иҷтимоиро дар заминаи таъмини дастрасии мутавозини онхо ба захираҳои инкишоф ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии онхо, коҳиши нобаробариҳои иҷтимоию иқтисодии мардумро дошта бошад. Баъзе аз ин арзишҳо дар муҳтавои диди самтҳои инкишофи стратегии мамлакат, ки аз ҷониби давлат муайян шудаанд, вуҷуд доранд, вале тавзеҳу таъмини назарияпардозии илмии онҳо барои ба сифати як идеали рушди ҷомеа шинохта шуданашон алҳол вуҷуд надорад. Аз ин рӯ имконияти нерубахши ин барномаҳо барои афзоиши ангезаи ташаббускорию фаъолнокии аъзои ҷомеа ва инчунин эътимоди онҳо ба дурахшонию шукуфоии эҳтимолпазири мамлакатамон барои солҳои минбаъда камтар мушоҳида мешавад. Ин тамоюлро омузиши афкори омма дар бораи ҳолати имрӯзаи рушди мамлакат ва имконияти минбаъдаи беҳтар шудани вазъи рушди иқтисодии он равшану возеҳ нишон медиҳанд. Масалан, дар афкори умум солҳои охир нисбат ба солҳои пеш эътимод ба тамоюли беҳбуд ёфтани вазъи рушди иқтисодии мамлакат ҷой дорад:

Шумо ба шароити иқтисодии имрӯзаи кишваратон чӣ тавр баҳо медиҳед?

	Ҷинс		ҳамагӣ
	Мард	зан	
Хеле хуб аст	13,7%	13,0%	13,3%
Хуб аст	36,0%	36,2%	36,1%
Миёна аст	42,5%	45,1%	43,8%
Бад аст	3,6%	3,8%	3,7%
Хеле бад аст	2,5%	0,2%	1,3%
Дар ҷавоб душворӣ мекашам	1,7%	1,7%	1,7%
Ҳамагӣ	*100,0%*	*100,0%*	*100,0%*

Амалияи ҳамоҳангсозии манфиат ва фаъолияти табақаҳои иҷтимоиро дар заминаи таъмини дастрасии мутавозини онҳо ба захираҳои инкишоф ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии онхо, коҳиши нобаробариҳои иҷтимоию иқтисодии мардумро метавонанд ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки расолаташон марбут ба ҳимоя ва намояндагӣ аз манфиати қишрҳои мухталифи ҷомеа иборат аст, то андозае татбиқ намоян. Зеро ин имконият медиҳад салиқаи дар фазои ҳуқуқӣ зоҳиршавии аксуламали созандаи ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба падидаҳои ҷамъиятӣ густариш ёфта, он барои боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани ҷустуҷӯи воситаҳои самараноки ҳалли масъалаҳо замина фароҳам оварад. Вале рушди намоён надоштани ин ниҳодҳо алҳол нақши онҳоро дар ҷомеаи муосири мо барои иҷрои ин амал нишон намедиҳад. Аз ҷиҳат тамоюли имрӯз дар илми ҷомеашиносӣ ва амалияи ҷомеасозии мо мавҷуд буда, ки кушиши ба сифати идеали рушди иҷтимоии мамлакат муаррифӣ намудани ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро менамоянд, ниёз ба ковишҳои густурдаи назариявии марбут ба хусусиятҳои маҳаллиро доранд.

Дар робита бо қазовати фавқуззикр бояд гуфт, ки аслан вазъи кунунии зиндагии иҷтимоии инсони муосирро ба як ҳолати коҳиши боварӣ ба суботи мудавом ва кӯшиши раҳоҷӯйӣ аз оғуши идеологемаҳои пешин ташбеҳ медиҳанд. Аз ин хотир баъзе аз мутафаккирон онро замони анҷоми таърих ва пирӯзии ҳамагонии либерализми гуногунчеҳра ҳисобидаанд. Ин арзёбиҳо ҳарчанд аз лиҳози коҳиши боварии инсони муосир аз устурахои сиёсии даврони пеш дуруст аст, вале ҷомеаро мушкил аст тасаввур кардан, ки он барои пешниҳоди меъёрҳои муайяни рафтори иҷтимоӣ барои аъзоаш фикри эҷоди ягон устура ва ё барномаи сиёсиеро надошта бошад. Зеро дар ҳолати сарфи назар намудан аз ин зарурат ҳамеша имконияти фурӯравии амиқи тӯи масоили зиндагии инфиродӣ вучуд дорад, ки идомаи беохири он болоравии худкомагиро ба бор хоҳад овард ва фарҳанги сиёсии руйи худхоҳии афрод қарордошта наметавонад

замонати ҳифзи ваҳдати иҷтимоӣ, истиқлолият ва таҳкими ниҳодҳои сиёсиро таъмин созад.

Дар ҳаёти сиёсии бисёре аз ҷомеаҳо имрӯз ба сифати яке аз чунин идеологемаҳо зери унвони «ҷомеаи шаҳрвандӣ» эътироф шуда, кушиши ниҳодинасозии меъёрҳои ҷудогонаи он - ҳуқуқи шахс, ҳуқуқи дахлнопазирии ҳаёти шахс, ташкили ташкилотҳои ихтиёрӣ, гуногунандешӣ, озодии соҳибкорӣ ва ғайра васеъ ба харҷ дода мешавад [6, с. 12-66]. Мисоли барҷастаи ин Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дар он ба ин арзишҳо мақоми намоён дода шудааст. Вале дар ин ҷо суоле пайдо мешавад, ки оё имрӯз бо эъломи эътирофи арзишҳои марбут ба ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷомеаи тоҷик тасаввуроти муносиб оид ба интихоби ягон шакли ҷомеаи шаҳрвандӣ барои низоми кунунии иҷтимоии он вуҷуд дорад ё не?

Посух ба ин суол он қадар саҳл нест, чунонки дар назари аввал менамояд. Зеро бархе агар ҷомеаи шаҳрвандиро аз ниҳодҳои ҷудогонаи анъанавӣ иборат донанд, пас дигарҳо аслан ҷомеаи шаҳрвандиро маҳсули назарияҳои фалсафии пеш аз муосирият дониста, онро камтар дархӯри воқеияти печидаю мураккаби ҷомеаҳои ҳозира медонанд. Вале аслан ин чунин нест. Чунки агар барои ниҳодҳои анъанавӣ усулҳои демократии қабули қарор бегона бошанд, пас ҷомеаҳои муосир бар иллати зарурати дарёфти механизми фурӯ нишондани майли болоравии фишангҳои маъмӯрӣ, дар ҳалли масоили иҷтимоию сиёсӣ, пайваста ниёз ба таҳкими ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ҳис мекунанд. Дар радду тасдиқи ҳар кадоме аз ин мавъқеъҳо бурҳонҳои раднашаванда мавчуд аст, ки баррасияшон ҷолиб аст. Ин бардоштҳо пеш аз ҳама аз тафсирҳои мухталифи мундариҷаи мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» бар меоянд. Дар ин ҷо ду шакли баррасии мундариҷаи мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандиро ёдовар шудан зарур аст, ки вобаста ба онҳо дар ҷомеашиносии муосир консепсия, назарияҳои мухталифи «ҷомеаи шаҳрвандӣ» ба миён омадааст. Ин таърифҳо аз «ҷомеаи шаҳрвандӣ» аксаран бо назардошти ҷанбаҳои зерин чунин баён мешаванд: -ҷомеаи шаҳрвандӣ ин маҷмӯи муносибатҳои байнишахсӣ ва сохторҳои оилавӣ, иҷтимоӣ, иқисодӣ ва фарҳангиест, ки дар ҷомеа берун аз дахолати давлат инкишоф меёбанд: - ҷомеаи шаҳрвандӣ умдатан дар шакли фазои ичтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангие зоҳир мешавад, ки тавассути он афрод дар ҷараёни дарки манфиатҳояшон бо ҳамдигар бо муносибатҳои чудогона ворид мешаванд.

Чуноне, ки пайхас кардед дар ҳарду маврид ҳам мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» асосан дар муқоиса бо мафҳуми давлат истифода мешавад, ҳарчанд дар таърифи дуюм таъкид шудааст, ки он ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро инъикос менамояд. Яъне агар ҷомеаи шаҳрвандӣ фазои муносибатҳои ғайрирегламентатсияшудаи афрод бошад, пас давлат баръакс фазои муносибатҳои пурра танзимшудаи сиёсии субъектҳои муташаккил (сохторҳои давлатӣ, мақомоти маъмурӣ, гурӯҳҳои сиёсӣ ва ғайра) мебошад.

Вобаста ба таърифоти зикршуда ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсули инкишофи давраи сармоядории ҷомеа аст. Зеро танҳо дар ин давра инсон имконияти ба роҳ мондани фаъолияташро дар чаҳорчӯбаи қонунҳои юридикии расман эътирофшуда пайдо карда, вобаста ба масолии гуногуни ҳаёти ҷомеа мустақилона ё дар доираи аҳзобу ташкилотҳои гуногун мавкеи худро муайян мекардагӣ шуд. Яъне ин зинаи инкишофи ҷомеаи инсон дар баробари мавчудияти сохторҳои расмӣ, инчунин зарурати мавчудияти ниҳодҳои ғайрирасмиро барои пуштибонию мусоидат аз амалишавии манфиати мардум ба миён гузошт. Хамчунин дар асоси риояи қонунҳои дар ҷомеа қабулшуда ба таъмини фаъолияти мустақилонаю озоди онҳо аз ҷониби давлат кафолат дода шуд. Ташкилотҳои ғайрирасмӣ дар баробари сохторҳои давлатӣ дар ташаккули афкори умум роҳ ёфта, онро назди ҳокимияти сиёсӣ муаррифӣ менамуданд. Чунин ҷомеа ба он хотир ҳам «ҷомеаи шаҳрвандӣ» муаррифӣ мешуд, ки дар он кулли шаҳрвандони давлат имконияти аз худ нишон додани ибтикори сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ пайдо намуда, метавонистанд муносибати худро ба ҳокимияти сиёсӣ озодона муайян созанд ва алайҳи қонунҳои ғайриодилонаи алоҳидаи давлат эътироз баён

намоянд. Аҳёнан дар натиҷаи ин эътирозҳо сохторҳои расмӣ моили мавриди таҳдиди назар қарор додани қарорҳои қабулнамудаи худ мешаванд.

Аз ин рӯ, ҳарчанд мавҷудияти ҷомеаи шаҳрвандиро дар доираи режими алоҳидаи сиёсӣ маҳдуд намудан мукин нест, вале танҳо дар шароити режими демократӣ пешрафти он вусъати бештаре пайдо мекунад. Зеро дар шароити режимҳои хусусияти истибдодӣ дошта оид ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, новобаста аз мавҷудияти баъзе сохторҳои ғайрирасмӣ, сухан гуфтан муҳол аст, зеро дар ин сохторҳо мартабаи алоқаҳои шахсию табиӣ нисбати алоқаҳои иҷтимоӣ бартарияти назаррас доранд. Одатан чунин бартарият доираи эътимоди афроду гурӯҳҳои иҷтимоиро нисбати ҳамдигар маҳдуд месозад. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ доираи эътимоди афрод нисбати якдигар аз марзи маҳаллу хешу таборӣ фаротар рафта, замонати оромии ҷомеаро рӯи вахдати иҷтимоӣ қарор дода, одамонро барои шинохту ҳифзи манфиаташон ба фаъолияти дастҷамъона сафарбар менамояд [13, с. 4-93]. Аммо қазовати фавқуззикр маънои онро надорад, ки дар режимҳои истибдодӣ танҳо давлат фарогири кулли сохти ҳаёти чамъиятӣ бошад. Шаклҳои дигари алоҳидаи таҷаммуи иҷтимоии афрод дар шароити ин режимҳо низ мустақиляти муайяне аз давлат доштанд, вале пешгузории ҳадафи таъсиррасонӣ ба қабули қарорҳои ташкилотҳои давлатӣ барояшон бегона аст. Ба ин гурӯҳҳои ҳирфавӣ, хешутаборӣ ва ғайраро метавон ҳамроҳ кард.

Ҳамин тавр, баррасии моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷомеашиносӣ муҷиби ба миён омадани назариёти ҷудогонае гашт, ки дар заминаи онҳо ду равиши асосии шарҳдиҳӣ аз мундариҷаи ҷомеаи шаҳрвандӣ пайдо шуд: ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун низоми махсуси муносибати одамон, ки дар руёрӯи муносибатҳои расмии сиёсӣ қарор доранд: 2) ҷомеаи шаҳрвандӣ чунин шакли мадании ташкили сохтори демократию бозоргонию ҳаёти ҷомеа аст, ки тавассути он одамон дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодияшон мустақилияти муайян ба даст меоваранд.

Вобаста ба арҷгузориашон ба ин аломатҳо дар ҷомеашиносӣ назарияҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён омада аст. Шарҳи либералии ҷомеаи шаҳрвандӣ марбут ба таълимотҳои Т. Гоббс ва Ҷ. Локк аст [4, с. 3-96]. Мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандии аз ҷониби эшон барои тавсифи инкишофи таърихии чомеаи инсонӣ, гузариши инсон аз ҳолати табиӣ ба зинаи тамаддунии зист истифода шуда буд. Алайҳи ҳолати табиӣ, то давлатии ҷомеа ҳолати тамаддунӣ, ки муносибати шаҳрвандию тартиботро таҷассум мекунад, рӯ ба рӯ гузошта мешавад. Ҳамин тавр Т. Гоббс расидан ба чунин зинаро аз имконияти мавҷудияти давлат берун меорад. Асосгузорони шарҳи либералии ҷомеаи шаҳрвандӣ барои тавсиаи он риояи чунин омилҳоро ҳатмӣ меҳисобанд: - бори аввал мақоми шахсро волотар аз давлат гузошта, озодии фард, замонати мухторияти сиёсии ӯро аз доштани моликияти хусусӣ иборат медонистанд; - озодиро ҳамчун ҳолати эмин будан аз дахолати берун, пеш аз ҳама давлат, медонистанд; - чунин меҳисобиданд, ки одамон ҳамчун мавҷудоти оқил байни ҳамдигар шартнома мебанданду ҷомеаи шаҳрвандиро бунёд мекунанд. Дар натиҷа он кафили эҷоди як зумра сохторхои эминнигоҳдорӣ миёни фард ва давлат мешавад.

Консепсияи дигари позитивию либералӣ дар дарки ҷомеаи шаҳрвандӣ мутааллиқ ба Г.В.Гегел аст [3, с. 3-68]. Тибқи он: - ҷомеаи шаҳрвандӣ маҷмӯи афродест, ки тавассути меҳнат талаботҳои ҳамарӯзаи худро таъмин месозанд; - асоси ҷомеаи шаҳрвандиро моликияти шахсӣ ташкил медиҳад; - нерӯи ҳаракатдиҳандаи таърихӣ на ҷомеаи шаҳрвандӣ, балки давлат аст, ки одамонро аз тасодуфҳо эмин нигоҳ медорад, адолатро таъмин месозад ва манфиатҳои умумиро амалӣ месозад; - ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахс таҳти ҳимояту итоати давлат қарор доранд, зеро маҳз он афроди алоҳидаро дар доираи умумияти органикӣ муттаҳид сохта, зиндагияшонро маъно медиҳад.

Чунин қазовати Гегелро аз муҳтавои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба аввалияти давлат дар баробари ҷомеаи шаҳрвандӣ таълимоти марксистӣ дар шакли дигар тавсиф намуд. Тибқи он ҷомеаи шаҳрвандӣ бунёди кулли ҷомеа буда, фаъолияти афрод омили ҳалкунандаи инкишофи таърихӣ аст. Зеро таҳаввули ҷомеа натиҷаи таҳаввули шароити зиндагии моддии аъзои он аст. Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин тафсир ҳамчун маҷмӯи

муносиботи моддии афрод зуҳур мекунад. Гусастагии миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат дар натиҷаи эъмори ҷомеаи шакли нав - коммунистӣ - бидуни давлат, ки дар он инкишофи озодии ҳар фард шарти инкишофи кулли ҷомеа аст, пушти сар мешавад.

Дар ҷомеашиносии муосир барои такмили муҳтавои назарияҳои мавҷудаи тафсири ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба воқеият наздик намудани рукнҳои он солҳои охир равияҳои дигар низ ба миён омаданд. Яке аз чунин назарияҳо марбут ба анъанаи сотсиалдемократӣ аст, ки тибқи он тавассути муносибати ҳокимиятӣ сиёсат ҳаёти ҷомеаро фарогир мешавад ва ҷеҳраи ҷомеаи шаҳрвандиро ташаккул дода, барои оромии он саҳм мегирад. Дар ин маврид давлат бояд дар таъмини мавҷудияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намояд, то ин ки таъмини роҳбарии демократии онҳоро дошта бошад ва ягон бахши ҷомеаи шаҳрвандӣ ба нерӯи дарҳамшикананда табдил наёбад, бозор ҷомеаро таҳти итоати худ надарорад. Батанзимдарории давлатии иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва дигар равандҳои иҷтимоиро ҳатмӣ меҳисобад.

Новобаста аз фарқиятҳои ҷузъӣ дар ҳамаи мавридҳо таъкид ба он мешавад, ки давлат дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷузъи зарурии ҳаёти иҷтимоии аъзои ҷомеа буда, барои ташаккули муносибатҳои (иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ) муайяни онҳо хизмат менамояд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ пеш аз ҳама ҳамчун фазои ҳамкории озоди иқтисодию иҷтимоии шаҳрвандони баробарҳуқуқ ба ихтиёри давлат вазифаи танзимии ҳуқуқии қонунии рафтори одамонро дар ин соҳаҳо вогузор месозад. Давлат дар навбати худ тавассути фишангхои қонунии ҳокимияти сиёсӣ барои инкишофи на танҳо ҷомеа, балкӣ амалишавии кӯшиши ҳар як шахс шароит фароҳам меорад. Яъне давлат ҳамеша қудрати ба танзимдарории сиёсии иқтисодиёт, фарҳанг ва ғайраро дорад. Таҷрибаи инкишофи якчандсолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки ин раванд бо вуҷуди дастовардҳо пайваста бо мушкилиҳо мувоҷеҳ мешавад. Одатан яке аз омилҳои ба ин мусоидаткунанда аз он иборат аст, ки давлат ба ҳифзи бартарият бар ҷомеа қаноат накарда, мехоҳад онро пурзӯр кунад. Дар шароити муосири Тоҷикистон чунин намунаи талошҳо дар соҳаи муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ бештар заминагузорӣ шуда истодааст, ки ногузир шиддати алоқаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро ба бор хоҳад дошт. Аз бисёр ҷиҳат ба ҳолати фавқуззикр ноқисӣ дар ташаккули баъзе аломатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки бидуни онҳо мавҷудияти онро тасаввур кардан мумкин нест, мусоидат мекунад. Ин нишонаҳо чунинанд: 1) камбудиҳо дар танзими ҳуқуқии муносибатҳо: 2) танг будани имконияти фаъолияти ошкорои ниҳодҳои ғайрирасмии иҷтимоӣ, ҳаракату гурӯҳҳои сиёсӣ: 3) риоя нашудани бартарияти алоқаҳои иҷтимоӣ нисбати алоқаҳои шахсӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ: 4) таъмини нокифояи шароити ташаккули шахсиятҳои сиёсӣ: 5) инкишофи нокифояи масъулияти шаҳрвандӣ.

Ҳамин тавр, агар идеалҳои рушди иҷтимоиро дар шакли идеалҳои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ дошта дастабандӣ кунем мебинем, ки дар фазои иқтисодӣ зуҳури як чунин идеали равшану аксарияти ҷомеаро фарогиранда ба вуқуъ напайваст. Барои ин омилҳои гуногун мавҷуданд, ки муҳимтаринаш ин идомаи буҳрони иқтисодист, ки фурсатро барои таҳияи улгуҳои рушди дарозмуддати кишвар дар ихтиёри ниҳодҳои иқтисодӣ зиёд боқӣ намегузорад ва онҳо аслан ба ҳалли масъалаҳои техникию ҷории идоракунии равандҳои хоҷагидорӣ машғуланд. Дар баъзе мавридҳо фаъолнокии посухгӯии ин ниҳодҳо ба масъалаҳои марбути равандҳои ҳамарӯзаи ҳаёти иқтисодии дохил ва минтақа низ он қадар муассир нест. Мусаллам аст, ки дар ин замина албатта шароити эҳсоси таваҷҷуҳ ба зарурияти мавҷудияти чунин моделҳо низ аҳамияти хос пайдо намекунад. Ба ин на танҳо камфаъолияти ниҳодҳои истеҳсолоти дохилӣ инчунин сатҳи баланди нигариш, интизории мардум аз даромади муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун сарчашмаи беҳбуди зиндагияшон таъсир мерасонад. Чунин ҳолати камтаваҷҷуҳӣ ба зарурияти таҳия ва доштани модели рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳатто барои давраи миёнамуҳлат заминаи эътимоди одамонро ба самаранокии фаъолияти ниҳодҳои иқтисодии кишвар коста месозад. Боиси тааҷҷуб аст, ки ҳатто модели рушди иҷтимоию иқтисодие, ки дар баробари кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ инчунин барои Тоҷикистон низ аз ҷониби мамлакатҳою

созмонҳои манфиатдор ба тараққиёти ин минтақа таҳти унвони «Эҳёи роҳи абрешим» дар ҷараёни таҳия ва баррасӣ қарор дорад, дар дохил аз ҷониби доираҳои манфиатдор, аз ҷумла илмҳои ҷамъиятӣ, мариди таҳлилу баррасии камтар қарор гирифтааст. Ҳоло он ки таъмини заминаи мафкуравию назарияпардозии модели мазкур метавонад барои дастгирии оммавӣ пайдо кардани барномаҳои таҳияшавандаи рушди мамлакат чӣ дар дохил ва чӣ дар берун замина фароҳам орад.

Бояд тазаккур дод, ки аз бисёр ҷиҳат чеҳраи мушаххас касб накардани моделҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакатамон фазоро барои зуҳури моделҳои рушди иҷтимоию сиёсӣ фарох намуданд. Ин моделҳоро на танҳо ниҳодҳои расмӣ, ниҳодҳои ҷамъиятию сиёсии ба тариқи легалӣ фаъолияткунанда, инчунин ҳаракату аҳзоби фаъолияти ғайрилегалӣ дошта низ мехоҳанд ба ҷомеа ироа кунанд ва ба рафтору ҷаҳонбинии одамон таъсири худро расонанд. Модели иҷтимоию сиёсии аз ҷониби ниҳодҳои расмӣ пешниҳодшаванда аслан эъмори давлати миллии руи усули дунявият, қонуният ва арзишҳои демократӣ қарордошта мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки тули ин солҳо дар ин самт амалҳои назаррас сурат гирифтанд ва бинобар ҳамин ҳам модели мазкур дар назари аксари мардум мақбулият дорад. Тайи солҳои истиқлолият дар ҶТ амалҳои гуногуне рух доданд, ки онҳо барои таъмини ин заруриятхои истиқрори истиқлолияти сиёси нигаронида шуда буданд. Амалҳои иртиҷоӣ ва монеъавӣ дар инкишофи истиқлолияти ҶТ хеле мураккаб ва зиёд рух додаанд. Хавфноктарини онхо моҷараҳои сиёсие буданд, ки дар сатҳи баландтарин - ҷанги ҳамватанӣ ва ошӯбҳои дохилиро ба дунбол доштанд. Роҳбарияти сиёсӣ тавонист роҳу воситаҳои зарурии аз муқовимат баромаданро дарёбад ва ваҳдату якпорчагии кишварро таъмин намояд, истиқлолиятро нумӯъ бахшад.

Амалҳое, ки дар давоми ин муддати истиқлолёбӣ баҳри ҳимоя ва инкишоф ба харҷ дода шуданд, низ чандон кам нестанд. Дар солҳои истиқлолият дар ҳаёти сиёсии ҶТ корҳои созандаи ҷиддию назаррас ва тақдирсозе пиёда гардидааст, ки зикри онхо фурсати зиёдро талаб мекунад. Яке аз муҳимтарин амалҳои истиқлолиятгаройӣ муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат мебошад. Ҳадафҳои стратегие, ки тӯли солҳои истиқлолият Тоҷикистон пайваста барои таъмини онҳо кӯшишу ғайрати беандозаро ба харҷ медиҳад ин мақсади аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва озуқаворӣ мебошад ва он дар сиёсати мамлакат ҷойи муҳимро ишғол намудааст. Зеро бидуни ҳалли ин масъалаҳо таъмини якпорчагии ва ваҳдати милли ғайриимкон мегардад. Дар ин муддат қабул Конситутсия ва тағйиру иловаҳо ба он заминаи боэътимоди ислоҳоти сохтори сиёсию ҳуқуқӣ гардиданд. Дар айни замон ҶТ моҳиятан ба сифати давлати мустақили миллӣ инкишоф меёбад ва мушкилиҳои дар ин роҳ ба миён омадаро тавассути ҷалби нерӯи созандаи ҷомеа паси сар мекунад. Аз ин рӯ алҳол дар назди ҶТ вазифаҳои мураккаби таҳкиму инкишофи истиқлолияти сиёсӣ истодааст, ки ҳалли онҳоро бе рушду нумӯъи соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла илму маориф, тасаввур кардан мушкил аст [5, с. 12-62]. Зеро маҳз дар ҳамин замина эътироф ва арҷгузорӣ аз волоияти ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди кишвар аз ҷониби қишрҳои гуногуни аҳолӣ ташаккул меёбад.

Барои бо шароит ва талаботи имрӯзаи рушди мамлакат созгор намудани модели мазкур соли 2013 дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ андешаҳои назариявии муҳаққиқон Шамолов А. ва Маҳмадов А. нашр гардиданд [12]. Тибқи андешаи онҳо, имрӯз бо мурури ба арсаи фаъолият баромадани созмону ташкилотҳои фаромиллӣ муҳтавои истиқлолияти сиёсии давлатҳо ва шароити таъмини суботи иҷтимоии онҳо низ ба тадриҷ ҷеҳраи худро тағйир медиҳад. Яъне агар ба таърихи ташаккули раванди истиқлолиятхоҳии давлатҳои миллӣ ва эътироф ёфтани ин кӯшишхо назар андозем, мебинем, ки имрӯз доираи татбиқи истиқлолияти ин давлатҳо маҳдудтар мешавад. Истиқлолият ва истиқлолиятталабӣ ҳамчун падидаҳои сиёсии қобили эътирофу эҳтироми тарафайни давлатҳо пас аз ба имзо расидани шартномаи Вестфал (1648) амалан рӯи кор омаданд. То ин давра дар заминаи назарияҳо ва амалияҳои ташкили ҳаёти сиёсии кишварҳо бо он дучор омаданамон мушкил аст. Ба тасвиб расидани

шартномаи Вестфал чунин низоми муносиботи байналхалқиеро ба миён овард, ки тибқи он акнун вазифаи муайян намудани самти сиёсати байналмиллалӣ, доварӣ дар ҳалли масоили байнидавлатӣ, замонати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудудҳои миллӣ, инҳисори истифодаи ошкорои зӯрӣ, маҷбурнамоӣ нисбати аҳолии ин ҳудуд барои ба даст овардани мақсади умумӣ ва ғ. ба зиммаи давлатҳои мустақил вогузор карда шуд. Чунин амал аз ҷониби соири давлатҳо зътироф ва қонунӣ ҳисобида мешуд ва ғасби якдигарӣ маҳкум карда мешуд. Вале ин маънои истиқлолияти мутлақро ба даст овардани кишварҳоро надошт ва аслан ин худ ғайриимкон аст. Вале на дар ҳама маврид бо чунин тартиби ҷараёни муносиботи байналхалқӣ давлатҳои абарқудрат муросо карданро раво меҳисобиданд. Бинобар ҳамин ҳам аксари давлатҳо аз ягон ҷиҳат ҳатто дар амалиёти дохилияшон муқовимати кишварҳои дигари қудратталабро пайваста эҳсос мекунанд. Тавсеаи фишори қудратталабии ин гунна кишварҳо дар ҷараёни татбиқи сиёсати беруниашон низ ҷой дорад ва он аксаран тавассути ниҳодҳои байналхалқӣ (НАТО, СММ ва ғ.) таъмин мегардад. Яъне на ҳама вақт давлатҳои бузург омода ҳастанд ба истиқлолияти кишварҳои хурд эҳтиром гузоранд ва бинобар ҳамин ҳам дар низоми кунунии муносибатҳои байналхалқӣ фишангҳои аввалан барои таъмини истиқлолияти кишварҳо пешбинишуда на дар ҳама маврид пурра ин вазифаашонро иҷро карда метавонанд. Сабаби инро аксари муҳаққиқон дар он мебинанд, ки баъзе кишварҳо бо сӯиистифода аз имкониятҳои сиёсии истиқлолият дар чараёни танзими ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеаҳояшон ба поймолсозии ҳуқуқу манфиатҳои одамон роҳ медиҳанд. Аксар маврид чунин амали як давлатро нисбат ба давлати дигар бо он ҳақ баровардани мешаванд, ки истиқлолияти ҳама гуна давлат бемаҳдуд аст. Бо таъкиди ин ҷанбаи истиқлолият усули татбиқи он дар муносибат бо давлатҳои дигар аксар маврид аз мадди назар дӯр мемонад. Ин ҳам бошад дар он ифода меёбад, ки истиқлолияти бемаҳдуди ҳар як давлатро узвияти он дар ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ маҳдуд менамояд, агар он ба маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони давлати дигар нигаронида шуда бошад. Барои пешгирии чунин амал созмону ташкилотҳои байналхалқӣ амалан аз маҷмӯӣ таҳримҳои сиёсию иқтисодии дар ихтиёр доштаашон бояд истифода баранд, вале воқеияти имрӯза нишон медиҳад, ки ин фишангҳо на ҳама вақт муаассир мебошанд. Махсусан дар ҳоле, ки Тоҷикистон пайваста солҳои охир мавриди муҳосираи иқтисодии кишварҳои алоҳидаи ҳамҷавори худ қарор мегирад, барои бартараф сохтани ин ҳолат аз ҷониби ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ аксуламали муаассир ба чашм намерасад.

Барои аз байн бурдани чунин ҳолат бояд доварии маҳдуд сохтани истиқлолияти ин гуна давлатҳо ба зиммаи ташкилотҳои эътирофшудаи байналхалқӣ вогузор карда шавад. Дар ин самт алҳол ҷомеаи байналхалқӣ чандин ниҳодҳоеро дар ихтиёр дорад, ки онҳо бояд доварии бетарафонаро дар ин самт таъмин намоянд. Мушкилие, ки дар мавриди фаъолияти онҳо аз кӯшиши маҳдуд гардонидани истиқлолияти давлатҳои алоҳида аҳёнан ба миён меояд ва боиси норозигии ҷомеаҳои алоҳида мегардад ин набудани асосҳои эътирофшуда барои татбиқи амали мазкур аст. Ин дар навбати худ эҳтимоли татбиқи «стандарти духела»-ро нисбати кишвари алоҳида бештар месозад. Айни ҳол ин масъалаест, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҷустуҷӯи ҳалли он нерӯи ақлонӣ ва амалияи сиёсии худро равона сохтааст. Дарёфти роҳи ҳалли масъалаи мазкур имконият медиҳад, ки дахолати созмонҳои байналхалқӣ ба корхои сиёсати дохилии ин ва ё он давлат заминаи ҳуқуқӣ пайдо намояд ва легетимӣ дониста шавад. Эҷоди ҳарчи зудтари ин асосҳоро мушкилоте, ки имрӯз ҷомеаи байналхалқӣ бо он рӯ ба рӯ аст, талаб мекунад.

Татбиқи номутавозини хусусияти бемаҳдуди истиқлолияти сиёсии давлатҳои мустақил дар муносибатҳои байналхалқӣ паёмади дигари манфиро низ ба дунбол дорад. Бештари давлатҳои қудратманд бо истифода аз ин усул умдатан кӯшиши таъмини ҳарчи бештари амнияти худро ба харҷ медиҳанд. Ин ҳолат дар амалияи сиёсии муосир «муаммои амниятӣ» ном гирифтааст ва моҳияташ аз он иборат аст, ки таъмини ҳарчи бештари амнияти як кишвар таҳдиди амнияти кишвари дигарро зиёд мекунад. Аз

мадди назар дӯр кардани зарурияти ҳарчи бештари муҳокимаи паёмадҳои чунин тарзи татбиқи истиқлолияти сиёсии давлатҳо минбаъд метавонад боиси болоравии таҳдидҳои муғризонаи баъзе аз онҳо нисбати якдигар гардад.

Ин ва дигар масоили матраҳгашта зарурияти пайваста дар заминаи вазъи тағйирёбандаи дунёи муосир мавриди баҳсу андешарониҳои назарӣ қарор додани дурнамою равиши татбиқу ҳифзи истиқлолияти давлатии кишварамонро пеш мегузорад. Яке аз амалҳои муассиру самарабахш дар ростои ин мушкилотҳо барои таъмини суботи ҷомеаи имрӯзаи тоҷикистонӣ ба андешаи Шамолов А. ва Маҳмадов А. ин такя ба нерӯи идеяи миллӣ мебошад. Ҳарчанд назари онҳо вобаста ба он ки идеяи миллии тоҷикистониён бояд чӣ гуна муҳтаво дошта бошад, аз ҳамдигар фарқ мекунад, вале дар таъкиди нерӯи ҷомеасозӣ доштани он барои шароити имрӯзаи инкишофи мамлакатамон муҳаққиқони номбаршуда мавқеи наздик доранд. Лозим ба ёдоварист, ки модели мазкури рушди иҷтимоии Тоҷикистон имрӯз заминаи густурдаи назарияпардозӣ пайдо намудааст [9, с. 16-114].

Моделҳои алтернативии идеали рушди иҷтимоии аз ҷониби ниҳодҳои ҷамъиятию сиёсии ба тариқи легалӣ фаъолияткунандаи кишварамон аз бисёр ҷиҳат ҳадафи ҷустуҷӯи роҳи ҳалли мушкилотҳои дар раванди татбиқи модели расмии рушд ба миён омадаро доранд, вале барои аксари онҳо ба таври куллӣ эъмори давлати миллии рӯи усули дунявият, қонуният ва арзишҳои демократӣ қарордошта қобили қабул мебошад.

Дар рӯёрӯи моделҳои зикршуда инчунин андешаҳои ба инкори на танҳо мундариҷа, балки зарурияти умуман вуҷуд доштани ягон идеали инкишофи иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷомеаи муосир пешниҳод гардиданд, ки намунаи ҷолиби он ба Зоҳидов О. тааллуқ дорад [7]. Ба андешаи ӯ ҳеҷ ягон модели пешниҳодшуда наметавонад ба сифати идеали рушди итимоии Тоҷикистон қабул карда шавад, зеро таркиби иҷтимоии ҷомеаи мазкур хусусияти оштинопазир дар самти тақсим ва дастрасӣ ба захираҳои инкишоф касб кардааст, ки имконият намедиҳад гуруҳҳои дар зинаҳои гуногуни табақабандии иҷтимоӣ қарордошта диду интизории бо ҳамдигар наздик аз инкишофи минбаъдаи ҷомеа дошта бошанд. Аслан ташаккули чунин дидҳо дар ҷомеашиносии муосир падидаи нав нест ва он иртибот бо инқирози диди ақлгаройӣ аз инкишофи ҳаёти ҷомеа ва умуман ҳадафгузориҳои инсон дар ин самт дорад. Тибқи ин андеша ҷомеашиносӣ бояд камтар ба ҷустуҷӯи моделҳои прогрессии иҷтимоӣ машғул шавад, вагарна он аз оғӯши улгуҳои ормонгароёна халосӣ нахоҳад ёфт. Вале алорағми ин андешаҳо ҷомеаҳои муосир бар асари вусъати падидаи ҷаҳонишавӣ ҳарчи бештар ба эҳсосу ниёзи доштани моделҳои гуногуни пешрафт рӯ ба рӯ мешаванд.

Дар давраи ҳозираи инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон зуҳури идеалҳои рушди ҷомеа, ки ба арзишҳои динӣ такя менамоянд, бештар меафзояд [11, с. 6-84]. Пешниҳоди ин моделҳо ҳам аз ҷониби ниҳодҳои динии легалӣ амалкунанда ва ҳам ҳаракату ҳизбҳои ғайрилегалӣ сурат мегирад ва аҳёнан ҳадафи онҳо зери савол гузоштани дурнамои модели дунявии таъмини суботи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон аст, ки барои аксари онҳо аввалияти манфиатҳои миллӣ хос нест.

Дар раванди пешниҳоди идеалҳои рушди ҷомеа бо диди амалӣ, вале на ҳамеша бо такя аз таъмини асосҳои назарияпардозии густурдаю ба ташаккули ҷаҳонбинии муайян равонашуда, имрӯз дар фаъолияти ҳокимияти сиёсии кишвар иқдомҳое сурат мегиранд, ки аз тасаввури идеалҳои муайяни рушди иҷтимоии ҷомеа дар марҳилаи кунунӣ шаҳодат медиҳанд. Ин идеалҳои рушди иҷтимоиро шартан ба се гурӯҳ ҷудо намудан намудан мумкин аст: ноил шудан ба ҳамкорию гуфтугӯи баробар бо кишварҳои минтақа ба хотири раҳоӣ аз хатарҳои ба мавҷудияти ҳаётии Тоҷикистон ба сифати давлати миллӣ таҳдидкунанда; ба хотири таъмини адолати таърихӣ ба мақрои табиии рушди худӣ баргардонидани ҷомеаи тоҷик, ки бар асари дахолатҳои беруна аз заминаи аслияш канда шуда буд; афзалиятдиҳии баъзе масъалаҳои глобалӣ (об, таҳдиди ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир) барои ҷалби таваҷҷуҳу пуштибонии кишварҳои абарқудрат аз татбиқи барномаҳои миллии инкишофи Тоҷикистон.

Дар алоқа бо дидҳои мазкур аз идеалҳои рушди иҷтимоии Тоҷикистон ҳаминро таъкид кардан ба маврид аст, ки ин идеалҳо умдатан аз умқи хотираи таърихии мардум ва дарки зарурияти ҳалли бетаъхири масъалаҳои имрӯз дар назди ҷомеа қарордошта сарчашма мегиранд. Идеалҳои мазкур дорои имконияти таъсири мусбат расонидан ба фаъолияти созандаи аъзои ҷомеа, ташаккули образи эҳтимолию хосташавандаи инкишофи дарозмуддати ҷомеа дар онҳо, муҳайёсозии ангезаи муҳиме барои таъмини суботи иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароит барои ҳалли мақсадноки масъалаҳои тараққиёти минбаъдаи мамлакат мебошанд. Бинобар ҳамин ҳам идеалҳои дар боло зикршудаи рушди ҷамъиятии Тоҷикистон дархӯри интизориҳои доираи васеи аъзои ҷомеа мебошанд.

Адабиёт:

1. Бехманн Г. Современное общество: общество риска, информационное общество, общество знаний. – М., Логос, 2012.
2. Вебер М. Избранное. Образ общества. – М.: Юрист, 1994.
3. Гегель Энциклопедия философских наук. Часть третья. Философия духа. – М., 1956.
4. Гоббс Т. Избранное произведение. Т.2. – М.: «Мысль», 1964.
5. Гиёев Қ. Национальние интересы. – Душанбе, 1999.
6. Джин Л. Коэн, Эндрю Арато. Гражданское общество и политическая теория. – М.: «Весь мир», 2003.
7. Зохидов О. // Азия-Плюс. – 2014. – 12 декабря.
8. Ильенков Э. В. Философия и культура. – М., 1991.
9. Назарияи вахдат. Маърифати иҷтимоии вахдати миллӣ: масъалаҳо, ҳолат ва дурнамо. – Китоби XIУ, XVI. – Душанбе: Дониш, 2012.
10. Маҳмадов А. Идеяи миллӣ ва ҳикмати он дар беҳсозии ҷомеа // Садои мардум. №32-33; 36-37, 18-21.03.2013.
11. Раҳнамо А. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ. – Душанбе: Дониш, 2008.
12. Шамолов А. Миллатсозӣ ва идеяи миллӣ // Садои мардум. - № 17-19, 8-15.02. 2013.
13. Штомпка П. Доверие-основа общества. – М.: Логос, 2012.
14. Хабермас Ю. Философский дискурс о модерне. – М.: «Весь мир», 2003.
15. Эллиас Н. Общество индивидов. – М.: «Праксис», 2001.

СОВРЕМЕННЫЕ ИДЕАЛЫ ОБЩЕСТВЕННОГО РАЗВИТИЯ ТАДЖИКИСТАНА В КОНТЕКСТЕ СОЦИАЛЬНЫХ ИЗМЕНЕНИЙ

В статье рассматривается процесс выработки идеалов общественного развития Таджикистана на современном этапе ее развития. Авторы на основе анализа конкретных явлений общественной жизни показывают степень реалистичности существующих идеалов общественного развития Таджикистана свои видения проблемы. В статье утверждается, что диапозон существующих идеалов общественного развития простирается от описания явлений до моделирования ожидаемой действительности, что придает им общественную и научную эффективность.

Ключевые слова: идеалы общественного развития, общественное развития, гражданское общество, автономия личности, социальные изменения, трансформация, национальное государство, национальная идея, рациональность, общественное мнение.

MODERN IDEALS OF SOCIAL DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF SOCIAL CHANGES

In article process of development of ideals of social development of Tajikistan at the present stage of its development is considered. The author on the basis of the analysis of the concrete phenomena of a public life shows degree of realness of existing ideals of social development of Tajikistan and ыгает the visions of a problem. As article affirms, that диапозон existing ideals of social development it is stretched from the description of the phenomena before modelling of the expected validity that gives to them to public and scientific efficiency.

Key words: social development ideals, public developments, a civil society, an autonomy of the person, social changes, transformation, the national state, national idea, rationality, public opinion.

Сведения об авторах: Идиев Хайриддин Усмонович, доктор философских наук, профессор, Институт философии, политологии и права имени А. М. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, e-mail: khidiev@mail.ru

Турсунова Тоҷинисо Саъдуллоевна, кандидат философских наук, доцент, Институт философии, политологии и права имени А. М. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, e-mail: khidiev@mail.ru

Information about the authors: Idiev Khairiddin Usmonovich, the doctor of philosophy science, professor, Institute of Philosophy, Political Sciences and Law named after A. M. Bahovaddinov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

Tursunova Tojiniso Sadulloevna, PhD of philosophy science, docent, Institute of Philosophy, Political Sciences and Law named after A. M. Bahovaddinov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПО ИЗУЧЕНИЮ ИСТОКОВ МУСУЛЬМАНСКОГО ПРАВОВОГО УЧЕНИЯ И ЕГО ФИЛОСОФИИ В СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНОМ КОНТЕКСТЕ

Хамидов Б. А.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

К концу VIII века правовые теории появились лишь в зачаточной форме, и они не были развиты до начала X века, когда достигли окончательной стадии его формирования как интегрированная методология. Этот отрезок времени разделяем на несколько исторических периодов развития правового учения. Во-первых, это период деятельности самого пророка Мухаммада по формировании правовых норм для тогдашнего мусульманского общества, который в исторических и правовых источниках мусульманскими учеными называется *‘аср-ус-са‘ада* (век счастья). Тем не менее, мы должны обратить внимание на два важные моменты в этой истории: прежде всего, до Мухаммеда, на Аравийском полуострове правовая система или политический заказ общества официально еще не были оформлены в письменном виде.

Законы большинства арабов-бедуинов состояли в изначальном состоянии и они известны нам в ограниченной степени, и по общему характеру, а не в деталях через доисламской и ранней исламской поэзии и сказках племен. Хотя нужно иметь в виду и то, что Мекка была торговым городом (правда, скромный) и имела коммерческие отношения с Южной Аравии, Византии Сирии и Ираком. Города Таиф и Медина были другими центрами междугородной торговли. Вполне вероятно, что эти и, возможно, другие города в Аравии обладали законами более высокого развития, чем у бедуинов. Действительно, правовая и политическая система, которая была известна, скажем в Йемене, буквально не имело хождение в областях Тихамы, Хиджаза, Неджда и других широких областей, которые составляют Аравийский полуостров. Сыновья пустыни были тогда, кочевниками, которые не имели вкус к оседлой жизни и не знали своего рода постоянства, кроме вечного движения в поисках пастбищ и удовлетворения прихоти момента. В пустыне, жизнь и порядок были приурочены к племенам, а не к государству. Этот порядок образовался на базе племенных обычаев, в которых были закреплены коллективная психология и культовые действия, но они относятся к одним из источников права. Эту мысль подтверждается следующим тезисом, что «под проблемой происхождения права понимают выявление источников права. В современной науке считается доказанным, что существует три источника права: обычай, юридический прецедент и нормативный акт. Некоторые авторы в качестве самостоятельного источника рассматривают и религию... Обычаи выполняли роль социальных норм, способствовали формированию устойчивого мировоззрения людей, регулировали трудовую деятельность, бытовые и семейные отношения. В их основе часто лежали моральные и религиозные представления, объективировались

хозяйственные и военные навыки и знания... Таким образом, первым источником права является обычай, закрепленный структурами власти, с возникновением государства обычай может фиксироваться в законодательных актах» [6, с. 478].

Во-вторых, мы должны отличить мекканский период (609-622) от мединского периода (622-632) развития правовых норм, точнее - откровений Мухаммаду. Правовые постановления или коранические откровения в Мекке отличаются от правовых откровений в Медине. Откровения в Мекке, прежде всего касаются основных принципов веры, как *тауxид* (существование и единство Аллаха), загробной жизни, древних людей, *сала (-т)* (молитва или единственное правило, которое действовало в Мекке) и других проблем. Эти вопросы затрагиваются и в меддинских откровений, тем не менее, они в основном касаюся правовой системе, отношений с людьми других религий, лицемеров, международного права и др.

Уже в течение второго года хиджры, пророк Мухаммад установил так называемый мединский правовой акт (*васикат-ул-мадина*), определяя тем самым порядок отношений между различными группами в начальной исламской общине. Последующие поколения исламских политических мыслителей уделяли большое внимание этому акту, своеоразной конституции. Мусульманеже верили в том, что Мухаммад создал идеальную исламское общество в Медине, обеспечивая модель для всех последующих поколений.

История мусульманского права как следствие обнародования Ислама и законов пророка Мухаммада и как часть правовых знаний делится на четыре отдельных периодов развития юриспруденции. Первый период начался с хиджратом или переселением Пророка в Медину (622 г.) до его смерти (632 г.). Его по праву называют «законодательным периодом» Ислама, когда Мухаммад стал пророком благодаря вселения в него «божественного закона», который был обнародован в словах Корана, или заветах Мухаммада. Эти есть тексты, на основе которых впоследствии создавались четыре суннитских школ.

Второй период продолжается от момента смерти Пророка до основания различных богословно-юридических школ и охватывает, грубо говоря, время жизнедеятельности сподвижников Пророка (*асхаб*) и их преемников (*табиʻин*). Это была эпоха, которая в основном проходила в атмосфере коллекции, трактовки и расширение законов с коллективными их обсуждениями.

Третий период характеризируется теоретическим и научным изучением права и самой религии, в результате которых возникают четыре суннитских юриспруденческих школ. Это началось примерно в начале второго века хиджры и практически завершилось в третьем веке хиджры. С тех пор не было ни одного независимого экспозиция закона Мухаммада, и юристы привлекались в качестве ученых школ, чтобы развивать проделанную работу их основателей. Это можно назвать четвертый период в истории мусульманского права.

Таким образом, в течение нескольких десятилетий после смерти Пророка, когда завоевание еще продолжалось вести и когда столица государства была еще в Медине, в правовой жизни мусульман практиковались в основном две группы принципов и законов, на основании которых руководители зарождающейся мусульманской общины вылепили свое поведение: доисламское арабское обычное право и Коран. Прежнее право было еще только зачаточной системой закона, известного завоевателям, а последное, - содержало и символизировало миссию, ради которого арабские завоеватели боролись. Важность Корана и его предписаний для ранних мусульман вряд ли можно представить больше этой миссии.

Малочисленность документации на раннем периоде развития мусульманского права создает некоторое затруднение, чтобы нарисовать полную картину источников, в которых бы описаны юридические практики. Тем не менее, это довольно ясно, что ранние халифы, в том числе Абу Бакр, считали себя наместниками Бога на земле, и, таким образом, ссылались на Коран в качестве источника, из которого они могли бы

извлечь свои правовые уполномочия [8, с. 56]. Среди прочего, он в ввел запрет на алкоголь и установил штраф за его нарушение в сорок ударов плетью [1, с. 463] и др. Но это уже более поздняя история.

До этого же, в общественной жизни возникла первая и самая важная проблема, суть которой состояла в том, что избирательная сообщество должно было решить вопрос о преемнике Пророка как главу общины мусульман. В споре над этим вопросом община с тех пор разделилась на две враждебные фракции: шииты, которые утверждали, что наместником должен быть человек из семьи Пророка, а остальная часть поддерживали идею о праве общины избрать лидера общины. Так Абу Бакр был избран первым халифом. Несомненно, в его способности халифа было выполнять функцию главного в исполнительном органе, но он не имел ни верховную власть, ни какую-либо королевскую прерогативу.

То немногое подлинное свидетельство, которое доступно для науки, показывает, что древняя арабская система арбитража, и арабский обычное право в целом, продолжали свое развитие в рамках правления первых преемников Пророка, халифов из Медины (632-61 н.э.). Халифы, правда, в большей степени играли роль политических лидеров исламской общины и они не выступали в качестве ее верховных арбитров. Хотя, конечно, они были лишены религиозной власти Пророка, но наравне с верховным управлением, они действовали в значительной степени, как законодателей сообщества; иными словами, в течение всего первого века Ислама административные и законодательные положения в Исламской праве не могут быть разделены.

В ранний период Ислама древние арабы развили идею сунны, судебно-правовых прецедентов и нормативных обычаев, которые вновь заявили о себе в этом периоде его истории. Это было золотое правило арабов, существование которых на узкой периферии в неблагосклонной среде не оставил им много возможностей для экспериментов и инноваций, которые могли бы нарушить шаткое равновесие их жизни. В этой идее о правовых норм или сунне весь консерватизм арабов нашел свое выражение. Шииты признали, конечно, что сунна, возможно, были заложена одним лицом в относительно недавнем прошлом, но тогда это лицо считалось бы лидером (имамом) для всей группы. Тем не менее, идея сунны представила огромное препятствие для любой формы инноваций, и для того, чтобы дискредитировать какую-либо инновацию, и до сих пор практикуется это, - достаточно, чтобы назвали ее новшеством (*бид'а*). Тем не менее, эта древняя арабская концепция – сунна стала одним из центральных понятий в исламском праве, несмотря на то, что она в исламском историческом контексте изначально была политической, а не юридической коннотацией. Это относится и к политике администрации халифов.

Вопрос о том, что административные кодексы первых двух халифов - Абу Бакра и Умара следует рассматривать в фокусе того, как обязательные судебно-правовые прецеденты, возникли, вероятно, в то время, когда халифом был назначен Омар (23/644), и расширение недовольства с политикой Османа привело к его убийству, что впоследствии приняло форму обвинительного фактора в том смысле, что он отклонился от политики своих предшественников и, косвенно, от Корана. В связи с этим, появилась концепция «сунна Пророка» и получила свое развитие, и хотя она еще не отождествлялась с каким-либо кодексом правил, но обеспечивала доктринальную связь между сунной Абу Бакра и Умара с Кораном. При четвертом халифе – Али эти традиции сохранялись, а «развитие мусульманского права продолжало идти главным образом казуальным путем. Однако с течением времени все отчетливее ощущалась недостаточность конкретных предписаний Корана и сунны, а также нормативных решений сподвижников пророка. Поэтому начиная с VIII в главную роль в ликвидации пробелов и приспособлении положений указанных источников к потребностям общественного развития постепенно взяли на себя правоведы – основатели правовых школ-толков и их последователи» [5, с. 127].

В восьмом и девятом веках, однако, ученые начали собирать изречения Пророка для разработки строгих критериев и изучения подлинности передачи этих изречений (*isnad*). Результатом этого сложнейшая задача была выход суннитского сборника из шести томов, известных как *аль-Кутуб ас-ситта,* и самым известным из которых был составлен аль-Бухари [7]. В X в. шииты составили свои собственные коллекции в четырех томах, известных как *аль-Кутуб аль-арба'а*, и из которых самым известным был *аль-Кулайни*. Вместе с тем, некоторые шииты власти считают, что шиизм также имеет шесть канонических сборников хадисов. Большинство высказываний в коллекциях суннитов и шиитов такие же, но цепь передачи отличается. Сунниты верят, что многие высказывания были переданы близкими людьми Пророка - Ибн аль-Аббасом и Аишой, но шииты принимают только хадисов от имени членов семьи Пророка (*ахл-ул-бейт*) как законных передатчиков. Есть также ряд пророческих высказываний известных *как аль-ахадис аль-кудсийа* («священные изречения»), в которых слова Бога передается от первого лица через Мухаммада. В общем, эти высказывания имеют эзотерический характер и имели большое значение в развитии суфизма [2, с. 117]. Все школы исламского права (шариата) согласны, что Сунна и хадисы Пророка после Корана служат в качестве важнейшего источника исламского закона. Мусульмане верят, однако, что Мухаммад как пророк знал божественную волю*, и так это должно было быть закреплено в исламском праве. Его действия и юридические решения, следовательно, играют незаменимую роль в поздней кодификации шариата по различным правовым школам.

Что же касается мусульманских правовых школ, то в истории Ислама, в первую очередь, упоминают хиджазскую и багдадскую (куфические) школы фикха. Разнообразие исламского права осуществляется не только «кластеризацией» закона, но и в географическом плане его развития, которые были порождены отдельными контрастными ситуациями в различных частях мусульманского мира. В этом контрасте можно четко наблюдать партнерские отношения не только в плане географического положения и формата правовых положений, но и в плане личностей ученых и их индивидуальные отношения к закону. В течение этого периода, именитые юридические специалисты провели свою деятельность в крупнейших городах империи, а именно, в Медине, Мекка, Куфе, Басре, Дамаске, Фустате и Йемене. Они чаще использовали хадисы, чем *иджтихад* (труд или усердие в вынесении правовых предписаний и решение различных религиозных проблем или вопросов на основании аятов Корана, хадисов, кийяса и иджмы) и *ра'й*.

Хиджазская школа фикха, среди учредителями которой был и Малик ибн Анас аль-'Асбахи (93-179/711-795) и он относился к суннитскому сообществу. Последователи этой школы сконцентрировали внимание на *а'мал ахл-ил-Мадина*, означавшее, что каждый должен следовать поведениям народу Медины: «это было место, где хиджра – переселение Пророка случилось и Коран был провозглашен там, а жители Медины были первыми свидетелями Откровения ... правилы Пророка и они повинуются ему; он издает законы для них (*йасунн лахум*) и они соблюдают их» [2, с. 213-215].

Багдадская (куфийская) школа фикха. В Куфе было несколько меньше доступа к традициям Пророка, но они становились на линию вызовов идей из соседних - греческой, персидской, индийской и китайской цивилизаций. Их руководителями из числа асхабов были Али ибн Абу Талиб, Умар и Абдулла ибн Мас'уд, а из числа таби'инов - 'Алкамах, Асвад, Кади Шурайх и Ибрагим аль-Накха, который был мастером Абу Ханифы. Они должны были любопытными по отношению к рассказчикам и рассказам, но, когда они не могли найти истинный хадис, вынуждены

* О те, которые уверовали! Повинуйтесь Аллаху, повинуйтесь Посланнику и обладающим влиянием среди вас. Если же вы станете препираться о чем-нибудь, то обратитесь с этим к Аллаху и Посланнику, если вы веруете в Аллаха и Последний день. Так будет лучше и прекраснее по значению (или по исходу; или по вознаграждению)! (Коран. 4:59).

были обратиться к ра'й и иджтихад. Самым выдающимся ученым-факихом куфийской школы был имам Абу Ханифа [3, с. 22-23].

Период *муджтахидин*ов охватывает период между 120-350/738-960 гг., те.е. последние годы правления Омейядов и начала Аббасидов. Факихи этого периода в качестве путеводителя использовалил хадис Пророка, решения ранних судей и правовых директив сахабин, табеин и халифов третьего поколения, на основе которых затем производится их собственный иджтихад (деятельность богослова в изучении и решении вопросов богословско-правового комплекса, система принципов, аргументов, методов и приёмов) [4, с. 91-92]. Основными же источниками исламской юриспруденции этого периода были Коран и хадисы, наряду с иджма‘ консенсуса авторитетных лиц по обсуждаемому вопросу.

Различия во мнениях между различными идйными школами, как уже предполагалось в той части, посвященной иджма‘ и иджтихада, относятся в основном к вопросам фикха. Тем не менее, эти правовые школы никогда не называли друг друга еретическими (*кафир)* и, как правило, позволяют сдвиг в верности от одной фикха школы в другую. Из многих школ, которые существовали в этой эпохи, только шесть школ смогли получить название последовавших (*матбу‘а)* школ: ханафитская, маликитская, шафиитская, ханбалитская, сауритская и даудитская. Первые четыре из них имели наибольшее влияниена общество и сознание масс, и сохранились до наших дней, а последние два не смогли выжить после седьмого века хиджры. Исключение составляют шиитские правовые школы джа‘фаритов и зейдитов.

Так, были заложены первейшие фундаменты правовых установок Ислама, которые с изменением ситуаций и обстоятельств в мусульманском мире и разных ее правовых школ постоянно подвергались изменению. При этом, основные их источники – Коран, хадис (ахбар – для шиитов) и сунна для всех этих школ оставались основами религиозных, правовых и моральных норм, определяющих принципы шариата - «правильного пути к цели».

Литература:

1. Джама’или А. А. Ал-Умдафиал-ахкамфима алимал-халал ва-л-харам. - Бейрут, 1986 (на араб. яз.).
2. Зейдан А. Аль-Мадхал ли дирасат-иш-шариат-ил-исламийа. - Багдад, 1977 (на араб. яз.).
3. Ибн аль-Каввам Дж. И‘лам аль-муваккиʻин. Т. I. - Каир: 1325-1326 (на араб. яз.).
4. Ислам: энциклопедический словарь / отв. ред. С. М. Прозоров. - М.: Наука, 1991.
5. История политических и правовых учений. Учебник для вузов. Изд. 2-е, стереотип / под общ. ред. В. С. Нерсесянца. - М.: НОРМА–ИНФРА, 1998.
6. Кузнецов В. Г., Кузнецова И. Д., Миронов В. В. и др. Философия. М.: ИНФРА-М, 2004.
7. Сахих аль-Бухари. Мухтасар / пер. с араб. В. Нирша (Абдалла). – М., 2003. - 960 с.
8. Crone P., Hinds M., Gotts Caliph Religious Authority in the First Centuries of Islam. - Cambridge: Cambridge University Press, 1986.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПО ИЗУЧЕНИЮ ИСТОКОВ МУСУЛЬМАНСКОГО ПРАВОВОГО УЧЕНИЯ И ЕГО ФИЛОСОФИИ В СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНОМ КОНТЕКСТЕ

В статье анализируются некоторые аспекты вопроса об истоках мусульманского правового учения и его философии в социально-культурном контексте. Рассматриваются основные положения, определяющие основу зарождения правовых концепций, а также особенности развития мусульманских правовых школ. В ходе анализа определяются ключевые моменты, характеризирующие исторические и социокультурные факторы развития правового мышления мусульман, а также влияние и противостояние правовых школ в фокусе идеологических разногласий.

Ключевые слова: право, шариат, фикх, сунна, административные законы, муснад, ахбар, сунниты, шииты, юриспруденция, иджма‘, иджтихад, ра‘й.

SOME QUESTIONS ON STUDYING THE MUSLIM LAW TEACHING'S SOURCES AND ITS PHILOSOPHIES IN A SOCIO-CULTURAL CONTEXT

Some aspects of a question regarding the sources of the Muslim law teaching and its philosophy in a socio-cultural context are analyzed in this article. Basic provisions defining a basis of origin of law concepts, and also features of development of Muslim law schools are considered. The key moments, characterizing historical and socio-cultural factors of development of law thinking of Muslims, and also influence and opposition of law schools in focus of ideological disagreements are defined during the analysis.

Key words: law, shari'a, fiqh, sunna, administrative law, musnad, akhbar, Sunnites, Shiites,jurisprudence, ijma', ijtihad, ra'i.

Сведения об авторе: Хамидов Бободжон Абдуахадович, аспирант кафедры философии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: nshahboz@mail.ru

Information about the author: Khamidov Bobojon Abduakhadovich, post-graduate student of the chair of Philosophy, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

ОСНОВОПОЛАГАЮЩИЕ ПРИНЦИПЫ УЧЕНИЯ ИБН КАРРАМА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА МУСУЛЬМАНСКУЮ ТРАДИЦИЮ

Абдуллоев М. М.

Институт повышения квалификации таможенной службы, Таджикистан

Проблема бытия всегда стояла в фокусе всех религиозных и философских систем. В эпоху средневекового ислама проблема соотношения Бога и мира имела весьма острый характер, и поэтому теология, как и философия, была призвана дать ответ на вопрос: сотворён ли мир или существует изначально?

Ибн Каррам сумел выстроить довольно оригинальную мыслительную конструкцию, в которой совершенно по-новому рассматриваются некоторые вопросы, а определенные моменты интерпретируются иначе, чем во всех остальных школах.

Мухаммад аш-Шахрастани анализируя учение каррамитов, посчитал его близким к теологии суннитского ислама: «*Каррамиты*— приверженцы Абу Абдаллаха Мухаммада ибн Каррама. Мы причислили его к *сифатитам (т.е. к признающим ортодоксальный суннитский постулат о наличии у Бога определенных атрибутов – М.А.)* именно потому, что он принадлежал к тем, кто признавал божественные атрибуты. Однако при этом он дошел до *отелесения (таджсим)* и *уподобления (ташбих)*» [4, с. 102].

Ал-Исфараини сообщает, что «Ибн Каррам утверждает в своей книге «'Азаб ал-кабр» (Могильные наказания), что Бог является единственной субстанцией (*джавхар*) и назвал Его субстанцией, так же как это делают христиане, хотя его последователи (*т.е. Ибн Каррама – М.А.*) воздерживались от того, чтобы называть Его субстанцией» [7, с. 112].

Это сообщение показывает, что Ибн Каррам был знаком с философскими терминами и определял Бога как субстанцию, чем и вызвал критику со стороны ортодоксальных богословов.

Также об использовании Ибн Каррамом термина «субстанция» говорит и аш-Шахрастани: «Абу 'Абдаллах (т.е. Ибн Каррам – М.А.) определенно указал на то, что его Бог пребывает на троне и что в верхней части он является субстанцией, он называл это сущностью *(джаухар)*. В своей книге, названной «'Азаб ал-кабр» (Могильные наказания), он говорил, что бог — единственный [в своей] субстанции, единственный [в своей] сущности и что он касается верхней стороны трона. Он допускал [его] перемещение, превращение, сошествие» [4, с. 104].

Из приведенных выше цитат видно, что в целом мировоззренческая система в теологии Ибн Каррама, как и в исламе в целом, теоцентрична и высшей реальностью в

ней признаётся не природа, а Бог, как беспредельное всемогущество, определяющее и творящее все сущее.

Бог в теологической системе каррамитов является абсолютной реальностью и началом бытия, он Первый (*ал-Аввал*) и Последний (*ал-Ахир*) по отношению ко всем созданиям, как об этом сказано в Коране: «1. Скажи: «Он – Аллах Единый, 2. Аллах Самодостаточный. 3. Он не родил и не был рожден, 4. и нет никого, равного Ему» (Коран: 112).

Иштирокчиёни фаъол ва роҳбарони шӯриши соли 1885 дар Мӯъминобод ба вуқӯъ пайваста, Мулло Мирзо, Мулло Барот, Саид Мулло Давлат, Раҳмон, Муҳамадолим, Одинамаҳмад ва ғайра буданд. Шӯриш деҳаҳои наздикро низ фаро гирифт. Ба фурӯ нишондан нигоҳ накарда, норозигии деҳқонон то соли 1886 идома ёфт ва фақат баъди иваз кардани беки Кӯлоб Муҳаммад Назирбий ором шуд [12, с. 36-39, 75-85].

Чунин нороомиҳо дар Балҷувон низ мунтазам ба мушоҳида мерасид. Онҳо ҳар хел зуҳур меёфтанд, вале шаклҳои бештар мушоҳидашудаи ин норозигиҳо чунин буданд: Эътирози шифоҳӣ нисбат ба фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ; даст кашидан аз иҷрои андозҳо ва бақияпулиҳо; намояндагони худро барои шикоят ба назди амир фиристодан; ба ҳудуди мулкҳои ҳамсояи дар тобеияти амир набуда, кӯчидан (ин дар мисоли чорводорони лақай ба мушоҳида мерасид) ва ниҳоят ба шӯриши мусаллаҳона баромадан.

Маъмулан шикоятгаронро худи амир ҳам тарафдорӣ намекард. Мавридҳое буданд, ки бо амри амир ин намояндагони халқ, ки бо умед барои шикоят ба наздаш мерафтанд, ба ҷазои сахт расонда мешуданд. Масалан, маълумоти саҳеҳе мавҷуд аст, ки соли 1886 амир ду нафар ба шикоярафтагони балҷувониро ба 75 чӯб ҷазо ҳукм карда буд [17, с. 42]. Худи ҳамон сол 200 намояндагони кӯчии лақайро ба назди амир роҳ надоданд ва шикояти хаттии онҳо бетафтиш монд. Баъди ин муносибат онҳо маҷбур шуданд, ки ҳудуди бекигари Балҷувонро тарк намоянд. Қисме аз онҳо бо молу амволи хеш, ки бештар аз чорво иборат буд, ба ҳудуди Афғонистон фирор намуданд [17, с. 43].

Охири соли 1885 – аввали 1886 дар водии дарёи Яхсу дар амлокдории Сарипули бекигарии Балҷувон бо роҳбарии Аламшо шӯриш сар зад. Норозигии деҳқонон дар ин ё он шакл дар дигар бекигариҳо низ мушоҳида карда мешуд ва ҳамаи ин барои шӯриши калону муташаккил замина тайёр мекард. Ва ахиран ин қиёми бузурги халқӣ дар шӯрише ифода ёфт, ки соли 1888 бо сардории Восеъ ҷараён гирифт.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти таърихӣ ҷунбиши Мӯъминобод чун Шӯриши Восеъ муаррифӣ гардида, то охири солҳои 80-уми асри гузашта ин санади нодуруст расман қабул шуда буд [12, с. 75-85].

Гарчи заминаҳои ин шӯриш кайҳо арзи ҳастӣ пайдо кардаву онро ба ҳадди таркиш расонда бошанд ҳам, баҳонааш дар саркашии деҳқонони атрофи Ховалинг аз додани андоз ва аз тарафи амалдорони маҳаллӣ бо роҳи зӯрӣ аз онҳо ситондани маҳсулоти бо заҳмати азим ба даст даровардаи кишоварзию чорводорӣ, ки ягона манбаи зиндагиашон буд, ҳисоб меёбад. Дар натиҷаи ба созиши ғоратгарони масъулини андозситонӣ розӣ нашудани деҳқонон кор ба заду хурд анҷом ёфта, закотчӣ кушта шуд.

Ин воқеа аз ибтидои шӯриш дарак медод. Восеъ сарвари шӯришчиён интихоб гардид. Дар байни халқ ӯ бо номҳои Абдулвосеъ ва Мулло Восеъ маълум буд. Худаш писари деҳқони камбағал аз дараи Мухтор. Бобою падари ӯ (Белак ва Шакар), ки дар Хулоз зиндагӣ мекарданд, аз сабаби камзаминию танқисии рӯзгор ба Ховалинг кӯчида буданд [12, с. 110]. Восеъ мисли дигар наврасону ҷавонони ҳамдеҳааш душвории рӯзгорро ҳанӯз хеле барвақт ба дӯш гирифта буд. Баҳору тобистон дар саҳро, зимистон дар ҷувозхона кор мекард. Ба туфайли ҷасорату адолатхоҳии худ дар байни ҳамдеҳагон обурӯю эътибор пайдо карда буд. Аз рӯи баъзе далелҳо, Восеъ дар муборизаҳо алайҳи қӯшуни амири Бухоро (солҳои 1869-1870), зери роҳбарии ҳокими Кӯлоб Сарабек (Сарахон) фаъолона ширкат доштааст. Ин имкон дод, ки ӯ таҷрибаи даркории ҷангӣ гирад. Фаъолияти ӯ чун роҳбари шӯриш ин бартариро намоиш дод.

Восеъ ва дӯстони ӯ аз ҳисоби деҳқонони маҳаллии деҳаҳои наздик қувваи зиёде ҷамъ намуда, аввал ба қароре омад, ки талаботи деҳқононро бо роҳи сулҳу салоҳ ҳал намояд. Бо ин мақсад ба қалъаи Балҷувон ба назди бек намояндагони худро фиристод. Вале бек он намояндагонро ба асирӣ гирифта, чун гаравгон шартҳои худро пешниҳод намуд ва ваъда дод, ки дар шароити ором нагирифтани «балвогарон» онҳоро ба қатл хоҳад расонд. Ин қатъияти шӯришчиёнро боз қавитар гардонд.

Сараввал отряди Восеъ, ки аз 700 – 800 деҳқон иборат буд, дар қалъаи Мир, ки ҳокими охирини Балҷувон ва Кӯлоб Сарабек (Сарахон) бино карда буд, ҷамъ омад.

Баъд ҷои ҳамвореро дар кӯҳи Сурхсақова (тақрибан дар масофаи 10 км дуртар аз Ховалинг) интихоб намуд [12, с. 7-8]. Дар он ҷо Восеъ воқиф шуд, ки ба вакилонаш марг таҳдид мекунад. Акнун ӯ ба тамоми деҳоти Балҷувону Кӯлоб қосид фиристода мардумро ба ҷанги муқаддас баҳри ба даст овардани адолат даъват намуд. Ба ин даъват ҳазорон мардуми зери бори заҳмату беҳуқуқӣ монда ҳамрайъ шуданд.

Баъди аввалин омодагӣ шӯришгарон бо сарварии Восеъ миёнаҳои моҳи июл ба тарафи пойтахт – маркази маъмурии беки Балҷувон, бо мақсади тасарруфи «лонаи бадбахтӣ», яъне қалъаи бек раҳсипор шуданд. Бек (Мирзо Акрам) аз ин огаҳ шуда, фавран қӯшунашро бо роҳбарии Содиқбек омода кард ва бо шӯришчиён дар деҳаи Тути қозӣ (20 км шимолтари Балҷувон) рӯ ба рӯ шуд. Шӯришгарон дуруст мусаллаҳ набошанд ҳам, аз ҷиҳати шумора борҳо бартарӣ доштанд. Дар ин муҳорибаи аввал шӯришчиён ғалаба ба даст оварда, ба қалъа наздик шуданд.

Дар бораи ҷанги шадиди назди қалъа чунин далел шаҳодат медиҳад, ки ин истеҳкоми пуркуввату ҷойи зисти бек ду маротиба аз даст ба даст гузашта, қувваҳои асосии бек нест карда шуданд, худи Содиқбек низ кушта шуд. Қисми калони сарбозон ҳамроҳи бек тавонистанд раҳо ёфта, ҷон ба саломат баранд. Вакилони шӯришчиён озод карда шуданд. Акнун шӯришчиён молу амволи бо роҳи ғорат ҷамъ кардаи бек ва наздиконашро мусодира намуда, анбори ярокро низ ба ғанимат гирифтанд.

Аввалин ғалаба шӯришгаронро то андозае сармаст карда буд. Онҳо ба ғолибияти пурраи худ бовар карда, баъди ин шикаст душманро таъқибу шадидан саркӯб накарданд. Бек ақибнишинӣ карда дар Кангурт истеҳком гирифт ва аз он ҷо чокарони худро фавран ба бекигариҳои ҳамсоя фиристода аз онҳо имдод хост. Ӯ асосан ба беки Ҳисор, Остонақул қӯшбегӣ, ки соли 1886 ба ин вазифа таъйин шуда буд, умед мебаст. Номбурда дар як вақт вазифаи намояндагии (волӣ, намесник) амирро дар Бухорои Шарқӣ иҷро мекард. То ин вақт ин намояндагиро беки Қаротегин Худойназар атолиқ иҷро мекард. Остонақул дар бораи шӯриш маълумот гирифта, таъҷилан дар ин бора ба амир Абдулаҳад (1885-1910) хабар дод, ки ин аз душвории вазъият ва ҳолати бухронии ҳокимияти маҳаллӣ гуноҳӣ медод [12, с. 8-9].

Илтимоси беки Балҷувонро оид ба ёрӣ расондан аввалин шуда беки Кӯлоб ба ҷо овард. Ӯ ба Балҷувон отряди калони сарбозонашро фиристод. Амалиёти нисбатан бечуръатонаи шӯришчиён дар кори таъқибу тамоман саркӯб кардани душманон ба бек имкон дод, ки сафҳои худро аз ҳисоби унсурҳои зидди шӯриш (намояндагони феодалони маҳаллӣ, намояндагони нисбатан осудаҳоли қабилаи кӯчии лақайҳо бо сардории яғмогар Туғай ва ғайра) пурра намояд.

Ба мудофиаи қалъа диққати махсус надода, Восеъ қувваи асосиро ба маҳалҳои ҳуҷуми эҳтимолии қӯшуни амир наздик овард. Бек аз ин истифода бурда, барои ба даст овардани қалъа тамоми қувваро равона кард. Ба ӯ муяссар шуд, ки қалъаро ишғол намояд. Вале ин дафъа низ кораш барор нагирифт. Вазъи бавуҷудомада Восеъро маҷбур кард, ки аз нав ба шаҳри Балҷувон юриш кунад. Дар натиҷа, бек шумораи зиёди сарбозонашро талаф дода, боз шикаст хӯрд. Аз ҷумла, сарвари отряди сарбозони бек Аллаёр кушта шуд.

Бек бо қӯшуни боқимондаи худ ба Қизилмазор гурехт. Дар айни замон овозаи шӯриш дар тамоми қаламрави Бухоро паҳн гардид. Шӯришгарон дар Балҷувон таъхир накарда, бо қувваҳои асосӣ ба Кангурт, барои ишғол намудани мавқеи қуллайи мудофиавӣ шитофтанд.

Дар ин вақт отряди фиристодаи амир бо сардории Яқуббек бо душвориҳои зиёд (ба туфайли роҳпаймоии саросемавор дар ҳавои ниҳоят гарм, аз сарбозон 80 нафар ҳалок шуданд) ба Ҳисор омад. Остонақул қушбегӣ ин отрядро бо қӯшуни мавҷудаи худ муттаҳид намуда, фавран барои пахши шӯриш ба Балҷувон ҳаракат кард.

Восеъ самти ҳаракати қӯшуни душманро ба назар гирифта, бо дӯстони содиқи худ – сардорони дастаҳои ҷудогонаи шӯришгарон (Назир, Карим, Наим, Нозим, Муҳаммадӣ, Муродалӣ, Раҳимбой, Саидалӣ, Давлат ва дигарон) супориш дод, ки мавқеи қулайро ишғол намоянд. Сарфи назар аз чораҳои андешидаи Восеъ, алалхусус

вайрон кардани ягона пули дарёи Вахш, ки аз тариқи он роҳ ба бекигарии Балҷувон мерафт ва ҷиддӣ дидбонӣ намудани дараи Пули Сангин (ин вазифаро Восеъ ба дӯши Нозим – яке аз қаҳрамонони шӯриш гузошта буд) ба қӯшуни Остонақул қӯшбегӣ муяссар шуд, ки аз дарёи Вахш дар деҳаи Норак бо амадҳо, ки сокинони маҳаллӣ барояшон иҷборӣ сохта буданд, убур кунад [12, с. 10].

Шӯришгарон муқобилияти сахт нишон доданд. Аммо қӯшуни Остонақул, ки бартарии зиёд дошт, дастаҳои шӯришчиёнро дар Тутқавул ва Кангурт шикаст дод. Аз чунин сурат гирифтани воқеа ба ҳарос афтида, баъзе аз ҳамсафони тасодуфӣ Восеъро тарк намуданд. Гурӯҳҳои иртиҷоӣ, феодалони маҳаллӣ, лақайҳои нуфузманд, аз ҳуҷуми Остонақул илҳом гирифта, дар атрофи Мирзо Акрам – беки Балҷувон муттаҳид шуданд.

Восеъ бо дастаҳои боқимондаи худ ба деҳаи кӯҳистони Сарипул (шимолӣ-шарқии Ховалинг) ақиб нишаст. Террори шадиди зиддихалқӣ ва таъқибу ҷазои шӯришгарон оғоз ёфт.

Азбаски маъхазҳои муътамад боқӣ намондааст, шумораи шӯришчиёни дар ҷанг кушташуда муайян нест, вале аз рӯи паҳноии доманаи мубориза ва зудухӯрдҳои шадид хулосае бармеояд, ки шумораи шаҳидони набардҳо ба ҳазорон мерасид. Дар ҳолате, ки бартарии қӯшунҳои амир ҳарчӣ бештар аён мегардид, таъқиботи шӯришгарон бештар суръат мегирифт. Акнун корбурди ҷаҳолату бераҳмӣ нисбат ба ашхоси ба шӯриш иртиботдошта аз доираи тасаввур инсонӣ гузашта буд.

Восеъ аз таъқибот паноҳ бурда, тавонист, ки боз борҳо ба сарбозони бек ва давлатмандони маҳаллӣ бо ҳуҷуми бебокона зарба занад. Ӯ дар ҳамин ҳолати барояш ниҳоят сангин кӯшиш намуд, ки деҳқононро аз сари нав ҷамъ карда, муборизаро идома диҳад. Вале дар чунин ҳолати ниҳоят ногувор дигар ба душман зарбаву аз худ дифоъ кардан наметавонист. Дар задухӯрдҳои шадид қариб ҳамаи дӯстонаш қурбон шуда буданд. Восеъ чанд муддат дар Хаволинг дар қарияи Девлох пинҳон шуд. Ҳатто дар ҳамин вазъи барояш ниҳоят вазнин, ки дар атрофаш фақат чанд тан аз наздиконаш монда буд, дар ҳолати яъсу ноумедӣ наафтид. Ғурури ҷавонмардии худро нигоҳ медошту аз амалаш пушаймон набуд. Дар чунин ҳолат низ ба шикасти ояндаи лонаи ҷаҳолат – аморати Бухоро боварӣ дошт.

Тақрибан охирҳои моҳи август (на дертар аз 27 августи соли 1888) бо хиёнати баъзе аз ашхоси манфиатҷӯи ба таври тасодуф ба шӯришчиён ҳамроҳшуда паноҳгоҳи Восеъ ошкор гардид ва ба муҳосира гирифта шуд. Восеъ то қуввати охирин муқобилият намуд. Баъди аз чанд ҷояш ҷароҳат бардоштан ӯро ба асирӣ гирифта ба Шаҳрисабз ба назди амир фиристоданд. Дар ҳолате, ки Восеи занҷирбанд бо як ғурури бебокона ва истеҳзоомезона ба чашмони амир менигарист, бо зарби шамшери аз пушт ба фархи сараш расида шаҳид гардид [12, с. 11].

Аз рӯи маълумоти нопурра баъди амали ҷаҳолатбори Остонақул, сафи гурезаҳои ҷон ба саломат бурда ниҳоят зиёд шуд. Остонақул 40 нафар асиронро дар Балҷувон ба қатл расонда, 130 нафар маҳбусони дар шӯриш фаъолро ба Шаҳрисабз барои ба ҷазо расондан ба назди амир фиристод.

Ҳамин тариқ, шӯриши бузурги минтақаи Бухорои Шарқӣ бо сарварии Восеи қаҳрамон, ки дар он намояндагони қариб тамоми табақаҳои истиморшавандаи иҷтимоӣ, деҳқонон, хунармандон, аҳли савод иштирок намуда, онро воқеан ба қиёми умумихалқӣ табдил дода буданд, мисли дигар шӯришҳои замони феодалӣ бо шикаст анҷом ёфт.

Сабаби онро дар парокандагии феодалӣ, муносибатҳои патриархалӣ, номутамарказии сиёсию иқтисодӣ, аз ҷиҳати ҳарбӣ номуташаккили деҳқонон, нарасидани яроқу аслиҳаи лозимӣ ва ғайра бояд ҷуст.

Вале ин ҷунбиши бузург бар абас нарафт. Шӯриш пояҳои феодализм ва истибдоди ҳокимияти манғитиро хеле заиф гардонд. Беҳуда набуд, ки аз ин пас бекҳои баъзе аз бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, алалхусус Кӯлобу Балҷувон тез тез иваз мешуданд.

Шӯриши Восеъ дарвоқеъ, падидаи ниҳоят назаррас буда, дар таърихи халқи тоҷик абадан чун рамзи шуҷоату қаҳрамонӣ алайҳи истисморгарон сабт шудааст. Аз санаи ин корнамоӣ моро 125 сол ҷудо мекунад, гӯё ҳама чиз аёну омӯхта шудааст, вале кам нестанд паҳлӯҳои ҳанӯз ба таҳқиқи асил эҳтиёҷдоштаи ин падидаи ғурурбахш. Бо боварии комил гуфта метавонем, ки таҳлилу таҳқиқи ин қиёми аҳли заҳмат дар роҳи тантанаи адолат дар оянда низ идома хоҳад ёфт.

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. - Душанбе, 1987.
2. Бендерский Н. А. Доклад о Гиссарском крае. (Протокол № 1, общего годичного собрания отд. РГО от 14 марта 1905 г. // Изв. Турк. отд. РГО. – Т. 7. – 1907. – С. 153-156.
3. Варыгин М. А. Опыт описания Кулябского бекства. // Изв. РГО. – Т. 52. – Вып. 10. – 1916.
4. Гейер И.И. Путеводитель по Туркестану. – Ташкент, 1901.
5. Кузнецов П. А. Дарвоз. (Рекогносцировка ген. Штаба капитана Кузнецова в 1892 г.). – Новый Маргелан, 1893.
6. Қӯшматов А. Деҳқонони тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX. – Душанбе: Ирфон, 1966.
7. Логофет Д. Н. Бухарское ханство под русским протекторатом. – Т. I. – СПб., 1911.
8. Логофет Д. Н. Страна бесправия. – СПб., 1909
9. Маджлисов О. Р. Аграрные отношения в Восточной Бухаре в XIX - начале XX века. – Душанбе – Алма-Ата, 1967.
10. Маджлисов О.Р. Каратегин наканеуне установления Советской власти. – Сталинабад, 1959.
11. Мухсинова К. З. Документы о крестьянских движениях в Бухарском ханстве в 80-х годах XIX в. // Из истории Средней Азии. – Ташкент, 1965.
12. Пирумшоев Х. История изучения восстания Восе. – Душанбе: Маориф, 1998.
13. Пирумшоев Х. Русские дореволюционные исследователи о городах Восточной Бухары конца XIX - начала XX вв. Душанбе: Дониш, 1992.
14. Пирумшоев Х. Социально-экономическая, общественно-политическая и культурная жизнь Восточной Бухары //Таджикистан в трудах дореволюционных русских исследователей. (Вторая половина XIX - начало XX в.). – Душанбе: Дониш, 1990. – С. 111-171.
15. Семёнов А. А. Очерк поземельно-податного и налогового устройства бывшего Бухарского ханства // Труды САГУ. – Сер. 11. – Вып. 1. – Ташкент 1929. – С. 11- 47.
16. Снесарев А. Е. Восточная Бухара. (Военно-географический очерк) // Сб. материалов по Азии. – Вып. 129. – СПб., 1909.
17. Юсупов Ш. Народные волнения в Бальджуанском бекстве накануне восстания Восе // Изв. АН ТаджССР. Серия «Востоковедение, история, филология». – 1988. - № 1 (9).

ВОССТАНИЕ ВОСЕ - КРУПНЕЙШЕЕ ПРОЯВЛЕНИЕ НАРОДНОЙ БОРЬБЫ ПРОТИВ ЭМИРСКОГО РЕЖИМА В БУХАРЕ

Статья посвящена анализу предпосылок и ходу крупнейшего крестьянского восстания 1888 г. в Восточной Бухаре. На основе имеющихся достоверных источников определены точная дата и география распространения восстания. Определен социальный состав участников восстания, организаторские способности руководителя и героизм местного населения. Указаны причины поражения восстания и его историческая значимость в истории таджикского народа.

Ключевые слова: Восточная Бухара, Куляб, Балджуван, народное восстание, Восе, налоговая система, феодальная эксплуатация, историческое значение.

RISE OF THE WOCE - THE LARGEST MANIFESTATION OF POPULAR STRUGGLE AGAINST THE EMIRATE OF BUKHARA

The article is devoted to analysis of the preconditions of the largest peasant uprising of 1888 in Eastern Bukhara. On the basis of available reliable sources identified the exact date and location of the uprising. Defined the social composition of participants in the uprising, organizational skills of the leader of revolt and heroism of the local population. Described the reasons for the defeat of the uprising and its historical significance in the history of the Tajik people.

Key words: Eastern Bukhara, Kulyab, Baldžuvan, popular uprising, Vose, the tax system, feudal exploitation, historical significance.

Сведение об авторе: Пирумшоев Хайдаршо, доктор исторических наук, профессор, Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, e-mail: pirumshoev.44@mail.ru

Information about the author: Pirumshoev Haidarsho, doctor of historical sciences, professor, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

ДОИР БА ИДОРАИ МАЪМУРИИ АМОРАТИ БУХОРО (ТО МИЁНАИ АСРИ XIX)

Келдиёров Б. С.

Доншгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар арафаи истилои кишвар аз ҷониби Россияи подшоҳӣ ва дар замони истиқрор ва ҳукмронии сохтори мустамлакавӣ яке аз мавзӯъҳои хеле муҳими илми таърих, манбаъшиносӣ ва таърихнигорӣ мебошад. Дар доираи ин мавзӯи мавриди омӯзиш таҳқиқ ва тадқиқи муаммое чун сохти маъмурӣ ва идораи аморати Бухоро дар замони ҳукмронии амирони манғит, муайян кардани амал ва мансабҳои маъмурӣ, динӣ ва ҳарбӣ хеле муҳим мебошад. Муаммои мазкур фақат ба тарзи умумӣ дар адабиётҳои мухталиф ва китобу тадқиқот тавсиф шуда, пажӯҳиши алоҳидае ба субот нарасидааст. Дар маъхазҳои таърих ва ёддоштҳои муаллифони ин давр маълумоти хоста хеле парешон ва ҷой-ҷой оварда мешавад.

Танҳо дастрас шудан ва баъдан нашр гаштани манбаи хеле муҳим, ки дар охири асри XVIII, аниқтараш дар соли 1798 аз тарафи Мирзо Бадиъ девон таҳти унвони «Маҷмаъ-ал-арқом» навишта шуда буд, ба мутахассисон имкон дод, ки бештар доир ба сохти идоравӣ ва маъмурии аморати Бухоро тадқиқотҳо баранд. Дар робита бо ин муаммо, амал ва унвонҳо, вазифаҳои соҳибони он, дараҷаҳои ҳар як амал ва мансаб, маош ва даромади онҳо, мақоми иҷтимоӣ ва сиёсии амалдорон дар ҷомеа ва давлат каму беш баррасӣ гардид. Ҳоло бошад пажӯҳиши махсус доир ба мавзӯъҳои номбаршуда набошад ҳам адабиёт ва маъхазҳои мавҷуда ҳамчунин маълумоти бойгонӣ имкон медиҳад, ки ба тарзи возеҳтар муаммои ҷойдоштаро мавриди таҳлил қарор диҳем.

Тарзи давлатдорӣ ва сохтори идорӣ-маъмурӣ дар аморати Бухоро чун дар дигар давлатҳои Осиёи Миёна аз қадим то замони мавриди назар, таҳаввулот ва тағироти бисёреро аз сар гузаронидааст. Тохтутози муғулон ва турктозиёни баъдина дар давлатҳои Осиёи Миёна анъанаҳои туркӣ-муғулиро ҷорӣ карда, расман ҳукумати сиёсии олиро ба ворисони чингизӣ ё ашхосе, ки худро ба чингизиён мансуб медонистанд ва аз ҳар ҷониб ин робитаро асоснок карда буданд, вогузошта буд. Баъдан чун кӯчманчиён ҳаёти мардуми муқимнишиниро қабул карданд, лозим шуд, ки ҳукуматдорон бар замми чингизӣ ё темурӣ будан боз нисбате ба расули мусалмонон ё халифаи рошиддину авлиёҳои ислом дошта бошанд. Барои ин, вакилони сулолаҳои ҳукмдор бо намояндагони хонадонҳои “муқаддас” никоҳ баста соҳиби унвонҳои “сайид”, “шариф”, “хӯҷа” ва ба инҳо монанд мегаштанд. Зеро, танҳо ба Чингиз ё Темур мансубият доштан барои ба даст овардани унвони олии “хон” ё “амир” камӣ мекард.

Дар охири ҳукмронии аштархониён, ки қудрати давлатӣ пурра инқироз ёфта буд, сохти идораи давлатӣ, ки аз даргоҳ, девон ва дор-ул-қазо иборат буд, пурра ба суқут омада буд. Сулолаи нави манғитиён, гарчанд соли 1756 унвони “хон”-иро хостааст аз сари нав эҳё кунад, вале мазмуни наверо ба он ворид карда натавонист. Фақат амири ба ном “маъсум” (аз гуноҳ холӣ, бегуноҳ) Шоҳмурод тавонист ҳокимияти марказиро аз сари нав мустаҳкам намояд. Минбаъд, набераи ӯ амир Насруллоҳ (1826-1860) бо зӯри аслиҳа ва кушторҳои зиёду ситами сангин дар арафаи забти Осиёи Миёна қудрати ҳукумати марказиро хеле мустаҳкам карда буд.

Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки дар Бухоро ҳукумати олӣ ва беҳудуди монархистӣ дар дасти як шахс “амир” буда, ваколати қонунбарорӣ, иҷроия ва назорату

ҷазо ҳам дар дасти соҳиби ин унвон буд. Он Шӯрое, ки амир Шоҳмурод таъсис дода буд, як органи маслиҳатӣ буда, баъд аз вафоти ӯ дигар фаъолият намекард [10, с. 46-47].

Амир ҳукумат ва маъмурияти худро тавассути даргоҳ ва девонҳои мухталиф амалӣ мегардонид. Маъмурияти марказӣ дар асри XIX асосан дар даргоҳи амир аз тарафи амалдорони ӯ амалӣ мегашт. Аз рӯи қаробати хешу таборӣ ва наздикию садоқати шахсӣ ба амир соҳибони як амал аз дигар боло ва таъсири ӯ дар дарбор ва давлат қавӣ ва заиф мегашт. Баъзан соҳиби амал ва унвони пасттарин ба дараҷаи олии қудрат расида, баръакс шахси наздиктарини ҳукмдор дар як лаҳза ба ғазаби амир дучор шуда, на фақат аз ҷон, балки аз тамоми молу мулк маҳрум шуда, дар камтарин ҳолат оилаи ӯ аз қатли ом эмин монданаш мумкин буд.

Доираи ҳукмрони аморат, ба таъбири имрӯза элита ва аристократия, он аз ду табақа – амалдорони дунявӣ ва уламо (табақаи рӯҳониёни мусалмон) таркиб ёфта буд. Миёни ин ду табақа барои ҳукмронӣ дар арсаи сиёсат, муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин, дар ҳаёти маънавӣ ва маданӣ задухӯрди сахт ва муборизаи сангин чӣ ошкоро ва чӣ пинҳонӣ мерафт.

Дар даврае, ки мо онро мавриди омӯзиш қарор додаем, амали баландтарини баъд аз амир, амали қӯшбегӣ буд. Лекин, дар асрҳои XVI-XVII дар аморат амали олитарин оталиқ ва нақиб буда, соҳибони онҳо нуфузи зиёд ва шахсони рӯйшинохта буданд. Айнан намояндагони қабилаи манғит, ки унвони оталиқӣ доштанд, минбаъд ба қудрати сиёсӣ ва давлатӣ ноил шуда буданд. Оталиқ ба маънои каси "ба ҷойи падар ё чун падар" буда, амалдори ба ҳукмдор наздиктарин маҳсуб мешуд ва ба тарбияи хонзода ва шоҳзодагон масъул буд. Тибқи маълумоти "Маҷмаъ-ал-арқом" оталиқ ба таҳкуми оби заминҳои Самарқанд то Қарокӯл ва муҳофизати шабонаи (миршабии) шаҳри Бухоро масъул буд [9, с. 95].

Нақиб (арабӣ, ба маънои роҳбар ва ҳодии ҷамоа) ҳам шахси ба ҳукмдор наздик, рафиқ ва ҳамсуҳбати ӯ буда, аз авлоди пайғамбарон ва хӯҷагон интихоб мешуд. Соҳиби ин амал унвон ва амали нақибиро ба тарзи меросӣ ҳам мегирифт. Тавассути нақиб, амир бо тоифаи сайидҳои аморат иртибот баста, аз аҳволи онҳо хабардор мешуд. Гарчанд нақибӣ ба намояндагони уламо ва оилаҳои диндор дода шавад ҳам, дар асрҳои XVIII ва аввали асри XIX нақиб дар мавриди лашкаркашиҳо ба таъмини лашкар бо яроқу аслиҳа, ҳаракати онҳо дар вақти юриш, насби одилонаи унвон ва амалҳои ҳарбӣ ҷавобгар буд. Муаррих Б. Аҳмедов нақибро ҳамчун роҳбари ситоди ҳарбӣ маънидод намудааст [3, с. 150].

Амал ва унвони дигар, ки дар даргоҳ мақоми баланд дошт,- қушбегӣ (аз туркии қуш – парранда, масъули шикори амир, нозири сагон ва паррандагони шикории хон) буд. Ӯро мири шикор, сардори ҳайвонот ва паррандагони шикории амир ҳам меномиданд (қушчӣ). Лекин, баъзе муҳаққиқон қӯшбегӣ ва қушбегиро ки бо хати арабӣ як хел навишта мешавад, як амал ва унвон дониста бо як маъно ташреҳ мекунанад, ки хатост.

Дар асрҳои XVII ва XVIII амали қушбегӣ аз оталиқ ва нақиб паст будааст. Муаллифи "Маҷмаъ-ал-арқом" амали қушбегиро аз кӯкалдошӣ пасттар медонад ва "қушбегии бузург – масъули паррандаҳои шикорӣ, сагони тозӣ ва ба ҳар чизи ба ин мансуб ҷавобгар аст" гӯён тавсиф мекунад [9, с. 97].

Муаррих М.Абдураимов амали қӯшбегӣ ва қушбегӣ миёни ҳам фарқ дорад, гӯён хатоҳои баъзе олимонро нодуруст шуморидааст [1, с. 54-60], ки ин ақидаи ӯро ҷонибдор ҳастем. Мутаасифона, ин хатогиро олимони имрӯзаи ӯзбакистонӣ такрор мекунанд, ки дар аксари навиштаҳои онҳо имлои ин ду истилоҳ як хел чун "қушбеги" навишта мешавад. Қӯшбегӣ (аз "қӯш+ун/хушун")-и муғулӣ буда, яъне қароргоҳ, ставка, лагер, ҷойгоҳи ҳарби(ён), сардор, беки онро дорад. Ҳамчунин, дар аморат қӯшбегии кулл(и мамлакати маҳруса) ва қӯшбегии хос ном амал ва унвонҳо мавҷуд буд [3, с. 364].

Дар даврони ҳукмронии аштархониён Убайдуллоҳхон (1702-1711) ва ҳукмдори заифи ин хонадон Абдулфайзхон (1711-1747) қӯшбегӣ ба амалдори дараҷаи дуввум мубаддал гашта буд. 18 апрели соли 1709 (7-уми моҳи сафари соли 1121 ҳичрӣ),

ҳукмдори аштархониён Убайдуллоҳхон дар қароргоҳи тобистонаи худ боғи Хонобод мансаб ва амали нав “қӯшбегии кулл”-ро ҷорӣ карда, ба ин мансаб собиқ ғуломи худ иноқ Тӯрақулбиро гузошта буд. Дар замони Абдулфайзхон бошад, Ҷавшан қалмиқ ном қӯшбегии-кулл тамоми ваколатро соҳиб шуда бар замми ин, ҳукумати Бухоро, Самарқанд, Кеш, Ҳисор, Термиз ва Тошкентро ба дасти худ гирифта буд [3, с. 59].

Дар охирҳои салтанати Аштархониён қӯшбегии аз миёни манғитиён таъин шуда (Муҳаммад Ҳакимбӣ ва писари ӯ ва вориси унвонаш Муҳаммад Раҳимбӣ) тамоми сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, ҳалли масоили молиётро ба дасти худ гирифта, дар асл ҳукмдорро дар ҳолати асирӣ нигоҳ медоштанд.

Масалан, ҳукмдори дуввуми сулолаи манғитиён Дониёлбӣ оталиқ (1758-1785) ғуломи эронӣ Давлатро ба мансаби қӯшбегӣ сазовор дониста буд. Ин ғулом тадриҷан тамоми ваколатҳо, ҳатто корҳои молиявиро ҳам ба даст гирифта буд. Дониёлбӣ оталиқ ба эътирози писари худ Шоҳмурод зидди Давлат қӯшбегӣ оҷизии худро дар нисбати чорабиниҳо барои кам кардани таъсири қӯшбегӣ ба корҳои давлатӣ тан гирифта буд. Дар ин бора муаррихи Бухороӣ Мир Абдулкарим Бухорӣ ахборот медиҳад. Чи тавре, ки аз ҷараёни минбаъда мебинем, амир Шоҳмурод ҳангоми қабули сафирони хориҷӣ қӯшбегиро қатл карда бо ҳамин худаш ва аморатро аз сӯистеъмолии қӯшбегӣ халос карда буд.

Дар аморати Бухоро баъдтар лавозими қӯшбегии кулл, ё қӯшбегии-боло (яъни олӣ, қӯшбегии аввал) ва қӯшбегии хурд (поён) ҷорӣ карда мешавад (10, 32-33). Агар амир Шоҳмурод (1785-1800) ва амир Насруллоҳ (1826-1860) ҳукумат ва ваколати қӯшбегиро то ҳаддде маҳдуд карда бошанд ҳам, амир Ҳайдар (1800-1826) ба соҳиби амали қӯшбегӣ буда Ӯткирбӣ ҳокимият ва ваколати зиёде дода буд (5, 60). Амир Насруллоҳ ҳам айнан тавассути дастгирӣ қӯшбегии Бухоро Давлат қӯшбегӣ ва Ҳаким қӯшбегӣ ба сари қудрат омада, баъдтар онҳоро бо баҳонае қатл карда, ҳукумати мустақили худро оғоз карда буд.

Дар замони амир Насруллоҳ қӯшбегӣ Абдулазизбӣ чун амалдори ба ҳукмдор босадоқат ва шахси бо лаёқат ба хотир гирифта мешавад.

Амал ва унвони дигари даргоҳ – девонбегӣ буд. Девонбегӣ, бек сардори девон дар аввал сардор, масъули девони андоз ва хироҷ буд. Ба ӯ масъулияти тақсими оби Қарокӯл ҳам дода шуда буд. Мирзо Бадиъ девон ӯро “девонбегии бузург” гӯён ном мебарад [9, с. 96-97]. Ӯро баъзан вазири молиёт, девони олӣ ҳам мегуфтанд. Баъдтар ба ӯ унвони қӯшбегии хурд ё поён нисбат дода мешуд (идораи ӯ аз арк поёнтар ҷойгир шуда буд, барои ҳамин ба ӯ сифати “поён”-ро нисбат дода буданд).

Дар нимаи дуввуми асри XIX дар назди қӯшбегии поён то 100 нафар амалдор адои вазифа мекарданд [8, с. 152-153]. Қӯшбегии поён асосан ба корҳои молия машғул шуда дар айни ҳол сардори тамоми закотчиёни аморат маҳсуб мешуд (закотчии калон). Бар замми ин ӯ сардори девонбегиҳои вилоятҳо буд. Дар мавриди набудани қӯшбегии боло ваколати ӯро ҳам қӯшбегии поён иҷро мекард.

Парвоначӣ (аз калимаи тоҷикии “парвона” (приказчик)) чун парвона арзу-доди мардумро ба амир мерасонид ва ҷавоби онҳоро ба соҳибони он бозгашта меовард. Баъдтар чун унвони фахрӣ ба ашхоси ба амир ва дарбор наздик дода мешуд.

Дар асри XVIII маъмурии дастаҳои қӯшуни амир, ташкили мудофиаи истеҳком ва қалъаҳо, ҳукумати баъзе вилоятҳо ба дӯши ӯ гузошта шуда буд.

Идораи ҷамоаи арабон ҳам ба ӯ мансубият дошт. Хабар ва маншури ин ё он унвон ё амалро соҳибонаш аз дасти парвоначӣ бо сару пои амали нав ва ёрлиқ гирифта то се рӯз намоишкорона ёрлиқи вазифаашонро ба саллаашон зада мегаштанд [6, с. 37].

Додхоҳ (аз калимаи тоҷикии “дод+хоҳ” – адолат+хостан) яке аз амалҳои муҳими дарборӣ дар асрҳои XVII-XVIII ва минбаъда буда аст. Соҳиби ин унвон ариза ва шикояту талаботи мардумро ба амир расонида “дод/адолат мехост” ва баъзан худаш ба онҳо ҷавоб медод. Амали додхоҳ минбаъд аҳамияти худро гум карда ба дараҷаи унвони мингбошиён расида, моҳиятан ба унвони ҳарбӣ баробар шуд [3, с. 157]. Додхоҳ чун шахси низомӣ дар дарбор соҳиби ҷойи худ буд.

Кӯкалдош (аз туркии кӯкракдош – ҳамшир хӯрда, аз як сина ширхӯрдагон) амалест, ки ба шахси ба ҳукмдор наздик дода мешуд ва аксаран ба амният, муҳофизати ҳукмдор ва оилаи ӯ ва мамлакат масъул буд [9, с. 97].

Иноқ (ба маънои вакил, шахси босадоқат, дӯст) чун амал аз иноқи калон ва иноқи хурд иборат буда иноқи калон амру фармони олиро ба шахсони алоқадор мерасонид ва ашхоси ба суҳбати амир даъватшударо ҳамроҳӣ карда ба қабул меовард; иноқи хурд бошад дар маросими қабул ва бордиҳӣ нома ва амру фармони амирро гирифта ба мунши ё дигар амалдор медод [9, с. 97].

Дар нимаи асри XIX дар аморат мақом ва ваколати тӯпчибошӣ боло меравад. Зеро дар задухӯрд ва ҷангҳои ин давра роли артиллерия афзуда аз сабаби кам будани мутахассисони тӯпчӣ амалдорони ин соҳа аз хориҷ ҳам даъват шуда буданд. Тӯпчибошиён баъзан дар суҳбати амир ҳуқуқ доштанд нишаста иштирок кунанд [9, с. 98].

Тӯпчибошӣ чун вазири ҳарб горнизони Бухоро, артиллерияи Бухороро зери маъмурияти худ нигоҳ медошт.

Тӯпчибошии арки олӣ артиллерияи аркро зери фармони хеш дошта дар навбати худ вазифаи коменданти қалъаро ҳам иҷро мекард.

Дар дарбори аморати Бухоро боз хоҷаи калон (сардори ходимони ҳарам), меҳтар (масъули закот ва дигар андозҳо), юртчӣ (масъул ба корҳои ободонӣ ва оростагии кӯчаҳо), эшик оға бошӣ, мирохӯр, шиғовул, мирзобошӣ, хазиначӣ, қӯрчибошӣ, чуҳра оға бошӣ, бӯйин оға, ҷарчӣ, тавочӣ, баковул бошӣ, қоровул бегӣ, дастурхончӣ, ҷевачӣ (ҷавшансоз), тӯқсабо (сардори дастаи ҳарбие, ки тӯғ/парчам дорад) баҳодир барин дигар мансаб, лавозим ва унвонҳо буданд. Муаллифи “Маҷмаъ ал-арқом” умуман номи зиёда аз 130 унвон, мансаб ва амалҳоро ба забон овардааст [9, с. 92-100].

Чи тавре ки дар боло зикр шуда буд, табақаи диндорони ислом, яъне уламо як табақаи хос буда, дар аморат мақоми баланде доштанд. Амирони манғит дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ ҳамчунин, дар мавриди амалӣ гардонидани хостаҳои молиявии худ талаб ва дархости ин табақаро ҳатман ба инобат мегирифтанд [7, с. 108]. Онҳо танҳо дар ҳамин ҳолат метавонистанд бо муваффақият сиёсат ронанд ва дар сари тахти худ хотирҷамъ нишинанд.

Аз амалҳои олии динӣ метавон амали шайх-ул-исломро ба забон гирифт. Чун роҳбар ва пешвои ҷамоаи мусулмонони аморат шайх-ул-ислом дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маданӣ роли чашмнигаре мебозид. Ба ин амал номзад аз миёни авлоди пайғамбар, сайидҳо таъин мешуд. Дар Бухоро аз давраи ҳукмронии Шайбониён Хоҷагони Ҷӯйборӣ ва авлоди Хоҷа Аҳрор ба ин амал таъин мешуданд. Ғайр аз қудрати сиёсӣ намояндагони уламои ислом мулкдорони аз ҳама бой ва сарватманд буда дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат ҳам мақоми баланду назаррасе доштанд.

Баъд аз шайх-ул-ислом дар аморат қозикалон амали олӣ ҳисоб мешуд. Қозикалон дар Бухоро ва марказҳои вилоят, туманҳо аз миёни фориғуттаҳсилони мадрасаҳо таъин мешуданд. Қози-ул-қуззот чун роҳбари тамоми қозиҳои аморат фаъолият бурда, инстансияи охирин баъд аз амир буд. Ваколати қатл ва авф карданро фақат амир дошт.

Муфтӣ доир ба масъалаҳои динӣ ҳангоми мурофиа фатво (хулоса, қарор) медод. Дар ҳузури қозикалони Бухоро 14 нафар муфтӣ фаъолият мебурд. Аз миёни муфтиён аълам интихоб мешуд ва ба ӯ чун мударриси дараҷаи олӣ аз вақфи мадрасаи Говкушон даромади бузурге медоданд.

Раис чун масъули ҷамоаи мусалмонон дар пойтахт ва марказҳои вилоят фаъолият бурда, риояи аҳкоми шариатро назорат мекард. Дар назди ӯ муҳтасиб буда кори бозорҳо, риояи аркони исломро (намозхонӣ, ташриф ба масҷид ва ғ.) назорат мекард. Ба ин амалҳо ҳам аскаран намояндаҳои оилаи сайидон ва хӯҷаҳо, ҳамчунин, аз ҳисоби хатмкардагони пешқадами мадрасаҳо, қатъи назар аз баромади иҷтимоӣ, номзадҳо таъин мешуданд [2, с. 20].

Кори вақфи саййидҳо ва хоҷагонро садри судур, ӯроқ ва файзӣ назорат мекарданд [8, с. 32-33]. Шахсони дараҷаи илмии динӣ дошта - рӯҳониён дар аморат таъсири калон доштанд.

Дар аморат мударрисон ва талабагони мадрасаҳо ҳам чун табақаи рӯҳониён соҳиби эътибор ва эҳтиром буданд. Мударрисҳо аз рӯи дараҷаи илмашон ба мударрисони олӣ, авсат (миёна) ва адно (паст) тақсим шуда аз рӯи унвонҳояшон ба мударрисони адраспӯш ва мударрисони атласпӯш ҷудо мешуданд. Вакилони онҳо аз шайх-ул-ислом сар карда то мударриси одӣ бе камарбанд дар ҳузури амир буданашон мумкин буд.

Мардуми ғайри мусалмон (яҳудиён, насрониён, арманиҳои Бухоро) андози ҷон, яъне ҷизя (саргазид) месупориданд. Амир Шоҳмурод ва амир Насруллоҳ дар замони ҳукмронии худ ҳуқуқи диндоронро ба манфиати асилозодагони дунявӣ хеле маҳдуд карда буданд. Дар замони онҳо аристократияи ҳарбӣ ва ашрофони қабилаҳо соҳиби иззат ва эътибори хос буданд. Минбаъд аз замони амир Музаффар сар карда рӯҳониён мавқеи худро аз сари нав мустаҳкам кардан гирифтанд. Дар даврони амир Олимхон бошад, онҳо тамоми қудратро ба дасти худ гирифта буданд. Амир Олимхон, ки се сол дар Петербург таълими урупоӣ гирифта буд, дар муқобили таассуб ва хурофоти уламои Бухоро оҷиз буд.

Дар остонаи истилои аморати Бухоро аз тарафи Русия подшоҳи мамлакат аз вилоят (бекигарӣ)-ҳо иборат буд. Ҳар як вилоят аз тарафи ҳоким – бек идора мешуд. Дар аморат 27-то бекигарӣ: Кармина, Хатирчӣ, Зиёвиддин, Нурота, Қаршӣ, Китоб, Шаҳрисабз, Чироқчӣи, Яккабоғ, Ғузор, Бойсун, Шеробод, Деҳнав, Қаршӣ, Чорҷӯй, Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин, Дарвоз, Балҷувон, Шуғнон-Рӯшон, Қӯрғонтеппа, Қубодиён, Калиф, Бӯрдалик, Қабоғлӣ ва Наразим мавҷуд буд.

Вилоятҳои Самарқанд ва Бухоро ба туманҳо тақсим шуда, он аз тарафи доруға идора мешуд. Доруға боз ноиб дошт. Ба ҳар як вилоят бек, қозӣ, раис ва амлокдор аз тарафи амир таъин мешуд.

Ҳокими вилоят ҳам маҳкамаи худро дошт. Маъмурияти ҳар кадом вилоят ва қисми ҳарбии он аз ҳисоби андозҳои мухталиф ва хироҷу танобонаи ҳамин вилоят таъмини маош ва фаъолият мекард. Бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, махсусан Бадахшон вилоятҳои камдаромад буда, барои ҳукумати он хоҳишмандон ҳам кам буданд. Сатҳи зиндагӣ ва ҳолати иқтисодии аҳолии ин ҳудудҳо ҳам хеле бад буд. Норозиёнро ҳукуматдорони маҳаллӣ дар зиндон ва бандихонаҳои махсус нигоҳ дошта, баъд аз амри амир нисбати онҳо чора дида мешуд [4, с. 131].

Мардуми кӯчманчӣ аз тарафи пешвоёни қабилаи худ, ки унвони бий ва бекро доштанд, идора мешуданд. Дар мавриди заиф гаштани ҳукумати марказӣ дар шахси амирони манғит зиддияти пешвоён ва зодагони қабила бо ҳукумат пурзӯр гашта, боиси задухӯрдҳои сангин мегашт [5, с. 154-155].

Аз маълумоти боло хулоса гирифта гуфтан мумкин аст, ки сохти идорӣ ва маъмурии аморати Бухоро қабл аз истилои Русия ва истиқрори тартиби мустамликавӣ ба тарзи анъанавии баъд аз тохту този муғулон ҷорӣ шуда давом мекард. Анъанаи тасаллути муғулӣ, ки дар илм номи анъанаи чингизиро гирифта аст, минбаъд дар замони Темур ва ворисони вай, баъдан дар замони шайбониён ва аштархониёну манғитон давом карда буд. Ин тарзи давлатдорӣ, мутаассифона, ба сохтори қабилавӣ ва кӯчманчигии ҷамъияти Осиёи Миёна хос буд. Тоҷикон ки анъанаи қадими давлатдорӣ доштанд, қудрати олии сиёсиро аз даст дода, бештар дар дарборҳо, ҳаёти молиявии мамлакат, илму фан ва адабиёт, соҳаҳои мухталифи маданият ва санъат фаъолият варзида, бештар талаботи маънавии мардумро қонеъ мекарданд. Бо ин роҳ онҳо тавонистанд забони тоҷикиро чун забони давлатӣ ва маъмурӣ нигоҳ доранд. Аҷдоди тоҷикон тавонистанд анъанаҳои хубтарини давлатдориро нигоҳ доранд ва бо ин ягона роҳи ҳамкории халқи тоҷикро бо тамоми боигариҳои маданӣ ва маънавӣ, эстетикӣ ва ахлоқӣ аз нестномӣ ва омезиши этникӣ эмин доранд.

Адабиёт:
1. Андреев М. С. Таджики долины Хуф. Том 1. – Душанбе, 1953.
2. Абдураимов А. А. Кошбеги, а не куш беги (К истории установления власти кошбеги в Бухарском ханстве) // Общественные науки в Узбекистане. - 1974. -№ 11. – С. 54-60.
3. Ахмедов Б. А. История Балха. – Ташкент: Фан., 1982.
4. Ефремов В. Девятилетнее странствование Российского унтер-офицера Ефремова.-М., 1952.
5. История народов Узбекистана. Т. 1. – Ташкент, 1947.
6. Кисляков Н. А. Патриархально-феодалные отношения среди оседлого сельского населения Бухарского ханства в конце XIX-начале XX в. – М-Л., 1962.
7. Крестовский В. В. В гостях у Бухарского эмира (путевой дневник). – Спб, 1887.
8. Маджлисов А. Аграрные отношения в Восточной Бухаре в X1X –начале XX века). – Душанбе: Ирфон. 1967.
9. Мирза Бади. Диван Маджима ал-аркам (предписания фиска) / Введения, перевод, примечания и приложения А.В. Вильдановой. – М.: Наука, 1981.
10. О некоторых событиях в Бухаре, Коканде, Кашгаре. Записки Мирзы Шамса Бухари, изданные в тексте с переводом и примечанием В.В. Григорьева. – Казань, 1861.
11. Трактат Ахмада Дониша. История магитской династии (перевод, предисловие и примечания Н. А. Наджафовой). – Душанбе: Дониш, 1967.

АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВЛЕНИЕ БУХАРСКОГО ЭМИРАТА (ДО СЕРЕДИНЫ XIX ВЕКА)

В этой статье исследуется управленческая и административна структура Бухарского Эмирата до нашествия России и стабилизации протекторате над Бухарским государством со строны Российской империи. Административная структура эмирата анализирована вертикальным и горизонтальным способом. В связи с этим исследуется действия и звания, их обязанности, степень каждого действия и должности, зароботная плата и их доходы. Также даются сведения об исламских религиозных сословиях, которые сыграли важную роль во внутренную и внешную политику государство.

Ключевые слова: накиб, кушбеги, додхох, парвоначи, тупчибоши, муфти.

THE ADMINISTRATIVE BOARD OF THE EMIRATE OF BUKHARA (MID - XIX CENTURY)

This article explores the management and administrative structure of the Bukhara Emirate before the invasion of Russia and stabilization protectorate of Bukhara State from the side of the Russian Empire. The administrative structure of the emirate analyzed vertical and horizontal way. In connection with this action and investigate the title of their duties, the degree of each action and positions zarobotnaya fee income. Also provides information about Islamic religious class, which played an important role in the domestic and foreign policy.

Key words: naqib, kushbegi, dodhoh, parvonachi, tupchiboshi, mufti.

Сведение об авторе: Келдиёров Бехзод Султонович, соискатель кафедры история таджикского народа Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, e- mail: tsultoni1970@mail.ru

Informtion about author: Keldiyorov Behzod Sultonovich, the researcher of the chair of history of tajik people, Tajik State University of Law, Business and Politics

«ТАЪРИХИ НАРШАХИ» - ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК ПО ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА VII ВВ.

Кушматов А.
Таджикский национальный университет

История таджикского народа эпохи феодализма до сих пор остается малоизученной. Для исследования этого периода важное значение имеют труды арабоязычных и персоязычных историков средневековья. Одной из важнейших является

«Таърихи Наршахи»[1] [5, с. 118; 6, с. 546] («История Бухары»). В джумадиалаввал 522 года, в мае 1128 году другой ученый Абу Наср Ахмад Ибн Мухаммад ибн Наср ал-Кубави сделал сокращенный перевод истории Наршахи на таджикский язык и значительно дополнил ее использовав сочинения «Хазоин-ал-улум» (Сокровищницы наук) Абу Хасана Абдурахмана ибн Мухаммада ибн Нишапури, а также «Таърихи Табари» автора арабского оригинала Мухаммада ибн Джарира Табари. Абу Насром Ахмадом ибн Мухаммадом ибн Насром ал-Кубави была дополнена глава 1 о достоинствах Бухары, глава 2- об ученых, занимавших должность кази в Бухаре.

Включены также рассказы о древней истории Бухары, расширена глава об истории города Бухары и ее провинциях. (Зикри Бухоро ва ҷойҳое, ки музофи аст ба вай). Сведениями из книги «Хазоин –ал-улум» автора произведения «Масолик ва Мамолик» Абдулхасана Нишапури. также добавлены три последние главы «Истории Наршахи»: Правления Абдулмалика Ибн Нух, правления Исмаила Сомони и последующих правителей. Тем самым, сочинение доведено до смерти Мансура ибн Нуха Саманида, т.е. 387 г. хиджри, 997 г.

Другой ученый Мухаммад ибн Зуфар ибн Умар в 1179 г. снова переработал перевод ал –Кубави, подвергнув его новому сокращению.

В хранилищах рукописных фондов научных библиотек Российской Федерации хранятся несколько ценных рукописей истории Наршахи. Один из самых ранних из всех известных списков рукописей хранится в рукописном фонде восточного отдела библиотеки Санкт-Петербургского госуниверситета (под инв. № 947). Хорошая рукопись истории Наршахи хранится в рукописном фонде института востоковедения АН Таджикистана (под № 513/II). Здесь имеется также персидский текст истории Наршахи, изданная в новой Бухаре (современный Когон). (Типография Гай Синского и М. Бензетского, 1904 г) [6, с. 25].

Известные исследователи средневековой истории Средней Азии В.В. Бартольд, А.Ю. Якубовский, Б.Г. Гафуров, А.Дж. Джалилов, Н. Негматов, О.Д. Чехович, А.М. Беленицкий и др. в своих исследованиях неоднократно отмечали важность научного значения «Истории Наршахи», но по причине весьма малой изученности истории Средней Азии раннего средневековья, этот источник, как и многие другие оставался малоизученным.

Теперь переходим к рассмотрению истории таджикского народа по данным «Истории Наршахи». Представляют большую ценность для исследователя сведения Наршахи по социально-экономической истории таджиков доисламской эпохи (VI-VII вв). В отличие от тюркских народов, живших на территории Центральной Азии, среди которых преобладало кочевое скотоводческое население, таджики в основном имели оседлый образ жизни и занимались земледелием. Местное земледельческое население в Согде и Тохаристане в значительной своей массе превратилось в зависимых кедиваров.[2]

Среди земледельческого населения Согды и Тохаристана существовала большая патриархальная семья, в состав которой входили иногда и домашние рабы. Кедивар и экономически и лично зависел от богатого землевладельца – дехканина. В этот период численно возросшие кедивары представляли собой основную социальную силу в феодальном обществе Средней Азии. Согласно сведениям Наршахи большую роль, особенно в Согде, в этот период играли купцы. Выходили они, по преимуществу, из среды дехканской знати. Дехкане имели свои укрепленные усадьбы – замки. Эти замки строились вблизи водораздельных плотин основных рек Средней Азии, что давало дехканам возможность контролировать распределение оросительной воды и этим держать земледельческое население в полной зависимости. В случае неповиновения

[1] Сочинение известно также под названием Китоби Муллозода. Оно написано на арабском языке Абубакром Мухаммедом ибн Джафаром ибн Закарийа Наршахи, который жил в 286-348 хиджри, 899-959 гг. Сочинение Наршахи написано в 943-944 гг и посвящено Саманидскому правителю амир Хамид Нух ибн Насру ибн Ахмад ибн Исмаил Сомони 331-343 года хиджри = 942-955 гг.

[2] Кедивары – зависимые крестьяне

кедиваров, дехканин мог лишить их оросительной воды, что лишало кедиваров средств к существованию.

Каждый дехканин считавшийся фактически самостоятельным правителем своего владения, содержал небольшое войско. Небольшие средние дехкане содержали до ста или несколько сот вооруженных людей. Но мелкие дехкане подчинялись более крупным. Так правители Бухары – бухархудаты имели до нескольких тысяч воинов и дехкане, а имения, которые были расположены вокруг Бухары, им подчинялись, т.е. мелкие дехкане окрестностей Бухары.

В доисламский период наиболее распространенной религией являлся зороастризм (зардушти)[1], в его среднеазиатских вариантах начиная с кушанского периода [6, с. 25]. В южных областях Центральной Азии начал распространяться буддизм. Так, рассказывая о доисламских религиях Бухары, Наршахи пишет, что в г. Бухаре в доисламском периоде имелся базар, который назывался «Бозори моҳ», где два раза в год устраивалась специальная ярмарка по продаже икон (бутфурӯшӣ). Далее Наршахи, рассказывая о масштабе продаже икон пишет, что за день на этом базаре продавалось икон на сумму до пятидесяти тысяч дирхемов.

Согласно версиям, приведенным Наршахи, в древности, Бухарой управлял падишах по имени Мох и этот вышеуказанный базар был построен по его повелению, почему и базару было присвоено его имя. По повелению этого падишаха специальные мастера (наккаши) в течение года занимались изготовлением икон (бут) и в определенные базарные дни (два раза в год) продавали эти иконы в названном базаре г. Бухары [6, с. 25].

В дни ярмарки по продаже икон, сам Бухарский падишах прибывал на базар, устанавливал свой трон и сидя на троне, наблюдал за торговлей иконами. На окраине базара был расположен храм огнепоклонников (оташхона). Подданные Бухарского падишаха съезжаясь на ярмарку перед покупкой совершали в этом храме религиозные обряды и только после этого они на базаре покупали иконы (бут) затем отправлялись по домам. После установления религии ислама (VIII в), здание храма огнепоклонников было превращено в мечеть. При жизни автора «Таърихи Наршахи», она считалась одной из главных мечетей Бухары.

Представляют интерес сведения Наршахи об истории возникновения самого города Бухары. По его словам город возник в древности. Название города несколько раз было изменено и впоследствии утвердилось название Бухара. Наршахи приводит сведения об истории строительства городской арки (цитадель). По его словам легендарный Сиявуш- сын Кайкавуса сбежав от своего отца из Хорасана, переправился через реку Джайхун (Аму-Дарью) прибыл к Афрасиабу.[2] Афрасиаб хорошо его принял и подарил Сиявушу целую область. Сиявуш получил от Афрасиаба область, прибыл туда и построил крепость (Хисор) – город Бухара, который именовался Арком. После чего между Афрасиабом и Сиявушом возникла вражда и в этой борьбе Сиявуш был убит и захоронен в окрестностях г. Бухары в местности Гуриён.

Население города Бухары (доисламской эпохи), считало Сиявуша основателем города Бухары и его могилу превратило в место поклонения и ежегодно в дни религиозных праздников все население города совершало поклонение на могиле Сиявуша. Каждый мужчина – житель Бухары при обрядах жертвоприношения жертвовал одного петуха [6, с. 28]. На следующий день (Наврӯз-весны) уже каждый

[1] Зороастризм (зардуштӣ) – у иранских племен уже в рубеже II-I тысяч до н.э. существовали определенные верования и представления, вошедшие позже в зороастризм. Следует, в частности, отметить культ Митры. Почитаемые иранцами божества назывались ахурами. Постепенно появилось представление о верховном божества Ахуре, которого называли Мазда – «мудрый».
Следует считать установленным, что заратуштра – реальное историческое лицо. Он составитель «Гат, в которых очень ярко выступает личность проповедника, живого и борющегося человека. Позже уже в «Младшей Авесте», заратуштра появляется как мифологический персонаж.

[2] Афрасиаб – легендарный основатель г. Самарканда.

жертвовал курицу. Согласно легендам приведенным Наршахи, город Бухара был основан Сиявушем за три тысячи лет до ислама.

Внутри Хисора Бухары строились дворцы правителей и военачальников (Амирон ва Сархангон).Там же находился зиндан и здание учреждений (дивон).[1] С древних времен казна также хранилась в Гиссаре. Но с течением времени Хисор Бухары был разрушен, при Саманидах заново построен. В конце правления Саманидов в конце X. века (при нашествии Султан Санджара в Бухару) Хисор Бухары снова был разрушен, но спустя некоторое время, по приказу Сабуктегина[2] крепость снова была восстановлена. С западных ворот Хисора до Регистана занимали место дворцы бухарской знати. Эти здания были величественными. Всего диванов насчитывалось десять. По данным Мухаммада Наршахи в самом Регистане было расположено здание государственных дивонов, таких как дивон вазира, (ходжаи бузург) дивон Муставфи, дивон Сохи баш-шурат, дивон амид ал-мулк, называемый также дивон ал-расаил (посланий илинша (сочинении) и др.

Сведения автора «Истории Бухары» представляют большой интерес и по вопросам налоговой системы государства Саманидов. Автор выделил много восхвалительных слов о значении основной ирригационной системы Бухары – Джуи Мулиён.[3] Этот арык считался собственностью (мулк) Бухархудотов. Водою этого арыка в основном орошались земли членов царского дома. Каждый царевич на берегах этого арыка имел свои имения, дворцы. Например Исмаил Саманид построив много сараев, дворцов и имений на берегу арыка Мулиён, затем их пожертвовал в вакф.[4] Посевные земли этого арыка в год давали доход, равный сумме – в десять тысяч дирхемов [6, с. 35]. Здесь много находилось государственной земли (мамлакаи султонӣ).

Говоря о методах распространения ислама в Средней Азии, Наршахи приводит такие примеры: когда Кутайба ибн Муслим завоевал Бухару, приказал, чтобы каждый житель города уступил лучшую половину своих домов арабам. Тем самым арабы взяли под свой контроль действия жителей Бухары и выполнение ими культовых обрядов мусульманской религии. Таких арабских семей переселенных в г. Бухару насчитывалось около 700 семейств (кушк.) [6, с. 35].

Представляют интерес сведения Наршахи о купли - продаже земель. Цена на земли вокруг Бухары была очень высокой. Один джуфти гав[5] земли стоил до четырех тысяч дирхемов серебром. Важными являются сведения автора и о других основных оросительных системах, как каналы (руд) Кармина, канал Шопуркон и др. согласно версиям, приведенным Наршахи, канал Шопуркон получил свое название от имени одного из царевичей дома Саманидов, которого называли Шопур. Он переселился в этот район и так, как этот район был его имением, то району также было дано его имя. Земли Шопуркона были очень плодородными. Шопур прорыл здесь большой канал, который также носил его имя.

Исключительную ценность представляют сведения Наршахи о Харадже (хироҷ) в Бухаре и его окрестностях, составлявшие в год 1 миллион 60 тысяч 506 дирхем. Размеры Хараджа были равны 40% общего урожая [6, с. 40]. Автор «Таърихи Бухоро» приводит сведения о неоднократных нашествиях кочевых племен севера Мавераннахра на город Бухару, ее окрестности. Эти кочевые племена в VIII-IX вв. еще не были мусульманами. Их походы носили грабительский характер и представляли большую разрушительную силу. Для защиты городов от нападения кочевников по приказу Аббасидских халифов

[1] Дивон. При Саманидах государственный аппарат делился на царский двор (даргах) и на диваны (военно-гражданские центральные управления).

[2] Сабуктегин - основатель династии Газневидов.

[3] Название арыка Мулиён происходило от названия Джуи Мавлоён, т.е. арык знати.

[4] Вакф – имущество пожертвованное в пользу религиозных учреждений мазар, мечети, медресе, хонакох, тахаратхона и т.д.

[5] Джуфти гав – пара волов; земельная площадь, обрабатываемая парой волов. Размер этой площади различен для разных сельскохозяйственных культур, и в некоторых случаях доходил до 40-50 танапов (10-12 га).

вокруг Бухары была построена стена, которая впоследствие получила название «Девори Кампирак» и были установлены ворота.

После возведения этой стены, страна Согдийцев была спасена от нашествия кочевников. Для защиты города на расстоянии каждой полумили строились укрепленные башни, которые были завершены в 215 хиджри (830 г.).стены и укрепления строились трудом бухарцев, что легло на их плечи, по признанию автора истории Бухары, тяжелым бременем. Кроме постоянного участия населения на строительстве этих укреплений в виде хашара, с населения также взимались денежные подати. Только Исмаилу Саманиду удалось нанести кочевникам сокрушительные удары и кочевники, при его правлении не осмеливались напасть на Бухару [6, с. 42].

В «Таърихи Бухоро» (Истории Бухары) детально приведены данные о завоевании этой страны арабами. Когда Муовия отправил в Хорасан Абдулло ибн Зияда то последний переправился через реку Джейхун (Аму–Дарью) и начал свой поход против Бухары. Из-за малолетства бухарского царевича страной управляла его мать. После одержания победы арабский военачальник Абдулло заключил с бахарцами мир на очень тяжелых для последних условиях. Победителю была выдана большая контрибуция.

Арабы захватили в плен 4 тысяч бухарцев, которые затем были превращены в рабов (барда). Это событие произошло в конце 53 года и начале 54 гола хиджри (672-673 год н.э.). Сумма контрибуции была равна 6 миллионам четырёхстам дирхемам. В 56-х года (675-676 гг.) новый наместник Хорасана Саид Ибн Усман совершил новый поход на Бухару. Войска арабов составляли 120 тысяч воинов. Правительница Бухары (хотун) собрала войска и выступила в сражении. Саид, не сумев завоевать город Бухару, отправился против Самарканда. Следующим арабским завоевателем, совершившим поход против Бухары был Салим ибн Зиёд. На этот раз против арабов был создан союз правителей Мавераннахра, где в союзе с оседлыми таджиками воевали против арабов и кочевые турки. Против арабов союзники выставили 120 тысяч войск [6, с. 51]. В сражении арабы были разгромлены и только небольшой части удалось спастись бегством. Наконец известному арабскому военачальнику Кутейба ибн Муслиму, который отличался особой жестокостью и большим военным талантом, удалось завоевать город Бухару. Это произошло в 88 году хиджри 706 год [6, с. 55]. Согласно слов Наршахи оборона Бухары и осада арабами этого города продолжались 50 дней. Население оказывало завоевателям упорное сопротивление. Об упорстве защитников города свидетельствуют такие данные, что Кутейба объявил большие вознаграждения тем, кто первый вступит в город Бухару. После захвата города население было ограблено и арабы в городе оставили своего ставленника. Но когда Кутейба вернулся в Хорасан, население Бухары снова восстало и свергнуло арабского наместника в Бухаре. Кутейбе пришлось вторично завоевывать город Бухару и жестоко расправиться с восставшими бухарцами.

Большое место в «Таърихи Наршахи» выделено борьбе тахиридов с саманидами, политике арабских халифов, направленной на ослабление саманидского государства и победу саманидов в этой борьбе.

Со стр. 74 «Истории Наршахи» речь идет о родословии правителей дома Саманидов, родоначальником был Асад ибн Абдулло, который управлял Хорасаном. Он скончался в 166 году хиджри. Его предки (Чадиэшон) Сомонхудот был родом из Балха. Он при правлении наместника Асада ибн Абдуллы принял ислам в 166 г. хиджри 782 г. н.э. поэтому его называли Сомонхудотом, затем он построил село, и назвал его Сомон. Сын Сомон Худата по причине признательности Асаду ибн Абдулла также был назван Асадом. Асад был отцом фактического основателя могущественного государства Исмаила Сомонида (Исмоил бини Ахмад бини Асад бини Сомонхудот). По преданиям Сомон Худот был одним из сыновей легендарного правителя Бахрама Чубина. После этого правителя дома Саманидов продолжали увеличиваться и

господствовать (далее перечисляются другие правители этого дома). Первоначально население Бухары не принимало ислам и уплачивали джизья.

Весьма важными являются сведения о восстании Муканны[1] (Хошим бини Хаким), который считал себя продолжателем дела Абумуслима. Многие народа поддерживали Муканна и он долго вел упорную борьбу против арабов. Большинство из населения страны отреклись от ислама и стали «кафирами». Центром движения был Кешский вилайят (Шахрисабз). Восставшим удалось захватить Гиждуван и приблизиться к Бухаре. Это движение называлось также движением Сафедджомагон (носящие белую одежду). Против восставших с войском выступил Хусайн ибн Маофа. Арабское войско поддерживал влиятельный бухарский кази Сомир бини Умар, который из бухарской знати создал вооруженный отряд. В месяц раджаб 159 г. хиджри с 25 апреля по 25 мая 776 г. в селении Наршахи прошло сражение. Перед сражением бухарский кази принял меры, чтобы вернуть восставших к исламу, однако восставшие отказались.

Сражение было жестоким и кровопролитным, 700 человек из восставших были убиты, а часть вернулись к исламу и был заключен мир. Вслед за этим, восставшие согласились вернуться по селениям и признать власть арабов и выплачивать налоги.

Однако большинство восставших снова отказались от выполнения условий мира и продолжали убивать мусульман (арабов). Арабский халиф Махди отправил против восставших большое войско во главе с Джабраилом Яхьи. Он прибыл в город Бухару около Самаркандских ворот устроил военный лагерь (лашкаргоҳ зад), затем войска Джабраила окружили укрепленное селение Наршах (центр восставших), в крепость был пробит узкий проход (хандак), проникнув через этот проход арабы вошли в крепость и многих казнили. Джабраил против Муканны воевал 4 месяца, затем арабы и бухарская знать направились в Кеш, где был расположен второй лагерь восставших. В крепость, где укрепились восставшие, был прорыт проход шириною 50 газов.[2] Крепость была сожжена, а восставшие были перебиты. Среди руководителей восстания была даже женщина проявившая большую храбрость, которая также была убита по приказу Джабраила. Согласно слов Наршахи, Муканна всегда ходил с закрытым лицом и восставшие ни когда не видели его лицо. Однажды 50 тысяч восставших из населения Мавеннахра и тюрков обратились к Муканне, считавшимся для восставших богом, показать свое лицо. Муканна им ответил, что тот, кто увидит его лицо, сразу же погибнет, но восставшие заявили, что они готовы умереть лишь бы увидеть Муканну. Муканна дал обещание, что в определенный день он покажет себя народу. В крепости Хисор, где находился Муканна вместе с ним были 100 женщин – дочери дехкан (знати) Согда, Кеша и Нахшаба. В крепости кроме этих женщин и приближенных (хос) Муканны – других людей не было. Так как Муканна имел некрасивое лицо (руйи зишт), он никому кроме этих женщин и приближенных не показывался. Когда появлялось солнце, по приказу Муканны все сто женщин направляли солнечные лучи посредством зеркал на лицо Муканны и в этом освещении лучами солнца, он показался восставшим. Восставшие увидев такое яркое зрелище- все поклонялись Муканне, приняв его за бога.

Восстание Муканны против арабов продолжалось 14 лет, когда восставшие потерпели поражение, войска Ислама окружили крепость Муканны в Кеше, Муканна увидев безвыходное свое положение, всех сто женщин, которые были с ним в крепости отправил и сам затопив печь (тандур) сжег себя. Так как смерти Муканны никто из восставших не видел, то в народе осталось легенда, что Муканна поднялся на небо и

---

[1] Муканна – араб. «Закрытый покрывалом». Это прозвище было дано ему в связи с тем, что якобы носил на лице зеленое покрывало. Действительное его имя было Хошим ибн Хаким. Руководителем восстания Муканна – ремесленник из района Мерва. Некоторые исторические источники сообщают, что он был одним из военачальником Абу Муслима и участвовал в движении против омейядских халифов. Он был образованным человеком. Есть основания предполагать, что на него оказали сильное влияние идеи маздакизма.

[2] Газ – мера длины для разных районов различна – от 61, 04 см до 106, 68 см. См.: Давидович Е.А. Материалы по метрологии средневековой Средней Азии. –М., 1970, с. 110.

скоро на землю спустит своих сподвижников, чтобы освободить народ от ига ислама и господства арабов.

Арабский военачальник Саид Хорис покорив крепость захватил всю казну Муканны. Как отметил академик Б.Г. Гафуров «Движение Муканны было движением трудовых слоев населения, прежде всего крестьян, направленным против все более развивавшегося феодального закабаления. Вот почему восстание Муканны имеет огромное значение в истории народов Средней Азии. Несмотря на поражение, народные восстания развивали классовое самосознание трудящихся, воспитывали дух возмущения и свободолюбия у народных масс и несколько обуздывали эксплуататорские стремления начинавших входить в силу феодалов» [1, с. 331].

Таким образом, восстания народных масс Мавераннахра направленные против арабского господства были подавлены. Приведенные примеры свидетельствуют, что сведения «Таърихи Наршахи» (Истории Бухары) имеют важное научное значение для освещения истории таджикского народа VII-X вв.

Литература:

1. Гафуров Б. Г. Таджики, древнейшая, древняя и средневековая история. – М., 1972.
2. Давидович Е. А. Материалы по метрологии средневековой Средней Азии. – Москва, 1970.
3. Документы к истории аграрных отношений в Бухарском ханстве XVII-XIX вв. перевод, введение и примечания Чехович О.Д. – Ташкент, 1954.
4. Наршахӣ Абубакр Мухаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. – Душанбе: Дониш, 1979.
5. Наршахӣ Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро / мураттибон Ғоибов Ғ., Олимов К., Амиршоҳӣ Н. - Душанбе, 2012.- 546 с.
6. Наршахӣ Абӯбакр. Таърихи Наршахӣ. – Душанбе: Новая Бухара, 1994.
7. Негматов Н. Государство Саманидов (Мавераннахр и Хорасан в IX-X вв.). – Душанбе: Дониш, 1977.
8. Чехович О. Д. Бухарские документы XIV в. – Ташкент, 1965.

«ТАЪРИХИ НАРШАХИ»- ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК ПО ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА VII ВВ.

Данная статья посвящена вопросами «Таърихи Наршахи» (История Бухары). Представляют большую ценность для исследователя сведения Наршахи об истории возникновения города Бухары, доисламских религиях Бухары, зороастризм (Зардушти). Сведения Наршахи представляют большой интерес о родословной правителей дома Саманидов по вопросам государственных диванов и налоговой системы государства Саманидов. В «Таърихи Бухоро» детально приведены данные о завоевании этой страны арабами.

Ключевые слова: Мавераннахр, Хорасан, Бухара, Самарканд, Согд, Тохаристан, Кедивар, государственные диваны, Саманиды, государственные земли, арабы, контрибуция.

"TA'RIKHI NARSHAKHI" - A HISTORICAL SOURCE FOR THE HISTORY OF THE TAJIK PEOPLE XVII CENTURIES

This article deals with the question "Ta'rihi Narshakhi" (History of Bukhara). Are of great value to researchers Narshakhi information about the history of the city of Bukhara, the pre-Islamic religions Bukhara, Zoroastrianism (Zoroaster). Narshakhi information of great interest on the pedigree of the Samanid rulers at home on sofa and state tax system Samanid state. In "Ta'rihi Bukhara" detail shows the conquest of the country by the arabs.

Key words: Maverannahr, Khorasan, Bukhara, Samarkand, Sogdiana, Tocharistan, Kerdivar, state sofas, the Samanids, state lands, arabs, contribution.

Сведения об авторе: Кушматов А., доктор исторических наук, профессор Таджикского национального университета, e-mail: sattori1990@mail.ru

Information about the author: Kushmatov A., doctor of historical science, professor of Tajik National University

«ТАЪРИХИ ИМПЕРАТОРИИ УСМОНӢ» ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ МУНОСИБОТИ МОВАРОУННАҲР ВА ТУРКИЯИ УСМОНӢ ДАР САДАИ XVI

Камолов Ҳ. Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Яке аз маъруфтарин ховаршиноси урупоии охири садаи XVIII ва нимаи аввали садаи XIX донишманди австриягӣ, муаллифи рисолаи боарзиши «Таърихи императории Усмонӣ» Йозеф фон Гаммер-Пургштал (Joseph von Hammer – Purgstall) маҳсуб мешавад, ки ӯ 9 июни соли 1774 дар шаҳри Гратси Австрия ба дунё омада, дар Академияи императории забонҳои шарқӣ воқеъ дар шаҳри Вена ба фарогирӣ ва омӯзиши забонҳои форсӣ, арабӣ ва туркӣ мепардозад. Ӯ инчунин донандаи хуби забонҳои юнонӣ, лотинӣ, фаронсавӣ ва италиявӣ низ буд. Пас аз хатми ин Академия ӯ соли 1796 ба Истамбул меравад ва ба ҳайси тарҷумон дар сафорати Австрия машғули кор мегардад. Дар баробари иҷрои вазифаи тарҷумонӣ дар ин сафорат, масруфи гирдоварӣ ва таҳқиқи осори хаттӣ ба забонҳои форсӣ, арабӣ ва туркӣ мешавад. Дар ин солҳо буд, ки ин ховаршинос ба Эрон низ сафар мекунад.

Соли 1799 Наполеон ба Миср ва Сурия ҳавлавар шуд ва амалан бо давлати Усмониён, ки ҳампаймони Англия буд, вориди ҷанг гардид. Ин замон буд, ки Йозеф фон Гаммер-Пургштал дар хидмати сарфармондеҳи англис Sir Sydney Smith чун тарҷумон истихдом шуда, ҳамроҳ бо ӯ соли 1802 ба Англия сафар карда, баъди муддате дубора ба Истамбул бозгашт ва то соли 1807 дар ин ҷо монд ва баъдан ва Вена баргашт. Бозгашти ӯ ба Вена мусодиф бо тасхири ватанаш аз тарафи Наполеон буд. Бо вуҷуди ин ки муддате чанд Венаро тарк карда буд, аммо баъди оне ки робита миёни Фаронса ва Австрия дубора барқарор шуд, ба Вена омада, баъди чанде Йозеф фон Гаммер-Пургштал ба Париж сафар мекунад. Дар ин ҷо буд, ки ӯ бо саъйю талош тавонист беш аз 300 дастхатро, ки Наполеон чун ғаромат аз китобхонаи Вена ба Париж оварда буд, бо кумаки шарқшиноси фаронсавӣ Силвестр де Саси (Sylvester de Sacy) ба китобхонаи миллии Вена бозгардонад. Йозеф фон Гаммер-Пургштал соли 1810 консули Австрия дар Париж таъйин шуда, соли 1815 мушовири императори Австрия мегардад ва соли 1835 аз император унвони бароно мегирад.

Йозеф фон Гаммер-Пургштал соли 1823 узви ифтихории Академияи улуми Петербург интихоб мешавад. Ӯ яке аз бунёдгузорони Академияи улуми Австрия буда, соли 1847 раиси ин Академия интихоб мешавад ва то соли 1849 ин симматро ба дӯш дошт. 23 ноябри 1856 Йозеф фон Гаммер-Пургштал аз олам дармегузарад.

Дар ховаршиносӣ, бавижа дар эроншиносӣ ва туркшиносии садаи XIX-и Аврупо Йозеф фон Гаммер-Пургштал ҷойгоҳи бас арҷманде дорад. Нахустин таҳқиқот ва мутолеоти эронӣ дар Австрияи оғози садаи XIX аз ҷониби ин донишманд анҷом ёфта буд. Ба забони форсӣ тасаллути комил дошт ва намунаи он пешгуфторест, ки ба забони форсӣ бар тарҷумаи олмонии худ аз «Гулшани роз»-и Шабистарӣ навиштааст. Намунаи дигаре аз навиштаҳои форсии ӯ тарҷумаи китоби «Андешаҳои М.Урлюс» аз юнонӣ ба форсӣ аст, ки бо чопи бисёр зебо дар замони дар қайди ҳаёт буданаш дар Вена ба нашр расид, ки муаллиф онро ба Муҳаммадшоҳи Қоҷор тақдим кард ва шоҳи Эрон ба поси ин хидмати Йозеф фон Гаммер-Пургштал ӯро сазовор ба нишони тилло кард. Йозеф фон Гаммер-Пургштал дар солҳои 1809-1818 маҷаллаеро бо номи «Махзану-л-кунуз аш-шарқия», ки дар он матолиби муҳиммеро аз осори адаби исломӣ тарҷума карда, ба нашр расонид. Ин маҷалларо бояд аз нахустин нашрияҳои ховаршиносии Аврупо донист. Осори муҳиме, ки Йозеф фон Гаммер-Пургштал аз форсӣ ба олмонӣ тарҷума кардааст, ин девони ғазалиёти Ҳофиз, достони «Хусрав ва Ширин»-и Низоми Ганҷавӣ, «Гулшани роз»-и Шаббистарӣ, «Тазкирату-ш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Таърихи Вассоф»-и Вассофи Ҳазрат ва китобе бо номи «Гулчине аз ашъори дусад шоири эронӣ» мебошанд, ки тавассути ин тарҷумаҳо ҳавзаҳои илмӣ ва адабии

Аврупоро бо ганҷинаи адаби форсӣ шиносонид. Миёни ин тарҷумаҳо тарҷумаи девони Ҳофиз, ки дар солҳои 1812-1813 анҷом ёфта, дар ду ҷилд дар Олмон ба нашр расид, дар таърихи адабиёти Аврупо муҳим буда, то кунун ба худ ҷойгоҳи вижае доранд. Тавассути ин тарҷумаи Йозеф фон Гаммер-Пургштал буд, ки мактабҳои ҳофизшиносӣ дар Аврупо бунёд шуд, шоири маъруфи Олмон Гёте ба ашъори лисонулғайб Ҳофиз ошноӣ пайдо кард ва он манбаи илҳомаш дар офаридани «Девони шарқиву ғарбӣ» гардид.

Йозеф фон Гаммер-Пургштал тӯли панҷоҳ сол беш аз сад китоб ва рисолаҳои таҳқиқӣ офарид, ки миёни онҳо «Таърихи императории Усмонӣ» ба забони олмонӣ аз арзиши муҳими илмӣ бархурдор аст. Муаллиф пас аз сӣ соли таҳқиқу пажӯҳиши дастхатҳо ба забони форсӣ, туркӣ ва арабӣ, ки ба паймонаҳои мухталиф роҷеъ ба таърихи давлати Усмонӣ дар худ матолиб доштанд ва болиғ ба дусад дастхат буданд [2, с. 1], ба навиштани ин асар оғоз кард. Йозеф фон Гаммер-Пургштал инчунин ҳангоми маъмурияташ ба Истамбул бо ҳазорон асноди расмии Усмониён, ки дар бойгонии «Боб-олӣ» нигаҳдорӣ мешуд, ошноӣ пайдо кард, ки дар заминаи оваридани рисола барояш кӯмак намуданд. Чопи «Таърихи императории Усмонӣ» соли 1827 оғоз шуда, соли 1835 анҷом ёфт, ки 10 ҷилдро дар бар гирифт. Баъди интишор бо забони олмонӣ ин китоб шуҳрати зиёде касб кард ва дар як замон ду тарҷума ба забони фаронсавии он аз тарафи J.J. Hellert солҳои 1835-1843 ва M.Dochez солҳои 1840-1842 анҷом ёфт. Аз рӯи тарҷумаи M.Dochez Мирзозакии Алиободии Мозандаронӣ соли 1885 «Таърихи императории Усмонӣ»-ро ба форсӣ тарҷума кард. Роҷеъ ба Мирзозакии Алиободии Мозандаронӣ ин нуктаро бояд гуфт, ки дар замони ҳукумати Муҳаммадшоҳи Қоҷор теъдоди зиёде аз ҷавонони Эрон барои таҳсил ба Фаронса ирсол мешавад, ки дар миёни онҳо мутарҷими «Таърихи императории Усмонӣ» Мирзозакии Алиободии Мозандаронӣ низ буд. Ӯ солҳои 1845-1848 дар Париж таҳсил карда, забони фаронсавиро фаро гирифт. Дар замони ҳукумати Носируддиншоҳи Қоҷор дар Теҳрон муассисаи «Дору-т-таълиф ва дору-т-тарҷума» таъсис меёбад, ки яке аз вазоифаш тарҷумаи осори таърихӣ буд. «Таърихи императории Усмонӣ» аз намунаи он осори тарҷумашуда ба забони форсисист, ки Мирзозакии Алиободии Мозандаронӣ онро ба дастури Носируддиншоҳ солҳои 1876-1896 анҷом дод. Ин китоб ба эҳтимоми Ҷамшеди Каёфар дар 5 ҷилд соли 1367 ҳ.қ. дар Теҳрон мунташир шуд.

Бояд зикр кард, ки пиромуни таърихи давлати Усмонӣ баъд аз Йозеф фон Гаммер-Пургштал таърихнигороне аз шумори аврупоиён ва шарқиён осори фаровони илмие офариданд. Аммо бо гузашти 179 сол аз таълифи китоби «Таърихи императории Усмонӣ»-и Йозеф фон Гаммер-Пургштал бо сароҳат метавон иброз дошт, ки то ҳанӯз ин китоб арзиши худро дар доираҳои илмии мухталифи дунё ҳифз кардааст.

Ин китоб ҳамчуноне ки аз номаш пайдост, ба таърихи давлати Усмониҳо бахшида шуда, ҳаводиси таърихии марбут ба ин давлатро то соли 1774 фаро мегирад. Мусалламан муаллиф дар хилоли баёни ин ва ё он ҳаводиси таърихӣ, ки Усмониҳо дар меҳвари он қарор доранд, ба баёни таърихи дигар давлатҳо, аз ҷумла Эрон ва гоҳе Мовароуннаҳр ва робитаи хонадонҳои ҳукуматгари онҳо бо давлати Усмонӣ мепардозад.

Баррасиҳои Йозеф фон Гаммер-Пургштал роҷеъ ба ваҷҳи тасмияи вожаи «турк» ва зодбуми туркон, ки боби аввали китобаш «Дар асл ва мамлакати атрок ва таърихи тавоифи турк» ба он ихтисос ёфтааст, пурбор ва ҷолиб аст. Ӯ менависад, ки «тулӯи моҳтоби давлати Усмонӣ аз ғуруби офтоби салтанати Салҷуқиён шуд» [2, с. 9] ва ба тариқи иҷмол аз давлати Салҷуқиёни Хуросон, рушду нумуи он ва билохира дар давраи Санҷар ба инҳитот гароидани ин давлат сухан мегӯяд.

Йозеф фон Гаммер-Пургштал дар китоби худ кушидааст ҳаққи тақаддум ба воқеиятбаёнӣ диҳад ва ҳангоми баррасии матолиби таърихӣ талош варзидааст мунсифона онро арёбӣ намояд. Масалан, роҷеъ ба хонадонҳои турке, ки дар ибтидо дар хидмати Сомониён буданд ва баъдан ин ғуломони намакношинос хоҷагони худро аз ҳукумат дур карда, онро ғасб намуданд, менависад: «Сабуктегин, падари султон

Маҳмуд, яке аз ғуломони туркнажоди умарои Оли Сомон буд, ки ӯро ба ҳукумати Ғазнин сарафроз карда буданд. Чанде нагузашт, ки зимоми салтанат ва инони ҳукмрониро ба қабзаи иқтидори худ дароварда, тоҷу тахти шоҳиро мутасарриф шуданд...Ин ғуломони турк аввалин ашхосе ҳастанд, ки аз миёни хаддоми остони салтанат ва мустаҳфизини тоҷу тахти давлат фаротар ҷаста, пой бар маснади шаҳриёрӣ гузориданд ва такя бар чорболиши ҳукмронӣ карданд ва лақаби ғуломиро мубаддал ба подшоҳӣ намуданд» [2, с. 11].

Он чи ки мехоҳем дар ин мухтасар баён кунем, ин баррасии равобити Шайбониён ва Усмониён дар муборизаҳо алайҳи давлати Сафавиён дар садаи XVI мебошад.

Баъд аз суқути бешарафонаи давлати Темуриён дар Мовароуннаҳр (1501) ва Хуросон (1507) ба дасти узбакони Дашти Қипчоқ бо сарварии Муҳаммади Шайбонӣ, сарзаминҳои шарқии Эрон дар маърази тохту тоз ва ғорати Шайбониён қарор гирифт.

Дар ибтидои садаи XVI сулолаи Сафавиён зимоми қудратро дар Эрон ба даст гирифт ва мазҳаби ташайюъро дини расмии давлат эълон дошт. Бо ин амал бо сулолаҳои ҳукуматгари суннимазҳаби Усмониён дар ғарб ва Шайбониён дар шарқ дар ҳолати душманӣ ва ҷанг қарор гирифт. Йозеф фон Гаммер-Пургштал дуруст менависад, ки «Усмониён ва узбакон... бар ҳасби одат ва мазҳаб иттиҳод дошта, дар адоват душманони мазҳабӣ ва давлатии худашон, ки эрониён бошанд, шарокате доранд... ва эрониён дар миёни ин ду душмани қавӣ воқеъ шуда, аз тарафи шарқ узбакон ва аз ҷониби ғарб Усмониён бар эшон иҳота доранд...» [3, с. 1237].

Йозеф фон Гаммер-Пургштал назари иҷмоилие ба таърихи ба сари қудрат омадани Шайбониён дар Мовароуннаҳрро мекунад, аз ҷанги Марв (соли 1510) ёд мешавад, ки мунҷар ба марги Муҳаммади Шайбонӣ гардида буд, инчунин зикри яке аз паси дигар ба сари қудрат омадани намояндагони хонадони Шайбониро мекунад. [3, с. 1238-1240] Ин ҷо муҳаққиқ дар баёни муддати ҳукумати Кучкунчихон ба иштибоҳ меравад ва онро 23 сол зикр мекунад [3, с. 1239], дар сурате ки ӯ аз соли 1510 то соли 1530, яъне 20 сол дар сари қудрати сулолаи Шайбониён буд. Замони шикаст хӯрдани Наҷми Сонӣ –сарлашкари Сафавиён дар ҷанги Ғиждувон аз ҷониби Убайдуллоҳхон ва Муҳаммад Темур султонро низ Йозеф фон Гаммер-Пургштал ба иштибоҳ соли 938 ҳ.қ./1531оварда, дар ҳоле ки ин набард 3 рамазони соли 918 ҳ.қ. мусодиф ба 12 декабри 1512 [1, с. 180] рух дода буд.

Нукоти муҳиме, ки Йозеф фон Гаммер-Пургштал дар ин қисмати китобаш баён доштааст, бо вуҷуди ҳаммарз набудан, ин тайиди равобити Усмониён ва Шайбониён мебошад. Дар зимн муҳаққиқ менависад: «То айёми Убайдуллоҳ (солҳои ҳукуматаш 1533-1539) таърихи Усмониён зикре аз равобити дӯстонаи фимобайни дарбори Истамбул ва Мовароуннаҳр наменамояд, лекин дар юриши охири Сулаймон (Сулаймони I, ки маъруф ба Сулаймони Қонунӣ буд-солҳои ҳукуматаш 1520-1566) ба Эрон робитаи дӯстӣ дар миёни ин подшоҳ ва Убайдуллоҳ худ ба худ ба миён омад, чун ин ду подшоҳ дар душмании подшоҳи Эрон ҳамазму ҳамхаёл буданд» [3, с. 1239-1240].

Лозим ба зикр аст, ки Шайбониён метавонистанд бо истифода аз муттаҳиди худ – Туркияи Усмонӣ, ки бисёр зудтар аз дигар кишварҳои Шарқ бо силоҳи оташфишон ошно буд, онро ба даст оваранд. Муаррихин менигоранд, ки Усмониҳо ба Мовароуннаҳр, яъне ба узбакони Шайбонӣ аслиҳаи оташфишон ирсол доштаанд, то аз тарафи шарқ ба Сафавиҳо зарба ворид созанд [1, с. 189]. Ин матлабро Йозеф фон Гаммер-Пургштал низ зикр мекунад: «Вақте ки Сулаймон ҳанӯз машғули юриши Эрон буд, сесад нафар янкичирикро ба исми сафорат бо чанд арода тӯп назди ӯ (Абдулазиз Шайбонӣ-писари Кучкунчихон, солҳои ҳукмрониаш: 1540-1550) фиристод. Суфаро вақте расиданд, ки Абдулазиз дар ҳолати сакарот буд» [3, с. 1240]. Ин замон мусодиф буд ба марҳилаи низоъ, нооромиҳо ва хонаҷангии султонҳои Шайбонӣ. Ҷангу нооромиҳоро Наврӯзаҳмад маъруф ба Бароқхон – писари Суюнҷхоҷа, ҳокими Тошканд барои ба даст овардани қудрат шурӯъ намуда буд. Тибқи нигориши Йозеф фон Гаммер-Пургштал Бароқхон пас аз марги Абдулазиз номае ба Сулаймони Усмонӣ ба ин мазмун менависад: «Баъд аз ин ки рӯҳи Абдулазизхон ба дараҷоти ҷаннот боло рафт, хилофат

ва салтанат ба мо, бародарони ӯ, ки дар назди хон ҳозир будем, расид ва соири султонон, ки соҳибони қалоъи Кармин ва Добузӣ...Кеш, Қаршӣ ва Хузор буданд, ба истеҳкоми ҳисорҳои худ мағурур шуда, ба хаёли мамониат афтоданд ва моро дар ин ду соли охир ба ҷангу ҷидол машғул сохтанд» ва Йозеф фон Гаммер-Пургштал идома медиҳад, ки ба ин сабаб Бароқхон «баъд аз расидани янгичирикон аз барои юриши Эрон узр мехост ва иттило медод, ки Самарқандро тасоҳиб намудааст (моҳи июни соли 1554) ва Пирмуҳаммад султон бо бародараш фирор бар қарор ихтиёр кардаанд ва ҳамаи қалъаҳои эшон ба ҳайтаи тасхир даромадаанд ва ба ҷуз Бухоро, ки ҳанӯз ёғӣ аст, ҷойи дигар боқӣ намондааст. Пас аз фатҳи шаҳри мазбур фавран ба тарафи Хуросон тохтан хоҳад кард» [3, с. 1240]. Аммо бо ин ҳол иттилое дар мавриди истифодаи Шайбониён аз тӯпҳои ирсолдоштаи Усмониён дар ҷанг бо давлати Сафавиён дар даст нест [1, с. 189].

Йозеф фон Гаммер-Пургштал менависад, ки баъд аз ду моҳ Бароқхон тавассути Низомиддин Аҳмади Човиш, ки озими сафари Истамбул буд, ба Усмониён хабар дод, ки лашкари ӯ Бухороро гирифт. Аммо ин хабари Бароқхон сиҳҳат надошт, зеро Бароқхон ба таваҷҷуҳ ба ваъдае, ки ба султон Саъид – дигар аз муддаиёни ҳукумат дар Бухоро барои интиқоли қудрат ба ӯ дода буд, дар моҳи рақаби соли 962 ҳ.қ. (май-июни 1555) ба Бухоро ҳамла кард ва қалъаи онро дар муҳосира гирифт. Вақте муҳосираи қалаи Бухоро то се моҳ ба тӯл анҷомид, ҳокими Бухоро Бурҳон султон бо таваҷҷуҳ ба шароити душвор ба назди Абдуллоҳ султон, писари ҳокими Кармина ва Миёнкол Искандар султон кас фиристод ва аз ӯ имдод хост. Абдуллоҳ султон ба имдоди Бурҳон султон омад ва дар набарде, ки дар моҳи июни соли 1555 дар назди қалъаи Фороб сурат гирифт, Бароқхон шикаст хӯрд ва ба Самарқанд ақабнишинӣ кард [1, с. 213].

Султон Сулаймон дар ҷавоби номаи Бароқхон ду мактуб навишт, ки яке аз онҳо дар хусуси «ҷулуси ӯ бар тахти хонӣ ва ҳозир будан дар ҳифзи маротиби дӯстӣ ва иттиҳод, ки бо Абдуллоҳ ва Абдуллатиф мунъақид шуда буд, лекин бо ҳолати ҳолия, ки бо давлати Эрон сулҳ кардааст, аз додан ва хостани мадад маъзур аст» [3, с. 1240-1241].

Аз робитаи Шайбониён дар замони ҳукумати султон Муроди III Усмонӣ (солҳои ҳукмронӣ 1574-1595) Йозеф фон Гаммер-Пургштал дар зимни даъвати султон Мурод аз Шайбониён (ин замон Абдуллоҳхон сарвари узбакони Шайбонӣ буд) ба маросими хатнасури писараш султон Муҳаммад, ки баҳори соли 1583 [3, с. 1530] доир гашта буд, ёд кардааст [3, с. 1523]. Аммо шояд ба далели адами иттилоот тафсилоти бештаре дар бораи ҳайати сафорати Шайбониён намедиҳад.

Сафорати дигаре, ки дар замони султон Муроди III аз ҷониби Абдуллоҳхони Шайбонӣ ба Истамбул расид, ин дар соли 1594 ба ифтихори арӯсии духтари султон буд. Дар зимн Йозеф фон Гаммер-Пургштал менависад: «Як моҳ баъд аз вуқӯи арӯсӣ элчии Абдуллоҳхони узбак ба ҳузури султон бурда шуд. Ҳадоёи элчӣ мураккаб буданд аз ду ҷилд Қуръон ва як ҷилд «Хамса»-и Низомӣ ва як ҷилд «Шоҳнома» ва чанд ҷомавори хазу санҷоб ва пӯстҳои барраҳои хуросонӣ...Пазироии сафири хони узбак аз барои султон Муроди солис охирин амали шахсӣ ва давлатӣ буд, зеро ки як сол баъд аз он дар шонздаҳуми моҳи январи санаи 1595 ...вафот кард» [3, с. 1595-1596].

Хулоса, роҷеъ ба муносиботи Мовароуннаҳр ва Туркияи Усмонӣ дар садаи XVI дар манобеи дастрас ва пажӯҳишҳои анҷомшуда маводҳо ва баррасиҳо хеле кам ба назар мерасад. Аммо бо вуҷуди ин асари пуразиши Йозеф фон Гаммер-Пургштал «Таърихи императории Усмонӣ» ин халаъро ҳаддалмақдур пур месозад.

Адабиёт:

1. Камол Х. История вторжения кочевых племен Дашт-и Кипчака в Мавераннахр и Хорасан (XVI в.). Душанбе: Дониш, 2012.
2. Joseph von Hammer-Purgstall. Таърихи императории Усмонӣ. Ҷ.I. Тарҷума ба форсӣ Мирзозакии Алиободии Мозандаронӣ. Ба эҳтимоми Комрони Фонӣ. Теҳрон, 1367 ҳ.қ.
3. Joseph von Hammer-Purgstall. Таърихи императории Усмонӣ. Ҷ.II. Теҳрон, 1367 ҳ.қ.

«ИСТОРИЯ ОСМАНСКОЙ ИМПЕРИИ» И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ В ИЗУЧЕНИИ ИСТОРИИ ОТНОШЕНИЙ МАВЕРАННАХРА И ОСМАНСКОЙ ТУРЦИИ В XVI в.

В статье на основе анализа материалов из книги известного австрийского историка-востоковеда, дипломата и переводчика восточных литератур конца XVIII первой половины XIX вв. Йозефа фон Гаммер-Пургшталь (Joseph von Hammer – Purgstall) «История османской империи» освещена истории отношений правителей Мавераннахра (Шейбанидов) и Османской турции (Османы) в XVI в.

С объявлением шиизма государственной религией в Иране, Сефевиды были окружены недружественными государствами с двух сторон: с востока - Шейбанидами и с запада - Османской Турцией. Для вытеснения Сефевидов из Хорасана Шейбаниды привлекли на свою сторону Османскую Турцию. При Абдулазиз-хане Шайбани (1540-1550) Османская Турция для ослабления своего противника послала им под видом посольства не только оружия, но и 300 своих янкичириков (дословно-новые партизаны). Переписка между Османскими султанами и Шейбанидами для координации действий против Сефевидов являются важными историческими материалами. Для анализа и исследования отношений между Шейбанидами и османскими султанами Йозеф фон Гаммер-Пургшталь весьма успешно использовал эти материалы.

Ключевые слова: Йозеф фон Гаммер-Пургшталь, Мавераннахр, Иран, Хорасан, Османская Турция, Шейбаниды.

«HISTORY OF OSMAN EMPIRE» AND ITS VALUE IN STUDYING OF HISTORY OF RELATIONS OF MAVERANNAHR AND OSMANS' TURKEY IN XVI CENTURY

On the basis of the analysis of materials from the book of the known Austrian historian-orientalist, the diplomat and the translator of east literatures of the end of XVIII and first half of XIX centuries Joseph Freiherr von Hammer-Purgstall «The History Ottoman Empire» the article gives a background in the relations of governors of Maverannahr (Sheibanids) and Ottoman Turkey (Osmanli Turks) in XVI century.

With the announcement of a Shiism the state religion in Iran, Sefevids were surrounded by unfriendly states from two parties: from the east – Shejbanids and from the West - Ottoman Turkey. For replacement of Sefevids from Khurasan Shejbanids have attracted Ottoman Turkey. At Abdulaziz-khan Shajbani Ottoman Turkey has sent them under the pretext of embassy not only the weapon, but also 300 yanchiriks (new guerrillas) for weakening of the opponent. Correspondence between Ottoman Sultans and Shejbanids for coordination of actions against Sefevids are important historical materials. For the analysis and research of relations between Shejbanids and Ottoman Joseph Freiherr von Hammer-Purgstall most advantageously used these materials.

Key words: Joseph Freiherr von Hammer-Purgstall, Maverannahr, Iran, Khurasan, Ottoman Turkey, Shejbanids.

Сведения об авторе: Камолов Хамзахон Шарифович, доктор исторических наук, профессор Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, hamza_kamol@mail.ru

Information about the author: Kamolov Hamzakhon Sharifovich, doctor of historical sciences, professor, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

ИНЪИКОСИ КОРХОНАИ ШАЙХИ РЕХТАГАРӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Гадоев Ғ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Тарзи табақабандӣ ва таркибии аҳолии Бухоро дар асри XIX ва ибтидои асри XX диққати муаррихон ва муҳаққиқини зиёди ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷиро дар давраи тоинқилобӣ ва баъди Инқилоби октябр ба худ ҷалб намудааст. Онҳо дар асоси омӯзиши сарчашмаҳо ва мушоҳидаҳои худ, маъводҳои зиёдеро гирд оварданд, ки ҳоло ҳам қимати илмии худро гум накардаанд. Донандаи хуби этнографияи Бухоро О. А. Сухарева дар асари «Бухара XIX и начало XX вв.» сохтори аморати Бухороро мавриди таҳқиқ қарор дода, аҳолии онро ба 3 табақа: одӣ - фуқаро, хизматчиёни ҳарбӣ

-сипоҳ ва рӯҳониён - уламо ҷудо кардааст [6]. Мувофиқи маълумотҳои О. А. Сухарева, фуқаро табақаи сернуфустарини аҳолии Бухороро ташкил мекарданд. Дар таркиби ин табақа ҳунармандон, шогирдони онҳо, тоҷирон, рӯҳониёни аз вазифа сабукдӯшшуда ва дар умум оммаи меҳнаткаш дохил мешуданд. Дар аморати Бухоро аҳволи меҳнаткаши шаҳр ҳунармандон дар вазнини аз аҳволи деҳқонон фарқе надошт. Қисме аз аҳолии Бухоро ба соҳаҳои мухталифи ҳунарманди машғул буданд. Дар Бухоро, мегӯяд А. А. Семенов, гарчанде ки дар амал зиёд бошад ҳам, вале ба таври расмӣ 32 корхонаи ҳунармандӣ ҳисоб карда мешудаст [5]. Мувофиқи маълумоти Б. Ғ. Ғафуров, дар Бухоро 9 корхонаи калони бофандагӣ буд, ки ҳар кадоме 50-60-тоӣ дастгоҳ дошт. Ба ғайр аз ин 80 корхонаи хурди бофандагии 3-4 дастгоҳдор мавҷуд буд. Ҳамагӣ дар Бухоро қариб 1500 бофанда кор мекард [3, с. 230]. Дар маҷмӯъ дар шаҳри Бухоро 10-15 ҳазор нафар бо корҳои ҳунармандӣ машғул буданд, бо оилаашон 25%-и аҳолии Бухороро ташкил мекарданд [6, с. 189-190]. С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» дар бораи корхонаи ҳунармандӣ устохонаи рехтагарӣ, ки соҳиби он Бобохоҷа ном дошт, маълумоти пурқимати таърихӣ додааст. Шайхи рехтагар дар ҷавонӣ дар ҳавлии худ дӯконча сохта, рехтагарӣ мекардааст, аз сабаби ҳавлиаш дар наздикии мадрасаи Бадалбек ва мазори Қутайба Фотеҳи Бухоро аз тарафи арабҳо буд, худро «ҷорӯбкаши мазор» номида аз зиёраткунандагони мазор назру ниёз ҳам меситонидааст.

Шайхи рехтагар аз ду роҳ: рехтагарӣ ва хусусан аз даромади назрхӯрӣ пули зиёде меғундорад, корхонаи рехтагариашро ба калонтарин корхонаи Бухоро табдил дода буд. Дар шаҳри Бухоро ҳар як соҳаи ҳунармандӣ дар навбати худ боз ба шохаҳо ҷудо мешуд. Мисол, коркарди метал яке аз ин шохаҳо буда, ҳар як рехтагар 5-6 нафар ёрдамчӣ дошт, зеро ин корро бе кӯмаки ёрдамчиён ба сомон додан ногузир буд [4, с. 48]. Шайх рехтагарони бедӯкону дастгоҳро, мегӯяд С. Айнӣ, ба домаш кашида, корхонаи худро ривоҷ медиҳад. Кам-кам рехтагарони яккадаст, ки дар роҳи Регистон дӯкончае дошта, кор карда маҳсули худро мефӯрухтанд, бо шайхи сердастмоя рақобат карда натавониста, онҳо ҳам ба коркунони шайх табдил ёфта, ба ӯ бо тартиби корбайъ кор мекардагӣ шуданд [1, с. 129]. Ҳамин хел дуконҳои рехтагарии хурди атроф оҳиста-оҳиста пурра тобеи шайх шуда, ба болои ин маҷбур буданд, ки шогирдони усто шуда ба воя расидагияшонро ҳам ба шайх супоранд, ки бо инҳо корхонаи вай боз ҳам равнақ гирад [1, с. 129]. С. Айнӣ тарзи кори корхона, ашёи хом ва аҳволи коргароне, ки дар корхонаи шайх кор мекарданд, чунин баён намудааст. Дар корхонаи шайх кӯра ва даҳ сандон буд, ки дар онҷо тахминан чил нафар одам кор мекард: баъзе аз онҳо дампахшкун, баъзеяшон гудозгар, қолабгир, суҳонгар, бутасоз ва монанди инҳо шуда кор мекарданд [1, с. 629]. Моли хоми дар ин корхона сарфшуданӣ: мис, биринҷӣ, рух, қалъагӣ ва қурғошим барин фулуззот буд. Ангишташ - ангишти қандум буд, ки ангиштгарон аз чӯби дарахтони мевадор тайёр карда оварда медоданд [1, с. 130].

Маҳсулоти корхонаи рехтагарӣ гуногун буда, аз ҳама бисёртараш зангӯлаи шутур буд. «Дар шароити Бухоро, - менигорад С. Айнӣ, - ки ҳамаи нақлиёташ хоҳ дар дохила ва хоҳ дар хориҷа чӯли Қазоқ, Хева, Афғонистон ва Туркманистон бо шутур буд ва умуман дар Осиёи Миёна, хусусан дар зиндагонии бодиягардон – кучманчиён, ки шутур ягона воситаи нақлиёти буд, зангӯла аз молҳои сермасраф ба шумор мерафт» [1, с. 130]. Ғайр аз зангӯла, инчунин асбоби метали асп, ҳалқаю қуббаҳои дарвоза ва дарҳо сохта мешуданд.

Корхонаи рехтагарӣ ягон ҷиҳози техникӣ надошт ва кор асосан дастӣ анҷом мешуд. Аҳволи коргарон бағоят вазнин буд. Ин манзараи мудҳиши шароити коргаронро С. Айнӣ ин тавр тасвир мекунад: «Ман ба корхонаи шайх ба пеши Шарофҷон, ки қарздор шуда тобеи шайх шуда, дар корхонаи ӯ кор мекард, мерафтам аммо дар онҷо аз ним соат зиёда нишастан мумкин набуд, дуди тези ангишти қандум, ки аз даҳ кӯра мебаромад, бо бӯи тунди фулуззоти гудохта ба ҳам омехта, шушу дили одамро аз ҳаракат боз медошт. Коркунони онҷо то даруни чашму гӯшу биниашон тамоман сиёҳ шуда рафта буданд, ки ранги аслиашон маълум набуд. Онҳоро танҳо бо калонию хурдии ҷасадашон аз якдигар фарқ кардан мумкин буд. Ҳамаашон сахт-сахт

сурфа мекарданд ва аз даҳонашон як чизи сиёҳи часпак мепартофтанд. Аз ин маълум мешуд, ки то пешгаҳи димоғу даруни ҳалқу шушашон ҳама чӣ сиёҳ шуда рафтааст» [1, с. 134]. Корхона шабона, рӯзона ҳам торик буд, дар пеши ҳар кураву сандон як шамъи ҷойдорӣ месӯхт. Бӯи дуди шамъи чарбугӣ бо дуди ангишту бӯи фулуззоти гудохта омехта, як ғубори дилбеҷокунанда пайдо мекард. Коркунони ин корхона то нимаҳои шаб кор карда, вақти хоб дар байни асбобу анҷоми кориашон мехобиданд ва дар вақти хоб бӯи дуду фулуззотро, ки корхона ҳамеша бо вай пур буд, мадҳушона ба даруни худ мекашиданд [1, с. 134-135].

Корхонаи рехтагарӣ барои шайх даромади зиёде медод, вале шайхи хасис барои беҳбудии шароити коргарон, ақаллан маблағи ночизеро сарф намекард. Даруни бинои корхона шабу рӯз торик буда, ғайр аз ду равзани тагишифтӣ, ки батарафи кӯча кушода мешуд, дигар ҷое набуд, ки аз он равшанӣ дарояд. Ин равзанаҳо ҳам ҳамеша бо дудҳое, ки печида мебаромаданд, банд буданд, корхона мӯрии дудкашӣ ҳам надошт [1, с. 134-135].

Чунин аҳволи вазнини кор ба он оварда мерасонид, ки бештари коргарон дар синни ҷавонӣ аз дунё чашм мепӯшиданд. С. Айнӣ мегӯяд, Шарофҷон, ки нав ба шонздаҳ даромада буд, дар понздаҳ рӯз аз қувват рафта, базӯр роҳ мерафтагӣ шуд. Ӯ устои қолабгир буда, дар дӯкони беруни корхона як қолибаш ҳам вайрон намешуд, дар инҷо даруни корхона дасташ ларзида, аз ҳар ду қолиби гирифтанӣ шудааш яктоаш мешикаст ва пош мехӯрд. Шарофҷон шаш моҳ дар он корхона кор кард, рӯз то рӯз аҳволаш гаронтар ва сурфааш зиёдтар шудан гирифт. Охир аз ҳаракат бозмонда, афтода хобид ва баъд аз як моҳи дар хона хобиданаш хабари марги ӯро ба ман устои собиқаш расонид [1, с. 136]. Коргарони дигар ба азобу машаққат тобоварӣ карда натавониста, устохонаро оташ мезананд ва соҳибаш дар онҷо месӯзад. Ин эътирози коргарони корхонаи рехтагарӣ буд, ки дар ҳамин шакл ба вуҷуд омад [3, с. 231].

Сӯхтор дар корхонаи рехтагариро С. Айнӣ чунин баён намудааст: Сабаби сӯхтор ҳар чи бошад - бошад, бо ин кор даҳҳо рехтагарон, ки ҳар кадом аз шайх панҷсад танга, ҳазор танга бунакдор буданд ва пеш аз адо кардани ин қарз дар он корхонаи заҳролуд беаҷал мурда мерафтанд, ҳамагӣ аз он ғуломии озоднашуданӣ якбора озод шуданд [1, с. 140]. Айнишинос И. С. Брагинский инро ибтидои ошӯби тоҷикон меномад, ки аз шаклҳои муборизаи коллективона дарак медод [2, с. 133].

С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» вазъияти коргарони корхонаҳои ҳунармандии Бухорои амириро объективона тасвир намуда, қайд мекунад «Муҳити пӯсидаи феодалӣ фарзандони қобили пуристеъдоди халқро несту нобуд гардонда буд. Хароб ва ҳалок шудани монанди Муҳаммадӣ – махдум марди майдон, Барно – Тайёр, Шарофҷони ҳунарманд, усто Муроди забардаст ва дигар аҳли касабае… Шоҳин, ҳайрат барин шоирон … ҳалок ва маъюс шуда аз дунё чашм пӯшидани Аҳмад – махдум барин мутафаккирон мисоли ҳамон харобӣ ва ҳалокати умумии давраи пӯшидаи амирист. Инҳо ҳамон қобилият ва истеъдодҳои номурдании халқ буданд, ки дар Бухорои амирӣ на танҳо тарбия ва инкишоф ёфтаанд, балки сӯхта хокистар гардида, ба боди фано рафтанд [1, с. 515-516].

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Ҷ. 7. - Душанбе, 1962.
2. Брагинский И. С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. - Душанбе, 1978.
3. Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон (охирҳои асри миёна ва давраи нав. Қ. 2). – Душанбе: «Ирфон», 1985.
4. Самиев Б. Ҷ. Назарҳои Аҳмади Дониш ва хотирҳои сайёҳони хориҷӣ оид ба сохтори ичтимоии аморати Бухоро. – Душанбе, 2006.
5. Семенов А. А. К прошлому Бухары в книге С. Айни «Воспоминания». - М.- Л., 1960.
6. Сухарева О. А. Бухара XIX- начала XX вв. (позднефеодальный горд и его население) М., 1966.

ШЕЙХ-ЛИТЕЙЩИК, ЕГО МАСТЕРСКАЯ И ЕЁ ОТОБРОЖЕНИЕ В КНИГЕ «ВОСПОМИНАНИЯ» САДРИДДИНА АЙНИ

В статье приводятся сведения об одной из мастерских г. Бухары. Автор, на основе книги «Воспоминания» С. Айни и других опубликованных работ подробно освещает деятельность этой мастерской, её выпускаемою продукцию, трудные условия труда рабочих, низкую заработную плату, опасными условие работы, рабочие устроили пожар и в этом пожаре погиб владелец мастерской шейх Бобоходжа.

Ключевые слова: литейщик, колокольчики, кольца, ворота, Бухара.

SHEIKH –LITEISHIK, HIS WORKSHOP AND ITS REFLECTION IN THE WORK OF "MEMOIRS" OF SADRIDDIN AINI

The article deals with information about one of the workshops of Bukhara City. The author, on the basis of the work of the « Memories» of Sadridin Aini, and other published literature describes in detail the activities of the workshop, its manufactured products, difficult working conditions, low wages, hazardous working conditions, and how the workers made a fire in it and in this fire killed the owner of the workshop Sheikh Bobokhoja.

Key words: caster, bells, rings, gates, Bukhara.

Сведения об авторе: Гадоев Гозибек, старший преподаватель кафедры история таджиского народа Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail-ghazibek_g@mail.ru

Information about the author: Gadoev Ghozibek, senior lecturer, chair of history of the Tajik people, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

САҲМИ АББОС АЛИЕВ ДАР РУШДИ НИЗОМИ МАОРИФИ ХАЛҚИ ТОҶИКИСТОН

Зарифов Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Аббос Алиев ходими намоёни давлатӣ, маорифпарвар, аввалин доктори илмҳои таърих, профессор аз байни тоҷикон буда, дар донишкадаҳои олии навташкили шаҳрҳои Тошканд, Сталинобод, Ленинобод, Самарқанд, Фрунзе, Днепропетровск, инчунин дигар шаҳрҳои Осиёи Миёнаву Русия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбакӣ дарс гуфта, ҳамчун олим ва омӯзгори пуртаҷриба дар тайёр намудани мутахасиссони дорои маълумоти олӣ аз байни халқҳои Осиёи Миёна, махсусан тоҷикон, ҳиссаи сазовор гузоштааст.

Аз рӯи ҳуҷҷатҳои расмӣ Аббос Алиев соли 1899 дар шаҳри Бухоро дар оилаи коргари одӣ - мардикор ба дунё омадааст. Фаъолияти инқилобии Аббос Алиев аз Когон, Чорҷӯй, Бухоро сар шудааст. Масалан, соли 1916, ҳангоме, ки дар Осиёи миёна ба муқобили сиёсати амирӣ ошӯб бархост, ӯ ба ҳаракати инқилобӣ пайваста, дар корҳои пинҳонии инқилобӣ дар Чорҷӯй ширкат варзид. Аббос яке аз ташкилотчиёни Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ба шумор меравад. Соли 1920 ӯ дар муборизаи зидди сохти амирӣ дар Бухоро фаъолона иштирок мекунад [20, с. 295-296]. Баъди ғалабаи Инқилоби Бухоро Аббос Алиев якчанд сол дар вазифаҳои масъули ҳизбию маъмурӣ, аз ҷумла, роҳбари ташкилоти ҳизбии вилояти Чорҷӯй, котиби масъули Кумитаи иттифоқи коммунистии ҷавонони Бухоро, мудири шуъбаи ташвиқу тарғиби КМ ҲК Бухоро, муовини нозири маорифи Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро адои вазифа намуд. Ӯ муддате муҳаррири рӯзномаҳои «Қутулуш» ва «Известия»-и Кумитаи Иҷроияи Марказии Бухороро низ ба уҳда дошт.

Аббос Алиев душмани ашадии ҷараёнҳои миллатгаро, аз ҷумла пантуркизм ва шовинизми бузургманиши узбакӣ буд. Чи тавре ба мо маълум аст, аз ибтидои солҳои 20-уми асри XX фаъолияти ин ҷараёнҳо, ки асосан зидди фарҳангу забон ва умуман ҳастии тоҷикон нигаронида шуда буданд, хеле пурзӯр мегардад. Маҳдудкунӣ ва фишор

аз забони тоҷикӣ оғоз гардид. Аз санаи 15-17-ми июни соли 1918 бо қарори Анҷмани якуми ҲК Туркистон ва 14 июли соли 918 қарори КИМ Туркистон забонҳои туркӣ (ӯзбакӣ, қирғизӣ) дар баробари забони русӣ мақоми давлатиро гирифтанд [6, с. 34-35]. 11-уми марти соли 1921 бо қарори ШНХ ҶШХ Бухоро забони расмӣ забони ӯзбакиро эълон намуд [16, с. 23]. Ҳамин тавр, забони тоҷикӣ, ки ҳазорсолаҳо забони коргузориву давлатӣ буд, бо фишори пантуркизм ва дастгирии мутасаддиёни ҳизбиву давлатии шӯравии Туркистону Бухоро, мақоми давлатии худро аз даст дод. Ин раванд ба мактабу маориф низ бетаъсир намонд. Дар рӯзномаву маҷалла ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ садҳо эътирозу шикоятҳои мардум мавҷуданд, ки гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунанд.

Масалан, дар мақолаи “Тоҷик ва маориф”, ки аз тарафи як нафар тоҷики самарқандӣ А.Палвонзода навишта шудааст, таъкид ёфтааст: “Бародарон ба худатон маълум аст, ки номи мо тоҷикон аз аввали инқилоб то ҳол (таъсиси ҶМШС Тоҷикистон 14.10.1924) яъне ҳафт сол дар ҶМШС Туркистон гум шуда буд. То дараҷае мо худро гум карда будем, ки бачагони худро бо забони ӯзбакӣ хондем” [11, с. 2]. Инчунин мақолаҳои Аминзода “Мактаб бо забони модарӣ” [12, с. 4], Б.Вализода “Ба диққати маориф ва маданияти Тоҷикистон” [13, с. 1], Рустоӣ “Тоҷиконро чи тур мефиребанд” [14, с. 5], “Масъалаи забон дар мактаб” [11, с. 2] ва мақолаҳои зиёди дигар нашр шудаанд, ки дар онҳо шикояти ошкорои мардум аз таҳсили фарзандонашон дар мактабҳои ӯзбакӣ ва фишори ҳукуматдорони ӯзбак садои эътироз меояд. Муаллифи мақолаи “Мактаб бо забони модарӣ” қайд мекунад, ки “Шаҳри Хуҷанд иборат аз 10 қитъа ва атрофаш иборат аз 7 кент мебошад, ки қариб ҳама тоҷиканд ва бо забони тоҷикӣ ҳарф мезананд. Кӯдакон ҳам дар кӯча ва ҳам дар хона бо забони тоҷикӣ ҳарф мезананд, аммо дар мактаб бошад, онҳоро бо забони ӯзбакӣ дарс медиҳанд, ки аз он кӯдакон чизе намефаҳманд” [12, с. 4].

Аламовар он аст, ки дар узбакикунонии мактабҳои тоҷикӣ на танҳо роҳбарони туркнажоди ҶМШС Туркистон ва ҶШХ Бухоро, балки мансабдорони баландпояи тоҷик, ки ба пантуркизм гаравида буданд, мусоидат намуданд. Ба ин қатор метавон Абдулло Раҳимбоев, Абдурауфи Фитрат, Файзулло Хоҷаевро дохил намуд. Масалан, Абдурауфи Фитрат, ки дар Туркия таълим гирифта ва аз соли 1921 нозири маорифи ҶХШ Бухоро интихоб гардид, дар солҳои роҳбарии ӯ шумораи мактабҳои туркӣ-узбакӣ аз ҳисоби мактабҳои тоҷикӣ хеле афзуданд [17, с. 321].

Таҳсил дар тамоми мактабҳои вилоятҳои тоҷикнишин, махсусан Самарқанд, Бухоро ва округи Хуҷанд маҷбуран ба забони узбакӣ ҷорӣ карда шуд. Бар зидди узбакикунонии мактабҳои тоҷикӣ ва фишори ҳукуматдорони туркгаро соли 1922 дар шаҳри Бухоро бо сарварии Аббос Алиев шӯриши халқӣ ташкил карда шуд [10, с. 111]. Ҷалол Икромӣ, ки шоҳиди ин рӯйдод буд, чунин афзудааст: «Дар ёд дорам, ки Аббос Алиев бо рафиқонаш шӯриш барпо намуд. Ҳамаи мактабҳо ва одамони гузарҳоро ба по хезонда, ба кӯча намоиш ташкил кард. Мақсад ҳамин буд, ки мактабҳои Бухороро тоҷикӣ кунанд! Баъди ин ҳодиса қисми зиёди мактабҳои шаҳри Бухоро тоҷикӣ карда шуданд» [5, с. 39-40]. Аз гуфтаҳои Ҷ.Икромӣ маълум мегардад, ки шӯриш хело калон будааст. Бо боварӣ метавон гуфт, ки ин балвои Аббос Алиев бар зидди пантуркизм ва узбакикунонии мактабҳои тоҷикӣ сар задааст. Баъди ин воқеа моҳи август-сентябри соли 1922 Аббос Алиевро ба Маскав, ба Донишгоҳи коммунистии Шарқ фиристоданд, ки ин як навъ ҷазо барои ташкили шӯриш буд [10, с. 111-112]. Аббос Алиев дар мақолаи худ «Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он» [1, с. 13-18] чунин савол мегузорад, «Сабаб чист, ки аҳолии Бухоро узбек номида шудаанд?» Ба ин савол чунин посух медиҳад: «Сабаби дурусте дар хусуси ӯзбек будани халқи Бухоро табиӣ нест, лекин ду баҳона дар Бухоро шунида мешавад.

Баҳонаи аввал. Чун Бухоро дохили Ӯзбекистон аст, халқи он бояд узбек бошанд. Забон, урф ва одат ҳеҷ дахле надорад.

Баҳонаи дувум. Баъзеҳо калимаи тоҷикро аз рӯи назарияи динӣ мефаҳманд. Ба хаёлашон мерасад, ки тоҷик – яъне шиа, суннӣ – яъне ӯзбек. Бисёр муҳим аст, ки

идораҷоти ҳукуматӣ, ҳатто шуъбаи маориф ҳам тоҷикро шинохта ва фақат шиаҳои Бухороро тоҷик меноманд» [1, с. 13-18].

Барои чунин ошкорбаёнӣ ва бо ҷасорат ҳифз карданаш аз манфиатҳои миллӣ, Аббос Алиев ба бисёр шовинистони узбак маъқул набуд. Ин буд, ки маҳз ҳамин миллатгароён ӯро зери танқиду фишор қарор дода буданд. Масалан, дар ҷое худи Аббос Алиев иқрор мешавад, ки «Ин миллатчиҳо (ӯзбакҳо) барои он, ки ман фикрамро доири ин беинсофиҳо гуфтаам, матбуоти фирқаро олоти худ карда, ҳарчи ба даҳонашон омад, дар ҳаққи ман навиштаанд…» [1, с. 13-18].

Солҳои 1922-1923 Аббос Алиев дар Университети коммунистии меҳнаткашони Шарқи шаҳри Москва таҳсил мекунад.

Сентябр-октябри соли 1924 дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон, давраи ниҳоят муҳим ва тақдирсоз буд. Зеро дар ин давра тақсимоти миллию марзӣ гузаронида шуд ва душманони халқи тоҷик талош бар он мекарданд, ки аз ҳисоби тоҷикон ҷумҳурии алоҳидае таъсис наёбад. Кор то ҷое расида буд, ки пантуркистон тоҷиконро ҳамчун миллат эътироф намекарданд.

Дар чунин вазъияти мушкил Аббос Алиев дар қатори Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов ва дигар фарзандони барӯманди халқи тоҷик талош бар он мекард, ки дар рафти ин тақсимот ҳуқуқҳои тоҷикон ҳамчун куҳантарин сокинони Осиёи Миёна поймол нагардад.

Пас аз ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон (14 октябри с. 1924) ва ташкили Нозироти маориф (Наркомпрос) 14 декабри соли 1924, Аббос Алиев аввалин нозири маорифи халқ таъин гардид [7, с. 31].

Аббос Алиев кӯшишҳои зиёдеро барои ташкили низоми шӯравии идоракунии маориф ба харҷ дод. Дар ин самт тайи солҳои 1924-1927 фаъолияти ӯ бо кушодани нахустин мактабҳои шӯравӣ ва тарбияи аввалин муаллимони ин мактабҳо оғоз ёфт ва дар ин давра барои ба вуҷуд овардани низоми нави таҳсилот дар Тоҷикистон қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуд. Ӯ, барҳақ, яке аз муассисони маорифи халқ дар кишварамон буд. Дар аввалин фармони нозири маорифи ҷумҳурии навтаъсис Аббос Алиев аз 11-уми феврали соли 1925 гуфта мешуд: «Дар ҳамаи муассисаҳо ва мактабҳои шуъбаи маорифи халқи Бухорои Шарқӣ, ки ба ихтиёри Комиссариати маорифи халқи ҶМШС Тоҷикистон гузаштанд, таълим ба забони тоҷикӣ ҷараён мегирад» [21, с. 92]. Ин фармон аҳамияти бузурги сиёсӣ дошт, зеро ба меҳнаткашони тоҷик имкон дод, ки манфиатҳои миллиашонро дар амал татбиқ намоянд, на танҳо мактабҳои шӯравӣ, балки дигар соҳаҳои маданияти худро бо забони тоҷикӣ инкишоф диҳанд. Истиқлоли забони тоҷикӣ ба майлҳои шовинистӣ, ки ба манфиатҳои тоҷикон зарари калон оварда буд, зарбаи шадиде буд.

Маҳз, бо ташаббуси Аббос Алиев Анҷумани якуми муассисони умумитоҷикистонии шӯроҳо 12-уми декабри соли 1926 Декларатсия дар бораи таълими умумии ройгонро қабул намуд. Мувофиқи ин ҳуҷҷати таърихӣ бори аввал дар таърихи Тоҷикистон барои тамоми табақаҳои ҷомеа таълими бепул ҷорӣ гардид [15, с. 3].

Дар ташкили аввалин мактабҳои маҳви бесаводӣ, мактабҳои шӯравии тоҷик ва муассисҳои томактабӣ, инчунин аввалин техникумҳои педагогӣ ва муассисаҳои маданӣ – равшаннамоӣ дар ҶМШС Тоҷикистон А. Алиев саҳми арзандае дошт. Ӯ инчунин дар ташкилу мустаҳкам кардани мақомоти маҳаллии маориф, аз дигар ҷумҳуриҳо даъват кардани омӯзгорон, омода сохтани нахустин китобҳои дарсӣ бо забони тоҷикӣ ҳиссаи калон гузоштааст.

Фаъолияти Аббос Алиев ҳамчун аввалин комиссари маорифи ҶМШС Тоҷикистон аз доираи мактабу маориф низ берун мебаромад. Ӯ дар ташкили органҳои матбуот бо забони тоҷикӣ фаъолона иштирок карда, аввалин муҳаррири рӯзномаи «Бедории тоҷик» ва маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» буд. Ташкили маркази нашриёти ҷумҳуриявӣ соли 1925, тарҷумаи китобҳои дарсӣ бо забони тоҷикӣ, барномаҳои мактабӣ ва дигар

чорабиниҳои муҳим доир ба маорифи халқ бо иштироки бевоситаи Аббос Алиев сурат гирифтаанд [10, с. 139].

Яке аз муваффақиятҳои соҳаи маорифи Тоҷикистон ба мактабҳои шӯравӣ ҷалб намудани мардум ва бо қувваи худи аҳолӣ сохтани биноҳои нави мактабӣ буд. Зеро Нозироти маориф дар ибтидо имконияти сохтмони ҳамаи биноҳои таълимиро надошт. Комиссариати маориф соли 1926 чорабиниҳои хеле муҳим-дуҳафтагӣ ва якмоҳаи маорифи халқро гузаронд, ки дар натиҷа дар вилоятҳои Ҳисор, Кӯлоб, Ғарм ва Қӯрғонтеппа бо қувваи худи аҳолӣ 120 бинои нави мактабҳо сохта, ба истифода дода шуданд [8, с. 4].

Муваффақиятҳои соҳаи маорифро дар солҳои роҳбарии Аббос Алиев чунин далелҳо шаҳодат медиҳанд: дар солҳои хониши 1924/1925 дар мактабҳои шӯравӣ 904 нафар, 1925/1926- 2343 ва соли таҳсили 1926/1927 5024 нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Шумораи мактабҳо соли таҳсили 1926/1927 90 ва соли таҳсили 1927/1928 ба 271 расонида шуданд [18, с. 10]. Бояд қайд намоем, ки то ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон мактабҳои шӯравӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ҳамагӣ 31ададро ташкил медоданд ва онҳо ба таври лозимӣ фаъолият намекарданд.

Вайроншавии шунавоӣ бевосита ба рушди нутқи кӯдак таъсир расонида, ба ҳайси натиҷаи раванди мазкур ташаккули хотира ва шуури ӯро низ халалдор хоҳад кард. Дар мавриди ташаккули хусусиятҳои шахсӣ ва рафтори кӯдакони ношунаво ва сустшунаво гуфтан зарур аст, ки ҳастии онҳо аз ҷиҳати биологӣ набуда, аз ин сабаб дар ҳолати ба вуҷуд овардани шароитҳои муносибе нуқсонҳоро як андоза ислоҳ метавон кард.

Бояд гуфт, ки кӯдакони солими рушдёбанда қисми бештари донишҳоро дар бораи муҳити атроф ба воситаи эҳсосот ва таассуроти шунавоии худ дарк менамоянд. Кӯдаки ношунаво аз чунин имконот маҳрум аст ё эҳсосоти шунавоӣ дар кӯдак хеле маҳдуд мебошад. Ин ҳолат раванди дарккуниро мушкил сохта, ба ташаккулёбии дигар ҳиссиётҳо ва таассуроти кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Бо сабаби халалдор гаштани ҳиссиёти шунавоӣ қобилияти биноӣ мақоми махсус пайдо намуда, минбаъд маҳз дар заминаи он нутқи кӯдаки ношунаво инкишоф меёбад. Ҳини мавҷуд набудани қобилияти шунавоӣ барои дарки муҳити атроф он эҳсосоте мақоми аввал пайдо менамоянд, ки ба ҳаракат, ламс, имову ишора иртибот доштанд. Яъне, онҳо набудани қобилияти шунавоии кӯдаконро ба ҳадди имконпазир камтаъсиртар менамоянд.

Тибқи таҳқиқоти Т. В. Розанова, хотираи кӯдакони ношунаво ва сустшунаво бо як қатор хусусиятҳо фарқ мекунад. Тасаввуроти чунин кӯдакон нисбат ба кӯдакони муқаррарӣ нисбатан пуршиддат мегузарад (аз даст додани саҳеҳият, пурра ифода намудани объект, хурд шудани андозаҳо, дар муҳит ҷойгиршавии ҷузъиёти объект, талаффузи ашё бо номи ашёи нисбатан маълумтар). Дар хотир нигоҳдорӣ бо усули пешниҳодкунии мавод робитаи бевосита дошта, аз ин рӯ хотираи кӯдакон, дар ёд нигоҳ доштану баён намудани калимаҳо, ҷумлаҳо ва матнҳо мушкил мебошад. Мутахассисон қайд менамоянд, ки дараҷаи хотираи захираи луғавии кӯдакони шунавоияшон халалдоршуда ба суръати сусти рушди нутқии онҳо робитаи бевосита дорад.

Хусусиятҳои таассуроти кӯдакони иллатдор ё ношунаво ба ташаккули сусти нутқи онҳо ва тафаккури номушаххас алоқаманд мебошанд. Таассуроти барқарорсозӣ дар фаъолияти дарккунии кӯдакони ношунаво ва сустшунаво нақши махсус дорад. Рушди чунин кӯдакон бо сабаби имконияти маҳдуди онҳо барои азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, нокифоя будани захираи тасаввурот дар бораи олами атроф, тасаввуроти доштаро мутобиқи ифодаҳои луғавӣ дигаргун сохтан мушкил мегардад. Таҳқиқи тасаввуроти эҷодии кӯдакони ношунаво ва сустшунаво инчунин мавҷуд будани як қатор хусусиятҳоеро нишон медиҳад, ки онҳо ба ҳаҷми нокифояи маълумот дар бораи муҳити атроф алоқаманд мебошанд. Мутахассисон зарурати рушди таассуроти кӯдакони ношунаво ва сустшунаворо таъкид карда, қайд менамоянд, ки ба раванди ташаккулёбии шахсият дар маҷмӯъ таъсири он калон аст.

Хусусияти тафаккури кӯдакони шунавоиашон халалдоршуда ба заифии инкишофи нутқи шифоҳи онон алоқаманд аст. Ин ҳолат дар рушди тафаккури шифоҳию мантиқии кӯдакон ба таври возеҳ ифода меёбад, дар баробари ин, тафаккури аёнию амалӣ ва мисли хонандагони ношунаво ва сустшунаво низ хусусиятҳои хос дорад. Халалдоршавии шунавоӣ ба ташаккули ҳамаи амалҳои фикрӣ таъсир расонда, дар охир ба мушкил гаштани истифодаи донишҳои назариявӣ сабаб мегардад. Пажӯҳишҳо нишон додаанд, ки ба хонандаи ношунаво барои дарки донишҳои гирифтааш нисбат ба ҳамсоли шунавоияш солим вақти бештар зарур мешавад.

Рушди ақлонии кӯдаки муқаррарӣ такя ба нутқ менамояд. Дар кӯдаке, ки шунавоиаш нуқсон дорад, халалдоршавии ҳамаи вазифаҳои нутқ (иртиботӣ, хулосабарорӣ, сигнификатсионӣ, назоратӣ, танзимсозӣ) ва қисмҳои таркибии забон (захираи луғавӣ, сохти грамматикӣ, таркиби фонетикӣ) мушоҳида мегардад. Аз ҳамин сабаб, рушди кӯдаконе, ки шунавоияшон ба таври амиқ халалдор гаштааст, дар маҷмӯъ аз ҳамсолонашон қафо мемонад. Дар заминаи нуқсони нутқи шифоҳии кӯдак халалдоршавии нутқи хаттии онҳо ҳам ба амал меояд, ки он дар шакли носозии навишт (дисграфия) ва нутқи бесаводона (аграмматизм) гуногун ифода меёбад. Дар ҳолати пурра гум кардани шунавоӣ нутқи кӯдак танҳо дар шароити омӯзиши махсус ва бо кӯмаки шаклҳои ёрирасон – аз қабили нутқи имову ишоратӣ, хондани ҷунбиши лабон ташаккул меёбад.

Мутобиқи қонуниятҳои умумӣ, рушди равонии шахсияти кӯдаки ношунаво ва сустшунаво дар раванди муошират бо ҳамсолон ва калонсолон дар ҷараёни азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Халалдоршавӣ ё пурра гум кардани қобилияти шунавоӣ кӯдакро ба мушкилот дар муошират бо атрофиён рӯбарӯ сохта, бароямон ҷараёни азхудкунии иттилоотро заиф мегардонад, таҷрибаи кӯдаконро хароб намуда, ба ташаккули шахсияти ӯ низ таъсир мерасонад.

Кӯдакони шунаво бештари таҷрибаи иҷтимоиро ба таври табиӣ азхуд менамоянд, кӯдакони шунавоиашон халалдоргашта бошанд, аз ин ҷиҳат имкониятҳои маҳдуд доранд. Мушкилоти муошират ва хусусияти муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо кӯдакони муқаррарӣ метавонад, ба он бурда расонад, ки дар шахсияти кӯдакон сифатҳои манфие, амсоли бадхашмӣ, дарундорӣ ва одамгурезӣ ташаккул ёбанд. Вале мутахассисон бар он ақида ҳастанд, ки ҳангоми таъмин намудани кӯмаки саривақтии тасҳеҳи камбудиҳои рушди шахсияти кӯдакони шунавоиашон ба таври амиқ халалдоршуда, хислатҳои номатлуби тавсифшуда гум шуданашон мумкин аст. Кӯмак аз он иборат аст, ки рӯҳафтодагӣ, афсурдаҳолиҳои эҳсосӣ ва иҷтимоиро бартараф намуда, барои ба фаъолияти манфиатноки ҷамъиятӣ ворид гаштани кӯдак мусоидат карда шавад.

Ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои психологии рушди кӯдакон ва калонсолони гаронгӯш принсипҳои асосии ташхиси равоние истифода мегарданд, ки онҳоро равоншиносон барои навъҳои гуногуни нуқсонҳои ҷисмонии инсон таҳия намудаанд (А.Р.Лурия, С.Д. Забрамная, В.И. Лубовский, Т.В. Розанова).

Шарти асосӣ, ки мутобиқи он ташхиси психологӣ гузаронда мешавад, қисми таркибии ташхиси кӯдак буда, дар ҷараёни он маълумоте истифода мешавад, ки онро

мутахассисони дигар соҳаҳо, ба монанди табибон, педагогҳо, дефектологҳо ва коркунони иҷтимоӣ ба даст овардаанд. Барои омӯзиши ҳолати равонии кӯдаки шунавоиаш халалдор маълумотеро дар даст доштан зарур аст, ки он ба оила, таркиби оила, сатҳи маълумот, фаъолияти меҳнатии волидон, дар оила мавҷуд будани кӯдакони дигар, нуқсони шунавоии волидон ё дигар хешовандони кӯдакон алоқаманд бошад. Маълумоти мутахассисони соҳаҳои гуногун, аз он ҷумла маълумот дар бораи ҳолати шунавоӣ дар асоси муоинаи аудиологӣ зарур аст, зеро он барои ҷуброн намудани шунавоии халалдоргашта аҳамияти калон дорад. Ҷамъоварии маълумот дар бораи ҷараёни ҳаёти кӯдак дар батни модар, дар бораи хусусиятҳои рушди равонии вай аз рӯзи таваллуд то лаҳзаи ташхис, дар бораи хусусияти кӯмаки ба вай расондашудаи махсуси педагогӣ, шароити таълим ва тарбия зарур аст.

Фаромӯш набояд кард, ки ташхиси равонӣ ҳамаҷониба бояд гузаронида шавад, яъне омӯзиши ҳаматарафаи рӯҳ-равандҳои идрок,соҳаҳои шахсият,эҳсосот ва иродаро фаро бигирад. Дар вақти тахмин намудани нуқсони шунавоӣ бар замми муқаррар намудани ҳолати вуҷуд доштани он ба рушди ҳаракат, фаъолияти дастгоҳи мувозинати шунавоӣ, хусусиятҳои рушди нутқ эътибор додан зарур аст. Хангоми муқаррар намудани вазъи шунавоӣ фақат ба ташхиси аудиологии он қонеъ шудан на он қадар дуруст аст, зеро аудиограмма танҳо дараҷаву сатҳи пастшавии қобилияти шунавоӣ ва ҳадду ҳудуди онро муайян мекунаду халос. Ҳол он ки донистани он ҳам зарур аст, ки кӯдак аз имконоти мавҷудаи шунавоияш дар рӯзгори муқаррарӣ, вақти муносибат бо атрофиён то чӣ дараҷа истифода мебарад.

Усули омӯзиши мукаммалу бонизоми кӯдак имконият медиҳад, ки на танҳо зуҳуроти ҷудогонаи рушди равонӣ муайян гардад, балки гузашта аз ин, робитаи байни онҳо барқарор карда шавад. Ташхиси бонизоми нуқсони шунавоиро бо такя ба муқаррароти Л. С. Виготский оид ба дараҷаи нуқсон ба ҷо овардан имконпазир аст [3]. Омӯзиши мукаммали кӯдаки шунавоиаш халалдоргашта вақте муваффақият пайдо мекунад, агар он дар ҷараёни фаъолият – муошарати эҳсосӣ, ашёӣ, бозиҳо, таълим ва меҳнат ба амал бароварда шавад. Шароити мазкур барои беҳтар муайян намудани як қатор хусусиятҳо, ба монанди идрок, ангезаҳо, шавқу рағбат ва шахсияти кӯдак кӯмак мерасонад.

Барои фаҳмидани моҳияти нуқсони шунавоӣ ва таъсири он ба ҷараёни рушди равонии кӯдак принсипи омӯзиши мураттабу пайваста аҳамияти калон дошта, тибқи он на танҳо он чиро муайян намудан зарур аст, ки кӯдакон айни замон медонанд ва ё иҷро карда метавонанд. Беҳтар хоҳад буд, ки маҳз дар ин лаҳза инчунин имкониятҳои эҳтимолӣ, чун фаҳмидани «минтақаи рушди ояндаи наздик» мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Т. В. Розанов чунин меҳисобад, ки вазифаҳои барои иҷрои кӯдак пешниҳодшаванда бояд дастрас бошанд, зеро агар кӯдак ҳамаи вазифаҳоро нодуруст ҳал кунад, мо фаҳмида наметавонем, ки ӯ дар кадом сатҳи рушди равонӣ қарор дорад. Агар кӯдак қобилияти иҷро кардани вазифаҳоеро надошта бошад, ки онҳоро ҳамсолонаш иҷро карда метавонанд, ба вай вазифае додан зарур аст, ки иҷрои он хоси кӯдакони синни хурдсол аст. Барои муқаррар намудани «минтақаи рушди ояндаи наздик» ва бузургии он ба барномаи ташхис яке аз вариантҳои таҷрибаи омӯзишии равоншиносиро ворид намуда, дар ҳолати мавҷуд набудани чунин имконият, дар марҳилаҳои гуногуни пажӯҳиш дар мавридҳое, ки кӯдак ба минтақаи хатогӣ қадам мениҳад, ҳамон замон барои кӯмаки ӯ шитобидан лозим аст. Намудҳои кӯмак, хусусиятҳои қабулкунии он ё қабул накардани он аз тарафи кӯдак – барои омӯзиш мавод фароҳам месозанд. Натиҷаҳои ҳалли мустақилонаи вазифаҳои дараҷаи мураккабиашон гуногун ва баҳодиҳии таъсири кӯмаки ба кӯдак расондашуда имконият медиҳанд, ки мо дар бораи на танҳо сатҳи рушди равандҳои дарксозии кӯдак, инчунин дар бораи роҳҳои имконпазири мукаммалгардонии минбаъдаи онҳо дар шароити таълимӣ ва тарбиявии махсус натиҷабардорӣ бикунем.

Ин ҷо, ба андешаи мо, на танҳо натиҷаи ниҳоии фаъолиятро ба эътибор гирифтан зарур аст, балки гузашта аз ин раванди иҷрои он – усулҳои амалиёт, самаранокии онҳо,

пайдарҳамӣ, бомантиқӣ, собитқадамӣ дар ҷодаи дастёбӣ ба ҳадафҳо, муносибат ба роҳи интихобшудаи ҳалли вазифа, танқидиро низ таҳлил намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Ҳангоми муоинаи ҳолати равонию педагогии кӯдакони шунавоиашон нуқсондор мушкилоти муайяне ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо ба хусусиятҳои бештари рушди равонии наврасон иртибот доранд: аз ҷумла бо ташкили муошират, нутқи барояш нигарондашударо нафаҳмидани кӯдак, мавҷуд набудани нутқ дар кӯдаки тадқиқшаванда ё нофаҳмо будани нутқи вай. Ин ҳолат имконияти истифодабарии усулҳои таҷрибавиро маҳдуд мегардонад.

Инкишофи психологии кӯдакони шунавоиашон косташуда навъи махсуси камолот буда, дар шароити махсуси таъсироти мутақобила бо муҳити атроф мукаммал мегардад ва он ба навъи норасои нашъунамои номуътадили инсон тааллуқманд маҳсуб мешавад. Ҳангоми мавҷудияти чунин навъ ташаккули муносибатҳои мураккаби байниҳамдигарӣ, мутобиқат ва дарки зинаҳои синнусолӣ заиф мегарданд. Бо сабаби зарар дидани шунавоӣ ҳаҷми таъсироти беруна ба кӯдак ва амали муштарак бо муҳити зист маҳдудӣ меёбад. Дар натиҷаи ин ҳама фаъолияти психологии ин зумраи кӯдакон содагӣ касб менамояд, вокуниши онҳо ба таъсироти беруна хеле одӣ шуда, ба сатҳи бемазмунию берангӣ мерасад. Инкишофи унсурҳои психикаи чунин кӯдакон нисбат ба кӯдакони муқараррӣ ба таври дигар сурат мегирад – нобаробарии рушди шаклҳои аёнӣ ва мафҳумии тафаккур мушоҳида гашта, нутқи хаттӣ аз нутқи шифоҳӣ бартарӣ пайдо мекунад. Номураттабӣ дар зинаҳои мухталифи норасоии инкишоф мушоҳида мешавад. Масалан, пӯсти бадани кӯдакони шунавоиашон нуқсондор нисбатан ҳассос буда, дар онҳо идроки биноӣ тариқи ҷуброн (компенсация) инкишоф меёбад. Инчунин дар суръати рушди равонӣ нисбат ба кӯдакони солим тағйирот мушоҳида мегардад: заиф гаштани инкишоф ҳамоно баъди таваллуд ё пас аз пурра гум кардани шунавоӣ ва дертар ба шарофати фароҳам овардани шароити мусоиду самарабахши таълиму тарбия рӯй ба беҳбудӣ ниҳодани рушд. Тағйирёбии суръати рушди равонӣ бо хусусиятҳои сохтории психикаи кӯдакони шунавоиашон халалдоргашта алоқаманд мебошад. Дар ҳолати косташавии шунавоӣ нигоҳ доштани дигар қобилияту имконоти эҳсосӣ, идрокӣ, зеҳнӣ ва воситаи танзимсоз аҳамияти калон пайдо мекунанд.

Вобаста ба синну соли кӯдак, аз давраи рушди равонӣ, ки ҳангоми он кӯдак мавриди муоинаю пажӯҳиш қарор дода шудааст, вазифаҳои махсуси омӯзиши хусусиятҳояш ҷудо шуда меистанд. Дар давраи хурдсолӣ ба рушди соҳаи ҳаракатӣ–қобилияти нигоҳ доштани сар, фароҳам шудани ростии қомат ва амсоли инҳо аҳамият медиҳанд. Мавҷуд набудани зиддият ба гаҳвораҷунбонӣ (кӯдак то замоне осуда намешавад, ки ӯро ба даст нагиранд) дар бораи костагии узви шунавоии кӯдак шаҳодат медиҳад. Баробари халалёбии бармаҳали шунавоӣ аксар вақт заиф шудани инкишофи ростқоматии тифл ба амал меояд, ки он бо мурури вақт, одатан дар 15-16-моҳагӣ ҷуброн мегардад. Далели мазкур ба вақти гум шудани шунавоӣ ва сабабҳои рӯйдоди он далолат карданаш мумкин аст. Воқеан, оид ба хосияти модарзодӣ доштани нуқсони шунавоӣ ё халалёбии бармаҳали он аломату нишонаҳои хосе гувоҳӣ доданашон аз эҳтимол дур нахоҳад буд. Аз ҷумла ғурунгоси тифлакони шунавоияшон косташуда якрангу шабеҳи якдигар буда, гуфтугӯи хоси кӯдаконаи онҳо на дар ҷавоби муоширатҳои модар ё пизишкон, балки комилан тасодуфӣ ва ҳатман бемаврид сурат мегирад. Аз ин нукта ба осонӣ метавон фаҳмид, ки нутқи тифл на дар асоси таассури ӯ ба муроҷиати парастор, балки бо майлу муроди худи ӯ ва бидуни аксуламали ногузире рух додааст. Сабаб он аст, ки тифл қобилияти шунидани овозро надорад.

Дар овони тифлӣ, дар синни томактабӣ ва хурди мактабӣ ба хусусиятҳои инкишофи нутқ ва идрок, пеш аз ҳама, ба ташаккули муносибатҳои байниҳамдигарии тафаккур ва нутқ, инчунин ба рушди ҳаракатии кӯдакон аҳамияти махсус медиҳанд. Ошкор сохтани бархе нобасмониҳои ин даврон барои созмон додани тадбирҳои ислоҳию тасҳеҳӣ хизмат хоҳад кард. Дар айёми наврасӣ ва оғози ҷавонӣ дар ҳолати дуруст ташкил намудани таълим қафомонӣ дар идрок, асосан дар равандҳои мураккаби

равоние мушоҳида мешавад, ки ташаккули онҳо ба дараҷаи нутқи шифоҳӣ, хотираи луғавӣ ва таассурот алоқаманд мебошад. Мо ба он ҳастем, ки пажӯҳиши маҳз чунин равандҳоро дар навбати аввал пеш гирифтану анҷом додан зарур аст. Мушкилиҳо дар инкишофи узвҳои ҳаракат дар айёми наврасӣ асосан ҷуброн карда мешаванд, вале баъзе хусусиятҳо, аз қабили иҷрои коҳилонаи ҳаракатҳо, суръати сусти азхудкунии малакаҳои ҳаракати бадан (нисбат ба бачагони солим), нигоҳ дошта натавонистани мувозинати ҷисмӣ дар ҳолатҳои сукунат ва серҳаракатӣ боқӣ мемонанд. Ҷой доштани хислатҳои мазкурро ҳангоми касбинтихобкунии наврасон ва навҷавонони шунавоиашон нуқсондор ба инобат гирифтан зарур аст. Дар синну соли наврасӣ ва навҷавонӣ омӯзиши рушди шахсият ва худшиносӣ аҳамияти калон пайдо мекунад, зеро маҳз ҳамин омилҳо ба дараҷаи ҷуброни костагии ҷисмонӣ таъсир расонда, мутобиқати иҷтимоию меҳнатиро муайян менамоянд.

Ташхиси сатҳи рушди равонии кӯдаки шунавоиаш нуқсондор дар ширхорагӣ, ибтидои бачагӣ ва дар синни томактабӣ дар замони мо ҳам муаммои ҳалталаб маҳсуб мешавад. Мураккабии фарқ намудани карӣ аз шунавоии маҳдудшуда, аз пастшавии зеҳн, аз халалёбии нутқ аксар вақт боиси он мегардад, ки, масалан, кӯдакони гаронгӯш ҳамчун нафарони аз ҷиҳати ақлӣ қафомонда, сустшунавоён бошанд, ба ҳайси лакнатдорони забонӣ тасниф карда мешаванд, ки мутаассифона, ба ҳақиқати ҳол комилан мувофиқат намекунад. Мушкилоти ташхиси тафриқӣ (дифференсиалӣ) баъзе нуқсонҳои рушди психологӣ нисбат ба кӯдакони синни барвақти кӯдакӣ ба он алоқаманд мебошад, ки аломатҳои нобасомонии инкишоф дар ин даврон зуҳуроти комилан шабеҳ бо гунгӣ дошта метавонанд. Яъне, ҳангоми ташхису муоина дар ин давра аломатҳои карӣ ва гунгии тифлонро дақиқан муқаррар намудан ҳанӯз имконнопазир мебошад, ки, бешубҳа, оқибатҳои ногувор дорад.

Ҷойи таъкид аст, ки омили асосии омӯзиши кӯдакони шунавоиашон нуқсондор дар хурдсолӣ ва кӯдакии барвақт ин усули мушоҳида мебошад. Дар шароити табиӣ унсурҳои зоҳирии рафтор – унсурҳои муҳаррикии фаъолиятҳои амалӣ, ҳаракати умумии бадан ва қисмҳои алоҳидаи он, ҷойивазкуниҳои кӯдак, имову ишора ва зуҳуроти зоҳирии таассуру вокунишҳои нидоӣ ва муошират нутқӣ, хусусиятҳои он, мазмун, самт, давомнокӣ, мухтассоти фонетикӣ, грамматикӣ ва луғавӣ нисбатан бараълотару дақиқтар мушоҳида мегарданд.

Ҳангоми омӯзиши ҳолати равонию педагогии кӯдакони шунавоиашон халалдоргашта дар синни 3-4-солагӣ нуктаҳои зеринро ба эътибор бояд гирифт:

1. Инкишофи муошират - дар ибтидо шаклҳои токалимагии он (баровардани нидоҳо тавассути садонокҳо- «а, о,у»-гӯиҳои тифлона, имову ишора, аломатҳои табиӣ, нигоҳҳо, ҳаракати бадан). Кӯдакони кар нисбат ба кӯдакони шунаво дертар ба шӯру ғалаён кардан оғоз мекунанд, шавқуни чунин кӯдакон якранг, якхела ва хира аст. Ҷавобҳои норавшан (анг-унг)-и кӯдакон ба муроҷиати модар зоҳир намешавад, ҳарчанд, ки онҳо садоҳои зиёд мебароранд. Бо мурури замон миқдори садоҳо камтар шуда, онҳо хислати якрангӣ касб менамоянд.

Дар кӯдакони сустшунаво монандии ташаккули нутқи онҳо бо кӯдакони кари 2-3-сола дида мешавад ва минбаъд фарқиятҳо ҳарчӣ бештар назаррастар мегарданд, яъне дар кӯдакони сустшунаво дар синни томактабӣ калимаҳо, баъзан ибораҳо зоҳир мешаванд. Барои нутқи онҳо хатоҳо дар талаффузи баъзе овозҳо, инчунин дар мураттабгардонии грамматикии гуфтугӯ хос мебошанд;

2. Сатҳи ташаккули идроки шунавоӣ. Таассуру вокуниши кӯдак ба садои бозичаҳо имконият медиҳад, ки дар бораи эҳсоси ӯ ҳарчӣ бармаҳалтар хулоса бароварда тавонем. Минбаъд ба шавқу рағбати кӯдак ба бозичаҳои садодор, садоҳои радио ва телевизор аҳамият додан зарур аст ва инчунин қобилияти кӯдакро дар эҳсоси овози бозичаҳо ва асбобҳои мусиқӣ санҷидан зарур аст. Бо ин мақсад се олати садои гуногундоштаро мегирем (ғиҷҷак, ҳуштак, зангӯла) ва кӯдакро рӯ ба рӯи худ шинонда, овози онҳоро мебарорем, сипас ӯро пушт ҷониби худамон шинонда, дарки шунавоияшро дигарбора месанҷем. Қобилияти шунавоии кӯдакро барои эҳсоси нутқи

паст (пичиррос), суханронии муқаррарӣ ва баланд бо мақсади муқарррар намудани дараҷаи хислати мазкури ӯ мавриди санҷиш қарор бояд дод. Тадбири мазкурро Р.М.Боскис [2] чунин маънидод намудааст: дар оғоз шунавоӣ ба нутқи пастро дар масофаи на кам аз 5-6 метр месанҷанд, кӯдакро рӯ ба рӯи худ шинонда, калимаҳои ба ӯ шиносро ба забон меоранд (дар оғоз калимаҳоеро ба вай пешниҳод кардан лозим аст, ки дар онҳо овозҳои шавшувӣ бошанд, сипас калимаҳои дигарро). Агар кӯдак калимаро талаффуз карда натавонад, ба вай оҳиста-оҳиста наздиктар шудан лозим меояд (ҳамин тариқа, то ба ҳадди кофӣ наздик шудан гиред). Агар кӯдак калимаҳои дар наздикии гӯшаш, ба тариқи пичиррос садодаро фарқ карда натавонад, маълум мегардад, ки вай нутқи пастро эҳсос намекунад.

Баъд аз он ба санҷидани эҳсоси гуфтугӯи муқаррарӣ оғоз менамоянд. Ҳангоми интихоби калимаҳо бояд ба назар гирифт, ки онҳо гуногун бошанд ва ё якчанд саволи сода додан мумкин аст (мисол: «Модарат чӣ ном дорад?»). Калимаҳо барои такрор бояд ба кӯдак ошно бошанд, агар кӯдак гуфтугӯро тамоман нашунавад, он гоҳ вайро ба зумраи карҳо дохил мекунанд, ки минбаъд дар раванди ташхиси тиббӣ қобилияти боқимондаи шунавоии чунин кӯдаконро муқаррар намудан зарур мешавад. Баъди он ки масофаи ногузири барои кӯдаки ношунаво аниқ карда шуд, он гоҳ муайян намудани лозим мешавад, ки ӯ садонокҳо ва ҳамсадоҳоро чӣ гуна эҳсос карда метавонад. Ба андешаи сурдопедагоги машҳур Р. М. Боскис таҳқиқи шунавоӣ ба овозҳои нутқро ҳатто дар он ҳолате ҳам гузарондан мумкин аст, ки агар нуқсони шунавоӣ нисбат ба калима ҷой надошта, баъзе норасоиҳои нутқӣ ва қафомонӣ дар омӯзиши забони модарӣ мушоҳида гашта бошад [2].

Дар идомаи ташхис дар кӯдакони шунавоиашон нуқсондор камбудиҳои талаффузашон, захираи маҳдуди луғавӣ, суст азхудкунии таркиби овозии калима, ки на танҳо дар баёни нодуруст, инчунин дар навишти хатои калимаҳо низ ифода мегардад, нодуруст фаҳмидан ва нодуруст талаффуз намудани калимаҳо, камбудиҳои сохти грамматикии нутқ (нодуруст тартиб додани ҷумла ва истифодаи нодурусти калимаҳо дар таркиби ҷумла), мушкилоти дарки нутқи шифоҳӣ ва матни хондашударо низ муайян намудан мумкин аст;

3.Хусусияти инкишофи ҳаракатҳо. Ғайр аз хусусиятҳои қаблан зикргардида, ба монанди қафомонии қоматросткунӣ, дар кӯдакони шунавоиашон косташуда дар синни барвақти кӯдакӣ ва томактабӣ инчунин ноустувории нигоҳ доштани баробарвазнии ҷузъҳои бадан, номутобиқии ҳаракатҳо, қафомонии инкишофи узвҳои хурди ҳаракат (аз қабили ангуштони дасту пой) мушоҳида мегарданд. Минбаъд ҳангоми роҳравӣ ба замин молиш дода ҳаракат кардани пойҳо, алвонҷхӯрӣ, бо сабаби пурра набудан ё костагии назорати шунавоӣ ҳангоми иҷрои амалҳои маишӣ бо ашёҳо ғайриихтиёр нидо баровардарро мушоҳида кардан мумкин мегардад;

4. Хислати тақлидкорӣ. Вале бояд гуфт, ки бо вуҷуди ҷой доштани хислати мазкур инкишофи он суст мебошад. Гап бар сари он аст, ки кӯдакони шунавоиашон нуқсондори то 3-сола ҳангоми тақлиди баъзе амалҳо мушкилӣ мекашанд, ҳарчанд ки бо баъзе ашёҳои шинос муносибат намудан нисбатан ба осонӣ даст медода бошад ҳам, дар мавридҳои бо чизҳои барояшон нав сарукор гирифтан ҳамоно сарҳисобашон гум мешавад. Дар синни томактабӣ қобилияти тақлидкорӣ инкишоф меёбад ва ин гурӯҳи кӯдакон аз иҷрои амалҳои душвор низ мебароянд, ки ба шарофати ин номгӯи ашёҳое, ки барои кӯдак шиносу қарин метобида бошад, ба ҳадди назаррас меафзояд;

5. Таассуру муқовимат ба маъқулёбӣ ва нобарорӣ. Таассур ва муқовимати кӯдакон ба амалҳояшон то дусолагӣ чандон зиёд нест, онҳо маъқулдориҳои рафторашонро интизор намешаванд ва гоҳе, ки барояшон намунаи кирдори заруриро калонсолон талқин карданӣ мешаванд, сарфаҳм намераванд. Минбаъд аксари кӯдакон ба муқовиматҳои калонсолон аз ҳад зиёд эътибор медодагӣ мешаванд, ки ин ҳолат ба дарки хосияти ашё монеъ мегардад. Дар синни томактабӣ самараи таассури кӯдакон ба маъқулёбии рафторашон торафт пурасар шудан мегирад ва тадричан миқдори ислоҳи гуфтору кирдори эшон тибқи эроду маслиҳатҳои калонсолон зиёд шуда, худбаҳодиҳӣ

ба хатогиҳо ва муносибат ба ҳавасмандагардонӣ нисбатан зиёд мегардад ва бо мурури замон андозаи ислоҳкуниву эродҳои калонсолон бештар гашта, худбаҳодиҳӣ ба нобарориҳо ва кӯшиши ворид намудани ислоҳҳои ногузир хеле қувват мегирад;

6.Тасаввурот дар бораи хештан. Дар кӯдаконе, ки шунавоиашон нуқсондор гаштааст, худнамоӣ дертар ташаккул меёбад: онҳо нисбат ба кӯдакони солим ба ин амал бо мурури миқдори вақти муайяне иқдом мекунанд.

Ҳангоми ташхису муоинаи кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ баробари усули мушоҳида тарзи таҷрибавии психологӣ, инчунин тамоми навъҳои таҷрибаи равоншиносӣ (озмоишгоҳӣ, табиӣ, таълимӣ) истифода бурда шуда, онҳо барои муайян намудани хусусиятҳои рушди таассурот, тасаввуроти муҳит, хотира, тафаккури аёнию амалӣ ва мантиқии кӯдакон равона мегарданд. Кӯдакон агар нутқи луғавӣ надошта бошанд ё нутқи луғавиашон кофӣ набошад, шакли махсуси супоришот истифода бурда мешавад, ки тибқи ба кор гирифтани онҳо кӯдак ва одами калонсол метавонад аз нутқи шифоҳӣ истифода набаранд: шартҳои супоришҳо аз хусусияти маводи пешниҳодгашта бармеоянд ё тавассути имову ишораи табиӣ нишон дода мешаванд. Агар кӯдак дорои нутқи имову ишоравӣ бошад, он гоҳ онро барои фаҳмондани дастурамал истифода бурдан мумкин аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки аз ин шакли пешниҳод ё тарҷума равоншиносони америкоӣ васеъ истифода мебаранд. Аснои ба кор бурдани тадбири мазкур фаромӯш кардан лозим нест, ки таъмини амали муштараки байни равоншинос ва тарҷумон аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.

Ҳангоми ташхиси кӯдакони шунавоиашон нуқсондор аз вазифаҳое истифода бурдан мумкин аст, ки онҳо ба ҳамаи намудҳои таассурот, сохтани конструксияҳо ва ёддошти образ ва луғатҳо, тасаввуроти муҳиту замонӣ ва ҳамаи навъҳои тафаккур нигаронда шудаанд. Дар синни мактабӣ омӯзиши малакаҳои хониш, хат, ҳисобкунӣ ва баҳисобгирии хусусиятҳои муайянгашта ҳини таҳияи барномаи корҳои тасҳеҳӣ аҳамияти ҷудогона касб менамояд.

Ҳамзамон вақти мавриди муоина қарор додани кӯдакони шунавоиашон косташуда баррасии маҳсули фаъолияти онон хеле муҳим хоҳад буд. Дар ин ҳолат натиҷаҳои моддӣ ё моддигардондашудаи намудҳои гуногуни фаъолият – рассомӣ, сохтани конструксияҳо, таълим, меҳнатро омӯхтан зарур аст. Таҳлил муқаррар менамояд, ки чизҳои бо нишондоду маслиҳати калонсол ва мустақилона сохтаи кӯдак қиёс карда шаванд. Дар марҳилаҳои гуногуни рушдашон маҳсули фаъолияти кӯдакони ношунаворо аз ҷиҳатҳои гуногун таҳлил намудан лозим аст: дар синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ – расмҳо, гулҳои коғазӣ, конструксияҳои аз пластмасса сохташуда; дар синни миёнаи мактабӣ – корҳои хаттӣ, иншоро мавриди баррасӣ ва баҳодиҳӣ қарор додан беҳтар мебошад, ки воситаҳои дар охир зикршуда хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии нутқро муайян мекунанд; дар синни навҷавонӣ – натиҷаҳои мушаххаси фаъолияти меҳнатӣ истифода бурда мешаванд.

Ҳоло дар хориҷа, махсусан дар ИМА, барои муайян намудани сатҳи рушди зеҳнии кӯдакон ва калонсолони шунавоиашон нуқсондор тестҳо васеъ истифода бурда мешаванд. Барои тестгузаронӣ бо кӯдакони шунавоиашон косташуда ҷадвалҳои махсуси амалиётӣ таҳия мешаванд, ки онҳо донишҳоро дар бораи сохтани ороишот, мушаххасгардонии расмҳо, ҳалли муаммоҳои қисматшуда, васл намудани шаклҳо аз рӯи намунаҳо ва ғайраҳо дар бар мегиранд. Хусусияти асосии тестҳо он аст, ки барои иҷрои онҳо нутқ ҳарчӣ камтар истифода бурда, бештар тавассути ҷобаҷогузории ҷузъҳо ин ё он чизи том омода карда мешавад. Матритсаҳои сохтаи Ҷ. Равен (онҳо дар асарҳои Т.В.Розанова васеъ истифода шудаанд) ва воситаҳои дигари аёнӣ писанди умум гардидаанд. Кӯшишҳои ба кор бурдани ҷадвалҳои намунавии барои кӯдакони шунавоиашон муқаррарӣ таҳияшуда низ самараҳои хуб медиҳанд (аз қабили ҷадвали қиёсии Д. Векслер, тести мактабии инкишофи зеҳнӣ, ки таҳти роҳбарии К.М.Гуревич таҳия гаштааст).

Хулоса, мураттабсозии хулосаҳо ва тавсифоти равоншиносию педагогӣ аз рӯи натиҷаҳои ташхиси кӯдакони шунавоиашон нуқсондор дорои баъзе хусусиятҳо

мебошад. Дар онҳо на танҳо сатҳи инкишофи зеҳнӣ ва нутқиро инъикос намудан зарур аст, инчунин натиҷаҳои барои ташкили тасҳеҳ муҳим, ба монанди дараҷаи гум кардани шунавоӣ, сатҳи инкишофи ҳаракат, мавҷудияти халалдоршавиҳои дигар низ бояд инъикос гардад. Ҳангоми тартиб додани маълумот нақшаи зеринро ба роҳбарӣ гирифтан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Тавсифи ҳолати шунавоӣ

Дараҷаи гум кардани шунавоӣ (карӣ, қисман гум кардани шунавоӣ) – аз маълумоти ҳуҷҷатҳои тиббӣ истифода бурдан мумкин аст.

Синни рӯйдоди косташавии шунавоӣ: ношунавоии модарзодӣ, барвақт гум кардани шунавоӣ (дар синни то сесолагӣ), халалдоргардии шунавоӣ дар синни нисбатан калонтар.

Сабабҳое, ки ба нуқсондории шунавоӣ оварда мерасонанд:

Дар оила будан ё набудани хешовандони шунавоиашон халалдоргашта.

2. Дараҷаи инкишофи узвҳои ҳаракат

Пантомимика – қаду қомат, тарзи рафтор, хислатҳои хоса. Имову ишора – ҳолати умумии қиёфа, ифоданокии ҳаракатҳои имову ишоравӣ, хусусияти имову ишораҳои табиӣ.

Мутобиқати ҳаракатҳои калону хурд.

Имконияти нигоҳ доштани мувозинат дар ҳолатҳои сукунат ва ҳаракат.

3. Соҳаи идрок

Дараҷаи иникшофи намудҳои гуногуни идрок. Таҳлил ва ташхис дар ҷараёни идроки биноӣ.

Таносуби рушди намудҳои гуногуни хотира (тимсолӣ ва луғавӣ), роҳҳои гуногуни дар хотир нигоҳдории мавод (механикӣ ва мантиқӣ).

Тафаккур – намудҳои тафаккур, мутобиқати он ба меъёрҳои синнусолӣ; тавсифоти сатҳи хулосабарорӣ, дараҷаи рушди амалиёти ақлонӣ.

Инкишофи нутқ – намудҳои нутқ, ки кӯдак онҳоро азхуд кардааст ва онҳоро истифода мебарад (луғавию шифоҳӣ, хаттӣ, имову ишоратӣ). Ҳолати малакаи хониш бо лабон. Хусусиятҳои инфиродӣ. Бо риояи сарфу наҳв ҳарф зада натавонистан (аграмматизмҳо). Ҳаҷми луғат (фаъол ва ғайрифаъол). Таносуби намудҳои гуногуни нутқ. Ҷудо кардани вазъиятҳое, ки дар онҳо ин ё он намуди нутқ истифода мегардад.

Робитаи муштаракӣ дар инкишофи равандҳои идрокӣ. Таносуб дар инкишофи тафаккур ва нутқ (луғавиву ишоратӣ).

4. Хусусиятҳои фаъолияти асосӣ (вобаста ба синну сол).

5. Дараҷаи инкишофи шахсият

Муносибат ба намудҳои гуногуни таъсирот (ҳавасмандгардонӣ, ҷазодиҳӣ, баҳодиҳӣ).

Ҳолати эмотсионалии кӯдак. Хусусиятҳои ифодаи зоҳирии эҳсосот. Дарки эҳсосоти одамони дигар.

Худбаҳодиҳӣ – дараҷаи муносиб будан ва устуворӣ, сабабҳои тағйирёбии он.

Омӯзиши психологию педагогии кӯдакони шунавоиашон нуқсондор барои дуруст ба роҳ мондани таълим ва тарбияи кӯдакон, муайян намудани самти тасҳеҳи ногузир барои дарки шахсияти кӯдак мусоидат карда, барои дастёбӣ ба ҷуброни нуқсонҳои шунавоӣ мусоидат менамояд.

Хулоса, инкишофи норасо яке аз намудҳои сабзиши номӯътадили бадан (дизонтогенез) буда, дар мавриди он раванди рушд бидуни иҷрои як ё якчанд вазифаҳо (дар ҳолати нуқсони омехта) даргузар мешавад. Нуқсондор шудани шунавоӣ, нутқ, ҳаракат дар сатҳу дараҷаҳои гуногун- аз нестии қобилият то маҳдудии муайяни он зуҳур карданаш мумкин аст. Нуқсондорӣ ё пурра гум кардани шунавоӣ ё биноӣ боиси ба амал омадани мушкилот дар муошират бо атрофиён гашта, ҷараёни азхудкунии иттилоотро заиф мегардонад, таҷрибаандӯзии кӯдаконро нокифоя месозад ва ба ташаккулёбии шахсияти онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Рушди шахсият на танҳо ба нуқс, инчунин ба он алоқаманд аст, ки кӯдак чи тавр нуқсашро дарк мекунад ва муносибати атрофиёнро нисбат ба худаш эҳсос мекунад. Дар иртибот бо мусоид ё номусоидии вазъи иҷтимоие, ки дар онҳо кӯдакони нуқсондор ба воя мерасанду тарбия меёбанд, камбудиҳои мавҷудаи ҷисмонӣ метавонанд қавитар гарданд ва ба ҳолати устувори равонӣ, хислатҳои хоси шахс табдил ёбанд ва ё ба шарофати амалӣ намудани корҳои мақсадноки психологию педагогӣ ислоҳ бишаванд.

Адабиёт:

1. Белова Н. И. Специальная дошкольная сурдопедагогика. — М., 1985.
2. Боскис Р. М. Глухие и слабослышащие дети. — М., 1963.
3. Выготский Л. С. О развитии речи глухих // Дефектология. — 1994. — №4.
4. Головчиц Л. А. Дошкольная сурдопедагогика. Воспитание и обучение дошкольников с нарушением слуха. - М, 2001.
5. Коррекция сенсорного и интеллектуального развития младшихшкольников с нарушением слуха / Сост. И. А. Михаленкова. — СПб, 2003.
6. Маҷмӯъаи «Конференсияи дуюми байналмилалии илмиву амалии «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо»». - Душанбе, 2013.
7. Таҳлили асосҳои ҳуқуқии рушди ҳамгироӣ дар таҳсилот (Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир). -Душанбе, 2013.

ДЕТЕЙ С НАРУШЕНИЯМИ СЛУХА И ИХ ПРОБЛЕМЫ

Автор исследует психологические особенности детей с нарушениями слуха. На основе положительных результатов было установлено, что потеря слуха ребенка лишена важного источника информации. В данном случае из-за его ограниченного процесса интеллектуального развития. Но недостатком в значительном степени происходит с использованием специальных методов в образовательном процессе воспитания и образования.

Ключевые слова: инклюзивное обучение, сурдопедагогика, слабослышащих детей, возрастные особенности.

HEARING-IMPAIRED CHILDREN AND THEIR PROBLEMS

The author explores the psychological characteristics of children with hearing impairments. Based on the positive results, it was found that the hearing loss of the child is deprived of an important source of information. In this case, due to the limitations of predictive process. But the disadvantage is largely derived from the use of special methods in the educational process of upbringing and education.

Key words: inclusive education, deaf education, hard of hearing children, age features.

Сведения об авторе: Дадобоева Мадина, соискатель Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: bunafshd85@mail.ru

Information about the author: Dadoboeva Madina, researcher of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

СОДЕРЖАНИЕ, СТРУКТУРА И ХАРАКТЕР ИННОВАЦИОННОГО ПРОЦЕССА В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ УЧРЕЖДЕНИИ

Боймуродова М. Н.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

За последние годы в сфере педагогической теории и практики появилось большое число новых понятий, терминов, заимствованных из других дисциплин. В условиях интеграции педагогики с другими науками о человеке, производстве, в области образования все чаще используются термины и понятия, пришедшие из экономики. К их числу мы можем отнести такие, как менеджмент, менеджер, технология и другие. На наш взгляд, одним из них стало понятие "инновация", нашедшее широкое распространение в педагогике в последние десятилетия. Несмотря на невозможность точно определить происхождение этого термина, бесспорно, то, что он пришел в педагогику из области естественных наук.

Инновации сопровождали человеческое общество на протяжении всего многовекового периода его развития, и все же для образовательной сферы этот термин является относительно новым. Этим и обусловлена необходимость более детально рассмотреть структуру, содержание и характер педагогических инноваций.

Понятие "инновация" впервые появилось в исследованиях XIX века и означало введение элементов одной культуры в другую. В начале двадцатого столетия сформировалась новая область знания - наука о нововведениях в основном в сфере материального производства. Педагогические инновации стали предметом исследования зарубежных ученых уже в конце 50-х годов XX века и лишь в последние десятилетия в Республике Таджикистан.

На сегодняшний день существует несколько различных подходов к определению понятия, разработанных как таджикскими, русскими, так и зарубежными авторами. Различия в определениях инновации связаны, в первую очередь, с употреблением близких и родственных терминов для их характеристики, что отражает синонимическое богатство языка и в то же время требует дальнейшего уточнения данного термина; другое различие определяется широтой или узостью понимания "инновации" (например, под инновацией понимается лишь модернизация образования); и, наконец, третье различие в подходах к определению названного термина основывается на замене его следующими: реформа, совершенствование, оптимизация и другие.

Рассматривая определение понятия "инновация" (новшество) как педагогической категории, связанной с некоторыми понятиями в социологии, остановимся на различных подходах, известных сегодня.

Самым старейшим определением "новшества" считается термин, сформулированный Э. М. Роджерсом, представившим в своих работах широкий обзор исследований, проведенных американскими и европейскими учеными. Принимая во внимание, что большая часть этих исследований относилась к областям агрономии, промышленности, медицины, приведем определение, сформулированное Э. М. Роджерсом: "Новшество - это идея, являющаяся для конкретного лица новой. Не имеет значения, является ли идея объективно новой или нет; мы определяем ее во времени, которое прошло с ее открытия или первого использования" [4, с. 15].

К. Майлс считает, что новшество есть ничто иное, как "специальное новое, особое изменение, от которого мы ждем эффективности при реализации систематических целей" [3, с. 254].

Французский ученый Э. Брансуик [2, с. 106], рассматривая понятие "педагогических новшеств", различает три возможных вида:

В качестве новшеств выступают образовательные идеи и действия полностью новые и ранее неизвестные. Таких полностью новых и оригинальных идей очень мало.

Адаптированные, расширенные и переоформленные идеи и действия, которые приобретают особую актуальность в определенной среде и в определенный период времени, представляют самое большое количество новшеств. Педагогические новшества, возникшие в ситуации, в которой в связи с постановкой целей в измененных условиях оживают некоторые ранее существовавшие действия, поскольку новые условия гарантируют их успех и успех определенных положительных идей .

А. Билен, американский ученый, определяют педагогическое новшество как "изменение, которое включает в себя не только изменение материала, но и комплекс изменении во взгляде на его применение" [1, с. 231].

Группа ученых подчеркивает различие между новшествами и изменениями: "Понятие новшества как оно употребляется в школах и преподавании часто синонимично (идентично) понятию изменения. Гели это изменение охватывает широкий масштаб и всю школьную систему, о нем говорят как о реформе. Однако было бы неправильно считать любое изменение новшеством. Оно должно включать в себя улучшение согласно заранее поставленным целям. Новшество каждый раз ставит один или несколько качественных критериев". [1, с. 34].

Таким образом, новшество, по мнению этой группы ученых, должно означать попытку изменить систему образования, осуществляемую сознательно и намеренно с целью улучшения нынешней системы. Новшество не обязательно является чем-то новым, но обязательно чем-то лучшим и может быть продемонстрировано само по себе.

Завершая краткий обзор исследований зарубежных ученых в области определения инноваций как новшеств (педагогических, социальных), считаем целесообразным привести мнение ученых, занимающихся данной проблемой. "Новшества представляют собой определенные сознательные изменения с целью улучшения и развития образовательно-воспитательной технологии. Предполагается, что эти изменения должны быть новинкой в современной ситуации, но не всегда полностью новыми идеями и формами» [4, с. 231]. Иными словами, вполне уместно говорить о некоторых изменениях как о новшествах, даже если они когда-то и где-то уже появлялись, но в данный момент и в данной среде приобретают особое значение и могут стимулировать образовательный процесс.

В последние десятилетия проблема педагогической инновации стала предметом пристального исследования русских и таджикских авторов. Долгое время данный вопрос было затруднено вследствие господства марксистско-ленинской идеологии и связанного с ней тоталитарного подхода в управлении всеми сферами жизни школы. Сегодня в условиях осуществления демократических перемен, предполагающих широкий простор для творчества учителя, проблема педагогической инновации приобретает особое значение. В работах В.И.Чагвязипекого. В.С.Лазарева. М.М.Поташника, Т.И.Шамовой, Н.Р. Юсуфбековой, С.Э.Неъматова и других мы находим определения понятия "педагогической инновации", попытки классифицировать названные явления на основе содержания, продолжительности и других признаков, представить структуру педагогической инновации как сложного, многогранного процесса.

Подходя к определению понятии, связанных со сферой новой области педагогических знаний - педагогической инновации, - мы считаем необходимым провести их четкую дефиницию. Опираясь на исследования зарубежных ученых, определение понятия «инновация», данное в современном словаре иностранных слов, ученые - практикуют инновацию как нововведение, т.е. целенаправленное изменение, вносящее в среду внедрения новые стабильные элементы (новшества), вызывающие переход системы из одного состояния в другое. Иными словами, ученые различают понятия «новшество» (синоним - «новое средство») и инновация («нововведение»). Под нововведением понимается именно средство (метод, методика, технология т.п.), а инновация рассматривается как процесс освоения этого средства.

Группа ученых Института управления образованием Российской Федерации в своих работах приводит следующие определения названных выше понятии: «Нововведение (инновация) может рассматриваться как процесс поиска (разработки), распространения, внедрения (освоения) и реализации новшеств» [4, с. 231]. Нововведение, в свою очередь, ведет к новообразованию - состоявшемуся, укоренившемуся новшеству. Общий инновационный процесс выступает как совокупность отдельных инноваций (нововведений), каждая (каждое) из которых может также рассматриваться как отдельный, частным процесс. Такой подход к определению инновационного процесса позволяет говорить об инновациях в школе как педагогической системе, которой присущи все характеристики последней.

Предлагаемое учеными определение инновационного процесса дает возможность подойти к вопросу о его структуре, классификации, характере: «Инновационный процесс - это деятельность по созданию (рождению, разработке) освоению, использованию и распространению новшеств» [5, с. 342].

Мы уже отмечали, что инновационный процесс представляет сложное многомерное явление. Как и любой другой процесс, он носит деятельностный характер. Рассматривая структуру инновационного процесса, мы опираемся на системный

подход, подробно освещенный в работах современных ученых. Основой явились положения системного подхода, сформулированные В.П.Беспалько, В.П.Симоновым, М.М.Поташником, Т.И.Шамовой и др.

Можно утверждать, что инновационный процесс представляет собой сложную, динамическую систему, для которой характерна полиструктурность. В связи с этим представляется целесообразным приведенное М.М.Поташником и другими авторами определение состава и различных структур инновационного процесса, а именно: деятельностной, субъектной, уровневой, содержательной, управленческой, организационной, структуры жизненного цикла. Остановимся более подробно на рассмотрении названных типов структур.

«Деятельностная структура» - по мнению М.М.Поташника и группы исследователем, представляет собой совокупность следующих компонентов: мотивы - цель - задачи - содержание - формы - методы - результаты» [5, с. 106].

Названные компоненты реализуются в определенных материально- технических, финансовых, морально-психологических и прочих условиях, которые не являясь частью системы, оказывают тем не менее существенное влияние на ее функционирование.

Субъектная структура является совокупностью инновационной деятельности всех ее участников (субъектов): руководителя образовательного учреждения, его заместителей, учителей, учащихся, их родителей и т.д. Определение субъектной структуры позволяет учитывать функциональное и ролевое участие всех субъектов в инновационном процессе.

Уровневая структура предполагает установление связей в рамках инновационной деятельности на различных уровнях (муниципальном, региональном, федеральном, международном). Выделение уровневой структуры инновационного процесса возможно и в рамках одного образовательного учреждения (индивидуальный, уровень малых групп, творческих коллективов и пр.). Содержательная структура освещает рождение, разработку и освоение новшества. Инновационный процесс предполагает нововведения в формах, методах, средства обучения и воспитания (т.е., в технологии), в содержании образования, его целях, условиях и т.д.

Инновационный процесс имеет, как видно из сказанного выше, циклический характер, выражающийся в определенной этапности: возникновение - быстрый рост - зрелость - освоение - диффузия - насыщение - рутинизация - кризис - финиш. Представленная структура жизненного цикла во многом близка так называемой структуре генезиса инноваций, заимствованной из исследований в сфере материального производства: возникновение - разработка идеи - проектирование - изготовление - использование другими людьми.

В. И. Загвязинский, исследовавший жизненные циклы разных инновационных процессов, отмечает, что очень часто педагоги необоснованно стремятся распространять на все сферы педагогической практики нововведения, в результате которых ими были получены устойчивые положительные результаты. Подобная практика зачастую кончается неудачей и приводит к дискредитации самой идеи.

Управленческая структура представлена взаимодействием четырех видов управленческих действий (в педагогике встречается иная точка зрения, предполагающая выделение трех основных видов управленческой деятельности): планирование - организация - руководство - контроль. Мы признаем, что первоначально инновационный процесс в образовательном учреждении может носить стихийный характер, но в этом случае отсутствие управления такой сложной системой приводит к быстрому затуханию самого процесса. Каждый компонент управляющей структуры имеет в свою очередь собственное строение. Фактически более распространенной и объемной разновидностью управленческой системы является организационная структура, включающая следующие этапы: диагностический - прогностический - собственно организационный практический - обобщающий - внедренческий.

Кроме названных, во всяком инновационном процессе мы просматриваем и такие структуры, как создание новшеств и использование; комплексный инновационный процесс, лежащий в основе развития всей школы, состоящий из взаимосвязанных микроинноваций.

Не останавливаясь подробно на рассмотрении указанных видов структур инновационной деятельности в школе, представленных М.М.Поташником, отметим, что знание и учет их руководителей образовательных учреждений позволит осуществлять инновационную деятельность на более высоком уровне, добиваясь больше эффективности образовательного процесса в целом.

Инновационные процессы, несмотря на их разнообразие и многосторонность, имеют тем не менее общую технологическую структуру, которую можно представить схематично. Данная структура приводится на основе этапов инновационного процесса, предложенных в работе группы ученых, разрабатывающих проблему совершенствования управления образовательными учреждениями в современных условиях.

Таким образом, наряду с определением структуры инновационного процесса, важнейшей проблемой представляется выработка подходов к классификации нововведений. Знание и учет руководителем образовательного учреждения данной основы позволит выявить всестороннюю характеристику осваиваемого новшества, понять то общее, что объединяет его с другим, и то, отличное от других новшеств, что делает его особенным.

Литература:

1. Билен А. Особенности инновационной технологии.- М.: Наука, 1987.
2. Брансуик Э. Характеристика обучения в настоящее время.- М.: Высшая школа, 1998.
3. Майлс К. Обучение в школе .- М.: Наука, 2007.
4. Роджерсом Э. М. Современное обучение .- М.: 2008.
5. Поташника М. М. Инновационная технология в школе . - М.: Высшая школа, 2004.

СОДЕРЖАНИЕ, СТРУКТУРА И ХАРАКТЕР ИННОВАЦИОННОГО ПРОЦЕССА В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ УЧРЕЖДЕНИИ

В этой статье автор исследует содержания, структуры и характера инновационного процесса в образовательном учреждении. На основе обширного материала автор показывает развития инновационного процесса в образовательном учреждении.

Ключевые слова: процесс, инновация, школа, ученые, обучение, материал, книги.

THE CONTENT, STRUCTURE AND NATURE OF THE INNOVATION PROCESS IN EDUCATIONAL INSTITUTION

In this article the author explores the content, structure and nature of the innovation process in the educational institution. Based on the extensive material, the author shows the process of innovation in the educational institution.

Key words: process innovation, school, scientists, training, material, books.

Сведение об авторе: Боймуродова М. Н., преподаватель кафедры ТИК Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: e-munira0479@list.ru

Information about the author: Boymurodova M. N., teacher of the Territorial Election Commission chair, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

БАЪЗЕ АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ МАВЛОНО АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Нуров А., Нурзода М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар афкори педагогии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мисли дигар мутафаккирони гузаштаи форсу тоҷик тарбияи фарзанд мақоми хос дорад. Шоир дар тарбияи фарзанд мақоми хонавода, мактаб ва мадрасаро нишон дода, тавсия намудааст, ки баъди тарбияи хонавода кӯдак ба мактаб дохил шаванд. Ба андешаи шоир, танҳо дар мактаб бояд ба бачагон илм омӯзанд. Бачагон дар мактаб бояд аз фанҳои зерин таълим гиранд: хондан, навиштан, қуръон, ҳусни хат, ҳунар, арифметика, таърих, география ва ботаника. Дар мадраса бошад, таълими фанҳои зеринро тавсия намудааст: тафсири қуръон, ҳадис, усули фурӯғи дин, сарфу наҳви арабӣ, девони шоирон ва ғайра.

Шоир ба тарбияи фарзанди худ Зиёуддин Юсуф аҳамияти махсус дода, барои тарбияи ӯ «Баҳористон» ва «Фавоиди Зиёия»-ро навиштааст. Афкори педагогии Мавлоно Ҷомӣ низ асосан дар асараш «Баҳористон», ки дар пайравии «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ иншо шудааст, баён гардидааст.

Дар радифи ин бисёр масъалаҳои таълиму тарбия, омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар, мақоми омӯзгор, дар ҷавонӣ омӯхтани илм, илму амал, зарурияти аз худ кардани дониш дар ҳаёти инсон ва ғайра дар маснавии «Ҳафт авранг» низ таъкид шудааст. Аз ҷумла, шоир дар «Туҳфат-ул-аҳрор» аҳамияти дар ҳаёти инсон ва дар ҳалли масъалаҳои душвори зиндагӣ зарур будани донишро таъкид намудааст:

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қуфлкушои ҳама дарҳост илм.
Дар талаби илм камар ҷуст кун,
Даст зи ашғоли дигар суст кун.

Шоир мисли мутафаккирони гузашта дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон донишро омили асосӣ шуморида, таъкид менамояд, ки дониш роҳи инсонро дар ҳаёт равшан ва душвориҳои зиндагиро бартараф намуда, тавассути он мақсадҳои гузошташуда амалӣ мешаванд.

Дар мактаби муосир дар раванди таълим се вазифаи асосӣ ҳал мешавад: маърифатӣ (дониш, маҳорат, малака), инкишофдиҳӣ ва тарбиядиҳӣ. Дар натиҷаи аз худ кардани дониш бо роҳнамоии омӯзгор серталабию сахтгирӣ, принсипнокӣ ва дар айни ҳол хайрхоҳии ӯ дар насли наврас ва ҷавонон маҳорату малка оид ба аз худ кардани асосҳои илм дар раванди фанҳои таълимӣ ва сифатҳои ахлоқӣ ва маънавии онҳо ташаккул меёбад.

Аммо дар ҳаёти ҷавонон (инсон) танҳо ба мустақилона аз худ кардани дониш қонеъ нагардида, таъкид менамояд, ки донишро омӯзгор медиҳад. Агар омӯзгор ва дониш намебуд, дунё тираю торик буд. Аз ҷумла, дар достони «Хирадномаи Искандарӣ» Мавлоно Ҷомӣ ин маъниро чунин ба риштаи назм кашидааст:

Агар дар ҷаҳон набувад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

Ҳамзамон дар шароити ҷомеаи муосир, ки инкишофи пуравҷи илму техника технологияи навин ва ҷаҳонишавӣ, ки бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст, зарурияти аз муҳити хонавода, кӯдакистон, мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, омӯзишгоҳҳои миёнаи касбӣ-техникӣ, коллеҷу макотиби олӣ насли наврас ва ҷавонон ба омӯхтани илм, бахусус илмҳое, ки дар ҳаёти инсон хеле зарур аст, ҷалб намудан кори басо муҳим ба шумор меравад.

Шоир дар ҳаёти инсон нақши донишро муҳим шуморида, таъкид менамояд, ки дониш дар ҳалли масъалаҳои душвори зиндагӣ ёрӣ мерасонад. Ӯ боварӣ дошт, ки дониши гирифтаи инсон дар ҳаёташ роҳнамои ӯ мешавад, ба шарте аз омӯхтани илм ва

ҳунар оғоз шавад. Ин ҳам бошад, оғозаш синни ҷавонист, чунки дар ҷавонӣ омӯхтани илму ҳунар ба осонӣ аз худ мешавад ва дар хотири толибилм нақш мебандад:

Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.

Ҷомии бузург зарурияти аз худ кардани донишро боз дар он мебинад, ки меҳнати инсонро осон мегардонад. Ҳамзамон дониш ҳамон вақт судманд мешавад ба шарте ки дар амал татбиқ шавад:

Чу касби илм кардӣ, дар амал кӯш,
Ки илми беамал заҳрест бенӯш.

Пасоянди –ро дар насри ин давра бо исмҳо омада, ба фоидаи шахсе ё барои касе ё чизе равона гардидани амалро ифода кардааст:

Махтума ва мафтуҳаро суҳбате сохтанд [2, с. 1090]. Хӯрданро намешояд [2, с. 1228].

Пасоянди –ро дар насри ин давра чун муродифи пешоянди аз дар ташаккули ибораҳои феълие корбаст шудааст, ки муносибати пуркунандагии сарчашмаи амалро ифода кардааст:

Пиразанро пурсиданд [2, с. 1269]. …ин аҳмишаро баргҳо буриданд [2, с. 1228].

Пасоянди –ро дар насри ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ дар ифодаи муносибати объектӣ бо тобиши муайянкунандагӣ истифода шудааст. Ба сифати ҷузъи асосӣ дар ин ҳолат асосан феълҳои таркибии номӣ истифода шудаанд ва ҷузъи тобеъ ҳиссаи номии феълро аз ягон ҷиҳат муайян месозад: каминаро чашм афтодан [2, с. 192], ҳар киро қадам расидан [2, с. 387], занону фарзандони мусулмонро парда даридан [2, с. 549]:

Чун ин каминаро чашм ба ҷамоли бокамоли он ҷавон афтод [2, с. 192]. Ҳар киро қадам ба дарвоза… расидӣ [2, с. 387]. …занону фарзандони мусулмонро пардаи номус дарид [2, с. 549].

Як хусусияти ин гуна ибораҳои феълӣ дар насри ин давра он аст, ки ҷузъҳои ибора дар ҳолати дистактӣ воқеъ гашта метавонад. Чунин тарзи ифодаи ибораҳои феълӣ чун идомаи муқаррароти забони классикӣ дар насри муосири тоҷикӣ ба назар мерасад: Темурмаликро аз дидани ин ҳол дил тапид [Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик, саҳ. 60].

Ғаливожро аз рӯйи ҳаво назар бар вай афтод [2, с. 873]. Ҳазор Юсуфи мисриро дар орзӯи рӯйи ӯ монанди Яъқуб дида сафед гардида буд [2, с. 867].

Истифодаи пасоянди –ро дар ифодаи муносибати сабабию мақсадӣ, замонӣ ва маконӣ дар асарҳои пешин мушоҳида шудааст , аммо ин муносибати наҳвӣ баъдҳо, аз ҷумла дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» , бо ёрии пешояндҳо ифода шудаанд ва пасоянди –ро дар ин вазифа маҳдуд шудааст.

Дар насри ин давра муносибати сабабию мақсадӣ бештар ифодаҳои устувор мушоҳида гардид. Дар ин гуна мавридҳо пасоянди –ро маънои қадимии худ (Radi) –ро нигоҳ доштааст: Қазоро он рухи муҷассам лоғару низор гардид [2, с. 904].

Дар насри ин давра аз пасояндҳои дигар пасоянди боз ба назар расиду бас: Ҷамъе аз ҳаромиён, ки аз Табрез боз дар камин буданд… [2, с. 488].

Б. Шарифов ҳиссаҳои ойин, сифат ва мисол-ро бо истилоҳ калима-пасоянд ном бурдаст [4, с. 205].

Мо ин морфемаҳоро чун пасванди калимасоз меҳисобем ва онҳоро дар қисмати ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ тасвир кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Хулоса, пасоянди –ро дар насри ин давра дар доираи ибораҳои феълӣ вазифаҳои гуногуни наҳвиро ба уҳда доштааст, вале вазифаи асосии он муносибати пуркунандагӣ, бахусус, пуркунандагии бевосита мебошад.

Адабиёт:

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 2. Синтаксиси ибора ва ҷумлаҳои сода. - Душанбе: Дониш, 1986.
2. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. Ҷ. 1-2. (чопи интиқодӣ бо муқаддима ва тавзеҳоти А. Н. Болдирев). - М., 1961.
3. Овчинникова И. К. Именные словосочетания в персидском языке и возможные принципы их классификации // Иранская филология. - М. : ИМУ, 1971.
4. Шарифов Б. Хусусиятҳои морфологии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ. - Душанбе,1985.

СВЯЗЬ СЛОВ И ОТТЕНКИ ЗНАЧЕНИЙ ГЛАГОЛОВ С ПОСЛЕЛОГОМ «-РО» В ПРОЗЕ XVI ВЕКА

В этой статье анализируется связь слов и разновидности глаголов с послелогом «-ро» в прозе XVI века на основе произведения «Бадоеъ-ул-вакоеъ» Зайниддина Махмуда Восифи. Автор исследует послелог «-ро», как средство грамматической связи и выражения синтаксисеческих отношений, и их использование в произведиях Зайниддина Махмуда Восифи.

Ключевые слова: связь слов, грамматические связи, словосочетания, предложения, подчинительная связь, основные связи.

COMMUNICATION WORDS AND SHADES MEANING OF VERBS WITH A POSTPOSITION "-PO" IN THE PROSE OF XVI CENTURY

This article analyzes the relationship of words and verbs with the postposition of “-po” in the prose of XVI century, based on the work of “Badoe-ul vakoe” of Zainiddin Mahmud Vosifi. The author investigates the postposition of “-po” as a grammatical relations and syntactical relations, as well as their use in the make of Zainiddin Mahmud Vosifi.

Key words: communication words, grammatical relations, phrases, sentences, subordinate connection, basic communication.

Сведения об авторе: Гаффоров Абдушукур Одинашоевич, доцент Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: gh.abdush@yandex.ru

Information about the author: Gafforov Abdushukur Odinashoevich, docent, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

РОҶЕЪ БА ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБИИ НОМӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Шозедов Н., Нурова З., Сафаров М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Феъл аз замонҳои қадим диққати забондонону забоншиносонро ба худ мекашид. Маълумоти нахустинро роҷеъ ба ин ҳиссаи нутқ дар грамматикаи ҳиндувони қадим «Панини» пайдо мекунем. Пӯшида нест, ки ҳиндувони қадим таҳлили забонро дар заминаи дарёфт намудани шабоҳату тафовут дар ҳодисаҳои забонӣ пиёда менамуданд. Онҳо морфологияро ҳамчун таълимот роҷеъ ба таснифоти калимаҳо маънидод карда ба калимасозиву тағйири вожаҳо диққати махсус медоданд. Дар натиҷаи таснифи калимаҳо забошиносони Ҳинди қадим исм, феъл, пешоянд ва ҳиссачаро кашф намуданд. Фаҳмост, ки номҳои маъмули имрӯза он замонҳо арзи вуҷуд надошта, феъл номи калимаи ифодакунандаи «ҳаракат»-ро гирифта буд.

Дар таълимоти Афлотун роҷеъ ба калимаҳо ва ҳодисаҳои забонӣ низ, арзи вуҷуд намудани ду категорияи калимаҳо, исму феъл ёдрас мешавад. Вай дар таҳти исм калимаҳоеро, ки дар бораашон чизе ва дар зери мафҳуми феъл чизеро ки роҷеъ ба номҳо тасдиқ мешавад, мефаҳмад. Аз рӯи ақидаи Арасту бошад, ҳиссаҳои асосии нутқ исм ва феъл мебошанд. Ном аз нуқтаи назари вай маънои мустақил дошта тобиши замонӣ надорад, феъл бошад, маънои мустақил дошта тобиши замонӣ дорад.

Феъл дар таълимоти намояндагони мактаби Искандария чунин маънидод шудааст: «Феъл ҳиссаи нутқи беҳолат буда, дорои замон, шахс ва шумора мебошад. Он

ҳаракату ҳолат ва ё қабулкунандаи ҳаракатро ифода мекунад». Яке аз шогирдони машҳури Арастарх, Дионисий Фракийский дар асари пуразриши хеш «Санъати грамматика» ҳашт категорияи феълро ном бурдааст, ки то кунун дар забонҳо арзи вуҷуд доштани онҳоро касе зери шубҳа нагузоштааст. Ин категорияҳо сиға, тарз, намуд, образҳо (фигура), шакл, шахс, замон ва тасриф мебошанд [1, с. 17].

Аз сайри мухтасари таърихӣ дида мешавад, ки феъл дар сохтори забон ҷойгоҳи хосса дорад. Феълҳои таркибии номӣ дар системаи феълҳои забонҳои тоҷикиву олмонӣ мақоми махсусро ишғол мекунанд. Онҳо дар забони тоҷикӣ таърихи дарози рушд дошта, аз солҳои панҷоҳуми садаи гузашта, аввал диққати ховаршиносони рус ва баъдтар шӯравию баъди чанде диққати забоншиносони тоҷикро низ ба худ ҷалб кардаанд. Роҷеъ ба феълҳо мақолаҳои илмиву китобҳо [10, 11, 15, 16, 18] иншо гардида ба онҳо рисолаҳои номзадиву докторӣ [1, 12, 19] бахшида шудаанд. Феълҳои таркибии номӣ дар бобҳои алоҳидаи ахбороту очеркҳо, монографияҳо ва китобҳои дарсӣ [5, 13, 14, 16, 17] мавриди пажӯҳишу омӯзиш қарор гирифтаанд.

Бори нахуст ба шакли феълҳои таркибӣ шарқшиноси варзидаи рус В. В. Григорев дар қисми дуюми садаи нуздаҳ ишора намуда буд. Олими номбурда оид ба дар забони тоҷикӣ арзи вуҷуд доштани композитҳои феълӣ ҳарф зада чунин менависад: «Бисёр вақт феълҳои мураккаби дар каломи форсӣ тамоман мавриди истеъмол қарор надошта, ки ба услуби туркӣ аз феъли ҳоли як феълу сиғаи нотамоми феъли дигар, сохта шудаанд, мушоҳида мешаванд» [3, с. 159]. Он нуқтаи назаре, ки гӯё композитҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷики садаи XIX хеле серистеъмоланд ва ба ин А.З. Розенфелд [15, с. 46] низ ишора мекунад, розӣ шудан мумкин, аммо назари ба тарзи туркӣ сохта шудани онҳо то андозае баҳснок аст.

Олими шинохтаи тоҷик Лутфулло Бузургзода оид ба феълҳои таркибӣ суханони пуразриш иброз намуда ба вазифаи хабарҳои сода омадани онҳо низ ишора мекунад. Ба андешаи вай феълҳои мураккаб аз ду ва ё якчанд калима таркиб меёбанд. Онҳо таркибан аз феълҳое, ки аз ҳиссаи номиву феъл иборатанд таркиб ёфта, роҳи сохтани феълҳои нав аз анвои дигари калима мебошанд. Бинобар ин феълҳо дар таркиби ин гуна феълҳои мураккаб вазифаи ёридиҳандагиро бачо меоранд. Бо баъзе ёридиҳандаҳо феълҳои гузаранда ва бо бархе дигарашон монда ҳосил мешаванд. Мисол: 1) *Ҳама истироҳат мекарданд. – Alle erholen sich*; 2) *Тайёрӣ тамом шуд. – Die Vorbereitung war getroffen.* Гурӯҳи дигари феълҳои мураккаб аз шаклҳои гуногуни худи феълҳо пайваста мешаванд. Ин гуна феълҳо барои ифодаи категорияҳои феъл хизмат мекунанд. Мисол: 3) Одинамоҳхола ба сари чарх нишаста буд.- Tante Odinamoh hatte sich an das Spinnrad gesessen; 4) Собир чизе гуфта натавонист.- Ssobir konnte nichts sagen. Сипас ин забоншиноси нуқтасанҷ хулосабарорӣ намуда ишора мекунад: «Хабарҳои феълӣ хоҳ сода ва хоҳ аз якчанд калима таркиб ёфта бошанд, азбаски ба ҳукми шаклҳои гуногуни як калимаанд, хабарҳои сода ҳисоб меёбанд» [2, с. 10-11]. Аз иқтибосҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки устод Лутфулло Бузургзода ду гурӯҳи феълҳои мураккабро (феълҳое, ки аз ҳиссаи номиву феъл ва феълҳое, ки аз ду феъл иборатанд), фарқ мекунад.

Дар китоби дарсие, ки аз ҷониби забоншиносони маъруф А. Мирзоев, Ш. Ниёзӣ, ва М. Ғафуров мураттаб гардидааст, роҷеъ ба ифодаи хабар бо феълҳои таркибии феълӣ ва феълҳои таркибии номӣ чизе гуфта нашудааст, лекин тавре профессор Р. Ғаффоров қайд кардааст: «Дар китоб дар хусуси бо ду навъи феъл, бо феълҳои таркибие, ки ҳарду ҷузъашон аз феъл иборат аст ва феълҳои таркибие, ки аз ҳиссаи номиву феъл сохта шудаанд, ифода ёфтани хабар чизе гуфта намешавад. Аз мисолҳои зери сарлавҳаи «хабарҳои феълии мураккаб» бармеояд, ки муаллифон дар боби ду навъи мазкури феъл бо устод Л. Бузургзода ҳамфикр буда, ақидаи вайро оид ба ташкил ёфтани хабари сода тавассути онҳо пайравӣ накардаанд» [4, с. 54]. Онҳо феълҳои «хонда истодааст - liest ; дониста гирифт –erfuhr, wußte; дар ғазаб шуд – wurde zornig; ташкил кардаанд – haben organisiert; ҷамъ шуда буданд – haben sich versammelt; омада монда будаанд – (wie es sich herausstellte) waren gekommen»-ро ҳамчун хабари феълии мураккаб тафсир кардаанд.

Дар бораи хабарҳои феълӣ аз ҳама бештар академик Б. Ниёзмуҳаммадов андеша рондааст. Устод Б. Ниёзмуҳаммдов дар ҳар васоиту китоби дарсӣ ҳатман роҷеъ ба хабарҳои феълӣ маълумоте додааст. Новобаста аз ин ба баъзе андешаҳои устод розӣ шудан душвор аст.

Профессор Р. Ғаффоров роҷеъ ба иштибоҳҳо дар китобҳои дарсиву асарҳои тадқиқотӣ изҳори андешаашро идома дода он ақидаеро, ки гӯё феълҳои номии таркибие, ки ба вазифаи хабар омадаанд, хабари номӣ мебошанд, дастгирӣ накардааст. Устод Р. Ғаффоров дар инҷо ба устоди шодравон А. Эшонҷонов эрод мегирад ва мисолҳои фаровонро оварда хабари номӣ набудани таркибҳои «зеру забар кардан – umstürzen, vernichten: einen Niederschlag bereiten; сайру гашт кардан - spazieren; ғур-ғур кардан -brummen; ғуввос задан -summen; нигоҳ кардан -schauen; ба хотир овардан – sich erinnern; ба ҷо овардан - erfüllen»-ро собит менамояд. Устод Р. Ғаффоров таркибҳои зайлро ба хели хабари феълӣ дохил менамояд, зеро онҳо аломати тавсифии субъектро ифода накарда амалу ҳолати онро ифода мекунанд. Ин аст, ки баъзеашон ҳамчун феъли дубаҳра ба осонӣ ба феълҳои сода табдил меёбанд [4, с. 54]

Мо дар ин ҷода пурра ҷонибдори ақидаи устод Р. Ғаффоров мебошем ва бояд қайд кунем, ки он дар забони форсӣ ҳалли хешро беҳтар ёфтааст. Ақидаи дигари ниҳоят ҷолибу муфиде, ки устод Р. Ғаффоров дар заминаи таҳлили андешаҳои ховаршиноси овозадор Л.С. Пейсиков иброз намудааст, ба қалам додани феълҳои таркибӣ номии ҳамчун воҳиди феълии фразеологӣ мебошад. Дар ин бора устод Р. Ғаффоров менигорад: «Ин фикр ба назари мо дар хусуси аксарияти кулли хабарҳои мазкур дуруст аст. Воқеан ҳам, бисёр феълҳои номӣ ҳоло ҳамчун ибораҳои фразеологӣ маъноҳоеро ифода мекунанд, ки ба маънои реалии ҷузъҳои таркибии онҳо алоқаи суст доранд. Дар баробари ин феълҳои номие низ ҳастанд, ки маънои аслии калимаҳои таркиби онҳо ҳанӯз ҳис карда мешавад» [4, с. 55]. Ба ҳайси мисол устод Р. Ғаффоров таркибҳои «хунук хӯрдан –sich erkälten; сар додан –los lassen; гӯш додан -hören; тамошо кардан – sehen: sich ansehen; ба хотир овардан –sich erinnern; дар ҳайрат мондан - erstaunen; лой кардан – Schlamm legen; рақс кардан - tanzen; нигоҳ кардан - schauen»-ро оварда дуруст нишон медиҳад, ки дар ду таркиби аввал як навъи хусусияти идиоматикӣ мушоҳида мешавад. Таркибҳои аз сеюм то шашум ҳанӯз ба чунин дараҷа нарасидаанд ва се феъли охир аз маънои аслии хеш он қадар дур нарафтаанд. Се феъли охир метавонанд ба осонӣ ба феъли сода бадал шаванд. (ловидан; рақсидан; нигаристан). Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки қариб аксар муродифҳои олмонии ин таркибҳо сода мебошанд. Ба ҷуз он феълҳое, ки тобиши нафсӣ доранд ва маълум аст, ки ин феълҳо ҳамеша бо ҷонишини «sich-худ» истеъмол меёбанд, сода мебошанд.

Феълҳои нафсӣ дар забони олмонӣ гурӯҳи махсусро ташкил медиҳанд. Ҷонишини нафсӣ бо тамоюли умумии калимасозии феъл бо асоси феъл якҷо нашуда ба қисми таркибии калимаи мураккаб мубаддал намешавад ва ба аффикси калимасоз низ шомил намешавад. Профессор О. И. Москалская дар ин бора менигорад: «Монанди қисмҳои таркибии зарфию пешояндӣ вай мутаҳаррикии хешро дар ҷумла на танҳо шакли тасрифшаванда, балки номӣ низ нигоҳ медорад» [8, с. 225].

Мусаллам аст, ки ҷонишини нафсии «sich» пеш аз ҳама воситаи сохтани феълҳои нав аст. Он аз феълҳои гузаранда ҷуфти мондаи нафсӣ бо маънои наздики луғавӣ, аз феъли гузаранда феъли мондаи нафсӣ, аз асоси ҳиссаҳои дигари нутқ тавассути ҷонишини нафсӣ дар вобастагӣ бо дигар кардани парадигмаи калима ва воситаҳои дигари калимасоз, калима месозад. Мисолҳои зеринро муқоиса намоед: «rassieren – тарошидан (и мӯи сар ва риш) - sich rassieren – риш тарошидан, риш гирифтан; kämmen - шона кардан, шона задан – sich kämmen - мӯйсари худро шона кардан; sammeln - ғун кардан – sich sammeln -ҷамъ кардан - ақлу ҳуши худро ба ҷояш овардан; verabschieden - ба истеъфо баровардан - sich verabschieden - хайру маъзур гуфтан; rot - сурх- sich röten - сурх шудан; der Zank - ҷанҷол; моҷаро – sich zanken - ҳамдигарро сарзаниш кардан; ҷанҷол кардан.

Нуқтаи дигаре, ки профессор Р. Ғаффоров хело бамавриду нозукбинона қайд кардааст, тафовути феълҳои таркибӣ аз воҳидҳои фразелогӣ мебошад. Дар ин бора устод Р.Ғаффоров менависад: «На ҳамаи феълҳои таркибии номӣ тамоми хосияти воҳидҳои фразеологиро касб кардаанд.Агар ин нуқта қобили қабул бошад, пас аз баҳри ифодаи хабар бо феълҳои номӣ баромада, ба ҷои он танҳо бо воҳидҳои фразеологӣ ифода ёфтани хабарро гузоштан чандон қобили қабул нест. Дар акси ҳол бо навъи фразеологии феълҳои номӣ маҳдуд монда хели дигари онро аз доираи омӯзиш берун мегузорем [4, с. 55].

Дар забони олмонӣ низ феълҳои таркибӣ арзи вуҷуд доранд ва ба он асарҳои тадқиқотии зиёд бахшида шуда бисёр ҷиҳатҳои он пурра равшан шудаанд. Масъалаи мазкур дар китобу васоити дарсӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст [7, с. 82-85]. Дар ин ҷо ба таълимоту ақидаҳои профессори марҳум О.И.Москалская, ки ақидааш устувору ба мо наздик ҳаст, зиёд такя менамоем.

Бояд гуфт, теъдоди феълҳои таркибӣ дар маънои аслии калима ниҳоят маҳдуд мебошад. Дар ин бора забоншиноси маъруфи Олмон В. Вилманнс чунин андеша иброз намудааст: «Шакли тасрифшавандаи феъл бо тамоми аъзоҳои ҷумла мавриди истифода қарор гирифта метавонад. Он метавонад тавассути калимаҳои дигар муайян шавад, аммо дар муносибат ба сохтани калимаҳои таркибӣ муносибати зудвайроншавандагӣ дорад» [21, с. 115].

Ҳамчун ҳиссаи номии феълҳои таркибӣ дар забони олмонӣ низ исм, сифат, зарф, пешоянд ва монанди инҳо мавриди истифода қарор мегиранд. Феълҳое, ки ҷузъи якумашон исм ва сифат аст, хело камшуморанд. Профессор О. И. Москалская чунин феълҳоро ишора кардааст: «wetteifern - мусобиқа кардан; brandmarken (кӯч.) - доғи лаънат задан; radebrechen - (бо забони) шикаста гап задан; liebkosen - дӯстдорӣ кардан, навозиш кардан; frohlocken - хурсандӣ кардан, шодмонӣ кардан; rechtfertigen - сазовор будан; сафед кардан; wahrsagen - пешгӯӣ кардан; фол дидан» ва боз чанд феъли дигар [7, с. 221]. Бархе аз феълҳои таркибии номӣ дар қисмати аввал асоси сифат «voll» доранд. Мисол: «vollbringen - иҷро кардан, ба ҷо овардан, ба амал овардан; vollziehen - ба ҷо овардан, иҷро кардан, ба амал гузарондан; vollstrecken - ба ҷо овардан, ба амал расондан; vollenden - анҷом додан, тамом кардан.»

Бояд гуфт,ки дар забони олмонӣ қолаби махсуси калимасоз, таркибҳое мисли «teilnehmen - иштирок кардан; freisprechen - бегуноҳ донистан, сафед кардан, аз ҷазо озод кардан; kennenlernen - шинос шудан, шинохта гирифтан» мавриди баҳрабардорӣ қарор доранд. Забоншиноси варзидаи рус О.И. Москалская роҷеъ ба ҳолатҳои зайл ҳарф зада нигоштааст: «Инҳо навъи гузаранда аз ибора ба калимаи мураккаби ягона-ҳодисаи «калима ҳамроҳкунии нопурра» (Halbkomposita), мебошанд» [7, с. 221]. Онҳо дар шакли масдарӣ шакли калимаи мураккабро, ки задаи ягонаи муттамарказонида ва танзими грамматикии умумӣ доранд. Мисол: «teilnehmen - иштирок кардан ’Anteil ’nehmen– ҳамдардӣ кардан; ’freisprechen - аз ҷазо озод кардан ’frei ’sprechen – озод ҳарф задан». Аммо дар шакли тасрифшаванда мутаҳаррикии қисмҳои таркибӣ, ки ба калимаҳои мураккаб хос нест, нигоҳ дошта мешавад. Якҷоя омадан ва ифодаи мақсаднок, ба шакли тасрифшаванда танҳо бо мавқеи охирони феъл дар ҷумла хос аст. Ин ҳодиса танҳо дар ҷумлаҳои пайрав истифода мешавад. Дар ҷумлаи содаву сарҷумла бошад, қисмҳои таркибӣ аз ҳам дуранд ва ҳар кадомаш задаи хешро доранд. Муқоиса шавад: «Er ’nimmt an der Versammlung teil. - Вай дар маҷлис иштирок мекунад. Wir wissen, dass er an der Versammlung ’teilnimmt. - Мо медонем, вай дар маҷлис иштирок мекунад».

Мавқеи қисмҳои таркибиро қойдаи ҷории тартиби калимаҳо дар ҷумла муайян мекунад ва дар ин ҳолат пеш аз ҳама шабоҳати ин қолаб ба қолаби ибора, ки таърихан аз он пайдо шудааст, намоён мешавад. О.И.Москалская дар ин бора ботафсил ҳарф зада ибораи устувори «einen Anteil nehmen - ҳамдардӣ кардан, ҳамдард шудан» ва калимаи мураккаби нопурра «teilnehmen - ширкат варзидан» -ро мавриди таҳлил қарор додааст. Қисми таркибии феъли мураккаби нопурраи «teil»-ро бояд дар ҷумлаи «Er

nimmt an unsere Arbeit teil. - Вай дар кори мо ширкат меварзад», на ҳамчун исми «Anteil – саҳм; мизон» фаҳмида шавад. Қисми «-teil» исм набуда дар феъли мураккаби нопурра асос мебошад. Ҳақ ба ҷониби профессор О. И. Москалская ҳаст, ки таълим медиҳад: «-teil» воситаи ифодаи мустақили грамматикӣ надошта, дар ягон алоқа бо калимаҳои дигар дар ҷумла баромад намекунад.

Феъли ҳоли I монанди масдар шакли калимаи мураккабро дорад. Муқоиса намоед: «teilnehmend - иштироккунон; schreiend - фарёдкунон; lächelnd - табассумкунон; weinend - гирякунон».

Die Kinder spielen schreiend im Garten. - Бачагон фарёдкунон дар боғ бозӣ мекунанд.

Феъли ҳоли II ҳам дорои аломати зайли калимаи мураккаб мебошад. Аммо аломати асосии васлшавии калимаҳо аз он иборат аст, ки морфемаи шаклсози «ge-» дар байни ҷузъҳои таркибии он ҷой мегирад ва ин шарти ифодаи яклухти онро вайрон ва мавқеъи калимаҳо дар ибора низ халалдор мегардад.

Профессор О.И. Москалская аз рӯи характери ҷузъҳои таркибӣ навъҳои зайли феълҳои нопурраи мураккабро ишора намудааст, ки он дар олмонишиносӣ чизи нав буда, то кунун аҳамияти хешро аз даст надодааст. Ин навъҳо инҳоянд:

а) мувофиқати феъл бо асоси исм: «achtgeben - диққат додан (ба чизе), назорат кардан; teilnehmen - ширкат варзидан»;

б) мувофиқати феъл бо асоси сифат: «loslassen – сар додан, hochachten - ба қадр расидан, тақдир кардан»;

в) мувофиқати феъл бо масдари феълии дигар: «kennenlernen - шинос шудан, stehenbleiben - бозистодан»;

г) ҳамчунин тамоюли гузариш аз ибора ба калимаи мураккаб низ мушоҳида мешавад: «intstand halten - дуруст нигоҳ доштан; außer acht halten - фаромӯш кардан, диққат надодан»;

Бояд гуфт, дар байни феълҳое, ки аз рӯи намуди васлшавии нопурра сохта шудаанд, мувофиқати феъл бо зарфҳо ва пешояндҳо мавқеи алоҳидаро ишғол менамоянд. «fortfahren - баромада рафтан; раҳсипор шудан; mitnehmen - бо худ гирифтан; vorstellen - ба пеш мондан». Ин тарзи васлшавӣ ниҳоят серистеъмол буда, бо ин қолаб феълҳои нав ба нав сохта шуда истодаанд.

Адабиёт:

1. Авалиани Ю. Ю. Иследование в области сложного глагола и глагольной фразеологии курдского языка. - Тбилиси, 1969.
2. Бузургзода Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ. - Сталинобод, 1941.
3. Григорев В.В. О некоторых событиях, происходивших в Бухаре, Хиве и Кокандском ханстве. Записки Мирзы Шамси Бухари. Учение записки Казанского Университета, 1861.
4. Ғаффоров Р. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷилди 3. - Душанбе, 1979
5. Зарубин И.И. Очерк разговорного языка Самаркандских евреев. Опыт характеристики. Материалы. Л.: Издательство Академии Наук СССР, 1928.
6. Кондрашов И. А. История лингвистических учений. - М.: Просвешение, 1979.
7. Москальская О. И. Грамматика немецкого языка. Практический курс. Издательство Литературы на иностранных языках. – М., 1956.
8. Москалская О.И. Грамматика немецкого языка. Теоретический курс. –М., Издательство Литературы на иностранных языках, 1956.
9. Нарустранг Е. В. Практическая грамматика немецкого языка. – СПб., 2003.
10. Ниёзӣ Ш. Таркиби морфологии ҷузъҳои феълии номӣ // Мактаби советӣ. – 1954. - № 4.
11. Ниёзӣ Ш. Феълҳои таркибии номӣ дар забони тоҷикӣ // Мактаби советӣ. – 1954. - № 3. - С. 20-28.
12. Пейсиков Л. С. Вопросы синтаксиса персидского языка. – М., 1963.
13. Пейсиков Л. С. Очерки по словообразовании персидско языка. – М., Издательство Московского университета, 1973.
14. Расторгуева В. С., Керимова А. А. Система Таджикского глагола. – М., Наука, 1964.

15. Розенфелд А. З. Глагол. Очерки по грамматике современного таджикского языка, Сталинабад, 1954.
16. Розенфельд А. З. Очерки по грамматике современного таджикского языка. Глагол. Издательство Академии Наук Таджикской ССР. Выпуск 4. Сталинабад, 1954.
17. Розенфелд А. З. Очерки по грамматике таджикского языка вып. 1. Материалы к исследованию сложносоставных глаголов в современном таджикском литературном языке. - Сталинабад, 1953.
18. Рубинчик Ю. А. Персидский сложный глагол как разновидность глаголных фразеологизмов // Сб Индийская и иранская филология. 15. Вопросы лексики. – М., 1971.
19. Фролова В. А. Сложний глагол в современном персидском языке. – М., 1953.
20. Moskalskaja O. I. Grammatik der Deutschen Gegenwartssprache, Moskau Vyssaja Škola, 1983.
21. Willmanns W. Deutsche Grammatik- Abt II, Straßburg. 1896.

О СЛОЖНО-ИМЕНЫХ ГЛАГОЛАХ (СОСТАВНЫХ) В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В статье подробно описывается история изучения составных именных глаголов, в разных языках. Подобные глаголы состоят из именной части и какого либо вспомогательного глагола. Сложно-именные глаголы являются наиболее продуктивныи типом глагольного словообразования в современном таджикском и немецком языках. Авторы анализировали точки зрения известных таджикских и немецких языковедов таких как: Р. Гаффарова и О.И. Маскальский о компонентак глаголов в таджикском и немецком языках.

Ключевые слова: глаголы, составные, языковеды, сложно-именные глаголы.

ABOUT DIFFICULT HOSTNAME VERBS (COMPOSITE) IN THE TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

The article describes in detail the history of the study compound names verbs in different languages. These verbs consist of a name and a part of any auxiliary verb. Difficult hostname verbs are the most productive type of verbal derivation in modern Tajik and German. The authors analyzed the point of view of the famous Tajik and German linguists such as: R. Gaffarova and O.I. Maskalskiy component of verbs in the Tajik and German languages.

Key words: verbs, compound, linguists, hard-registered verbs.

Сведения об авторах: Шозедов Нафасшо, Нурова Зведамо, Сафаров Мирзоумар, старшие преподаватели кафедры немецкого языка и методики преподования Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: zwedamo2008@mail.ru; mirzoumar.safarov@mail.ru

Information about the authors: Shozedov Nafassho, Nurova Zvedamo, Safarov Mirzoumar, senior teachers, Chair of German and its Methodologz of Teaching, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

О СРЕДСТВАХ РЕЧЕВОГО ЭТИКЕТА И ЕГО ОСОБЕННОСТЯХ

Мирова Ш. М.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Изучение функционального аспекта общения играет немаловажную роль, так как функциональная характеристика языка является одной из важных и одновременно очень сложных проблем лингвистики. Здесь нет единства мнений не только в ее решении, но и в постановке. В частности, к числу дискутируемых относятся вопросы, связанные с количеством присущих языку функций и степенью их равноправности, правомерностью разграничения понятий языка и речи и соответствие функций языка и функций речи.

К дискутируемым относится проблема изучения значимости фатического общения, или контактоустанавливающей функции языка.

Фатическое общение является особым видом речевого общения. С точки зрения информативности оно как бы и не представляет значимости. Современная лингвистика, ориентированная на коммуникативно-прагматическое исследование, в качестве исходного позволяет при рассмотрении указанной проблемы, принять тезис о том, что проблема фатической функции должна решаться с учетом ее роли в общении - информативном и фатическом - причем, фатическое общение нередко включено в информативное.

В лингвистике существуют две трактовки фатического общения. Согласно первой, восходящей к идеям Б. Малиновского, фатическое общение представляет собой разновидность речи, при которой целью общения является регулирование отношений между общающимися с целью ухудшения, улучшения или сохранения существующих отношений, а не сообщение информации [8, с. 213].

Фатическое общение противопоставлено информативному как инварианты речевого поведения. При этом следует заметить, что нередко нельзя разделить фатическое и информативное общение, так как часто они тесно взаимосвязаны: фатическое общение включено в информативное и, наоборот, в ходе фатического общения передается информация.

В данной работе принимаем более узкую трактовку фатического общения, согласно которой под фатическим общением понимается установление речевого этикета, его протекание и размыкание. Подобная точка зрения соотносится с идеей фатической функции Р. Якобсона.

Проблема фатической функции тесно связана с понятием речевого этикета. Под речевым этикетом понимается то, что касается организации коммуникативной связи между общающимися, благодаря чему сообщение передается определенному лицу, которое является его собеседником. Понятие речевого этикета непосредственно связано с общетеоретическими вопросами лингвистики, в том числе с одной из центральных проблем проблемой функций языка. Об этом много писали представители мирового (Гумбольдт, Соссюр, Сепир и др.). Для них полифункциональность языка очевидна. Большинство исследователей выделяет мысли образующую и коммуникативную функции языка, как основные. Выделение этих двух функций языка носит самый общий характер и рассматривает по существу один тип языка - язык интеллектуальный, назначением которого является выражение и сообщение мыслей.

Роль коммуникативной функции огромна. Можно сказать, что система материальных средств языка сформировалась в процессе употребления языка как средства общения, порождая при этом особые специфические процессы, совершающиеся в его внутренней сфере и обусловленные этой функцией. Коммуникативной функции посвящены работы Г.В. Колшанского, В.А. Аврорина, Н.Д. Арутюновой, А.Е. Супрун, К. Бюлера, Р. Якобсона, О.С. Ахмановой, М.А. Драздаускене.

Ряд лингвистов подходит к вопросу о функциях языка, принимая во внимание то, как осуществляется языком сам процесс коммуникации. Указывая, что в речи участвуют два лица - говорящий и слушающий, а также имеется в наличии предмет или явление, о котором идет речь, К. Бюлер, например, выделяет три функции языка: сообщение, обращение и выражение. Сообщение, по Бюлеру, передает определенное материальное (интеллектуальное) содержание об окружающем мире. Обращение он рассматривает как сигнал. В силу своего обращения к слушающему внешнее и внутреннее поведение которого направляется им. Выражение как симптом в силу своей зависимости от говорящего, внутреннюю сущность которого он выражает [4, с. 25].

Коммуникативная функция включает в себя изобразительную функцию, когда преобладает установка на ясность высказываемого, чтобы слушающий легче воспринимал и усваивал высказанное о тех или иных реалиях. Немедленная реакция со стороны слушателя актуализируется в призывную функцию языка, то есть реакцию действенную или языковую. Все они в сущности являются проявлением экспрессивной

коммуникативной функции языка. В экспрессивной функции языка преобладает установка на внутренние переживания говорящего, причем наличие второго лица вовсе не необходимо.

В процессе коммуникации говорящий (адресант) обращается к слушающему (адресату) посредством сообщения, высказывания. Р. Якобсон представляет это в виде следующей схемы [8, с. 219]:

контекст; сообщение; адресант - этикет – адресат; код

Важным для рассмотрения нашей проблемы представляется идея Р. Якобсона о том, что функция высказывания зависит от представленных в схеме шести составляющих факторов речевого акта. Параллельным образом может быть представлена и схема шести языковых функций, каждая из которых направлена на один из факторов речевого акта Р. Якобсон определяет это следующим образом:

номинативная; поэтическая; эмотивная, фатическая, познавательная; металингвистическая.

По мнению Е.Ф. Тарасова, эта модель Р. Якобсона представляла шаг назад по сравнению с целевой моделью пражцев - в ней отсутствовал фактор цель высказывания [9, с. 75].

О. С. Ахманова выделяет 6 функций речи:

1) функция интеллективно-номинативная, или функция указания на референта;

2) экспрессивная функция;

3) конативная функция, или функция обращения к слушающему;

4) контактоустанавливающая, или фатическая функция;

5) металингвистическая функция;

6) поэтическая функция [2, с. 223].

В предлагаемой О. С. Ахмановой классификации не совсем ясно отличие 3-ей функции от 4-ой. Представляется возможным объединить выделяемые ей конативную функцию и контактоустанавливающую в одну, так как целью обеих является привлечение внимания к сообщению, установление речевого этикета. Иными словами, более правомерным кажется рассмотрение функции обращения как разновидности более общей фатической функции.

Различие между функциями языка и функциями речи определяет А. А. Леонтьев. Под функциями языка им понимаются такие характеристики речевой деятельности, которые проявляются в любой речевой ситуации. Эти функции, как правило, не имеют в языке соответствующих им и закрепленных за ними понятий. К языковым функциям А. А. Леонтьев причисляет коммуникативную функцию, которую он четко не отграничивает от функции регуляции поведения, и функцию интеллектуальной деятельности, функцию овладения общественно-историческим опытом человечества, национально-культурную и функцию познания. Функции же речи - это потенциальные характеристики языка, не обязательно присущие всякому речевому акту, иными словами, - факультативные. Их удобно приписывать не языку, а речи. К ним относятся магическая функция, функция "марки" или номинативная, диакритическая, экспрессивная и эстетическая (или поэтическая) функции [7, с. 101].

Интересной представляется точка зрения В.А. Аврорина. "Функции языка все вместе свойственны любому языку, тогда как не все функции речи свойственны всем языкам. Функции языка действуют постоянно, тогда как функции речи проявляются окказионально, факультативно... Функции языка действуют совокупно, ...тогда как функции речи, сопровождая функции языка, действуют в одиночку функции речи всегда действуют вместе с функциями языка, как бы переплетаются с ними в каждом отдельном высказывании и потому принципиальные различия между ними в известной степени стираются" [1, с. 44].

К функциям языка В.А. Аврорин относит:

1) коммуникативную функцию;

2) экспрессивную функцию;

3) конструктивную функцию;
4) аккумулятивную функцию.
А к функциям речи:
1) номинативную;
2) эмотивно-волюнтативную;
3) сигнальную;
4) поэтическую;
5) магическую;
6) этическую.

Все из перечисленных выше авторов признают существование этикетно-устанавливающуюся функцию, которая играет важную роль в процессе коммуникации. В процессе коммуникации сообщение кому-либо адресуется, следовательно, осуществляется речевой этикет.

Организация процесса общения связана с привлечением внимания собеседника к речи говорящего, а осуществление речевого этикета между собеседниками обусловлено проявлением фатической функции.

Статус фатической функции языка является далеко не выясненным в отличие от остальных, несмотря на то, что известен ряд исследований, посвященных фатике. Фатический аспект речевого общения получил разработку в трудах Б. Малиновского, Р. Якобсона, Г.Г. Почепцова, В.Г. Гака, Т.Г. Зинокур, А.М. Анощенковой, Д.Л. Докторевич, Л.А. Козловской, Е.В. Клюева, Л.А. Азнабаевой, З.З. Чанышевой, С. Донаёрова, А. Шукурова.

Термин "фатическая функция" принадлежит Б. Малиновскому. Он охарактеризовал ее как психо-социальное явление, функционирующее при помощи языка. Б. Малиновский дает лишь общее описание фатической функции, никак не отграничивая ее сферу употребления. "Употребляются ли слова при этикетоустанавливающей функции для передачи значения, того значения, которое присуще им как знакам?" - спрашивает Б. Малиновский. И отвечает: "Конечно, нет". Мы можем согласиться с этим, если будем рассматривать только психо-социальную сторону этого явления. Но лингвистическая природа контактоустанавливающей функции не вызывает сомнений. Контактоустанавливающая функция имеет своей задачей вызвать у собеседника какие-то чувства или просто привлечь его внимание к себе, она не может быть лишена значения совершенно, а это проблема лингвистической семантики.

Мнения лингвистов по поводу значимости фатической функции разделились. Некоторые, например, Д.Л. Докторевич, считает, что фатическая функция - то, с чего начинался язык - первична. Она порождена необходимостью коммуникации уже на заре развития человеческого общества, цивилизации [6, с. 73].

Другая, противоположная точка зрения, представлена у В.Г. Гака. Он не признает независимости фатической функции от референтной. Он предлагает видеть во всех аспектах структуры высказывания номинативной функции, различая внутри нее денотативную и коммуникативно-модальную функции.

По общему мнению, обе эти позиции представляют собой полярные точки зрения на вопрос о статусе фатической функции. Говоря о месте фатической функции в структуре языка, ее производность относительно коммуникативной несомненна.

Литература:

1. Аврорин В. А. Проблема изучения функциональной стороны языка. – М.: Наука, 1975.
2. Ахманова О. С. Словарь лингвистических терминов. – М., 1978. – 255 с.
3. Беляева Е.И. Коммуникативная ситуация и речевой акт просьбы в английском языке // Иностранные языки в школе. - 1987. - № 1. – С. 6-9.
4. Бюлер К. Теория языка // История языкознания XIX и XX веков очерках и извлечениях. – М.: Просвещение, 1965. ч. 2. – С. 22-28.
5. Винокур Т.Г. Информативная и фатическая речь как обнаружение разных

коммукникативных намерений говорящего и слушающего // Русский язык в его функционировании. Коммуникативно-прагматический аспект. – М. – 1993. – 220 с.
6. Докторевич А.И. К вопросу речевого взаимодействия. – Харьков, 1987.
7. Леонтьев А.А. Функции и формы речи. Основы теории речевой деятельности. – М., 1974.
8. Общее языкознание: внутренняя структура языка / под общ.ред. Б.А. Серебренникова. – М., 1972. – 565 с.
9. Тарасов Е.Ф. Место речевого общения в коммуникативном акте // Национально-культурная специфика речевого поведения. - М. Л., 1977. – С. 67-96.

О СРЕДСТВАХ РЕЧЕВОГО ЭТИКЕТА И ЕГО ОСОБЕННОСТЯХ

В статье подчеркивается, что категория «этикет» или вежливость в современном языкознании является более менее дискутируемым, потому что она сущность контактоустанавливающий (между людьми) и относится к фактическому общению. Автор доказывает, что вопреки всяким дискуссиям, понятие речевого этикета связано с общетеоретическими вопросами лингвистики, в том числе «с одной из центральных проблем – проблем функций языка».

Ключевые слова: этикет, речь, общение, вежливость, характеристика, изучение, функция.

ON THE FUNCTIONAL ASPECTS OF SPEECH

The article emphasizes that the category of "etiquette" or courtesy in modern linguistics is less debated, because it is the essence of establishing contact (between people) and refers to the actual communication. The author argues that in spite of all the discussions, the notion of speech etiquette associated with theoretical questions of linguistics, including "one of the central problems - the problems of language functions.

Key words: etiquette, speech, communion, courtesy, characterization, study, function.

Сведения об авторе: Мирова Шахло Мирзоватановна, соискатель Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: mseddiq@mail.ru

Information about the author: Mirova Shahlo Mirzovatanovna, researcher, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

ТАВАССУТИ ИБОРА ИФОДА ЁФТАНИ МУНОСИБАТҲОИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФРАНСАВӢ

Шоев М. Дж., Одинаев А. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Як қисми хурди таркиби луғавии ҳама гуна забонро луғатҳои ифодагари муносибатҳои хешутаборӣ ташкил медиҳанд. Албатта, дар ҳама забонҳо истилоҳоти муносибатҳои хешутаборӣ як хел буда наметавонанд. Аммо бо вуҷуди ин байни ин истилоҳот дар баробари фарқият ҷиҳатҳои умумӣ низ дида мешавад. Ин ҷиҳатҳоро дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ ба хубӣ мушоҳида мекунем.

Дар забони тоҷикӣ истилоҳоти зерини хешутаборӣ мавҷуд аст: **падар, модар, амак, тағо, амма, хола** ва ғ.

Ҳамин гуна истилоҳот дар забони франсавӣ низ дида мешавад аст: **père, mère, oncle, tante.** Вожаҳои «амак», «тағо» ва «ама», «хола» дар забони франсавӣ бо истилоҳоти ягона “**oncle**” ва **“tante”** ифода меёбанд. Яъне дар баъзе забонҳо миқдори ин истилоҳот нисбатан камтар аст. Масалан, дар забонҳои франсавӣ ва русӣ **писархола, писартағо, амакбача, писарама** ва ғ. ҳама бо як унвон **cousin/cousine,** кузен/кузина номбар мешаванд.

Ҳамин тавр, калимаҳои **амак** ва **тағо** бо **oncle ва холаву ама** бо **tante, писархола, писартағо, амакбача, писарама** бо **cousin** ва **духтархола, духтартағо, духтарамаку духтарама** бо **cousine** ифода мешаванд. Чунин ҳолат айнан дар забони русӣ низ мушоҳида мешавад, яъне **амак** ва **тағо-** *дядя* ва **амаву хола –** *тётя*.

Аз ин мебарояд, ки забони тоҷикӣ аз ҷиҳати боигарии таркиби луғавӣ дар мисоли вожаҳои ифодакунандаи муносиботи хешутаборӣ нисбат ба забонҳои дигар, аз ҷумла забони франсавӣ бартарии калон дорад. Мавҷудияти истилоҳоти хешутаборӣ боиси пайдо шудани як қатор ибораҳои ифодакунандаи муносибатҳои мазкур гардидааст: **писари тағо, писари амак, духтари хола, духтари амма** ва ғ. Дар забони франсавӣ тарзи ин ифода чунин аст: **le fils d'oncle,** яъне писари тағо-писари амак ва **la fille de tante** духтари хола - духтари ама ва ғ.

Дар чунин навъи ибораҳо на соҳибият, балки мансуб будани касе ба шахс ифода меёбад. Ибораҳои исмии изофӣ бо тобиши муносибатҳои хешутаборӣ дар забони тоҷикӣ ба гурӯҳи ибораҳои ифодакунандаи мансубият шомиланд. Абдураҳимов С. ибораҳои исмиро ба ҳаждаҳ намуд тасниф намудааст ва намуди дуюм ба муносибатҳои хешутаборӣ мансуб аст. Ибораҳоеро, ки муносибати соҳибиятро ифода мекунанд, ба се навъ ҷудо намуда, навъи аввалро муносибати хешутаборӣ номидааст [1, с. 27].

Ибора аз калимаҳои мустақилмаъно ташкил меёбад ва нақши калима аз ҷиҳати маънои луғавӣ дар ташкили ибора дар мақоми аввал меистад. Аз ин рӯ, таснифи вожаҳое, ки муносибатҳои хешутабориро ифода мекунанд, зарур аст [9, с. 150).

Дар забони тоҷикӣ воҳидҳои луғавии ифодакунандаи муносибати хешутаборӣ аз ҷиҳати сохт ва маъно гуногун мешаванд. Ин вожаҳоро ба ду гурӯҳи калон метавон тақсим намуд:

1. Калимаҳое, ки дараҷаи гуногуни таборитро ифода мекунанд: **падар -** père, **модар -** mère, **бибӣ –** grand-mère **(модаркалон**), **бобо –** grand-père, **бародар** – frère, **ака –** frère ainé, **додар –** frère cadet, **хоҳар** -sœur, **апа –** sœur ainné, **амак ва тағо** oncle, **аммаву хола -** tante, **набера –** petit-fils(petite-fille), **абера –** arrière-petit-fils (arrière-petite-fille), **ҷиян –** neveu (nièce)**.** Ин вожаҳо дар ибораҳои исмии изофӣ бо тобиши муносибатҳои хешутаборӣ ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои гуногун, ҷонишинҳои шахсӣ ва нафсиро ба худ тобеъ месозанд:

Оиб ба вожаи **ҷиян** ҳамин нуқтаро зикр намудани ҳастем, ки ин калима аз забони туркӣ ба забони мо ворид шудааст. Дар забони тоҷикӣ вожаҳои додарзода ва хоҳарзода ҳамин маъноро ифода мекунанд. Калимаи **ҷиян** ба маънои ҳар ду новобаста ба ҷинсият меояд.

Ҳам вай ва ҳам **модари Наниманча** тарсиданд [14, с. 396].

La mère de Nanimantcha et lui aussi, ils ont eu peur (т.м.)

Мо ин сирро ба ҳеҷ кас, ҳатто ба **бародарони Солеҳ** ҳам гуфта натавонистем [14, с. 147].

Nous n'avons pas pu dire ce secret à **personne** et même aux **frères de Soleh**.(т.м.)

Дар ин ду мисоли боло ҷонишинҳои «вай-**lui[**lui**]**», «мо-**nous[**nu**]**» ва «ҳеҷ кас-**personne[**pɛrscn**]**» мутаносибан тобеи ибораҳои исмии изофии «модари Наниманча- **la mère de Nanimantcha** ва бародарони Солеҳ**- les frères de Soleh** мебошанд. Инчунин дар ҷои дигар:

Маросими тӯй дар роҳи пастхамӣ мегузашт… Навхонадорон пешопеш, баъд **хешу табор** ва ниҳоят дар охир меҳмонону камбағалони деҳа меомаданд. (т.м.)

La procession se déroulait dans le chemin creux... . Les jeunes mariés venaient d'abord, puis **les parents,** puis les invités, puis les pauvres du pays [16, с. 63].

Қариб буд, ки **наздикону пайвандонаш** ба ӯ ҳамчун исрофкор садди роҳ шаванд(т. м.).

Peu s'en fallut que **ses proches** ne le fissent interdire comme dissipateur [15, с. 289].

Дар забони тоҷикӣ таркибҳои хешутаборӣ ба монанди **падару модар (волидон), зану фарзанд, акаву уко, хешу табор, падару писар, ёру бародар, дӯсту душман, хешу бегона, ёру ағёр, худиву ғайр** ҳамун ибораҳои рехта таркибан устувор мебошанд. Ин шаклҳои грамматикӣ дар забони франсавӣ низ ба назар мерасанд. Чунончи, падару модар дар шаклҳои **le père et la mère** ва волидайн**-les parents,** зану фарзанд **– la femme et le fils, l'enfant,** хешу табор **– parents,** падару писар **– le père et le fils,** ёру бародар **– l'ami et le**

frère, дӯсту душман **– l'ami et l'ennemi/hostile,** хешу бегона **– le proche et l'inconnu,** ёру ағёр **– l'ami et l'inconnu,** худиву бегона(ғайр) **– le parent/la parente** ва **l'étranger/l'étrangère:**

-Албатта, ман аз ягон каси **бегона** ва аз ягон касе, ки фоидахӯриро ба худ касб карда бошад, қарз напурсидам, ҳамаи қарзҳоямро аз **хешовандони** соктарегӣ ва аз **ошноҳои наздикам** гирифтам [2, с. 14].

-Je ne me suis pas adressé à **des étrangers** mais à **des parents** de Soktara, à **des amis proches** [3, с. 23].

Аммо таркибҳои **акаву уко (додар)** дар забони франсавӣ бо илова кардани сифатҳои **«калонӣ»** ва **«хурдӣ»** ифода меёбад. Масалан, ака– **le frère ainé** (бародари калонӣ), уко, додар- **le frère cadet** (бародари хурдӣ):

-Азбаски **акаам** ҳанӯз нимбемор ва **додаронам** хурдсоли аз беморӣ нав халос шуда буданд, ба ҳеҷ кор ёрӣ дода наметавонистанд [2, с. 119].

-**Mon frère aîné** était encore faible. **Mes frères cadets** venaient à peine d'échaper à la mort et ne pouvaient m'être d'aucune aide [3, с. 159].

Ҳамин тавр, **апаву хоҳар** низ бо чунин тарз ифода меёбанд**: хоҳари калонӣ –** la sœur ainnée**, хоҳари хурдӣ –** la sœur cadette. Дар бораи таркибҳои тазоддии **дӯсту душман, хешу бегона, ёру ағёр** минбаъд таваққуф хоҳем кард, ин ҷо бошад ҳаминро ёдовар бояд шуд, ки ибораҳои мазкур бар иловаи маънои муқобил доштанашон тобиши хулосакунандагиро (ҷамъбастиро) низ ифода мекунанд ва муродифи ҷонишини **ҳама** мебошанд. Ин шакли ифода дар забони франсавӣ низ айнан ҳамин тавр мавриди истифода қарор гирифтааст: дӯсту душман **– l'ami et l'ennemi,** ёру бародар **– l'ami et le frère,** хешу табор **–les parents,** зану фарзанд **– la femme et le fils** ва ғ.

Исмҳои **султон/**sultan, **подшоҳ/**roi, **вазир/**ministre, **раис/**président, ки ҳам шахс ва ҳам мансабро ифода мекунанд, ба вазифаи ҷузъи тобеъи ибораҳо омада, ба вожаҳои ифодакунандаи мафҳуми хешутаборӣ тобеъ мешаванд: писари раис **– le fils du président**, падари донишҷӯ **– le père d'étudiant**, падари духтар- **le père de fille**, духтари подшоҳ **– la fille du roi**, духтари шоир- **la fille de poète** ва бародари султон **– le frère de sultan.**

Чунон ки мебинем, агар дар забони тоҷикӣ соҳибият бо ёрии бандаки изофии **– и** ифода ёфта бошад, дар забони франсавӣ он ба воситаи пешоянди **de** истифода шудааст, ки ҳамзамон муодили бандаки изофӣ мебошад.

Вожаҳои **хешованд -** parent**, авлод -** dinastie**, фарзанд -** fils**, пайванд -** proche, исми кулл буда, ба ҷуз аҳли як байт боқӣ ҳамаро **хешованд**, **авлод** меноманд. Аз ин рӯ, дар ифодаи муносибатҳои хешутаборӣ, мансуб будани ҷузъро ба кулл зимни истифодаи ин истилоҳот мушоҳида менамоем:

- Онҳо ба ҳамдигар **хешу таборанд**. Ин кас **хеши ман**, яке аз **хешовандони** наздикам. Он кас бошад, **хешованди ду**р.(тарҷумаи мо)

Ils sont **parents** entre eux. C'est **mon parent**, un de **mes proches parents**, **un parent éloigné** [17, с. 1358].

2. Ба гурӯҳи дуюми калимаҳои ифодакунандаи муносибати хешутаборӣ калимаҳои мураккаби дучузъае дохил мешаванд, ки ҳар ду ҷузъи онҳо маънои таборияторо ифода мекунанд. Дар асл, ин вожаҳои мураккаб ибораи изофӣ буда бо факки изофат ва бевосита ҳамроҳшавии решаҳо ба калимаҳои мураккаб табдил ёфтаанд: **писархола, холабача, писархонд, холадухтар, духтарамак, писарамак, амакбача, тағобача, падархонд, модархонд, бародархонд, хоҳархонд**. Ин калимаҳоро ба ибораҳои изофии исмии **писари амак, писари тағо, писари хола, духтари амак, духтари тағо, духтари хола,** иваз кардан мумкин аст. Дар забони тоҷикӣ ифодаҳои мазкур аз рӯи мантиқ се тобиши маъноӣ доранд:

1) нисбат доштани яке аз ҷузъҳо ба ҷузъи дигар. Масалан, дар калимаи **писархола** нисбат доштани **писар** ба **хола** ифода ёфтааст;

2) мансубияти худи **хола** ба гӯянда ё шахси дигар;

3) **писари хола** низ ба гӯянда ё касе нисбат дорад.

Дар забони франсавӣ низ чунин тарзи ифода яъне бо се тобиши маъноӣ дорои шакли (бо каме тағирот)факки изофат мебошад. Мисол: писархола, писарамак,

писартағо ва писарамма **–cousin,** духтархола ё холадухтар, духтарамак ва духтартағо**– cousine:**

Дар қисми охирини ин ҳавлӣ дар тарафи шарқ **писари амаки падарам** зиндагонӣ мекард [2, с. 28].

Tout au fond de notre cour commune, vivait un homme cultivé, affable, **cousin de mon père**, qui s'appelait Khidoïat-hodja et qui était âgé d'environ cinquante ans [3, с. 41].

Азбаски дар забони франсавӣ исмҳои *аммаю хола* бо вожаи **une tante** ва *тағою амак* бошад, бо калимаи **un oncle** ифода меёбанд, барои ҳамин ҳам ибораҳои исмии изофии ба монанди духтари амма ва хола, писари амма ва хола ва ғ. дорои муодили ягонаи франсавӣ мебошанд:

духтари амма, духтари хола- **la fille de tante,** писари амма, писари хола- **le fils de tante** духтари тағо, духтари амак **- la fille d'oncle,** писари тағо ва писари амак- **le fils d'oncle.**

Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи муносибатҳои иззату эҳтиром вожаҳои **амак** ва **ака** дар нисбати дигар ашхос истифода бурда мешаванд: **Устоамак**, **эшон-амак**, **Салим-ако**, **Шарофат – апа**, **Нодира-хола**. Дар забони франсавӣ чунин тарзи ифода бо истифодаи калимаҳои **амак, ака, тағо, апа, хола** ва ғ. гарчанде вуҷуд дошта бошад ҳам, лекин маъмул нест. Барои иззату эҳтироми шахси бегона дар забони франсавӣ, зимни муроҷиат ба **духтар, зан, писар, ҷавон** ва ё **марди** бегона вожаҳои духтар-**mademoiselle**, хонум-**madame**, ҷавон(мард), марди ҷавон-**jeune-homme**, ҷаноб-**monsieur** корбаст мешаванд**.** Истилоҳоти хешутаборӣ бо назардошти ҷинс мисли ҳама гуна забон дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Масалан, барои ифодаи хешовандии ҷинси занона вожаҳои **модаркалон, модар, хола, амма, апа, хоҳар**, инчунин калимаҳо бо муносибатҳои дигари иҷтимоӣ монанди **янга, дугона, келин, хушдоман** истифода мешаванд.

Барои ифодаи ҷинси мардона бошад, вожаҳои **бобо, амак, тағо, ако, уко, падар, бародар, додар, дӯст** ба кор мераванд. Дар забони франсавӣ бошад, чунин фарқияти байни ҷинсҳо низ ҷой дорад: **модаркалон**-grand-mère**, модар**-mère**, хола**-tante, **амма**-tante**, апа**-sœur aînée**, хоҳар**-sœur cadette, **бобо**-grand-père**, амак**-oncle**, тағо**- oncle**, ако**-frère aîné(бародари калонӣ)**, падар**-père**, бародар**-frère**, додар**-frère cadet(бародари хурдӣ), jeune frère.

Чунин тафриқаи луғавии хешовандии мардона ва занона дар ҳар ду забон тоҷикӣ ва франсавӣ ҷолиб ифода ёфтааст:

-Меҳмонони мардонаро **падарам, амакам, бобои модариам**, **тағоҳоям** ва дигар **хешовандон** «хуш омадед», «хуш рафтед» мегуфтанд, меҳмонзанонро **модарам, модаркалонам, занони тағоҳоям** ва **зани амакам** меҳмондорӣ мекарданд [2, с. 10].

-Les invités sont accueillis par **mon père, mon frère aîné, mon grand-père et mes oncles;** les invitées, par **ma mère, ma grand-mère et mes tantes** [3, с. 19**]**.

Ибораҳои исмии изофие, ки муносибатҳои гуногуни иҷтимоиро ифода мекунанд.

Дар ин гуна ибораҳо ҳам ҷузъи асосӣ ва ҳам ҷузъи тобеъ исмҳои шахс мебошанд ва яке ба дигаре муносибати иҷтимоӣ дорад. Муносибати одамон бидуни хешутаборӣ дар ҷамъият гуногун мешавад ва ҳамаи ин муносибатҳоро дар мизон баркашидан ноҷоиз аст. Масалан, калимаҳои зан (ба маънои ҳамсар)-**femme**, шавҳар-**mari,** арӯс-**fiancée,** шаҳбача, домодшаванда-**fiancé,** шаҳу арӯс-**les futurs conjoints** ё **fiancés,** домод**/**язна-**gendre**, фарзанди ӯгай-**beau-fils,** падарарӯс, падардомод, хусур, падархонд - **beau-père**, модарарӯс, модарзан, модаршӯй, модари ӯгай-**belle-mère**, ҳамсоя-**voisin,** ҳамсоязан-**voisine,** ҳамкурс-**camarade de classe,** ҳамшаҳрӣ-**compatriote,** ҷӯра-**ami** ё **compagnon**, рафиқ-**camarade,** дӯст-**ami,** дугона-**amie,** душман-**ennemie,** рақиб-**homme, concurrent** ба вазифаи ҷузъи асосии ибора омада, муносибатҳои гуногуни иҷтимоиро ифода мекунанд:

- Ин ӯст!- баробар фарёд заданд д'Артанян ва Бонасе, ки ҳар ду **рақиби худро** шинохта буданд [5, с. 97].

- C’est lui! s’écrièrent à la fois d’Artagnan et le bourgeois, chacun d’eux, en même temps, ayant reconnu **son homme** [6, с. 141].

Ин қабил вожаҳоро вобаста ба маънои луғавиашон ба якчанд гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

1. Вожаҳои зан, ҳамсар-**femme/épouse,** шавҳар-**mari/époux,** домод-**fiancé/gendre/,** арӯс-**fiancée,** модарарӯс, хушдоман-**belle-mère**, падарарӯс, хусур-**beau-père**, келин-**belle-fille**, янга-**bru**, ки дар заминаи издивоҷ пайдо шудаанд, вале хешу табор нестанд:

Ин **зани Абдулқуддусхоҷа** ном **амаки падарам** буд, ки ӯ кайҳо мурда рафта буд [2, с. 28].

Elle avait été **épouse d’un autre oncle de mon père**, Abdoul Kouddous-hodja, depuis longtemps décédé [3, с. 40].

Устохоҷа баъд аз мурдани **зани аввалинаш зани дуюм** гирифта буд, ки аз ин ду духтар дошт [2, с. 29].

Devenu veuf, Ousto-hodja prit **une autre femme**, qui lui avait donné deux filles [3, с. 41].

2 Вожаҳои **дӯст, рафиқ, дугона, ошно, ёр** исмҳои шахс ва ҷонишинҳои шахсиро ба худ тобеъ намуда, ибора месозанд, ки муносибати ҷузъҳо на дар асоси хешутаборӣ ва издивоҷ, балки дар заминаи таваҷҷуҳи байниҳамдигарӣ ба вуқӯъ мепайвандад:

Бинобар ин ба ман лозим буд, ки ба ҳаминҳо тӯй карда диҳам, **хешовандон** ва **ошноҳои соктарегиам** бошанд, ба ҳамин ҷо меоянд ва омаданд [2, с. 15].

Il fallait remercier tous ces gens-là. Quand à nos **parents de Soktara**, ils pouvaient venir jusqu’ici [3, с. 24].

Аз тарҷумаи франсавии ин ҷумла маълум мешавад, ки вожаи «**parents**» дар баробари ифода кардани маъноҳои «волидайн», «падару модар», «хешовандон», «хешутабор» ва «наздикону пайвандон» дорои маънои «**ошноҳо**» низ мебошад,

-Аз рӯзе ки **дӯстам** маро партофта бо баррачааш рафт, шаш сол гузашт [5, с. 23].

- Il y a six ans déjà que **mon ami** (дӯстам) s’est en allé avec son mouton [6, с. 24].

Хулоса, ибораҳои ифодакунандаи муносибатҳои хешутаборӣ ва дигар мафҳумҳои иҷтимоӣ дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони франсавӣ зиёдтар ба мушоҳида мерасанд. Ба ин бартарӣ нигоҳ накарда, забони франсавӣ низ дорои воситаҳои дигари ифодае аст, ки метавонад муодили гунаҳои ифодаи тоҷикӣ бошанд. Албатта, дар муқоисаи типологӣ, воситаҳои грамматикӣ ва услубӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд ва дар сурати набудани муодили луғавӣ ё як воситаи грамматикӣ ҳатман воҳиди дигари ифодаро пайдо кардан мумкин аст. Бинобар ин ҳама гуна воситаи грамматикӣ як забон, ҳатман дар забони дигар хусусан забонҳои хеш вуҷуд дорад.

Адабиёт:

1. Абдураҳимов С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1973. - 210 с.
2. Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. - 680 с.
3. Aini Sadriddin. Boukhara. Traduit du tadjik par S. Borodine et P. Korotkine. Librairie Gallimard. Paris, 1956. - 300 p.
4. Акобиров Ю. Замини падарон. – Душанбе, 1987. - 275 с.
5. Александр Дюма. Се Мушкетдор / аз русӣ тарҷумаи Ҷ. Азизқулов. -Душанбе: Маориф, 1984. - 664 с.
6. Alexandre Dumas. Les Trois Mousquetaires. Cercle du Bibliophile. Suisse, 1964. - 463 p.
7. Антуан Де Сент-Экзюперӣ. Шаҳзодаи хурдакак. -Душанбе: Оли Сомон, 1997. - 102 с.
8. Antoine de Saint Exupéry. Le Petit prince. Dépôt legal: septembre 2011, Imprimé en France. - 102 p.
9. Гулзода Н. Ифодаи соҳибият дар забони тоҷикӣ. Монография.– Душанбе: Деваштич, 2009. - 212 с.
10. Дурдонаҳои наср. Намунаҳои насри форсу тоҷик. - Ҷ. 2. -Душанбе: Адиб, 1989. - 432 с.
11. Мошеев И.Б. Сопоставительная типология русского и таджикского языков (морфология, уч. пособия для студентов). – Душанбе, 1991. - 230 с.
12. Муҳаммадиев Ф. Куллиёт. - Ҷ.3. Роман ва қисса. - Душанбе: Адиб, 1991. - 384 с.

13. Турсунзода М. Асарҳои мунтахаб (мураттиб Бокӣ Раҳимзода). - Ҷ. 1. -Душанбе: Нашрдавлтоҷ, 1962. - 267 с.
14. Улуғзода С. Мунтахабот. - Ҷ. 1. -Душанбе: Ирфон, 1982. - 448 с.
15. Diderot D. Œuvres de Denis Diderot. Tome 5. II partie, Paris, 1819 16.
16. Maupassant G. Contes de la Bécasse. – Éditions Carrefour, 1998. - 188 p.
17. Robert Petit. 1 par Paul Robert. Dictionnaire alphabétique et analogique de la langue Française. – Paris, 1992, 2174 p (1535).

ВЫРАЖЕНИЕ РОДСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ ПОСРЕДСТВОМ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

Авторы в статье исследуют способы выражения родственных отношений посредством словосочетаний в таджикском и французском языках. В статье рассматривается роль словосочетания как одного из способов выражения родственных отношений в исследуемых языках. Авторы статьи дают объяснение этому явлению и рассматривают некоторые их особенности путем сопоставления французских эквивалентов. В статье исследуются способы выражения родственных отношений с помощью словосочетаний не только в таджикском и французском, но и в русском языке. Цитаты в статье взяты из научных и художественных произведений знаменитых таджикских и французских писателей.

Ключевые слова: словосочетание, родственные отношения, родственные понятия, грамматические средства, сходные языки.

EXPRESSING THE RELATIVES RELATIONS THROUGH EXPRESSIONS IN TAJIK AND FRENCH LANGUAGES

In the article the authors analyses the ways of expressing the relative relations by means of expressions in Tajik and French languages. The role of phrases to express the relatives' relations is considered in both studied languages. The authors of the article gives explanation to this phenomenon and considers some of their peculiarities through comparing them with their French equivalents. In the article It is researched the ways of expressing relatives' relations by expressions not only in Tajik and French languages but in Russian as well. The citations are taken out from the scientific and aesthetic works of famous Tajik and French writers.

Key words: word combination, ties of relationship, related definitions, grammatical tools, cognate languages.

Сведение об авторах: Шоев Махмадшариф Джангиевич, старший преподаватель кафедры французского языка и методики его преподавания Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: shoev69@mail.ru

Одинаев Алихон Амрохонович, ассистент кафедры французского языка и методики его преподавания Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: alikhon82@mail.ru

Information about the author: Shoev Mahmadsharif Jangievich, upper teachers of French chair and teaching methods, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

Odinaev Alikhon Amrokhonovich, assistant teacher of French chair and teaching methods, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

НАҚШИ ТАРҶУМА ДАР ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ ИЛМИИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКӢ

Нуров П. Г.
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Яке аз омилҳое, ки дар замони муосир ба ғанӣ гардидани захираи луғавии забонҳои миллии давлати рушдкунанда мусоидат мекунад, таълиф ва тарҷумаи адабиёти илмиву техникӣ аз забонҳои муқтадир ва пешрафтаи илмӣ ва дар ин замина сохтани истилоҳоти илмиву техникӣ дар забони миллӣ мебошад. Вақтҳои охир дар бисёре аз забонҳои миллӣ маводи иттилоотии нав ва муҳиме пайдо шуда истодаанд, ки таҳия ва тарҷумаи онҳоро чун як соҳаи нав ва муҳими фаъолияти илмиву иттилоотӣ

арзёбӣ кардан мумкин аст. Дар давлати муосири Тоҷикистон, ки рӯ ба рушду тараққӣ дорад, фаъолияти илмиву иттилоотӣ барои амалӣ сохтани стратегияи илмиву иттилоотиии мамлакат аҳамияти муҳим пайдо карда истодааст. Низоми иттилоотии миллӣ талаб мекунад, ки асноди иттилоотии вурудиву хуруҷии мамлакат бо забонҳои давлативу хориҷӣ таҳия карда шаванд.

Табиист, ки тарҷумони маводи илмиву техникӣ бояд мутахассиси касбӣ бошад, як ё якчанд забони муқтадири илмиро хуб донад, аз донишҳои илмиву техникӣ бархӯрдор бошад ва маводро тибқи меъёрҳои забон ифода карда тавонад. Гузашта аз ин, тарҷумон бояд истилоҳоти соҳаро чи дар забони асл ва чи дар забони тарҷума хеле хуб донад ва тавонад, ки ба истилоҳоти забони бегона муодили дурусти тоҷикӣ интихоб кунад, онро созад ва ё пазирад. Мутарҷим барои интихоб ё сохтани муодили саҳеҳи тоҷикии истилоҳот аз забонҳои муқтадири илмӣ дар баробари бархӯрдорӣ аз соҳаи дахлдори илмиву техникӣ ва истилоҳоти он, ҳамчунин бояд қоидаву қонуниятҳои забони тоҷикӣ, хусусан калимасозиву иборабандии онро хеле хуб донад. Дар ин маврид ӯ ҳамчунин бояд аз манбаъҳои иловагӣ чун луғатҳои соҳавӣ, энсиклопедӣ, роҳнамо ва маслиҳати мутахассисони дигари соҳа низ истифода намояд. Ин талабот ба зиммаи тарҷумон масъулияти бузургро вогузор мекунад, зеро интихоб ё созиши муодили носаҳеҳи тоҷикии истилоҳоти хориҷӣ метавонад боиси таҳрифи мафҳуми илмӣ гардад ва низоми минбаъдаи мураттабсозиву стандартгардонии истилоҳоти илмиву техникиро халалдор созад. Ҳамин тавр, яке аз нахустин созанда ва муқарризи истилоҳоти илмиву техникӣ дар забони миллӣ тарҷумони мавод ва ё адабиёти илмиву техникӣ мебошад.

Дар забони муосири тоҷикӣ аксари истилоҳоти илмиву техникӣ маҳз тавассути тарҷумаи адабиёти илмиву техникӣ аз забони русӣ ворид гардидаанд ва ворид шудан доранд. Солҳои охир тарҷумаи маводи илмиву техникӣ аз забонҳои дигари муқтадир, чун англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ ва ғайра ба забони тоҷикӣ низ ривоҷу таъсир мерасонад. Бинобар ин, зимни тарҷумаи маводи илмиву техникӣ аз забонҳои муқтадири илмӣ дар забони тоҷикӣ сохтани истилоҳоти илмиву техникӣ риояи баъзе қоидаҳои интихоби муодилҳои тоҷикии истилоҳоти хориҷӣ ва меъёрҳои пазируфтани истилоҳоти байналмилалӣ аҳамияти муҳими амалӣ пайдо кардааст.

Таҳлили луғавии адабиёти илмии техникии тоҷикӣ, аз ҷумла китобҳои дарсиву таълимӣ оид ба асосҳои илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ собит месозад, ки системаҳои истилоҳоти онҳо аз ҳисоби манбаъҳои зерин ташаккул меёбанд ва пурра карда мешаванд: манбаъҳое, ки аз онҳо дар адабиёти илмии техникии тоҷикӣ истилоҳоти байналмилалӣ иқтибос карда мешаванд. Ин манбаъҳо забонҳои муқтадири илм (англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва ғ.) ба воситаи забони русӣ ва ҳамчунин забони адабии тоҷикӣ мебошанд; манбаъҳое, ки дар заминаи онҳо муодилҳои тоҷикии истилоҳоти илмии техникӣ сохта мешаванд. Дар амалияи сохтани истилоҳоти тоҷикии илмӣ ин забони русӣ мебошад, ки он низ яке аз забонҳои муқтадири илмӣ маҳсуб мешавад; манбаъҳое, ки дар заминаи онҳо дар адабиёти илмии техникии тоҷикӣ истилоҳоти илмии техникӣ, яъне истилоҳҳои ним байналмилаливу ним тоҷикӣ сохта мешавад. Ин манбаъҳо забонҳои классикии илм (юнонӣ ва лотинӣ) ва забони русиву забони тоҷикӣ мебошанд; манбаъҳое, ки дар заминаи онҳо дар адабиёти илмии техникии тоҷикӣ истилоҳоти илмии техникӣ баргузида мешаванд ва ё муодилҳои тоҷикии истилоҳоти бегонаи илмӣ-техникӣ сохта мешаванд. Инҳо забонҳои классикии форсӣ, забони муосири тоҷикӣ ва забони арабӣ, хусусан калимаҳои арабитабори тоҷикӣ мебошанд.

Дар адабиёти илмии техникии тоҷикӣ иқтибос кардани истилоҳот маънии дугуна дорад:

а) иқтибос аз забонҳои муқтадири илм ба воситаи забони русӣ маънии онро дорад, ки истилоҳи байналмилалӣ (шояд бо каме тағйироти имлоӣ ва савтиёт) якҷоя бо мафҳуми худ вориди забони тоҷикии илм мегардад: аргумент, функсия, интеграл, дифференсиал, интерференсия, дифраксия, индуксия, абератсия, ионизатсия, конвексия, энталпия, энтропия, энергия, потенсиал, физика, механика, динамика, оптика, статика,

система, масса, линза, газ, детектор, диоптрия, люкс, люмен, импулс, индуктивият, кандела, келвин, лазер, магнит, магнетон, мазер, нейтрон, электрон, атом, нуклид, параметр, плазма, диод, триод, резонатор, генератор, реостат, симметрия, фазотрон, синхрофазотрон, анод, катод, тиристор, эмиттер, молекула, вибратор ва ғайра.

б) иқтибос аз забони адабии тоҷикӣ маънии онро дорад, ки ба сифати муодили тоҷикии баъзе истилоҳоти русии илмӣ калимае аз захираи луғавии забони адабии тоҷикӣ интихоб карда мешавад. Дар ин маврид, калимаи ба сифати муодил интихобшуда аз маъниҳои луғавӣ ва тобишҳои маъноӣ маҳрум гардида, бояд аз ҷиҳати маънии луғавӣ ба калимаи бегона (русӣ) наздикӣ дошта бошад, гарчанде ки мафҳуми илмии ба дӯши ҳар ду калима (ҳам худӣ ва ҳам бегона) ба таври сунъӣ таҳмилшуда як аст. Масалан, калимаи **«мавҷ»**, ки аз ҷиҳати бори маънавӣ ба калимаи русии **«волна»** наздикӣ дорад, дар забони тоҷикӣ ва русии илм мафҳуми ягонаро ифода мекунанд: **«густариши вақтонаи ин ё он навъи ларзиш дар фазо»**. Дар китобҳои дарсӣ оид ба асосҳои илми физика аз забони адабии тоҷикӣ масалан, калимаҳои зерин иқтибос шудаанд ва вазифаи истилоҳиро бар дӯш гирифтаанд: зарра, ҳаракат, ҳарорат, **таъхир, аҷобат, хастагӣ, шороӣ, серӣ, ҳалқа, зина, оила, оина, чашм, тӯфон, талотумӣ, дараҷа, часбоӣ, чарсӣ, шабнам, самар, тасвир, шарора, тирагӣ, майдон, остона, ҷунбоӣ** ва ғайра.

Истилоҳоте, ки дар адабиёти илмии техникии тоҷикӣ дар заминаи истилоҳоти адабиёти илмии русӣ сохта мешаванд, бо роҳи тарҷума ва ба василаи қоидаҳои калимасозиву ибораороии забони адабии тоҷикӣ амалӣ карда мешаванд. Дар адабиёти илмии техникии тоҷикӣ дар мавриди бо роҳи тарҷума аз забони русӣ сохтани истилоҳоти илмӣ ду тарзи тарҷума истифода мешавад:

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ, яъне калка яке аз роҳҳои ғанӣ гардонидани истилоҳоти илмии техникӣ дар забони тоҷикӣ мебошад. Ин тарзи истилоҳсозӣ дар корҳои илмии Бердиева Т. [1] ва Шаропов Н. А. [3] ба таври муфассал тахқиқ шудааст. Моҳияти тарҷумаи таҳтуллафзии истилоҳоти илмии техникӣ аз он иборат аст, ки истилоҳ дар забони иқтибоскунанда (масалан, забони тоҷикӣ) дар қолаби истилоҳи забони асл (масалан, забони русӣ) бо нигоҳ доштани маънӣ ифода сохта мешавад; дар ин маврид барои сохтани истилоҳ воситаҳои калимаву иборасозии забони иқтибоскунанда истифода карда мешаванд. Барои намуна чанде аз истилохоти илмии техникиеро нишон медиҳем, ки дар адабиёти илмии техникии тоҷикӣ бо ин роҳи истилоҳсозӣ сохта шудаанд:

дар математика**: бузургии тағйирёбанда** (переменная величина), **тасвири графикии функсия** (графическое изображение функции), **соҳаи мавҷудияти функсия** (область существования функции), **интеграли дучанда** (двухкратный интеграл), **қаторҳои аломаттағйирёбанда** (знакопеременные ряды), **муодилаҳои дифференсиалии тартиби якум** (дифференциальные уравнения первого порядка) ва ғайра.;

дар физика: **ҳаракати ростхатта** (прямолинейное движение), **қувваи марказгурез** (центробежная сила), **ларзишҳои хомӯшнашаванда** (незатухающие колебания), **қонуни бақои энергия** (закон сохранения энергии), **мавҷи ҳамвор** (плоская волна), **таъсири мутақобили тартиби наздик** (взаимодействие ближнего порядка), **қонуни якуми термодинамика** (первый закон термодинамики), **фишори атмосферӣ**(атмосферное давление), **наздиктаъсирӣ** (близкодействие), **дурисанҷ** (дальномер), **ҳаракати ҳароратӣ** (тепловое движение), **диполи электрикӣ** (электрический диполь), **дисперсияи мавҷҳо** (дисперсия волн), **дифраксияи шуоъҳои рентгенӣ** (дифракция рентгеновских лучей), **дарозии оптикии роҳ** (оптическая длина пути), **қонуни кинематикии ҳаракати нуқта** (кинематический закон движения точки), **қонуни асосии динамикаи ҳаракати пешравандагӣ** (основной закон динамики поступательного движения) ва ғайра;

дар ҷуғрофия**: вақти минтақавӣ** (зональное время), **вақти маҳаллӣ** (местное время), **доираи қутбӣ** (полярный круг), **минтақахои географӣ** (географические зоны), **муҳити географӣ** (географическая среда), **канданиҳои фоиданок** (полезные ископаемые) ва ғайра.

Тарзи дигари тарҷумаи истилоҳоти илмии техникӣ тарҷумаи маъноӣ мебошад. Дар адабиёти илмии техникии тоҷикӣ бо ин тарзи тарҷума истилоҳҳо танҳо аз рӯйи маъно, яъне дар асоси мазмуни мафҳуми истилоҳ сохта мешаванд; дар ин мавриди мумкин аст, ки сохтмони истилоҳ тағйир ёбад. Чанд мисол: **қобилияти шуъошикании шиша** (показатель преломления стекло), **танвири асбобҳои оптикӣ** (просветление оптики), **ҳаракати чархзанандагӣ** (вращательное движение), **назарияи ҷунбишҳои молекулӣ** (молекулярно-кинетическая теория), **энергияи ақибравӣ** (энергия отдачи), **энергияи бандиш** (энергия связи), **басомад** (частота), **қувваи электрикии ҳаракатдиҳанда** (электродвижущая сила), **камомади масса** (деффект массы), **самараи энергӣ** (энергетический выход) ва ғайра.

Ҳамчунин бо истифодаи унсурҳои забонҳои классикии илм (реша, пасванду пешвандҳои забонхои юнонӣ ва лотинӣ) низ истилоҳҳо сохта мешаванд (яъне, омезаистилоҳҳо). Аз унсурҳои байналмилалӣ бештар пешвандҳо бетағйир пазируфта мешаванд: макро, микро, ултра, инфра, милли, деси, кило, пико, нано ва ғайра. Чунончи, микрозарра (микрочастица), макросохтор (макроструктура), микрошиддат (микронапряжение), микроҳолат (микросостояние), микросахтӣ (микротвёрдость), ултрасадо (ультразвук), инфрасурх (инфракрасный), миллиампер, киловатт ва ғайра.

Забони тоҷикӣ манбаи асосии ташаккули системаи истилоҳот дар адабиёти илмии техникии тоҷикӣ мебошад. Забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз забонҳои қадимтарин ва аз ҷиҳати таркиби луғавӣ ғановатманди дунё қодир аст, ҳар гуна маънӣ, бахусус маъниҳои илмиро ба воситаҳои худ ифода кунад. Масалан, аксарияти истилоҳоти илмии техникии тоҷикӣ аз захираи луғавии забони миллӣ сохта шудаанд:

об (вода), **ҳаво** (воздух), **модда** (вещество), **иқлим** (климат), **табиат** (природа), **арз** (широта), **уфуқ** (горизонт), **роҳ** (путь), **масофа** (расстояние), **сатҳ** (поверхность), **ҳамворӣ** (плоскость), **нуқта** (точка), **ҳаракат** (движение), **таркиб** (содержание), **сохт** (строение), **унсур** (элемент), **гурӯҳ** (группа), **хосият** (свойство), **таҳлил** (анализ), **банд** (связь), **абр** (облако), **панҷара** (решетка), **маҳлул** (раствор),**дарё** (река), **баҳр** (море), **уқёнус** (океан), **вулқон** (вулкан), **кӯҳ** (гора), **бод** (ветер), **шиддат** (напряжение), **тавоноӣ** (мощность), **кор** (работа), **қувва (**сила), **вақт** (вақт), **реша** (корень), **давра** (круг), **порча** (отрезок), **нуқта (**точка), **адад** (число), **хат** (линия), **камон** (дуга), **қимат** (значение), **қатор** (ряд), **масоҳат** (площадь), **қулла** (пик), **майдон** (поля), **ҷамъ** (сложение), **тарҳ** (вычитание), **зарб** (умножение), **тақсим** (деление)**, ҳарорат** (температура), **фишор** (давление), **шитоб** (ускорение), **ҳолат** (состояние), **минтақа** (зона), **нур** (свет), **шуоъ** (луч), **гармӣ** (теплота), **мавҷ** (волна) ва ғайра [2, с. 153].

Тавассути тарҷума истилоҳҳоро ҳамчунин тибқи қоидаҳои калимасозӣ ва ибораороии забони тоҷикӣ низ сохтан мумкин аст:

Калима-истилоҳот: **ҷунбиш** (колебание), **кӯчиш** (перемещение), **чархиш** (вращение), **пешрафт** (поступательное движение), **фурӯбурд** (поглощение), **калонкард** (увеличение), **ҳаракатмандӣ** (подвижность), **ларзиш** (вибрация), **нуфузпазирӣ** (проницаемость**), васеъшавӣ** (расширение), **ёзиш** (удлинение), **соиш** (трение), **пайвастагӣ** (соединение), **ҳосила** (производная), **фаъолнокӣ** (активность) ва ғайра;

Ибора-истилоҳот: **таркиши ядроӣ** (ядерный взрыв), **гардиши меҳварӣ** (осевое вращение), **қутбиши молекулӣ** (молекулярная поляризация), **мувозанати механикӣ** (механическое равновесие), **гази ионшуд**а (ионизированный газ), **генератори ченкунанда** (измерительный генератор), **моеъи фишурдашуда** (сжимаемый жидкость), **оинаи барҷаста** (выпуклое зеркало), **линзаи ҳамвор-барҷаста** (плоско-выпуклая линза), **шикасти дугунаи нур** (двулучопреломление), **модели сайёравии атом** (планетарная модель атома), **генератори ҷараёни тағйирёбанда** (генератор переменного тока), **қонуни тақсимоти мунтазами энергия** (закон равномерного распределения энергии) ва ғайра.

Дар адабиёти илмии техникии тоҷикӣ **калимаҳои арабиасос** низ ба сифати истилоҳ ба таври фаровон истеъмол мешаванд: **ҳаракат**, **таъсирот, табдилот, ноқил, мавҷ, суръат, интиқол** ва ғайра. Як хусусияти муҳими ба сифати истилоҳ истифода шудани ин гуна калимаҳои арабитабори тоҷикӣ дар он аст, ки онҳо ғунҷо, яъне таркибпазир

мебошанд. Гузашта аз ин, дар баъзе аз онҳо пасванди ҷамъбандии –**от,** ки пасванди истилоҳсоз аст, ҷойи пасванди чамъбандии тоҷикии –**ҳо-**ро**,** ки пасванди истилоҳсоз намебошад, иваз менамояд, ки ин яке аз меъёрҳои зарурии истилоҳ – кӯтоҳу ихчамиро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, яке аз воситаҳои асосии ташаккули истилоҳоти илмии техникии тоҷикӣ тарҷумаи адабиёти илмии техникӣ, аз ҷумла китобҳои дарсӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳои техники ҷумҳурӣ буда, имкон медиҳад, ки дар забонамон системаи истилоҳоти ҳар як соҳаи илм ба вуҷуд оварда шавад.

Адабиёт:

1. Бердиева Т. Тенденции развития лексики таджикского языка советского периода. - Душанбе: «Дониш», 1982. -133 с.;Бердиева Т. Газетная лексика и вопросы терминологии// Масъалаҳои забоншиносӣ. – Душанбе, 1982. - С. 51-59.; Бердиева Т. Назарияи иқтибос (калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ). - Душанбе, 1991.- 128 с.
2. Нуров П. Г. Таджикская научно-техническая терминология. –Душанбе: «Дониш», 2009. – 168 с.
3. Шаропов Н.А. Пути развития лексики современного таджикского литературного языка: автореф. дис. … док. филол. наук. – Баку, 1974. – 68 с.; Шаропов Н.А. Пути развития лексики современного таджикского литературного языка. – Душанбе: Дониш, 1988.-133 с.

РОЛЬ ПЕРЕВОДА В ФОРМИРОВАНИИ ТАДЖИКСКИХ НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ

Рассмотрены источники формирования научно-технических терминов в таджикском языке, указаны возможности таджикского языка для выражения научных терминов, определены способы построения научно-технических терминов путём перевода с русского языка.

Ключевые слова: перевод научно-технических терминов; таджикский эквивалент русских научно-технических терминов; словообразование, словосочетание, заимствование; калька; смысловой перевод, термины-слов; термины-словосочетания; термины-гибриды.

ROLE OF TRANSLATION IN THE FORMATION OF THE TAJIK SCIENTIFIC AND TECHNICAL TERMS

Featured the formation sources of scientific and technical terms in the Tajik language, indicated the possibility of the Tajik language to express scientific terms, defined ways of constructing scientific and technical terms by translation from Russian.

Key words: translation of scientific and technical terms; Tajik equivalent of Russian scientific and technical terms; word formation, borrowing; tracing paper; interpretation of the meaning, the terms-words; terms-phrases; terms-hybrids.

Сведения об авторе: Нуров Пирмахмад Гулович, кандидат филологических наук, заведующий научно-организационного отдела Президиума Академии наук Республики Таджикистан, e-mail: nurov6464@mail.ru

Information about the author: Nurov Pirmahmad Gulovich, PhD in Philology, chief scientific and organizational department of the Presidium of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

ОСОБЕННОСТИ РУССКО-ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ ЛИТЕРАТУРНЫХ ВЗАИМОСВЯЗЕЙ

Рустамова Г., Муллоев А.

Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

Русско-иранские литературные связи наиболее успешно начали развиваться со второй половины XIX века –«Золотого века» русской литературы, который во многом определил развитие всей мировой культуры в дальнейшем. В России интерес к многовековой культуре Ирана зародился уже с конца XVIII века, с публикации в 1796 году первых художественных переводов классической персидской поэзии. Черты ориентализма, присущие русской литературе и искусству XIX века, были обусловлены

интересом Пушкина, Майкова, Тютчева, Грибоедова, Фета к устно-поэтическому фольклору и поэзии Ирана. Большой вклад в развитие интереса к творчеству иранцев внесли русское востоковедение и иранистика XIX–XX вв. в лице Бартольда, Жуковского, Марра, Ромаскевича. Распространению внимания к Ирану в России и затем в СССР способствовали публикации востоковедов-иранистов 20-30-ых годов, увлеченных изучением иранского фольклора. Эти труды становились известными и в Иране и стимулировали исследования иранских ученых у себя на родине. Так, русский перевод «Бахтияр-наме», выполненный и опубликованный Е. Э. Бертельсом в Ленинграде в 1926 году, попал в руки Вахида Дастгерди, издателя известного литературного журнала «Армаган». После ознакомления с русским изданием Дастгерди счел возможным перепечатать текст «Бахтияр-наме» в своем журнале как очень любопытную, но совершенно неизвестную в Иране рукопись. А Садек Хедаят, иранский прозаик и собиратель фольклора, приступил к составлению своего известного труда «Нейрангестан» (1934 г.) по совету советского ираниста Ю. Н. Марра. Впоследствии, в 50-70-ых гг. XX в. в СССР очень много было сделано по изучению, переводу и популяризации памятников иранской культуры, классической поэзии и современной персидской литературы.

Более чем тысячелетний опыт развития таджикской литературы, обогащенный ее древнеиранской традицией, настолько объемен и разнообразен, что дает возможность рассматривать проблему межкультурных, особенно литературных, связей во всех ее проявлениях. Международные литературные связи и взаимодействия представляют категорию историческую и в различных исторических условиях имеют разную интенсивность, принимают разные формы. С XIX века они становятся особенно активными и широкими. История взаимоотношений русской и персидско-таджикской литератур является одним из наглядных примеров культурного взаимодействия в истории русского народа. В «Пантеоне иностранной словесности» (1798г.) наряду с переложениями восточных стихов и назиданий помещены переводы с французского: «Новейшее известие о Персии (из путешествия г-на Вошана, Вавилонского Генерал-Викария)» и «Описание Аравийской пустыни» Бюффона (кн. II, с. 70). В XVI веке эпизодические дипломатические связи России с Персией становятся уже регулярными, а в последующем – все более оживленными. Русские послы и купцы, побывавшие в Персии, интересовались не только политическим положением страны и возможностью развития торговли с ней, но привозили в Россию также сведения об этнографии, быте, нравах, обычаях, художественных ремеслах, архитектуре, народных представлениях, музыке и литературе иранцев.

Д. С. Лихачев в «Избранных работах», изучая сходство искусства и литературы России с Западом и Востока, отмечал, что «Древняя Русь знала переводы с греческого, с латинского, с древнееврейского, знала произведения, созданные в Болгарии, Македонии и Сербии, знала переводы с чешского, немецкого, польского, но не знала ни одного перевода с турецкого, татарского, с языков Средней Азии и Кавказа». Восточные темы, мотивы и сюжеты появляются в русской литературе в XVIII веке. «Об этом Х. Шодикулов пишет так: «Стремясь быть на уровне «священной монархии», Екатерина II постановила создать «Собрание, старающееся о переводе иностранных книг» (функционировало в 1768-1783 гг.), в котором участвовали многие видные русские литераторы эпохи. Переводы с иностранных языков стали высокоразвитой сферой литературного труда, играли важную роль в становлении русской словесности, формировании русского просветительства. Возникла целая плеяда профессиональных переводчиков, чьи имена сегодня незаслуженно забыты. Усиление специального интереса к литературе Востока отразило и возрастание экспансионистских устремлений России при Екатерине II и некоторые чисто литературные моменты» [6, с. 39]. Далее, рассматривая историю литературных связей России с Востоком, Х. Шодикулов отмечает, что «во второй половине XVIII века в России переводятся почти все основные памятники литературы Востока, имевшие хождение в Европе. В 1762 году Борис Волков

переводит «Калилу и Димну» («Басни Бидпая»), галлановская версия «Тысячи и одной ночи» в переводе Филатова в течение столетия выдерживает пять изданий. Кроме них в России XVIII века был осуществлен перевод отдельных частей сказок Шахерезады» [6, с. 39].

Изучая связи Востока и России, исследователи отмечают, что первыми литературными обращениями к Востоку были, в основном, дневники и сочинения русских путешественников. В частности, сочинение средневекового путешественника, купца из Твери Афанасия Никитина «Хождение за три моря», представило читателям Руси XV века земли Ирана, Турции, арабских княжеств, Индии. Никитин одним из первых европейцев описал нравы и обычаи народов Востока. Блестящие описания Багдада, мусульманских праздников, быта Персии дал другой русский купец Федот Котов в 1623 году в «Хождениях в персидское царство». Взаимопроникновение России и Персии происходило уже на самых ранних этапах развития русской литературы. Это было связано с дипломатическими и торговыми отношениями двух соседних стран. И, как каждое социальное явление, оно не могло не отразиться на творчестве как народа в целом, так и авторов конкретных произведений. Иран воспринимался создателями произведений устного народного творчества и древнерусской литературы как манящая и непознанная страна с иным типом мироустройства – не таким, к которому они принадлежали сами [4, с. 8]. Для путешественников, торговцев и жителей России того времени это было сказочно богатое государство со справедливым правлением, при его изображении использовался так называемый миф о восточном рае, сложившийся в русском национальном и литературном сознании. В то же время уже первые произведения А. Никитина, Ф. Котова об Иране служат развенчанию подобных стереотипных представлений.

Описаний Востока в трудах российских путешественников, ученых, писателей, дипломатов, начиная с XV века, можно встретить немало. Упомянем лишь некоторые из них: «Записки пешеходца Василия Монаха» (XVIII век), «Путешествие из Оренбурга в Бухару» капитана Егора Мейендорфа в 1820-1821 годах, размышления о странах Ближнего Востока Ивана Бунина. Подобные хождения в заморские земли совершали российские купцы и паломники, военнослужащие, сопровождавшие посольства. Почти все они оставили свои дневники. Многие из таких записей, наверное, пропадали бесследно, но некоторые из них становились частью литературы и вдохновляли новых искателей приключений на путешествия в сказочные восточные земли. Со временем писатели, поэты и философы России стали все чаще обращаться к восточным сюжетам, переводить произведения, заниматься изучением и осмыслением восточных религий – ислама в первую очередь. В эпоху Екатерины, присоединившей Крым, на русский язык был переведен Коран.

Говоря о восточных мотивах в русской литературе XIX века, нельзя не упомянуть знаменитые« арабески» русского писателя Н. В. Гоголя. Гоголь воздает должное великим достижениям Востока, арабам, не побоявшимся смешения различных стилей, доставшихся этой части земли от разных народов –«об архитектуре аравитян», «необыкновенное смешение архитектур», «смелое, дерзкое... с прекрасной роскошью». Е. П. Челышев в статье «Культурное наследие народов Востока и современность», изучая проблему литературных взаимосвязей, отмечает, что наряду с общими для литератур стран Востока идейно-художественной борьбой, закономерностями культурного и духовного развития им свойственны свои конфликты и противоречия, отражающие специфику развития каждой национальной литературы, которые определяются социально-экономической и внутриполитической ситуацией в той или иной стране, уровнем ее культурного развития, внешнеполитической ориентацией, традициями связей и контактов с Россией и странами Запада.

При исследовании литератур народов Востока нельзя как недооценивать, так и переоценивать их роль и место в мировом литературном развитии. Такого рода неточности могут привести лишь к искажению истинного лица литературы, к

игнорированию ее национальной специфики. Многовековой интерес России к персидско-таджикской культуре является неслучайным и объясняется историческими и политическими факторами взаимных отношений, до сих пор не до конца исследованных [5, с. 3]. Как стало очевидно, межкультурные отношения российских народов с Востоком опираются в основном на персидскую литературу. Изучая данную проблему, можно выявить основу этих взаимоотношений, которая заключается в стремлении русских мыслителей к познанию, изучению Востока. Они смогли создать свои школы, которые в будущем стали мостами взаимопонимания между народами России и Востока.

Во второй половине XVIII века накопленный фонд восточных сюжетов, имен и образов уже стал служить в русской просветительской литературе формой выражения «острых мыслей, тонкой критики и разумных наставлений» [1, с. 304].В конце XVIII века начинают появляться переводы восточных стихов и прозы. Первым в поле зрения переводчиков попал великий персидский мыслитель Саади (XIII в.). Вообще, в русских журналах последней четверти XVIII века можно найти немало переводов из персидско-таджикской литературы или навеянных ею произведений, «ускользнувших» от внимания исследователей. Например, в журнале «Покоящийся трудолюбец», издававшемся Н. Новиковым, в первой половине 1784 года появился раздел «Искусство править государством или наставление престарелого Монарха сыну его...», который явно был навеян чтением «Гулистана» и «Бустана» Саади. На последнюю четверть XVIII века приходятся и найденные учеными русские переводы Джами. Традиционно первым таким переводом считается перевод части одной из касыд классика персидско-таджикской литературы в русском журнале «Цветник» за 1810 год. Следует отметить, что жанровое определение перевода было сделано неверно. В «Цветнике» фрагмент из Джами назван одой, которая обычно и ассоциируется с восточным жанром касыды. Не проверив сам источник, востоковеды стали называть, таким образом прозаические сочинения [7, с. 42].

Переводческая деятельность в России связана с основанием Азиатского музея Академии наук (1818 г.), именем академика Френа (труды, посвященные использованию арабских источников для изучения истории Древней Руси) и преподавательскими усилиями ориенталистов А. Болдырева в Москве (1811-1836) и О. Сенковского в Петербурге (1822-1847), создавших школу филологического перевода. В 1825-1827 годах издавался журнал «Азиатский вестник» (издатель Г. Спасский), в котором были опубликованы фрагменты переводов непосредственно с «азиатских» языков. В 20-30-е годы XIX века интерес к Востоку в России заметно возрос, и переводы персидской литературы появлялись в разных журналах. В 1815 г. «Вестник Европы» публикует «Отрывки персидской поэзии» с французских переводов, а в 1825-1826 гг. в разных номерах журнала появляются переводы, как с французского, так и непосредственно с персидского языка.

Общественное сознание серьезно влияло на создание произведений, связанных с Востоком, поэтому изображение быта и нравов в текстах фольклорных и литературных произведений отличается стереотипностью, даже трафаретностью. Социально-политические отношения и постоянные контакты русских людей с Персией привносят в произведения долю реалистичности, оставляя за авторами право на художественный вымысел. Наиболее яркой иллюстрацией русско-иранских взаимосвязей являются «Письма о Персии» бывшего русского дипломата, востоковеда П. И. Пашино (1836-1891), пробывшего в Иране с большой пользой для науки полтора года (1861-1862). Свои наблюдения разных сторон жизни иранского общества того времени он записал по возвращении на родину, а в 1864 г. стал печатать эти дневниковые записи в газете «Русь», «Еженедельных прибавлениях к "Русскому инвалиду"» и «Петербургских ведомостях». [5, с. 104]. Число русских путешественников, посещавших Иран и Среднюю Азию, а также персидских купцов в России постепенно увеличивалось. Иранцы также знакомились с жизнью, бытом и культурой русского народа. В 1815 г. из

Ирана в Англию для прохождения курса наук выехали пять молодых людей. В их числе был Мирза Салех Ширази, которому предстояло обучиться европейским языкам, чтобы стать квалифицированным переводчиком. Путь их лежал через Кавказ, Москву и Петербург. В путевом дневнике, опубликованном в 1968 году, Мирза Салех Ширази записал свои впечатления об экономике, культуре, образовании и истории России, о Туле, Новгороде, Москве, Петербурге и многих провинциальных городах, в которых он останавливался» [5, с. 104].

В России важнейшим средством ознакомления с культурой Ирана, в том числе и с его литературой, стало изучение персидского языка. В обстоятельной статье на эту тему В. С. Расторгуева и Т. Н. Пахалина приводят факты, свидетельствующие о том, что более двух с половиной столетий назад было положено начало основательной подготовке специалистов по персидскому языку. «В 1716 г. Петром I были специально командированы в Персию пять учеников московских латинских школ для изучения персидского и турецкого языков, а в 1732 г. вводится преподавание персидского языка в Коллегии иностранных дел» [2, с. 16]. В начале XIX века вводится преподавание персидского языка в русских университетах, сформировалась кафедра восточных языков в Московском университете. Первым преподавателем персидского языка здесь стал профессор А. Н. Болдырев (с 1811 по1837 г.). В 1818 г. началось преподавание персидского языка в Главном педагогическом институте в Петербурге, на базе которого был создан Санкт-Петербургский университет [2, с. 17].

По поводу интереса в России к персидской литературе А. Н. Болдырев пишет: «В государственной публичной библиотеке Ленинграда им. Салтыкова-Щедрина хранятся две рукописи на русском языке, которые написаны в конце XVII века. В них содержатся несколько отрывков из «Гулистана» и «Бустана» Саади Шерази, которые считаются первыми русскими переводами персидской литературы. Имя переводчика неизвестно, и его рукопись нигде не публиковалась. Тем не менее, перевод этих произведений свидетельствует о том, что в России еще до эпохи Петра Великого были знакомы с положением в Иране и высоко ценили его изящное искусство, однако основы культурных связей России и Ирана были заложены в эпоху Петра I. Переводы отрывков из «Гулистана» Саади, которые осуществлялись позже и были опубликованы в 1796 году, относятся к этой категории переводов»[5, с. 18]. Хотя известно, что с 1810 по 1818 год были опубликованы пятнадцать переводов персидских поэтов (Саади, Джами, Хафиз, Анвари, Фирдоуси) на русском языке, выполненных главным образом с французского языка.

Проблемы взаимосвязей и взаимообогащения литератур привлекают все большее внимание исследователей. И хотя тема персидско-русских литературных взаимосвязей находится пока в начальной стадии изучения, но уже сейчас ясно, что она может внести много полезного в дальнейшее прояснение основных закономерностей мирового литературного процесса. Известно, что экономические и культурные связи между народами Ирана и России зародились еще в глубокой древности. Знакомство с русской литературой было благотворным для развития современной иранской прозы. Основные переводы трудов русской литературы на персидский язык появились в Иране в самом начале XX века. Это были «Горе от ума» А. С. Грибоедова (1900 г.), рассказы Л. Н. Толстого (1906 г.) и А. М. Горького (1908 г.), но настоящее развитие перевод произведений русских писателей в Иране получил в 1940-50-х годах. К сожалению, многие переводы были осуществлены с английского, немецкого и французского языков, и многих тонкостей художественного мастерства русских писателей переводчикам передать не удалось. Тем не менее, и эти переводы, сделанные с других языков, сыграли очень важную роль в ратификации русских произведений на иранской почве.

Резюмируя все сказанное, отметим, что существующее естественное взаимопритяжение двух культур – России и Ирана – опиралось на общность в понимании этических и эстетических принципов. Большая заслуга в развитии этого процесса принадлежит русской и персидской литературе, а также отечественной

иранистике. В 60-80-е годы XX века в СССР массовыми тиражами издавались переводы современных иранских прозаиков, поэтов, а также переводы древней и средневековой классики – Фирдоуси, Хафиза, Хайяма, Саади, Джами, Джалалиддина Руми. Все издания были высокого уровня переводческой и исследовательской работы и находили всесторонний отклик у российских читателей. Сегодня, в новых условиях XXI века, особое значение приобретает международный переговорный процесс и поиски критериев взаимопонимания. В этой связи концепция диалога цивилизаций, которая была сформулирована бывшим президентом Исламской Республики Иран С. М. Хатами в 2000 г. и принята ООН, приобрела особую актуальность. Осуществление диалога культур в мире, считает Хатами, базируется на принципе равенства, ибо «диалог возможен только лишь тогда, когда каждый из его участников уважает другого и относится к нему, как к равному». Вторым необходимым элементом диалога Хатами считает умение слышать друг друга: «Диалог между цивилизациями требует, чтобы слушали и слышали друг друга люди разных цивилизаций и культур, и выслушать других ничуть не менее важно, чем сказать им что-то свое. Пожалуй, выслушать, может быть, даже важнее».

В наше время исследование культурных традиций – этических, литературных, философских – может сыграть позитивную роль в развитии двусторонних отношений и в общемировом контексте. Проблемы межкультурного взаимодействия в последнее время необычайно актуальны, они затрагивают и литературу, поскольку изучение произведений художественной литературы разных стран ярче высвечивает специфику каждой из них, способствует пониманию целостности мирового литературно и культурного развития.

Литература:

1. Бахтин М. М. Эстетика словесного творчества. – М.: Искусство, 1986.
2. Вестник иранистов стран СНГ и Кавказа. Техрон №№ 12,14, 1378.
3. Гневушева Е. И. Путешествия П. И. Пашино по Персии и Индии. // Очерки по истории русского востоковедения. М., 1953.
4. Мотамедния М. Иран в русской литературе: автореф. дис. … канд. филол. наук. - Астрахань, 2009.
5. Шифман А. И. Лев Толстой и Восток. М.: Наука, 1971. – 552 с.
6. Шодикулов Х., Давронов А. Издревле сладостный союз. Душанбе, 2006.
7. Шодикулов Х. Таджикская проза сегодня. М.: Сов. пис., 1986.

ОСОБЕННОСТИ РУССКО-ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ ЛИТЕРАТУРНЫХ ВЗАИМОСВЯЗЕЙ

Статья посвящена литературным взаимосвязям, которые начали развиваться во второй половине XIX века. История взаимоотношений русской и персидско-таджикской литератур является одним из наглядных примеров культурного взаимодействия в истории русского народа. Автором отмечено о русских путешественниках, посещавших Иран и Среднюю Азию, а также персидских купцов и интеллигенций, побывавших в России с целью ознакомления с жизнью, бытом и культурой русского народа.

Ключевые слова: перевод, музей, литература, путешествие, журнал, наука, взаимоотношение, философ, издание.

FEATURES RUSSIAN - PERSIAN -TAJIK OF LITERARY INTERRELATIONS

Clause is devoted to literary interrelations, which have begun to develop in second half XIX of century. The history of mutual relation of the Russian and Persian -Tajik literatures is one of evident examples of cultural interaction in a history of Russian people. By the author is marked about the Russian travelers visitin (attending) Iran and Central Asia, and also Persian merchants and интеллигенций, visited in Russia with the purpose of acquaintance with life, life and culture of Russian people.

Key words: translation, museum, literature, travel, magazine, science, mutual relation, philosopher, edition.

Сведения об авторах: Рустамова Гуландом, кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедрой русского языка Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни

Муллоев Абдусамад, доктор филологических наук, проректор по научной работе Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: sinojon_2014@mail.ru

Information about the authors: Rustamova Gulandom, PhD of philological sciences, docent of common chair of the Russian Language, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

Mulloev Abdusamad, doctor of philological sciences, vice-rector on scientific works of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

САРЧАШМАҲОИ МАКТАБИ ФИКРИИ МИРЗО БЕДИЛ

Нуров Н. Н.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Адабиёти форсӣ тӯли асрҳои зиёди ҳастии худ ҷавҳарашро бо зевари ҳиками қуръонӣ биороста, дар партави сухани Худованд пурбор гардидааст. Ҳатто ағлаби шуаро ҳадафи аслии хешро аз шеъргуӣ анҷоми ҳамди Худованд дониста, шеърро оинаи каломи Ҳақ ва аҳодиси набавӣ шуморидаанд. Ба ин васила буд, ки тавассути ашъори хеш эшон нақбе дунболи маърифати Кирдгор кандаанд. Дар натиҷа аз партави Қуръон ва аҳодиси набавӣ мазомини касире халқ шуда, пайкари шеъри форсӣ аз фаязони каломи Офаридгор мамлу ва ғанӣ гардид.

Маҳз, ҳамин нусрату нузҳати оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ аз маърифатгари ашъор огоҳии комиле аз Қуръон ва аҳодисро талаб менамояд, то ба дарки саҳеҳи матлаби шоир бирасад. Аз ин лиҳоз, ҳамеша шореҳон зимни шарҳу басти мутуни адабӣ кӯшидаанд, ки Қуръон ва ҳадисро чун муҳимтарин меъёри фаҳми матолиби шоир қарор диҳанд. Дар аксари шуруҳи осори барҷастаи адаби форсӣ шореҳон дар табйини дақиқи фаязони Қуръон эҳтимом варзида, онро аз нахустин унсури маърифати шеър қарор додаанд.

Мирзо Бедил низ, ки ҳанӯз дар ҳафтсолагӣ “забони аҷзбаёнро бо ихтимоми Қуръони Маҷид фоиз гардонид” [2, с. 7] аз партави каломи Худованд сухани худро зиёда баҳравар гардонида, ҷони шеърашро бо анвори оёти раббонӣ мунаввар сохтааст. Аз ин рӯ, метавон оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавиро ба унвони нахустин сарчашмаи мактаби фикрии Абулъаъонӣ муқаррар намуд. Дар ишорат ба ин нукта, Акбар Беҳдорванд ва Парвез Аббосӣ дар муқаддимаи “Куллиёт”-и Бедил навиштаанд: “Камтар шеъре аз Бедил метавонед пайдо кунед, ки дар он ишорае ба ояе аз оёти мубораки қуръонӣ ё аҳодиси пурбаракоти набавӣ вуҷуд надошта бошад.” [1, с. 31]. Ин буд, ки ӯ низ дар идомаи бузургони қаламрави сухан ҳадафи нахустини хешро аз сухансароӣ ба ҷо овардани ҳамди Худованд шуморид, чун аз забонаш ин каломи қудсӣ бидуни ихтиёр таровиш ёфт:

Бе замзамаи ҳамди ту конуни суханро,
Афсурда чу хуни раги тор аст баёнҳо.

Ба ин вачҳ, метавон огоҳии комили Бедилро аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ ҳамчун нахустин унсури маърифатии ашъори ӯ шинохт, чунки ибтидои роҳи зиндагиву шеъри вай бо каломи Худованд пайванди қавӣ дорад. Дар тақвияти ин андеша метавон ба гуфтаи дуктур Абдулғанӣ руҷӯъ намуд: “Тасаввуф хуни уруқи Бедил гардид ва мақсуди асосии вай муҳаббати Худованд буд” [3, с. 15].

Дар тасбити ин амр моро зарурате пеш меояд, ки равзанае ба фаҳми ашъори Мирзо Бедил боз намуда, ҷанбаҳои қуръонии шеърашро тақрир намоем. Бедил мегӯяд:

Навои “Наҳну ақраб” аз фусуни нағма меҷӯшад,
Вале бо сози ӯ ин нағма бе мизроб наздик аст.

Қабл аз он ки баҳсро рӯи бардошти Бедил аз оёту аҳодис тадовум бахшем, зикри як нукта амри муҳим аст. Барқарор намудани сиҳати матн аз муҳимтарин авомили маърифати шеър аст, ки роҷеъ ба ин масъала дар рисолаи “Маърифат ва шарҳи адабиёт”-и Абдулманнони Насриддин баҳси муфассал рафтааст. Аз ин рӯ, бояд нахуст ба сиҳати байти мавриди назар таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Дар нусхаи тоҷикистонии девони Бедил, ки байти фавқуззикр аз он истифода шудааст, ихлоли мантиқӣ ба назар мерасад. Дар ин замина қаблан лозим аст, ки шакли саҳеҳи онро, ки дар “Куллиёт”- и шоир, ки бо чопи матбааи Сафдарӣ маъруф аст ва нусхаҳои интиқодии Девони Бедил дар Эрону Афғонистон омадааст, зикр намоем:

Навои “Наҳну ақраб” аз фусуни захма меҷӯшад,
Вале бо сози ӯ ин нағма бе мизроб наздик аст [1, с. 543].

Истидлоли аввалияи сиҳати ин шакли байт он аст, ки агар аз дидгоҳи мантиқӣ биандешем, наво маҳсули захма бошад ва захма дар луғат нохунест, ки тавассути он садои рубоб ё тор ҳосил мешавад. Вале дар шакли аввала ба ҷои захма нағма омадааст, ки ба мантиқ созгор нест. Чунки аз лиҳози маънии луғавӣ нағма ва наво муродифи ҳамдигаранд ва аз нағма бархостани наво, ончунонки дар байт омадааст, лоимкон аст. Аз ин нуқтаи назар, шакли дувум саҳеҳ аст.

Мустафоди ибораи “Наҳну ақраб” дар ин байт, аз файзи ояти қуръонӣ дарак медиҳад. Барои маърифати саҳеҳи байт маънирасро огоҳӣ аз Сураи Қоф, ояти 16 лозим аст, ки дар он омада; “Мо наздиктарем ба ӯ аз раги гардан”.

Огоҳӣ аз ин оят роҳи маърифати матлаби шоирро барои маъникушо хеле осон менамояд. Нахуст, бо огоҳӣ аз ин оят, ҳадафи шоир то андозае рӯшан мегардад. Вале аз тарафи дигар лозим аст, ки ҷиҳати маърифати комили байт бархе аз румузи онро кушоем.

Агар ба таносуби зоҳирии ашёи дар байт ба кор гирифтаи Бедил биандешем, маълум мегардад, ки садо маҳсули захма задан бар торҳои соз аст. Ба ибораи дигар, захма василаи тавлиди садову соз аст ва садо асли маънии ҳастии соз. Аз ин ҷо, агар аз фусун ва ҳунари соз навои “Наҳну ақраб”бурун ояд, пас дар сози Ӯ ин наво бидуни мизроб ҳосил шавад. Чун дар батни ин байти Бедил рамзҳое нуҳуфтаанд, аз ин ҷо таваҷҷуҳи амиқе бояд ба он зоҳир намуд.

Навои “Наҳну ақраб” баёнгари қироати Қуръон ва зикре, ки чароғи ҳидояти наврӯҳон аст мебошад. Бедил бо ин байт таъкид карданист, ки навои “Наҳну ақраб” маҳсули захма задан аст. Чунки вақте дар лабони солик ин садо ҷорист ва ӯ сухан мекунад, ҳанӯз ҳоиле миёни ӯ ва маъшуқ мавҷуд мебошад. Вале аз сози ӯ бошад, ин оҳанг бидуни мизроб наҷво мезанад. Манзури Бедил ин ҷо аз наво қироати Қуръон аст, ки аз забони инсон ҷорӣ мегардад. Мизроб киноя аз василаест, ки инсонро ба Худои худ наздик месозад. Ин василаро дар ибтидои роҳ барои соликон қироати Қуръон, зикр, аврод ва дигар аъмоли шаръӣ маҳсубанд. Муршид низ барои мурид навъе василаст. Агар солики роҳ ба василаи қироати Қуръон тариқатро бипаймояд, пас вай ҳанӯз раванда аст ва миёни ӯ ва маъшуқ фосилае ҳаст. Зеро навояш аз мизроб бармехезад, на аз худи ӯ. Чун ба мақоми ваҳдат бирасад, ин ҳама аз байн бираванд ва мизроб, соз, навои “Наҳну ақраб” айни ҳам шаванд ва навои Наҳну ақраб аз андаруни худи ӯ наҷво занад. Чаро ки сози ӯро – ҳамоне, ки айни ҳақ аст ва ба мақоми инсони комил расида, ниёзе ба васила намондааст.

Мунтаҳои андешаи Бедил дар ин байт он аст, ки чун инсонро огоҳии дарунӣ муяссар гардад, ӯро василае дар маърифати Ҳақ ба кор наояд. Балки ин садо, яъне “Навои Наҳну ақраб” аз андаруни худи ӯ бархезад. Асрори фошшудаи Аналҳақ гуфтани Мансур дар робита ба ҳамин маънӣ аст..

Ҳамин тариқ, бо мустафод аз ояти 16 Сураи Қоф Мирзо Бедил тавониста, ки маънии тоза дар либоси ирфонӣ биофарад, ки баёнгари мақоми ваҳдати вуҷуд аст. Бешак, яке аз заминаҳои зуҳури таълимоти ваҳдати вуҷуд низ баста бар ҳамин оят маҳсуб мегардад. Аз ин рӯ, шахси маъниҷӯ зимни маърифати байти фавқ ва абёти амсоли он бояд аз ин оят огоҳӣ дошта бошад.

Дар талқини ваҳдати вуҷуд ироа гардидани байт аз он ҷо низ рӯшан мегардад, ки муҳтавои комили ғазал дар табйини ҳолоти урафои муваҳҳид аст. Гузашта аз ин, дар “Чаҳор унсур” қабл аз зикри ин ғазал худи Бедил дар ду ҷумла мундариҷаи умумии ғазалро чунин ба қалам оварда:

“Дар яқинободи олами таҳқиқ авлиёи ҳазрати ҳақ айни ҳаққанд, на аз силки таваҳҳум ва сӯй ва маҳрамони маҷлиси қурб оинаи румузи бечунианд, на тимсоли тафриқаи чуну чаро. Агар аз нур ба офтоб чашм кушудаӣ офтоб ҷуз нур чӣ дорад ва агар аз об ба чашма роҳ бурдаӣ, чашма ғайр аз об чӣ бар меоварад” [2, с. 28].

Аз тарафи дигар, агар ба баҳси Бедил дар “Чаҳор унсур”, ки қабл аз зикри гуфтори боло омадааст, мутаваҷҷеҳ шавем, рӯшан мегардад, ки ғазал ба пуррагӣ ба яке аз муршидони комили шоир, ё ба ибораи худи ӯ ба мадори ҳафт анҷумани шуҳуд Шоҳ Қосими Ҳуваллоҳӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, вақте Бедил мегӯяд; “Вале бо сози ӯ ин нағма бе мизроб наздик аст” ба Шоҳ Қосим муроҷиат мекунад. Худ ибораи бо сози ӯ, ки тадоъӣ бар шахс мекунад, гувоҳи ин ҳақиқат аст. Пас, гиреҳи асосӣ низ дар ҳамин ҷост ва “ӯ”-и дар байт ишораташуда Шоҳ Қосим аст, ки айни зот шудаву дар мақоми шуҳуд қарор дорад ва аз сози вай навои “Наҳну акраб” бидуни мизроб бархезад. Андешаи фавқ дар байти мақтаи ғазал тақвият меёбад;

Чу дар оинаи рангаш тамошо кардаӣ, Бедил,
Гараш инсони комил хонӣ аз одоб наздик аст.

Албатта, ин баҳси тӯлонист ва чун матлаби мо рӯӣ бардошти Бедил аз Қуръон қарор дорад, ҳамин ҷо иктифо мекунем. Зикри баъзе мушаххасоте, ки дар боло бо истиноди “Чаҳор унсур” овардем, танҳо ҷиҳати маърифати саҳеҳи матлаби шоир ба шумор меояд. Чун матлаби асосии таҳқиқоти мо тақрири бардоштҳои Абулмаонӣ аз оёти раббонӣ маҳсуб мегардад, фикр мекунам, ки ташреҳи нисбатан ба тафсили байти қаблӣ дар тақарруб ба вуҷуҳоти аслии таҳқиқот аз аҳамият холӣ нахоҳад хоҳад буд.

Қабл аз он ки баҳсро рӯи бардоштҳои Бедил аз Қуръон ва ҳадис, ҳамчун заминаи маърифати ашъори ӯ тадовум бахшем, бояд арз намуд, ки мустафоди оёти қуръонӣ дар каломи Абулмаонӣ ранги мухталиф дорад. Дар ин замина, ба инобат гирифтани ин нукта зимни маърифати матолиби шеъри ӯ амри воқеист. Бо тариқи иҷмолӣ лозим мешуморем, ки мушаххасоти ин масъаларо дар се бахш мавриди баррасӣ қарор диҳем.

1. Ишороти сареҳ ба оёту аҳодис. Дар ин маврид шоир ҷузъе аз оёт ё ҳадисро ба орият гирифта, сухани хешро тавре баён менамояд, ки маънияшӯ партави рӯшани Қуръон ва ё ҳадисро эҳсос мекунад. Ин навъ мустафоди шоир аз оёти қуръонӣ кори маърифатгарро хеле осон мекунад. Огоҳии андак аз Қуръон ва ҳадис гиреҳи мушкилоти байтро мекушояд. Байте, ки қаблан тафсири мазмунаш рафт, дар заминаи чунин бардоштҳои шоир аз Қуръон ба қалам омадааст. Дар тақвияти гуфтори боло ба чанд намунаи дигар аз ашъори Бедил ручӯъ хоҳем намуд.

“Коф”- у “Нун” халқро ба шӯр овард,
Ин ду ҳарф аз куҷо ба гӯш гузашт.

Ин байт дар партави ояти 117 сураи Бақара қаламдод гардидааст, ки дар он омада: “ …ва чун ирода кунад чизеро , пас ҷуз ин нест мегӯяд, ӯро “Бишав!”, пас мешавад.” Аз ин лиҳоз, матолиби аслии шоирро мо танҳо бо огоҳӣ аз ояти мазбур саҳеҳан маърифат карда метавонем.

Аксари муҳаққиқон Мирзо Бедилро аз зумраи мӯътақидони таълимоти урафои ваҳдати вуҷудӣ маҳсуб донистаанд ва касрати ин гуна маъниҳо дар ашъори вай ин андешаро ба субут мерасонад. Аз ин рӯ, ашъори вай аз андешаҳои орифони муваҳҳид лабрез аст, ки ҷавҳари аслии таълимоти мазбур маъхуз аз ояти 115 сураи Бақара мебошад. Дар ин оят омада: “Ва мар Худорост Машриқ ва Мағриб, пас ҳар куҷо рӯй оваред, пас он ҷо ваҷҳи Худост, ба дурустӣ ки Худо фарохраҳмат аст”.

Бедил дар ишора ба ин оят мефармояд:

Чашм во кун, шаш ҷиҳат ёр асту бас,
Ҳар чӣ хоҳӣ дид, дидор асту бас.

Дар мавриди дигар бошад, нигошта:

Зарроти ҷаҳон чашмаи анвори таҷаллист,
Ҳар санг, ки ояд ба назар, Тур бубинед.

2. Қисмати дигари сурудаҳои шоир ҳамон ашъореанд, ки дар заминаи ҳикмат ва каломи Худованд иншо гардидаанд. Вале ишороти шоир дар ин маврид сареҳ ва мустақим нест. Фақат фаҳми тунд ва зеҳни аз ҳикмати қуръонӣ борвар метавонад, ки ба дарки моҳияти бардошти шоир аз Қуръон бирасад. Аз ин ҷо, огоҳӣ аз ҳикмати қуръонии мастур дар пардаи калимот низ аз василаҳои муҳими маърифати саҳеҳи матлаби шоир маҳсуб мегардад. Масалан, Мирзо Бедил мефармояд:

Майпарасти эҷодам, нашъаи азал дорам,
Ҳамчу донаи ангур шиша дар бағал дорам.

Пайдост, ки шоир ба мастии азалии инсон ишорат мекунад. Ин мастии вай мушобеҳи шиша дар бағал доштани донаи ангур аз рӯзи офариниш аст. Манзур аз ин шиша пеш аз ҳама донаи хурдест, ки андаруни донаи ангур маҳфуз аст ва шабоҳати зоҳирие ба шиша дорад. Аз тарафи дигар чун шароб аз ангур омода шавад, пас мастии вай низ азалист. Чунки расолати ангур тавлиди мастӣ ва ё василаи мастӣ аст, ки пайванди ногусастанӣ ба худи вай дорад. Вале ибораи нашъаи азал дорам, як навъ имост бар ин оят; “Ва чун гирифт парвардигори ту аз бани Одам аз пушти эшон авлоди эшонро ва гувоҳ гардонид эшонро бар зоти эшон, гуфт; Оё нестам парвардигори Шумо, гуфтанд, оре, ҳастӣ. Гувоҳ шудем, ки бигӯед рӯзи қиёмат, ҳаройина мо бехабар будем аз ин” (Сураи Аъроф, ояти 171).

Урафо дар партави ҳамин оят бар вожаи аласт ҷилваи ирфонӣ бахшида, ба хулосае расиданд, ки рӯзи аласт Худованд аз кулли зуррияти Одам аҳд гирифт, ки магар ман нестам Худои Шумо. Эшон гуфтанд. Бале. Бо ин посух дар ниҳоди эшон нашъаи ишқи ҷамоли барин биафтод ва баъд аз он ҳамагӣ шефтаи он ҷамоли якто масти аласт шуданд. Таъбири масти аласт бархоста аз ҳамин ҷост ва қабл аз Бедил шуаро аз он хеле зиёда ба кор гирифтаанд.

Ҷилваи ҳамин оят мӯҷиби он гардид, ки дар шеъри форсӣ иборoти рӯзи аласт, ҷоми аласт, бодаи аласт ва ғайраҳо ба вуҷуд омадаанд. Ибораи нашъаи азали Бедил низ аз зумраи чунин таъбирҳост. Ин гуфтор мубайини он аст, ки манзури Абулмаонӣ низ ҳамон назари шуарои моқабл аст. Вале тарзи ифода ва тафаккур Бедилона мебошад..

Аз таҳқиқи робитаи маънии байти боло бо ояти қуръонӣ муқаррар мегардад, ки ноогоҳӣ аз мазмуни ояти мазкур метавонад, ки ба заъфи маърифати матлаби гӯянда мусоидат кунад. Ҳарчанд шоир дар заминаи ин оят маънии тоза сохтааст, вале ишораи ӯ мустақим нест. Бад-ин нисбат шореҳро лозим меояд, ки ҳини маърифат чунин абёти Мирзо Бедил низ ҷиҳати кашфи саҳеҳи матлаб аз дониши хуби қуръонӣ бархурдор бошад, то сарчашмаи маънии манзури шоирро ба дурустӣ муқаррар намояд.

Дуктур Абдулғанӣ низ дар таҳқиқоти хеш “Абдулқодири Бедил” заминаҳои қуръонии чанд байти Бедилро муайян кардааст. Аз он ҷумла, маншаи аслии ин байти шоирро дар ояти 19 сураи Нисо медонанд, ки дар он омада: “Ҳар рӯз, балки ҳар лаҳза дар шукӯҳи тозае ҷилва мекунад”:

Ҳар нафас сад ранг мегирад инони ҷилвааш,
То кунад шӯхӣ арақ оина мерезад ҳаё.

Дар байти зерро бошад, партави ояти 143 сураи Аърофро метавон ба мушоҳида гирифт:

Ишқ агар дар ҷилва орад партави мақдурро,
Аз гудози дил диҳад равғани чароғи Турро.

Муҳтавои оят ин аст: “Ва чун омад Мӯсо ба вақти муқаррари мо ва сухан кард бо ӯ парвардигораш. Гуфт; Эй парвардигори ман, бинамо маро, ки бингарам ба ту. Гуфт: ҳаргиз нахоҳӣ дид маро, валекин бингар ба кӯҳ. Пас агар қарор кард дар ҷояш. Пас зуд бошад, ки бубинӣ маро. Пас, чун таҷаллӣ кард парвардигораш мар кӯҳро, гардонид онро реза-реза ва ба рӯ дарафтод Мӯсо беҳуш. Пас, чун ба ҳуш омад, гуфт: Донам пок буданатро. Бозгаштам ба сӯи ту ва ман аввали гаравандагонам”

Ҳарчанд байти боло мазмуни ирфонӣ касб карда, руҷӯъи шоир ба оят мустақим нест, вале ҷавҳари маънии он дар замири ин сухани Худованд аст. Ҳосили маънии байт он аст, ки ишқ агар партави ҳақиқӣ ва муқтадирро, ки манзур аз он таҷаллии зот дар мақоми кашфу шуҳуд дар дили инсон аст, ба ҷилва орад, он гоҳ гудози дили ошиқи асил равғани чароғи Тур хоҳад гардид. Яъне дил дар заминаи ишқи асил метавонад, ки ба мақоми ҳулул бирасад ва ҳамин гудози дил, ки дар сафо ва риёзати нафсонӣ сурат гирад, мӯҷиби ҷилваи ҷамоли Худованд дар оинахонаи он гардад.

Пас, агар Мӯсо дар кӯҳи Тур ба мазҳари таҷаллӣ расида бошад, ориф дар дили инсони огоҳ ва орифу ошиқи асил ҷавҳари фурӯғи чароғи Тур, мазҳари ҷилвагоҳи ҳақро мебинад. Манзури Бедил ҷанбаи ирфонии байт аст, вале маърифати он қабл аз ҳама огоҳӣ аз ояти мазкур мехоҳад, то фаҳми ҳақиқӣ ва ҳаматарафаи матлаб ба даст ояд. Чунки бидуни фаҳми ҳақиқии қиссаи Мӯсо ва Тур кашфи маънӣ муяссар намегардад, ҳарчанд шоир аз қисса берун омада, ба он пироҳани рамзи ирфонӣ пӯшонидааст.

Роҷеъ ба арҷи рӯҳонии инсон оёти зиёде дар Қуръон нозил шудааст. Дуктур Абдулғанӣ дар таҳқиқоти хеш аз ояти 29 Сураи Ҳаҷр ёд мекунад, ки аз зумраи чунин оёт аст. Дар он оят омада: “ Ва дамид дар он аз рӯҳи худ” [3, с. 45].

Аз муҳтавои оят бармеояд, ки инсон ҳарчанд мураккаб асту тале аз ҷисми хокӣ бастааст, вале бар ваҷҳи рӯҳи муқаддаси хеш муборак ва шариф мебошад,. Сирри асосии саҷдаи малоик низ баста бар ҳамин тақаддуси инсон буда. Аз ин ҷост, ки дар заминаи ин оят шуаро ашъори зиёде сурудаанд, то иқтидори рӯҳонӣ ва тақаддусу такаббури инсониятро муқаррар созанд. Бедил низ чун дигар шуаро дар партави ин оят ва оёти дигари қуръонӣ, ки аз иқтидори рӯҳонии инсон сухан гуфтаанд, ашъори бисёр суруда аст. Чун Дуктур Абдулғанӣ чанде аз онҳоро зикр намудааст, мо такрори андеша ва равиши таҳқиқи ӯ дар ин ҷода намекунем. Танҳо лозимаи он мешуморем, ки роҷеъ ба ибороти шоиронаи Бедил дар тақрири арҷи рӯҳонии инсон, ки реша дар ин оят доранд, чанд нуктаро баён созем.

Абулмаонӣ дар табйини моҳияти ҷисмонӣ ва рӯҳонии инсон истиороти зиёде сохта, ки ҷавҳари худро бо мазомини қуръонӣ мамлӯ сохтаанд. Масалан, вақте ӯ мегӯяд:

Нуҳфалакоғӯш шавқи интизор омода аст,
К-эй нигоҳи боғи берангӣ зи обу гил баро.

Дар ин байт ду ибораи мустаор, ки барои ифодаи арҷи аслии инсон корбаст шудаанд, мавҷуд аст. Яке «Нӯҳфалакоғӯш» ва дуввуми «ниҳоли боғи берангӣ» мебошад.

Дар андешаи урафо инсон олами сағир аст ва он чи дар олами кабир бошад, дар олами сағир низ ҳаст, ончунон ки дар ҳар ҷузъ вуҷуди кулл тазоҳур кунад. Таркиби «нӯҳфалакоғӯш» мубайини ҳамин маънист.

«Ниҳоли боғи берангӣ» бар он ҷиҳат гуфта, ки чун дарахтро ҳангоми дар мақоми ниҳол буданаш аз ҷое ба ҷои дигар кӯч диҳанд, нумӯъ ёбад, то дарахт шавад. Вале ибтидои ҳастии дарахт ҳамон ниҳол аст. Чун асли инсон низ аз олами берангӣ, яъне олами боло, олами муқаддас, аз арш омадааст, ӯ ниҳоли ҳамон боғи аршист, ки ба ин боғи таайун кӯчат шуда.

Дар байти зер бошад, ибораи “сеҳри нашъаи фитрат” истиораи инсон аст:

Сеҳри нашъаи фитратӣ, таҳи хок аз чӣ ғафлатӣ,
Нафасе сарфи ҷунун куну зи хами чарх баро.

Дар баробари ин дар ҳамин байт як навъ партави ҳадиси шарифаи Расули Акрам(с) низ ба рӯшанӣ эҳсос мешавад, ки дар он омада: “Касе, ки худро шинохт, Худояшро шинохт.

Ҷои дигар низ Бедил ба ин маънӣ мефармояд:

Эй ҳастӣ аз қасри ғано афканда дар вайронаат,
Гул карда аз ҳар мӯи ту идбори чинихонаат.

Дар ин байт ибораи “қасри ғано” ҳамрадифи маънии “боғи берангӣ” дар байти боло ва “кунгураи арш”-и Ҳофиз аст.

Дар байти зер бошад, ибораи “хилваторои адам” мубайини маънии инсон аст:

Эй хилваторои адам, то кай ба фаҳми худ ситам,
Чун арра бояд рехтан, дар кашмакаш дандонаат.

Адам дар истилоҳи фалосифа маънии нестиро дорад. Вале дар назари урафо ин истилоҳи фалсафӣ то андозае рамзи ирфонӣ касб карда, барои ифодаи мазҳари таҷаллӣ ва мақоми қурб меояд. Ба далели ин ки чун инсон дар худ нест шавад, дар ҳақ ҳаст хоҳад гашт. Аз ин ҷо ибораи хилваторои адам ба маънии шарафёби бисоти қурб меояд, ки ин сифат танҳо махсуси инсон мебошад. Ин ибора низ реша дар ҳамин гуна оёти қуръонӣ дорад.

Аз мӯҳтавии ин абёти Бедил метавон натиҷа гирифт, ки ӯ дар партави анфоси қуръонӣ бар офаридани истиороти зебои ирфониву шоирона муваффақ шудааст. Ба ин нисбат, баҳси масъалаи инсон ва арҷи рӯҳониву ҷисмонии он аз дидгоҳи Бедил тафсилот ва таҳқиқи ҷудогона мехоҳад.

3. Бахши дигари ашъори Бедил, ки нашъа дар ҳиками қуръонӣ доранд, дар заминаи истифодаи талмеҳоти қуръонӣ тавлид гардидаанд. Дар ин гуна ашъор шоир бештар ба қиссаву ривоёти марбут ба зиндагӣ ва рӯзгори паёмбарон ва ашхоси зикрашон дар Қуръон рафта ишорат мекунад. Вале ин маънои онро надорад, ки ашъори Абулмаъонӣ бештар дар инҳисори қиссаву ривоёти қуръонӣ маҳдуд шуда, аз он бурун наёмадааст. Балки дигар анвои талмеҳот низ дар шеъри шоир хеле фаровон корбаст шудаанд. Чун матлаби мо рӯи баҳси партави Қуръон дар шеъри Бедил ва гунаҳои бардошт аз он меравад, бештар мутаваҷҷеҳи талмеҳоти Қуръонӣ гаштаем.

Касрати истифодаи қиссаву ривоёти қуръонӣ низ маърифатгарро ба огоҳии комил аз Қуръон ва тафосир талаққӣ менамояд. Дар тасбити ин гуфта ба чанд байти Мирзо Бедил муроҷиат менамоем:

Пири ақл аз мо ба дарди нон муқаддам рафтааст,
Дар фишори донаҳои гандум Одам рафтааст.

Ин ҷо ишорате ба қиссаи ронда шудани Одам (а) аз биҳишт аст, ки бидуни огоҳӣ аз он матлаби аслии шоир мастур мемонад. Баробари ин зикри исми Одам ва донаи гандум ду унсури муҳими ин қисса мебошанд, ки зимни шарҳнигорӣ тафсири қиссаи мазкурро талаб менамоянд

Дар заминаи ташреҳи ҳамин қисса як мухтасоти дигари корбасти талмеҳоти қуръониро дар ашъори Бедил метавон қайд намуд, ки тафаҳҳуми он дар суҳулати кашфи маънӣ ёвари шореҳ хоҳад буд. Агар дар байти боло шоир мустақиман ба Одам ва донаи гандум ишорат кунад, дар байти зер ишорати вай пӯшида аст. Танҳо бо фаҳми дақиқ метавон ба кашфи бардошти Мирзо Бедил расад:

Гар мизоҷи карам он аст, ки ман медонам,
Оламеро ба хатои мани танҳо бахшанд.

Аз мазмуни зоҳирии байт фаҳми ишорат ба қисса лоимкон аст бо он ки дар заминаи он шоир ҳадафи барои худ рӯшанро ироа менамояд. Вале агар дар замири ибораи “оламеро ба хато бахшидан” ба тааммуқ биандешем, маълум мешавад, ки ин бахшояндагии Худованд аст, ки ба ҷурми хӯрдани гандум ба Одам дунёро бахшид. Ҳосили маънӣ он аст, ки агар мизоҷи карам чун тасаввурот ва фаҳми ман аст, он гоҳ оламеро ба хатоям мебахшанд. Яъне карами олӣ ин караму саховати Худованд аст, ки бар ҷурме дунёро бахшид. “Оламеро ба хатои мани танҳо бахшидан” дар вусъати хеш иҳомеро ғунҷоиш додааст. Агар маънии нахуст ҳамон ки зикр намудем, бошад, маънии дигар бахшидан яъне омурзиши олам бар гуноҳи ман, ки бурҳони бахшояндагии Худованд маҳсуб меёбад, мебошад.

Бояд арз намуд, ки Мирзо Бедил зимни истифодаи қисаси қуръонӣ кӯшидааст, ки мазомини тоза халқ кунад. Ба ибораи дигар, талмеҳоти ӯ аз асли устуравию таърихии хеш то андозае дур шуда, дар тафаккури шоир сурати нав мегиранд. Вале ҳароина

маърифати ашъори ӯ огоҳӣ аз қиссаи мавриди масали шоир қарор гирифтаро металабад, ки раҳнамои кашфи матлаб хоҳад гардид. Масалан, вақте мегӯяд:

Муғтанам гиред домони дили огоҳро,
Маҳрамон лабрези Юсуф дидаанд ин чоҳро.

Маънии аслии байт он аст, ки дили орифро ғанимат бояд шумурд, бар ваҷҳи он ки вай аз алтофи худовандӣ файзёб гардидааст. Ин ҷо Юсуф киноя аз лутфи Худовандист ва чоҳ дили инсони огоҳ, яъне, ориф буда, маҳрамон онҳоеанд, ки шарафи бисоти қурбро дарёфтаанд ва асрор бар эшон ҳувайдо гардидааст. Маълум мешавад, ки Юсуф дар ин байт то андозае аз асли қиссаи хеш дур рафта, маънии мармуз касб карда, маҳсули тафаккури шоир гаштааст. Вале маърифатгар ё шореҳ бидуни огоҳӣ аз қиссаи ба чоҳ афкандани Юсуф парда аз рамзи дар батни вожаи Юсуф нуҳуфта бардошта наметавонад. Чунки мазмуни умумии байт реша дар ҳамин қисса дорад.

Аз қиссаҳои қуръонӣ рӯшан мешавад, ки Худованд ҳусни оламиёнро ба ду қисмат намуд ва қисме аз онро ба Юсуф бахшид. Аз ин ҷо, рамзи вожаи Юсуф аслан баста бар ҳамин нукта аст. Пас, ҳарчанд вожаи Юсуф дар коргоҳи тафаккури шоир табодули маънӣ мекунад, вале ҷавҳари аслии зуҳури маънии он ба мазмуни қиссаи Юсуф ручӯъ хоҳад кард.

Аз ин рӯ, хулосаи мабоҳиси мо дар мавриди бардошти Мирзо Бедил аз қиссас ва ривоёти қуръонӣ он аст, ки талмеҳот дар андешаи шоир табодули маънӣ намуда, ҷузъи тафаккури ӯ мегарданд. Аз тарафи дигар зимни маърифати матлаб ручӯъ ба асли қисса ваҷҳи муҳим ва амри зарурӣ маҳсуб мебошад. Зеро маърифати саҳеҳ танҳо ба василаи огоҳии комил аз қисса ё ривоёти манзур ба даст хоҳад омад.

Мирзо Бедил дар радифи бардоштҳои қуръонӣ аз аҳодиси набавӣ низ зиёда ба кор гирифтааст. Чун таҳқиқи муҳимтарин вижагиҳои корбурди аҳодиси набавӣ дар ғазалиёти Бедил аз аҳдофи аслии ин ин нигошта маҳсуб мегардад, кӯшиш бар он хоҳем дошт, ки бо чанд намуна аз ашъори шоир андешаҳои хешро ба субут расонем.

Дар ҳадиси Расули Акрам(с) омада: «Ман ганҷе будам махфӣ, хостам шинохта шавам, бинобар ин халқро биофаридам». Мирзо Бедил дар тафсири ин ҳадиси муборак қитъае нигошта, ки матлааш ин аст:

Дар он замон, ки набуд аз замона асаре,
Буруни илму аён буд зоти ӯ танҳо…

Ниҳояти андешаи Мирзо Бедил дар ин байт хатм мешавад:

Ба шавқи арзи камолоти маънии асрор,
Зи катми ғайб хиромид ҷониби саҳро.

Аз муҳтавои қитъа бармеояд, ки он як навъ тафсири ҳадиси мазкур аст. Вале танҳо инсони ҳушманд ва шореҳи огоҳ аз ин ҳадис метавонад, ки ба умқи матлаби шоир бирасад. Ҷои дигар Мирзо Бедил мефармояд:

Нишоти зиндагӣ хоҳӣ, дилеро сайди улфат кун,
Ки мастиҳост мавқуфи ба даст овардани мино.

Аз муҳтавои байт ҳувайдост, ки дар он як навъ имо ба ин ҳадис аст: “Маҳбубтарин аъмол назди Худованди мутаъол шод кардани мӯъминон аст”.

Мусаллам аст, ки талқини хамӯшӣ ҳамчун василаи буридан аз алоиқи дунявӣ дар таълимоти сӯфиёнаи Бедил нақши бориз дорад. Вале зикри як нукта зарур аст, ки ин андеша бо он ки як сар дар таълимоти макотиби фалосифаи Ҳинд дорад, аз файзи ин ҳадиси муборак об мехурад: “Ҳар ки хомӯш нишаст, наҷот ёфт”. Бедил ба ин ҳадис ишорати сареҳ дорад:

Наҷот металабӣ, хомӯшӣ гузин, Бедил,
Ки дар тариқи саломат хамӯшӣ устод аст.

Расули Акрам фармудаанд: “Ҳаё сар то по хайр аст”. Бедил дар ишорат ба ин ва дигар аҳодиси шарифа, ки дар сифати ҳаё гуфта шудаанд, ашъори касир суруда. Аз он ҷумла, мегӯяд:

Аз ҳаё магзар, ки дар номусгоҳи эътибор,
Шарм мардонро виқор асту занонро зевар аст.

Дар баъзе маворид бошад, ба худи пайғамбар ишорат кардааст:

Бедил, касе ба арши ҳақиқат намерасад,

То хоки роҳи Аҳмади Мурсал намешавад.

Ҳамин тавр, Мирзо Бедил аз таҷаллии ҳикмати қуръонӣ ва оёти муборак, аҳодиси шарифа ва каломи бузургони моқабли хеш файзи бисёр бардоштаааст, ки таваҷҷуҳи амиқ ба масъалаи мазкур моро ба натиҷаҳои зерин мерасонад:

1. Мирзо Бедил аз оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ дар ашъори хеш ба гунаҳои мухталиф мустафод кардааст, ки зубдаи ин масъаларо мо дар се бахш баррасӣ намудем. Ӯ гоҳе мустақим ба оят ё ҳадис мурочиат мекунад ва гоҳи дигар дар заминаи онҳо сухани хешро баён медорад, бидуни огоҳӣ аз ояти дар назар ҷавҳари аслии андешаи шоирро наметавон тафаҳҳум намуд.

2. Бахши дигари ашъори Бедил, ки дар партави Қуръон ва ҳадис иншо шудаанд, аз талмеҳоти қуръонӣ борвар мебошанд. Дар ин замина шоир талмеҳотро аз аслу бунёдашон ба дунёи тафаккури хеш кӯч дода, бар онҳо маъонии хосаеро таҳмил кардааст. Вале ин ҷо низ маъниҷӯ бояд қабл аз ҳама аз асли қисса ё ривояти манзур огоҳӣ дошта бошад, то ӯро маърифати саҳеҳ ва комил ба даст ояд.

3. Мирзо Бедил дар партави оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ба офаридани таркибҳо ва ифодаҳои шоирона низ муяссар гардидааст. Ин нукта аз маънирас баробари огоҳӣ аз тарзи баён ва услуби гуфтори Бедил тақозои дониши хуби қуръонӣ мекунад. Зеро ба василаи огоҳӣ шореҳ метавонад, ки ҷавҳари андешаи шоирро муқаррар намуда, ба асли мақсади вай қурбат пайдо намояд.

Хулосаи гуфтор он аст, ки хонандаи ашъори Бедилеро мебояд, ки барои фаҳми матолиби шоир пеш аз ҳама бо дониши қуръонӣ ва ҳадис муҷаҳҳаз гардад. Чунки ҳамин огоҳӣ ӯро ба шинохти аслии андеша ва армони шоир раҳнамун месозад. Бар ин ваҷҳ мухтасоти мазбур ҳамчун омили муҳими маърифати афкор ва ашъори Бедил муқаррар карда мешавад.

Адабиёт:

1. Мирзо Абдулқодири Бедил. Куллиёт. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Парвизи Аббосӣ ва Акбари Беҳдорванд. – Теҳрон, 1376.
2. Мирзо Абдулқодири Бедил. Чаҳор унсур. Якҷоя бо Куллиёт. – Теҳрон: Матбааи Сафдарӣ, 1299 ҳ.
3. Мирзоев А. Мирзо Абдулқодири Бедил. – Кобул, 1351.

ИСТОЧНИКИ ШКОЛА ФИЛОСОФО-СУФИЙСКИЕ МЫСЛИ БЕДИЛЯ ДЕХЛАВИ

В статье рассматриваются особенности влияния коранических аятов и пророческих хадисов на поэзию Бедиля Дехлави. Автор попытался изучить заимствования поэта из небесной книги и пророческих хадисов непосредственным образом, установить посредством этого исследовательского метода коранические смыслы поэзии Бедиля и интерпретировать их.

Ключевые слова: Бедиль, Коран, хадис, коранические смыслы, мистическая газель, суры и аяты, священные хадисы.

INFLUENCE OF THE QUR'AN AND PROPHETIC HADITHS ON THE POETRY OF BEDIL DEHLAVI

The article deals with the reviewing of influence of the Qur'an verses and prophetic hadiths on the poetry of Bedil Dehlavi. The author of the article tried to explore the references of the poet directly from the heaven book and prophetic hadiths, by means of this research method to determine the Qur'anic meanings of Bedil's poetry and to interpret them.

Key words: Bedil, Koran, hadith, Qur'anic meanings, mystic gazel, surahs and ayahs, sacred hadiths.

Сведения об авторе: Нуров Нурали Норович, кандидат филологических наук, доцент Худжандского государственного университета имени ак. Б. Гафурова, е-майл: nurali74@mail.ru

Information about the author: Nurov Nurali Norovich, PhD of philological sciences, docent of Khujand State University named after academician B. Ghafurov

УДК 8 тоҷик 2+32+8 тоҷик +1с

МИЛЛИЯТ ВА МИҚЁСИ ОН ДАР ТАФАККУРИ БАДЕИИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Эшонова М. А.
Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А. Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мирзо Турсунзода парвардаи замоне буд, ки мазмуни худшиносии миллӣ, миллият ва миқёси онро замон ва сиёсати машрӯъ таъйин мекард. Дар заминаи ҳамин сиёсат охири солҳои бистум ва ибтидои солҳои сиюми қарни гузашта доираи мавзӯоти адабиёти шӯравӣ хеле тавсиа ёфт. Омили аслии ин ҳодисаи сиёсӣ ва адабӣ инкишоф ва гуногунрангии пайвандҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии миллӣ буд, ки ягонагии маънавию сиёсии ҷомеаи шӯравӣ онро тақозо мекард. Ҷараёни таърих намояндагони миллатҳои гуногун, аз ҷумла тоҷиконро низ ба маҷрои худ мекашид. Ба ифодаи Г. Ломидзе «происходит процеес, способетвующий взаимному сближению советеких людей разных национальностей» [4, с. 350]. Ҳаводиси сиёсию иҷтимоӣ, бунёдкориҳои дастҷамъӣ, аз ҷумла дар минтақаи Осиёи Миёна канали калони Ҳисор, канали Фарғона, роҳи Помир ва ғайра ҷаҳонбинии ягонаи ба истилоҳ интернатсионалистиро тақозо мекард ва «непосредственное общение цементирует чувства дружбы и коллектевизма» [3, с. 8-9]. Илқои «ҳисси оилаи ягонаи халқи шӯравӣ» муҳити нави зиндагӣ ва ахлоқиро барои инсон таблиғ мекард, ки адабиёт дар ин замина «дастёри пурқудрат ва боэътимоди» ҳизби коммунист ва давлати шӯравӣ қарор гирифт. Агар иқрор шавем, ки аз ҳамин давра сар карда, тадриҷан тафаккури бадеии миллии мо дигар шудан гирифт, хато нахоҳем кард. Ин дигаргунӣ бо ақиб гузоштани навҷӯйиҳои адабиёти ҷадидия дар боби худшиносии иҷтимоию миллӣ барои адабиёти садаи бисти тоҷик натиҷаҳои ғайричашмдошти ғоявӣ ва зебоишинохтӣ ба бор овард, ки тарафҳои мусбат ва манфӣ дошт. Дар ҷараёни дигаршавии тафаккури бадеӣ назарияи фосилагирӣ аз «гузаштаи маънавӣ» ва мутаваҷҷеҳи «ояндаи дурахшон» будан нақши вайронгаре бозид ва адабиёти тоҷикии садаи бистро аз арзишҳои бунёдии маънавию ҳунариаш то ҷое маҳрум сохт. Ин тамоюли вайронгар аз тафаккури содалавҳона ҳимоят ҷуста, «боиси ривоҷи беҳофизагӣ ва манқуртизм гардид. Оё мумкин буд, ки ин ҳолат барои инкишофи тафаккури бадеӣ беоқибат монад? Ҳаргиз не! Кӯшишҳои ҷиддии дуру дароз дар роҳи аз байн бурдани ёди таърихӣ пайомадҳои мудҳише дошт: шуури эстетикии миллиро аз баъзе хусусиятҳои муҳими анъанавии чандинасра маҳрум сохт, дар баъзе мавридҳо бинои онро аз беху бунёд вайрон кард» [8, с. 11]. Вале бо вуҷуди зӯроварии сиёсию маънавӣ наметавон гуфт, ки адабиёти индавраинаи тоҷик ва ҳаёти маънавии тоҷикон аз бунмояҳои маънавӣ, ки ҷанбаи инсонӣ ва миллӣ дошт, маҳрум шуда бошад.

Бо вуҷуди зери фишори чорчӯбаи расмият, «супориши иҷтимоӣ» ва амрҳои сиёсӣ қарор гирифтани адабиёти тоҷикии солҳои сии садаи гузашта, алоқаҳои маънавии бунёдии он аз адабиёти гузашта канда нашудааст. Устод Айнӣ бо осораш ин пайванди маънавӣ ва ҳунариро ҳифз кард. Хидматҳои Лоҳутӣ ва Турсунзодаро низ дар ин замина наметавон камарзиш донист. Дар ин равиш агар мо устод Айниро «поягузор, тарғибгар ва инъикоскунандаи шакли ҷадиди худогоҳии миллии тоҷикӣ», «идомадиҳандаи беҳтарин анъанаҳои адабу фарҳанги классикӣ… ва восилу ҳомили таку танҳои фарҳанги қадим ва замони ҷадид» [1, с. 83] ба шумор оварем, Мирзо Турсунзода аз ҷумлаи давомдиҳандагони ҳамин суннат аст.

Албатта дар солҳои сиюм ормонҳои Айнӣ ё Турсунзода ошкоро ранги миллӣ надошт. Замона хавферо ба миён оварда буд, ки «ин корро нишонаи миллатпарастиву миллатгароӣ» дониста, «хилофи интернатсионализми шӯравӣ талаққӣ» [9, с. 192] мекарданд. Шояд барои он ки ба гарданаш гуноҳи миллатгароӣ набанданд, Айнӣ бо режими нав созиши идеологӣ мекард ва ҳаргиз соли 1920 ба майдон омадани мақолаи «Ислом ва коммунизм» ҳодисаи тасадуфӣ набуд. Устод Айнӣ дар ин мақола моҳияти инсонии ду ҷаҳонбинии ба ҳам мухолифро қиёс карда, онҳоро ба ҳам созиш доданӣ

шудааст, ки дар заминаи қазияи сунатии «мӯъмин бародари мӯъмин» решаи таърихӣ дошта, дар таъкид ва таъйиди баробарии иҷтимоии одамон аст.

Ҳамчунон ки адабиётшинос Н. Салимов дуруст нигошта, «Айнӣ ва ҳаммаслакони ӯ бо сидқи соф ғояҳои инқилобро истиқбол намуда, дар миёни он ва зиндагиву ақоиди суннатиашон танокузе намедиданд. Зиёда аз ин, бо ҳиммате, ки шоистаи гуманизми адабиёти классикӣ буд, хостанд ки тамоми дунё аз оташи озоди бахши инқилоб мулавван бошад. Мирзо Турсунзода аз шоироне буд, ки кӯшиш дошт ин ғояро таърихият, мазмуни мушаххаси иҷтимоӣ ва вусъати ҷаҳонӣ бахшад, гузаштаву ояндаи халқи худ ва халқҳои дигарро аз ҳамин дидгоҳ арзёбӣ намуда, бо нерӯи истеъдод ба ин рӯҳу равон ато намояд» [6, с. 16]. Дар ин равиш шоири мо пеш аз ҳама такя ба суннатҳои ҳазорсолаи адабиёти инсонии тоҷик дошт ва аз он устодона истифода кард.

Ҳамчунон ки Ҳ. Шодиқулов менависад, «хусусиятҳои умумиинсонии назми тоҷик аз эҷодиёти Мирзо Турсунзода шурӯъ нашудааст. Моҳияти умумиинсонии назми тоҷик ба қаъри асрҳо меравад ва аз саромадони бузурги сухан бармеояд. Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ, Хайём ва Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ, Камол ва Аҳмади Дониш дар достону ашъори безаволи худ ғояҳои пешқадами инсониро талқин намуданд, масъалаҳоеро мавриди баҳси эҷодӣ қарор доданд, ки ба ҳамаи халқҳо баробар дахл дорад, ифодаи дарди дили онҳост» [10, с. 77].

Дар марҳилаи нави таърихи адабиёти тоҷик назари нави инсонӣ ташаккул ёфт, ки миллат ва миқёси онро дар иҳотаи манфиатҳои табақотӣ инъикос ва арзёбӣ мекард. Дар асоси дастурҳои расмӣ шоиру нависандагон, аз ҷумла Мирзо Турсунзода ба ин нуқта таваҷҷуҳ дошт. Аз ин назар ғояи умумиинсонӣ дар осори Мирзо Турсунзода дар заминаи муайяни иҷтимоӣ ва миллӣ ба вуҷуд омада, хусусиятҳои хоси инсонӣ ва миқёси миллият дорад.

Марҳилаҳои эҷодиёти Мирзо Турсунзода даврaҳои гуногуни таҳкими ин қонуниятро инъикос мекунад. Дар солҳои сӣ вобаста ба миллият ва миқёси он гузоштани масъала на фақат ғайри имкон, балки хатарнок низ буд. Ҳатто устод Айнӣ дар ин замина шиори «Гар замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз!»-ро шиори зиндагӣ ва мароми эҷодии худ шинохта буд. Аз ин назар Мирзо Турсунзода, ки дар вақташ бо айби «тарафдори ғояҳои миллатчигӣ аз сафи комсомол ронда шуда буд, наметавонист бо замона насозад» [7, с. 215].

Мирзо Турсунзода фаъолияти адабиашро бо равияи инсонгароӣ ва синфиятгароии болшевикӣ созиш дод. Бинобар ин ҳам дар тамоми даврaҳои эҷодиёти шоир диди иҷтимоии инсонгароӣ ва синфӣ ёригарӣ ҳам буданд. Нуқтаи дигари муҳим ин аст, ки андешаҳои инсонии ӯ дар заминаи маънавиёти миллӣ рушд карда, дорои миқёси муайяни миллӣ низ мебошанд. Ба ин далел, ҳарчанд маром ва маслаки коммунистӣ барои миллати мо заминаи миллӣ надошт, ба ваҷҳи дорои мабдаъҳои инсонӣ буданаш ва ҳамсозие бо меъёрҳои инсонии сунатии тоҷикон доштанаш зидди эҳсосоти миллӣ набуд. Ойин ва мароми коммунистӣ бо моҳияти инсонӣ ва ахлоқии худ ояндаи дунёи пуршукӯҳ ва зиндагии босаодатро ба мардум ваъда медод ва моҳиятан бо афсонаи қадимии тоҷикии шоҳи одил ҳамоҳангии комил дошт. Нобаробариҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи тоҷикон аз қадим ба сохти идорӣ ва амалкарди шоҳу вазир ва девондорон бастагӣ дошт. Бинобар ин ҳам беадолатиҳои иҷтимоӣ дар тафаккури мардум ба ҳисси шафқату меҳрубонӣ бартарӣ дода, «забардасти зердастозор»-ро маломат ва маҳкум мекард. Зиёда аз ин дар таърихи адабиёт ва фарҳанги гузаштаи мо равияҳои ахлоқие вазъ гардид, ки моҳияташ ислоҳи ахлоқи иҷтимоъ, ба хусус зӯроварӣ бар инсон буд.

Ойин ё мароми ахлоқии ҳимоят аз инсон, шафқату меҳрубонӣ ба ӯ дар таърихи адабиёти ҳазорсолаи тоҷикӣ яке аз мотивҳои асосии адабиёт гардид. Достонҳои ҳамосии миллии мо дар ҳамин равиш таҷассумгари дунёи ормонии инсони орзуманд, вале мазлум гардид. Ин равия дар осоре мисли «Искандарнома», «Ҳамзанома», «Доробнома», «Самаки айёр» ва ғайра сареҳан ба назар мерасанд. Ҳамчунин таълимоти мазҳабӣ ва қонунҳои шаръии ислом низ аз ислом ҳимоят мекарданд. Ойини ҷавонмардӣ, ирфону тасаввуф низ одамиятро асоси консепсияи ахлоқии худ қарор дода

буданд. Осори ҳакимону файласуфон ва муаллифони китобҳои ахлоқӣ низ бунмояи амиқи инсонӣ ва инсонсоз доштанд, ки «Ахлоқи мӯҳсинӣ» намунаи ҷомеъи дастури таълимӣ ва тарбиявии ин равиши адабию фарҳангӣ аст. Бунмояи асосии таълимоти ахлоқии гузаштагони моро баробарии иҷтимоии инсонҳо ташкил медиҳад, ки аз нигоҳи аҳли фаҳм бо хостаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷомеаи нави коммунистӣ ҳамсозӣ дошт.

Мирзо Турсунзода сарнавишти миллаташро дар оинаи таълимоти инсонии коммунистӣ, ки баробарии иҷтимоиро шиор карда буд, ояндадор медид. Вале шояд ҳеҷ гоҳ дақиқан наандешида буд, ки ғояи аз байн бурдани золимон (синфи ҳоким) ба бунёди ормонҳои инсониву ахлоқӣ дакка мезанад ва боиси таҳаққуқ ёфтани гуманизми сустбунёд мегардад. Дар ҳар сурат Мирзо Турсунзода ба огоҳии комил аз осори ҳикамии гузаштагон фарогири ғояҳои замони нав ва тақозои завқи умумӣ тавонист, осореро ба миён оварад, ки бо ҷанбаҳои отифӣ ва зеҳнии миллиаш қабули ҷомеаи нав воқеъ шавад ва завқи умумӣ онро рад накунад. Дар ин замина ҳам устод Айнӣ ва ҳам шогирдони ӯ, аз ҷумла Мирзо Турсунзода бо пазируфтани ғояҳои коммунистӣ, ки бо консепсияи инсонии ҳикамии адабиёт ва фарҳанги ҳазорсолаи мо ҳамхонӣ дошт, бар хилофи миқёси милият амал накарданд, балки ойину маслак ва мароми коммунистиро миллӣ шумориданд. Тафаккури бадеии суннатӣ низ дар ҳамин замина равиши тоза касб кард. Ба ин далел, осори индавраинаи М. Турсунзода аз назари эҳсосоти миллӣ ва авотифи қавмӣ ҷанбаи миллии хос пайдо кард ва сарфи назар аз камбудиҳои ғоявию зебоишинохтӣ тарафи миллат пазируфта ва ҷузъи таърихи адабу фарҳанги мо шинохта шуд.

Равиши инкишофи эҷодии Мирзо Турсунзода зинаҳои гуногуни қонунияти ҳифзи миллият ва миқёсҳои онро таҷассум месозад. Ибтидои солҳои чилум гузориши мушкилоти ахлоқӣ барои адабиёт хеле муҳим буд. Дар осори бадеии аксари адибон паҳлуҳои нави ғояҳои умумиинсонӣ, ки пайванди таркибӣ ва ҷовидонаи инсонҳоро бо ҳамдигар таъкид ва таъйид мекард, мавқеи хос пайдо мекард. Ин ҳодисаи адабӣ ба эҷодиёти давраи ҷангӣ ва баъди они Мирзо Турсунзода низ хос аст. Шоир тафовутҳои давлатӣ, иҷтимоӣ ва миллиро як сӯ гузошта, саъй менамояд, ки роҳҳои ҳалли ягонаи мушкилоти умумибашариро ба миён гузорад.

Асоси ҷаҳонбинии шоирро чунин бовар ташкил медиҳад, ки арзишҳои олии инсонӣ ягонаанд, онҳо фақат дар сатҳи афзалияти омилҳои иҷтимоиву сиёсӣ метавонанд фарқ кунанд. Аз назари ахлоқӣ миёни онҳо ҳеҷ зиддияте нест. Ба ин дастур, ҳатто дар яке аз нахустин таълифоташ очерки «Мавҷҳои зафар» дар шароити тозаи иҷтимоӣ пешравии миллати тоҷикро барои «мазлум ва мазлумагони Шарқи ситамдида» роҳи наҷот медонад. Дар ҳикояти «Кулфатзадагон», шеърҳои «Зафари халқ», «Ба духтари Астурия» баъдтар силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон», «Ман аз Шарқи озод», достонҳои «Садои Осиё», «Ҷони ширин» ва ғайра қаҳрамони ӯ бо қонуни ягонаи ахлоқӣ зиндагӣ ва фаъолият мекунанд, ки тааллуқоти миллияшонро аз байн набурдааст. Шоир дар заминаи контексти воҳиди иҷтимоию сиёсие меандешид, ки ормонҳои миллию умумиинсонӣ бо ҳам тавофуқи комил доранд.

Поэтикаи миқёси миллиятро дар заминаи масоили умумибашарӣ дар эҷодиёти М. Турсунзода таҳқиқ карда, мо ғайри ихтиёр ба масъалаи қаҳрамон, муҳити иҷтимоӣ, моҳияти миллию умумиинсонӣ ва хусусиятҳои хоси низоъи асар вомехӯрем. Ҷустуҷӯ дар ин замина моро бо чунин натиҷа меоварад, ки осори М. Турсунзода кӯшиши дарки фалсафии воқеияти ҳаёти миллӣ ва дунёи муосир дар алоқамандӣ бо мушкилоти умумиинсонӣ мутаносибан сурат гирифта, маънии аслии зиндагиро кирдори маънавии инсон муносибати ӯ ба муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ муайян мекунад.

Мирзо Турсунзода дар анҷумани панҷум ва шашуми нависандагони СССР ҳадафи умумибашарии адабиётро таъкид карда, «барои тамоми халқҳо ва инсонияти тараққипарвари олам навиштанро» [5, с. 432] зарур дониста буд ва мухотаби осори ӯ аз оғоз дар баробари ҳаммиллатонаш, намояндагони қавму миллатҳои дигар низ буданд ва миқёси миллияти осори ӯро ҳамин меъёри андеша ва усули инсонгароӣ муайян мекард.

Принсипҳои умумиинсонӣ, кӯтоҳ кардани дасти «забардасти зердастозор», одамият, бовар ба инсонҳо пеши роҳи ҳама гуна беадолатӣ ва зӯриро гирифтан дарунмояи осори дар мавзӯи дохилӣ ва хориҷӣ навиштаи шоирро ташкил медиҳад. Вале Мирзо Турсунзода вақте дар бораи хориҷиён менависад, низ аз заминаи сарнавишти таърихии миллати хеш ба масъала наздик мешавад. Шоир дар ин гуна осораш «дар бораи халқи бузурги рус, халқи бародари украин, мазлумони Ҳинду Покистон, манзараҳои зебои ин кишварҳо, шаршараи бузурги Ниагара, дар бораи халқҳои дуру наздик, қитъаҳои олам баҳси бадеӣ меорояд. Шоир месӯзад, месозад, шод асту ғам мехӯрад, ба ваҷд меояд ва нафрат мехонад… ба азобу кулфати халқҳои ҷаҳон ҳамдардӣ дорад, ғами халқҳои дигарро мехӯрад ва шарик буданро дар муборизаи онҳо яке аз вазифаҳои масъулиятноки худ мешуморад» [10, с. 79].

Қаҳрамони лирикии ӯ дар осори дар ин равиш эҷодкардааш беҳтарин фазилатҳои инсонӣ, маънавиёти олӣ, инсондӯстӣ ва муқовимати фаъолона ба беадолатиро, ки меросбарӣ аз маънавиёт ва ахлоқи неки гузаштагон аст, таҷассум мекунад. Духтари Ҳинду қаҳрамонони лирикии «Қиссаи Ҳиндустон», достони «Ҷони ширин» ва дигар осори дар мавзӯи хориҷа навиштаи шоир ормонҳои ахлоқӣ ва ҳамчунин эътироз бар зидди зӯриву беадолатиро дар хислату хӯ ва амалу кирдорашон ба таври хос фаро гирифтаанд, ки моҳияти миллӣ ва умумиинсонӣ доранд ва бо тағйири сиёсатҳову низомҳо арзиши он кам намешавад.

Муҳимтарин масъалаҳои бақои миллат ва инсоният дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода дар таҳқиқи бадеии хислату характерҳоест, ки бори масъулияти имрӯзу фардоро бар дӯш доранд. Талошҳои шоир ва ҳамсафони ӯ ба мо умед мебахшад, ки ҷаҳони сулҳу оштӣ побарҷост ва одамият бар ноодамӣ ғолиб хоҳад омад. Мирзо Турсунзода ҳамеша ба шахсиятҳои осораш муҳаббат ва эътиқод дорад, ки роҳи душвор ва худфидоиро интихоб кардаанд ва дар ин роҳ буду нобудашонро сарф намудаанд. Дар ин радиф дар раддаи аввал худи шоир меистад, сипас қаҳрамонони осори ӯ аз Ҳасан сар карда то шахсиятҳои достонҳои «Ҷони ширин» ва «Аз Ганг то Кремл».

Дар симои шахсиятҳои лирикии ашъори Мирзо Турсунзода мо характерҳоеро мебинем, ки ифодакунандаи ормонҳои башарианд, вале обу ранги хоси миллӣ доранд. Онҳо сурат ва сирати тоҷикона дошта, бо ҳастии устувори маънавиашон худро дар баробари офатҳои дунёи пурмоҷаро ва гумроҳиҳои иҷтимоию фардӣ ҳифз кардаанд.

Мирзо Турсунзода дар матни арзишҳои миллатсоз ба воситаи тасвирҳояш, андешаҳои бадеию публитсистиаш ба тарҳи орзуҳои бузург ва башардӯстонаи ҳаммилатонаш мепардозад, хосту ниёзҳо ва мушкилоти онҳоро матраҳ мекунад, ки бо ниёзҳои мардуми дунё ҳамхонӣ дорад.

Шоири рус Ярослав Смеляков достони «Ҷони ширин»-ро тавсиф карда, аз ҷумла менависад, ки «дар эҷоди шоири дигар монологи мубориза барои сулҳ ва бародарии халқҳо, ки бевосита ба завҷаи шоир нигаронида шудааст, хеле сохта ва бофта ба назар менамуд. Онро ҳамчун услуби адабӣ, ҳамчун як гардиши ӯҳдабароёна қабул карда метавонистанд. Аммо аз зери қалами Турсунзода достони хубе баромадааст, ки як садои ниҳонӣ ва ҷамъиятӣ дорад. Ба ин достон оҳанги носоз ва бардурӯғ бегона аст. Ба назари хонанда чунин мерасад, ки ӯ паҳлӯи Файз Аҳмад Файзи Покистонӣ, Николай Тихонов, меҳмони ҳиндӣ, фарзанди Ангола ва ҷавонмарди кафқозӣ дар гирди мизи шоир нишастааст ва дар кори наҷиби онҳо иштирок дорад» [2, с. 112].

Ҳамин тариқ, дар маркази тасвирҳои худ шахсиятҳоеро қарор додааст, ки инсондӯст буда, тавони муқовимат бар зулму золимиро доранд ва аз масири имон, инсоф ва адолат берун намераванд. Моҳияти миллӣ ва инсонии амалу кирдори қаҳрамони лирикии шоир мундариҷаи умумиинсонии ашъор ва достонҳои ӯро ташкил медиҳанд.

«Асарҳои худи Мирзо Турсунзода, - навиштааст: А. Сайфуллоев ба дастурҳои эҷодии ӯ пурра мувофиқ мебошанд. Шоир, ки ҳамеша бо ҳаёти халқ ҳамқадам будан ва нисбат ба воқеаҳои байналхалқӣ бетараф набуданро мехост, бо осори пурмазмун ва рангинаш анъанаҳои интернатсионалии адабиёти классикии форсу тоҷик, адабиёти рус

ва ҷаҳониро равнақу ривоҷ дода, ғанитар гардонд ва дар роҳи иттифоқу иттиҳод ҳамбастагӣ ва ҳамраъйии инсонияти тараққипарвар ва озодихоҳии дунё ҳиссаи арзанда гузошт» [5, с. 432].

Чунон ки ишора шуд миқёси миллияти эҷодиёти Мирзо Турсунзода маҳдудияте надорад. Шоир дар кадом мавзӯе, ки асар эҷод карда бошад, ба сарнавишти шахсиятҳо ва воқеияти ҷаҳон ё ҳаёти кишвараш ба чашми ҳамабин ва нигоҳи одамият менигарад. Дар ҳифз ва интишори асолати фарҳанги миллӣ таассуб надорад, зиёда аз ин дар фаъолиятҳои фарҳангиаш ҳамеша мутаваҷҷеҳи ду нуқта будааст: яке ин ки фарҳанги миллӣ бо дарназардошти манфиатҳои дарозумри миллӣ омӯхта ва интишор дода шавад; дигар ин ки ин фарҳанг ҳамчун омили ваҳдат ва пайванди бештари тоҷикон ва мардуми дунё истифода ва ба кор гирифта шавад. Аз ин назар сарнавишт ва осори гузаштагон ва устоди муосираш Айнӣ барои ӯ хати меҳварии имон, адолат ва хирад менамуд. Дар ин замина шоир ба ҳофизаи таърихии миллат такя намуда, достони «Чароғи абадӣ»-ро навишт. Дар ин достон ҳофиза даври меҳвари арзишҳои асили миллӣ ва башарӣ мегардад, ҳамчун маҳаки вичдони инсон таъбир мешавад. Сарнавишти устод Айнӣ ҳамон меъёри ахлоқиест, ки бе он бинои саодати миллат побарҷо намемонад. Сарнавишти устод Айнӣ ҳофизаи зиндаест, ки ақлҳоро роҳбарӣ ва шавқу шӯри замонро ифода мекунад, ба пайванди ҷовидонаи гузаштаю ҳол гувоҳ аст.

Дар силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон», достонҳои «Ҷони ширин», «Аз Ганг то Кремл» ва ғайра ҳофиза хусусияти фаъолиятмандии ахлоқи ҳаракати ҷомеа ва шахсиятҳои алоҳидаро мегирад. Дар ин замина таърих меҳвари арзёбиҳои ахлоқиву ғоявӣ, ҳикамию инсонпарварӣ шинохта мешавад. Таърих дар тафсири бадеии шоир ҳамчун анъанаи маънавӣ ба шумор меояд. Беэътиборӣ ба таърих ё рӯ тофтан аз он бемасъулиятӣ дар назди гузаштаву ояндагон аст. Симои қаҳрамонони осори ӯ дар ҳамин контекст назарнамоянд.

Таҳқиқи масъалаи миқёси миллияти эҷодиёти Мирзо Турсунзода дар контексти адабиёти замон имкон медиҳад ба чунин натиҷа расем, ки бунёди умумиинсонии осори шоир такя бар суннатҳои миллӣ дошта, консепсияи миллӣ ва ҷаҳоншиносии ӯро муайян мекунад. Бинобар ин ҳам таҳқиқи ҷомеъи масъалаҳои миллиро дар эҷодиёти шоир дар бахши поён бахши поён ҳадаф қарор додем.

Адабиёт:

1. Абдуллоҳ М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ //Садои Шарқ. – 1996. - № 5-8. – С. 82-85.
2. Армуғон (аз дӯстон ба Мирзо Турсунзода – Шоири халқии Тоҷикистон). – Душанбе: Ирфон, 1971.
3. Ишмуҳаммедова З. А. Категория содержания и национальной формы духовной культуры. Учёные записки, т. 221, книга I. - Казанский государственный университет, 1961.
4. Ломидзе Г. И. В поисках нового. – Москва: Советский писател, 1963.
5. Сайфуллоев А. Мирзо Турсунзода. - Хуҷанд, 2004.
6. Салимов Н. Осори Мирзо Турсунзода ва таҷдиди назар ба адабиёти навини тоҷик / Суханвари мумтоз. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2011.
7. Табаров С. Як саҳифаи ҳаёти Мирзо Турсунзода / Ошёни меҳр. – Душанбе: Адиб, 2011.
8. Шакурии Бухороӣ М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе, 2006.
9. Шакурии Бухороӣ М. Падари миллат / Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист. – Душанбе, 2006.
10. Шодиқулов Ҳ. Хусусиятҳои миллӣ ва умумиинсонии назми Турсунзода / Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1970.

НАЦИОНАЛЬНЫЙ АСПЕКТ И ЕЕ МАСШТАБЫ В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ МЫСЛИ МИРЗО ТУРСУНЗАДЕ

Автору статьи удалось вникнуть в суть вопроса и рассмотреть его путем использования конкретных примеров из стихов разных периодов творчества поэта. Творчество Мирзо Турсунзаде в контексте современной литературы позволяет нам при рассмотрении вопроса о национальных особенностях прийти к такому выводу, что общечеловеческие аспекты трудов

поэта зиждутся на национальных традициях и определяют его мировоззрение и его взгляд на национальную концепцию.

Автор в своей статье подчеркивает, что масштаб национального аспекта в творчестве Мирзо Турсунзаде не ограничен какими-либо рамками. Поэт при описании любых вопросов смотрит на судьбы персонажей и событий в мире всевидящим оком и гуманистическим взором.

Ключевые слова: Мирзо Турсунзаде, национальное самосознание, нация, национальные традиции, национальная концепция, миропонимание.

NATIONAL DIMENSIONS AND ITS SCALE IN THE ARTISTIC THOUGHT MIRZO TURSUNZODA

The author was able to grasp the essence of the issue and examine it by using concrete examples from different periods of poems of the poet. Creativity Mirzo Tursunzade in the context of contemporary literature allows us when considering the national characteristics come to the conclusion that the universal aspects of the poet's works are based on national traditions and determine his outlook and his view of the national vision.

The author in his article emphasizes that the scope of the national aspect in the works Mirzo Tursnzade is not limited by any boundaries. Therefore, in describing any issues looking at the fate of the characters and events in the world all-seeing eye and humanistic vision.

Key words: Mirzo Tursunzade, national identity, nation, national traditions, national concept, world view.

Сведения об авторе: Эшонова Мутрибахон Асадхоновна, аспирант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени А. Рудаки Академии наук Республики Таджикистан, e-mail: eshonovam@mail.ru

Information about the author: Eshonova Mutribakhon Asadkhonovna, post-graduate student of Institute of Language, Literature, Oriental studies and Written heritage named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

СУХАНЕ ЧАНД РОҶЕЪ БА ВУРУДИ РОМАН БА АДАБИЁТИ УРДУ

Холов Дж. Ш.

Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Насри урду бо пайдоиши жанри тозаву мақбул, яъне роман рӯ ба инкишоф ва такомул ниҳод. Маълум аст, ки дар олами адаб жанри роман хеле дер арзи вуҷуд кардааст ва он ҳам пас аз жанрҳои маъмули ҳамосавӣ, драмавӣ ва лирикавӣ. Қатъӣ назар аз ин роман хонандагону ҳаводорони зиёдеро дорад. Роман дар шакли имрӯзааш таърихи пайдоиши беш аз дусадсоларо дорад.

Бинобар ин пажӯҳиш ва таҳқиқи раванди инкишофи насри урду махсусан, роман барои шинохти марҳилаҳои таҳаввули наср ва ҳамчунин барои бозгӯи бисёр ҷабҳаҳои ҳанӯз торики адабиёт маводи арзишманде медиҳад. Дар мавриди баррасии поэтикаи роман ва пажӯҳиши ҷанбаҳои ҳунарии образҳо, сужет ё маводи тасвир, созмони бадеӣ, устухонбандии нақл, нақши ровӣ ва муаллиф ва мақому ҷойгоҳи тафаккур возеҳ дида мешавад.

Пажӯҳиши заминаҳои пайдоиши романи урду моро ба садсолаҳои пешини адабиёти урду, ба пайдоиш ва таҳаввули жанрҳои қисса, достон, ҳикоят барин шаклҳои насрӣ мебарад. Ва дар навбати худ ин шаклҳои адабӣ алоқамандии хешро бевосита бо адабиёти тоҷикӣ-форсӣ таҳвил медиҳанд. Зеро қисса, достон, ҳикоят аз жанрҳои маъмули адабиёти тоҷикӣ - форсӣ буда, дар масири таърих садсолаҳо воситаи ифодаи афкори адибони форсизабон будаанд. Дар забони тоҷикӣ - форсӣ “қисса” ва ё “достон” маънои ҳикоят ва ё ҳикояро дорад. Аммо дар мавриди истифодаи он ҳамчун истилоҳи адабӣ маънои силсилаи қиссаҳоеро дорад, ки дар он қаҳрамонҳо ва корнамоиҳои шоистаи онҳо, мардонагӣ, ҷасорат, қувваи фавқуттабиӣ, тилисму ҷодуият ва дигар аносири бадеӣ ҷой дорад. Ин гуна корномаҳо дар байни мардум хеле шуҳрат доранду

анъанаи давомдори асримиёнагии адабиёти урдуро дифоъ менамояд. Дар ҳар сурат баҳсҳо сари ин масъала зиёданд.

Калимаи роман реша ба забонҳои романӣ дорад. Дар қадим забонҳои аврупоиро, ба ғайр аз забони италиянӣ, забонҳои романӣ меномиданд. Бо мурури замон ҳамаи забонҳо номҳои худро ёфтанд. Аммо илова ба маънои забонӣ, калимаи роман дар мавриди навиштани осори хаттӣ низ истифода бурда мешуд. Тарҷумаҳо аз забони лотинӣ низ роман номида мешуданд. Ҳамин тавр, «калимаи «роман» маънои умумиро дорад: «китобе, ки ба забони романӣ таълиф шудааст»» [1, с. 45].

Иртибот бо адабиёти англис решаҳои чуқур ва таъсири амиқу возеҳеро ба адабиёти урду расонидааст. Дар натиҷаи таъсирпазирии фарҳанги аврупоӣ ғояҳо ва нигоҳҳои тозае ба зиндагӣ ворид гашта, консепсияи наву пурғановати афкори гаронмояе ба вуҷуд омад. Фикрронии асоснок ва нигоҳи чуқур ба зиндагӣ, қонунияти ахлоқи ҳамида тағиротҳои назаррасеро ворид кард. Бархе аз муҳаққиқин ин даврароо давраи ренесанси урду меноманд ва чунин ақида пояи воқеӣ дорад. Зеро мухтасаран гӯем, иртибот бо Аврупо ва адабиёти он чи гуна ки ренессанс дар он ҷо таъсир бахшид, ҳамон гуна таъсирпазирӣ дар адабиёти урду баръало дида мешавад.

Вале робитаи ҳамаҷониба бо Ғарб маҷмӯи ғояҳо ва афкори навро овард. Ҷои ҷаҳони афсонавиро зиндагии пур аз моҷарои Ҳинд, ишқи ҷононаро ишқу муҳаббат ба сарзамин, ситоиши осмониро тасвири табиати пурфайзу зебои Ҳинд иваз намуд. Ин таъсир адибонро водор кард, ки ба зиндагӣ ва моҷарои он воқеъбинона баҳо диҳанд. Махсусан, барои чунин тасвир ва ибрози ақида майдони насри адабӣ хеле қулай буд. Тавлиди наср ва шуҳрати он дар як муддат кӯтоҳ дар саросари Ҳинд нишондиҳандаи самароти заҳмати адибон аст. Ба ин равия ҷараёни Сайид Аҳмадхон такони иловагие бахшид.

Дар адабиёти урду мафҳуми «навал», яъне роман дар баъзе мавридҳо дар асарҳои адибони давраи аввал ба маънои ҳикоя низ истифода бурда мешуд. Вале оҳиста- оҳиста новелла дигар ба маънои пурра ҳамчун ҳикоя истифода бурда нашуд. Ҳанӯз аз ибтидои пайдоиши новелла дар адабиёти урду онро адабиётшиносони урду роман меномиданд. Барои дарки амиқи маънои новелла рӯ меорем ба иқтибос аз Юсуф Тақӣ: «Нахустин романи урду ҳанӯз дар даҳсолаҳои охири асри XIX дар таълифоти адибони маъруф Назир Аҳмад, Шарор ва Русво ба чашм мехӯранд, ки дар ғанӣ гардонидани хазинаи насри урду саҳми арзандаеро доранд» [10, с. 6]. Адабиётшиносони урду дар ин бора ба таври мушаххас ва фаҳмо фикру андешаи худро баён намудаанд. Масалан, Шаҳоб Зафар Азимӣ дар асари таҳқиқотии хеш «Услуби романнависии урду» таъкид кардааст, ки «романи муосир аз он лиҳоз низ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад, ки тамоман аз ҳикоя ҳамчун жанр ҷудо гаштааст» [5, с. 11]. Агар то ибтидои асри XIX дар адабиёти урду назм ҳукмрон бошад, пас минбаъд доираи истифодаи наср низ васеъ мегардад. Дар ин давра бахусус, романнигорӣ ба сурати анъана даромад. Бисёр эҷодкорон ғояҳои асосии хешро мехостанд тавассути роман инъикос намоянд. Албатта, романнигорӣ дар заминаи холӣ пайдо нашудааст. Пеш аз ҳама, насри маорифпарваронаи англис барои ташаккули романи маорифпарварӣ дар адабиёти урду яке аз сарчашмаҳои асосӣ ба шумор меравад. Сарчашмаи дигари романнигории урду мавҷудияти анъанаҳои достоннависӣ маҳсуб мешавад. Ҳамин тариқ, лаҳзаҳои асосии якҷояшавии адабиёти асримиёнагиву адабиёти нави урду бо алоқаи зич бо адабиёти аврупоӣ ва маҳаллӣ пайдоиши қаҳрамонҳои нав, муносибати наву бошууронаи адибон ба вазифаи адабиёт, ба забон ва услуби асарофаринӣ, истифодаи навъҳои нави адабӣ, ташаккули усули эҷодии тоза ва ғайра марбут аст.

Акнун, ки мо масъалаи пайдоиши романро ба миён гузоштаем, гуфта метавонем, ки роман ҳамчун жанр дар адабиёти урду то нимаи дуюми асри XIX арзи вуҷуд надошт. Ва дар навбати худ, албатта, заминаҳои адабӣ хеле пештар барои пайдоиши ин жанр гузашта шуда буд. Дар навбати аввал роман бо инкишофи эпосҳои қаҳрамонии Ҳинд ва мардуми эронзамин алоқаманд мебошад. Ҳамин осори эпикии ҳалқӣ, насри мардумӣ, ҳикоятҳо, қиссаҳо ва достонҳо, ки қисман зикраш дар боло рафт, асоси такомули зина

ба зинаи насри урду гаштаанд, ки пойдевори романро дар ин адабиёт мустаҳкам намудааст.

Минакшӣ Мукерҷӣ дар китоби худ «Реализм ва ҳақиқат» таъкид менамояд, ки «дар раванди пайдоиши жанри роман дар бисёр адабиётҳои Ҳиндустон монандии назаррасе ба чашм мерасад. Тақрибан ҳамаи онҳо аз сарчашмаҳои якхела ғизо гирифтаанд» [7, с. 58].

Таърихи пайдоиши роман дар Ҳиндустон давраи тӯлониеро фаро мегирад. Ба маънои дигар эҷодиёти бадеӣ бо давраҳои гуногуни таърихӣ зич алоқаманд мебошад. Адабиёт бо вуҷуди инъикоси бадеии воқеоту ҳодисоти таърихӣ далелҳои раднопазири таърихро дар худ таҷассум менамояд. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки романнигории адибони сарзамини Ҳинд ба забонҳои гуногуни маҳаллӣ ва баъдан забони англисӣ рушд ёфтааст. Дар таълифи роман адибон бештар моҳияти вақту замон ва ҷараёни умумии воқеоти таърихиро дар мади назар доштанд. Ин анъана, махсусан, миёни адибони аглисзабони Ҳинд ба ҳукми қонунияти адабӣ даромада буд.

Романнигорӣ дар байни забонҳои маҳаллӣ бештар дар забони бенгалӣ ривоҷ ёфта буд. Адибон Равиндранатҳ Тҳакур, Ишвар Чандра Видясагар, Бокимчандра Чотопадҳай, Саратчандра Чоттопадҳай, Тарашанкар Бандопадҳай, Бибҳутбҳушан Бандопадҳай, Маник Бандопадҳай, Бимал Митра ва дигарон романи адабиёти бенгалиро ба зинаҳои баланд баровардаанд.

Роман дар адабиёти Ҳинд жанри нав маҳсуб мешавад. Чи хеле ки қайд кардем, ин жанри адабӣ ҳамчун жанри такомулёфта дар нимаи дуюми асри XIX дар зери таъсири бевоситаи адабиёти англис рӯ ба инкишоф ниҳодааст. Албатта, асарҳои ба жанри роман монандӣ дошта дар адабиёти санскритӣ ва ё худ дар адабиёти тоҷикӣ - форсӣ низ ба чашм мерасанд, вале дар онҳо риояи ҳамаи қонуниятҳои таълифи роман дида намешавад.

Дар адабиёти бенгалӣ ва умуман, дар сарзамини Ҳинд асари Пяречанд Митра «Алалер Гҳарер Дулал» аз нахустроманҳо шуморида мешавад. Дар асл бошад, ин асар аз намунаҳои ҳачв дар бораи заминдори ҷавонест, ки соли 1858 нашр шудааст. Пас аз ин романҳои майлони таърихӣ дошта яке паси дигар таълиф шудан гирифт. Масалан, романҳои машҳури таърихии Чаттерҷӣ «Маҳараштра ҷиван прабҳат» ва «Сандҳя ҷиван раҷпут» дар ҳамин давра навишта шудаанд.

Пас аз ин таълифи романи таърихӣ дар бисёр адабиётҳои Ҳиндустон ба расмият даромад. Барои ин вазъи сиёсӣ – иҷтимоӣ, мушкилоти рӯзгор ва нотавонии ҷомеа сабаб гашт. Бинобар ин адибон барои тасвири ишқу муҳаббат ва лаззати зиндагӣ рӯ ба қаҳрамониҳо ва дилкашиҳои зиндагии садсолаҳо пеш оварданд.

Дар адабиёти маратҳӣ бошад, аввалин романи таърихӣ – романтикӣ аз тарафи Амчандра Бикаҷӣ Гунҷикар бо номи «Мочангед» таълиф гашт, ки хати асосии сужети он дар атрофи қалъаи Шиваҷӣ сурат мегирад. Дар бисёр романҳои таърихии ин давра доир ба қаҳрамониҳои раҷпутиҳо, маратҳиҳо ва мусулмонҳо сухан меравад.

Бокимчандра дар романҳои худ «Бишабрикша» ва «Кришнакантер» душвориҳои ҳаёти иҷтимоии мардумро тасвир намудааст. Ин ду роман солҳои зиёд ҳамчун меъёри таълифи асари бадеӣ мавриди пайгирӣ қарор гирифтааст. Нависандаи малаялам Чанду Менон дар романи маъруфаш «Индулекҳа» кӯшиш намудааст, ки ишқи романтикиро бо ҳақиқати иҷтимоӣ ба ҳам оварад. Говардҳан Рамс нависандаи машҳури гуҷаратӣ қаҳрамони романаш Сарасватӣ Чандраро ба ишқи ноком дубора рӯ ба рӯ менамояд. Дӯстдоштаи Сарасватӣ бо ӯ хонадор шуда наметавонад, зеро Сарасватӣ бевазан буду хурофоти мазҳабии ҳиндуҳо ба ин ихтилоф мекард. Романи беҳтарини нависандаи маратҳӣ Ҳари Нараян Апте «Пан Лакшант Кон Гҳето» нисбати дигар асарҳои ин давра бештар майлони реалистӣ дошт. Нависанда дар ин роман ҷомеаи ҳиндуиро барои зиллат ва зӯроварӣ кардан ба бевазанҳо сахт танқид кардааст.

Чи хеле ки дар боло зикр шуд, романнигорӣ дар Ҳинд дар намудҳои мухталифи наср бармаҳал замина пайдо кардааст. Ва роҷеъ ба ин заминаҳо дар таҳқиқи мазкур тарафҳои гуногуни насри урду то пайдоиши жанри роман мавриди пажӯҳиш қарор

хоҳад гирифт. Соли 1992 Қурратулъайн Ҳайдар, яке аз адибоне, ки дар такомули романи урду саҳми босазое гузоштааст, «Наштар»* ном асари Ҳасан Шоҳро аз забони форсӣ ба англисӣ тарҷума мекунад. Воқеан ин асар дар сарзамини Ҳинд таълиф шудааст. Қ. Ҳайдар «хеле хурсандона «Наштар»-ро аз аввалин падидаи романи ҳиндустонӣ медонад» [4, с. 117]. Доир ба ин масъала, махсусан миёни урдушиносон баҳсҳои зиёде ба вуқуъ пайваст.

Вале масъалаи кадомин асар аз нахустроманҳои урду ва ё умуман Ҳиндустон ба шумор меравад, то имрӯз кушода мемонад, зеро гиру дорҳо ва далелу субутҳо унсурҳои радкунандаи комиле роҷеъ ба ин ақида вуҷуд надорад.

Инкишофи роман бошад, бевосита бо такомул ва таъсири насри адабии ғарбиён иртиботи пайваста дорад. Дар ин давра тазодҳои синфӣ миёни сарватмандону нодорону бечорагон, фурӯравии муносибатҳои феодалӣ, болоравии буржуазия, тараққиёти матбуоти даврӣ аз омилҳои асосии ангезандаи ҳаракати ҷомеа ба шумор мерафт. Чунин ангезандаҳо бештар ба пешрафти зершуури фард ҳамчун муҳаррики ҷомеа таъсири мусбӣ мерасонид. Дар баробари ҳамаи ин унсурҳо пайдоиши роман дар адабиёти урду ба афзуншавии доираи хонандагону болоравии ҷаҳонбинии онҳо такони тозае бахшид.

Дар масъалаи пайдоиши жанри роман чунин иддаое ҳаст, ки ин жанри адабӣ маҳсули вурудшудае аз адабиёти аврупоӣ мебошад. Миёни адабиётшиносони урду, ки роҷеъ ба таҳавули жанри романи урду таҳқиқ ба анҷом додаанд, то он ҷое, ки мо иттилоъ дорем, танҳо ду муҳаққиқ – Алӣ Аббос Ҳусайнӣ дар «Таърих ва танқиди романи урду» ва Эҳсон Форуқӣ дар «Таърихи таҳаввули романи урду» ин ақидаро дастгирӣ кардаанд. Маълум аст, ки романи аврупоӣ ба адабиёти урду танҳо дар садаи нуздаҳум таъсирпазир будааст, вале анъанаҳои насрнигорӣ, ҳикоятофаринӣ бо тариқаҳои мухталиф на танҳо дар адабиёти урду, балки дар аксар адабиёти Ҳинд хеле ғанӣ ва рангин ба чашм мехӯрад. Яъне пояҳои жанри адабии роман дар шаклҳои дигар вуҷуд дошта, таҳкурсии бузурги роман садсолаҳо пеш дар адабиёти урду ҷой доштааст. Ва ин фарзияро аксар адабиётшиносони урдузабон ва дигар муҳаққиқини илму адаби Ҳинд тасдиқ ва ҳимоят мекунанд.

Бояд ёдовар шуд, ки консепсияи фардият дар таносуб аз инкишофи жанри роман дар адабиёти англис дар мисоли адабиёти Ҳинд ба назар намерасад ва махсусан дар адабиёти урду. Ҳамчунин табақаи миёнаҳол ба мисли ҳаммаслакони худ дар Ғарб ва ё ба маънии буржуозии марксистӣ дар ин давра чун синфи ягона ва муттаҳид дар шимоли Ҳинд вуҷуд надошт.

Ҳамин омилҳо буданд, ки насри бадеии урдуи нимаи дувуми асри XIX хеле босуръат инкишоф ёфт. Ин ҷо саҳми коллеҷи Деҳлӣ (1825), яке аз ходимони фаъоли он Рам Чандар, Коллеҷи Форт Уилям ва адибони он, Саид Аҳмадхон, Алтоф Ҳолӣ, Муҳаммад Озод, Шиблии Нӯъмонӣ ва дигаронро бояд махсус хотирнишон кард. ***Ҳато***, ба ақидаи Суҳравардӣ «Боғу баҳор», «Ороиши маҳфил», «Қиссаи Лайлӣ ва Маҷнун», «Гули Бакаолӣ» - ро аз аввалин нишонаҳои жанри роман дар адабиёти урду номидан мумкин аст» [8, с. 25].

Минбаъд дар инкишофи роман Сурур, Назир Аҳмад, Саршор, Шарор мақоми хосаро ишғол намуданд. Онҳо чун мусаннифони маорифпарвар ба адабиёт бори нахуст аз табақаи миёна қаҳрамони навро ворид намуда, ба масъалаи ривоҷи забони адабии урду мароқ зоҳир карданд. Маорифпарварон адабиётро аз ҷиҳати ғоявӣ низ ғанӣ гардониданд. Ҳар яке аз адибони номбурда дар адабиёт нақши худро боқӣ гузоштаанд. Аз ҷумла, Саршор ба романи урду муколамаро дохил намуда, теъдоди қаҳрамонҳоро афзуд - «Фасонаи Озод». Шарор ба он низоми ҳусн ва салиқаи ҳодисаву воқеаро бахшид - «Мансур ва Моҳан». Русво бошад, ба роман санъаткорӣ, равонӣ ва ҷиҳати илмӣ ато намуд – «Умраоҷон Адо», «Шарифзода».

* Тарҷумаи ин асар, ки дар Амрико нашр шудааст, «Dancing girl» ном дорад. Номи асар дар забони форсӣ, яъне асл «Қиссаи рангин» ва ё «Афсонаи рангин» мебошад. «Наштар» номи тарҷумаи он ба забони урду мебошад, ки соли 1894 аз тарафи Саҷҷод Ҳусейн Касмандӣ ба сомон расидааст.

Романнигории урдуро С. Бухорӣ [6] ба се давра тақсим мекунад: давраи аввал аз соли 1857 то соли 1936; давраи дувум аз соли 1936 то соли 1947-50; давраи савум пас аз солҳои 1950 то солҳо баъдӣ. Вале мо бо ин ақидаи С. Бухорӣ розӣ шуда наметавонем. Зеро ба назари мо, беҳтар мебуд давраи аввали романнигории урдуро аз соли 1857 то оғози садаи XX ҳисобид ва давараи дувумро аз оғози садаи XX то соли 1930 ва давраи сеюмро аз соли 1936 то соли 1947 таъйид кард. Пас аз ин аз соли 1947 то солҳои 80 –уми асри XX давраи карахтии романи урду ва давраи шашум аз соли 1980 то имрӯзро дар бар мегирад, ки ин баҳс аз ҳадафи мақолаи мо берун аст.

Адабиёт:

1. Кожинов В. Происхождение романа. -М.: Сов.писатель, 1963.-440с.
2. Сухочев А.С. От дастана к роману: из истории художественной прозы урду XIX века.-М: Наука,1971.-245с.
3. Шкловский В.Б. Энергия заблуждения. Книга о сюжете. -М.: Советский писатель,1981. -352с.
4. Asaduddin M. First Urdu Novel: Contesting Claims and Disclaimers. –In Early Novels in India. Edited by Meenakshi Mukherjee. Delhi, 2005.
5. Azimi Shahob Zafar. Urdu naval ke asalib.-Patna, 2005.-201c.
6. Bukhari Suheil. Urdu navalnigari. Lahor: Maktabai jamia. 1960.
7. Mukherjee Meenakshi. Realism and Reality: The Novel and society in India. -Delhi, 1985.
8. Suhrawardy Shaista Akhtar Banu (Begum Ikramullah). A Critical Survey of the Development of the Urdu Novel and Short Story. -London: Longmans, Green and Co., 1945.
9. Tabassum F. Urdu dastan ke markazi kirdar. M.A. -Islamabad, 2007.-500c.
10. Taqi Yousaf. Bengal meiurdu naval.-Kalkatta, 2007.-257c.

НЕСКОЛЬКО СЛОВ О ПРОНИКНОВЕНИИ ЖАНРА РОМАНА В ЛИТЕРАТУРЕ УРДУ

Данная статья посвящена изучению и исследованию возникновения романа урду в начале XX века. Автор впервые в отечественном литературоведении приступил к изучению и исследованию данной темы и определил неизученные стороны жанра романа в литературе урду.

Ключевые слова: роман урду, развитие прозы, исторический период, влияние западного романа, идеализм и реализм, ценный вклад.

SOME WORDS ABOUT PENETRATION OF NOVEL IN URDU LITERATURE

This article is devoted to studying and research of establishment of Urdu novel in XX century. The author for the first time in the Tajik literary criticism began to study and research on the topic and found the novel's genre unexplored in Urdu literature.

Key words: Urdu novel, prose development, historical periods, influence of western novel, idealism and realism**,** valuable contribution**.**

Сведения об авторе: Холов Джовид Шодиевич, доцент кафедры таджикской филологии, Таджикский педагогический институт в городе Пенджикент, e-mail: javeed@bk.ru

Information about the author: Kholov Jovid Shodievich, docent of the department of the Tajik philology, Tajik Pedagogical Institute in Penjikent

ҶУСТУҶӮҲОИ ЭҶОДӢ ДАР САНЪАТИ СИНАМОИ ПАС АЗ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК

Бобоев Д.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ дар санъати синамои ҷавони тоҷик бо роҳҳои гуногуне пешрав буд. Хати (линия) санъати тарғибу ташвиқотӣ, ки бо намоишҳои тарғиботии аввалин вобастагӣ дорад, дар чунин коллективҳое ҳамчун телевизони тоҷик арзи ҳастӣ дошт. Дар як қисмат вай муайянкунандаи тарзи гузориш дар синомогарии тоҷик, манзур киностудияи “Тоҷикфилм” низ буд.

«Устод Осимӣ» филми мустанади Саъдулло Раҳимов, наворбардорон М. Нӯъмонов, О. Макаров, А. Пиримқулов ва васлгар Р. Атоева буда, яке беҳтарин филмҳое аст, ки дар бораи як нафар донишманд, як нафар сиёсатмадор, як нафар сари олимон нақл менамояд. Амо муҳтавои филм ин назар нест. Дар филм аслан инсонияти устод Осимӣ, ҳамроҳ бо мардуми илм ва берун аз илм, яъне мардуми одӣ будани вай дар ҷои аввал аст. Фалсафаи инсон бадан ва он инсон пайвастагиаш ба зиндагие, ки аз сар гузаронидаст, дар филми Саъдулло Раҳимов дар ҷои намоён ва ҳатто аввал меистад. Дар филми мустанад курсантҳои мактаби пулис аз ҷониби коргардон, донишҷӯёни шуъбаи актёрии Донишгоҳи ҳунарҳои зебои ба номи М. Турсунзода хеле хуб истифода барда шудаст. Дар баробари ин, филми мустанад дар асоси ҳаёт, фаъолият, фаъолияти илмӣ ва сиёсии ин донишманди тоҷик нақл мекунад. Камбудии асосии филм дар он ба назар мерасад, ки дар он асар гуфта мешавад, ки Осимӣ аз ҷониби кӯрдилон кушта шуд , аммо кӯшише аз ҷониби каргардон нашудааст, ки бигӯяд, ки ақалан сабаи марги ин марди илм ва сиёсат дар чӣ буд ва бо касе аз барандагони парвандаи куштори Осимӣ, манзур пракратураи кишвар во нахӯрдааст ва ин бинандаро маҷбур менамояд, ки сари марги фарзанди барӯманди халқи тоҷик Муҳаммад Осимӣ андеша намояд ва фол занад, ки мақсади асосии филми мустанад фол задан ё фол андохтан нест ва он бояд реалӣ наворбардорӣ мегашт ва масъалаи болои рӯи навор меомад, дар ин ҳолат филм пурра ва боз ҳам диққатҷалбкунанда мегашт.

Аз ин рӯ дар филми болоӣ, гуногунии ҷустуҷӯи бадеиро, айнан дигаршавиҳои рӯзмарра дар ҳаёти мардумони тоҷик, ки бо бунёдкории ҷараёни сохтори навини пас аз сотсиализм вобастагӣ дорад, худи ҳақиқит муайян мекард, ки ин назарро филм фарогир аст. Нақши бузургеро дар ташаккули сабкҳои публитсистикии саҳнавӣ пайдарпаии якҷоягии бадеият ва ҳуҷҷатият дар худи сохтори асарҳои саҳнавӣ иҷро мекард. Маҳз нерӯи ҳақиқати ҳуҷҷатӣ, ки худ аз худ баъзан хеле муҳим ва сохта ба мисли он, ки бо камоне дар даст барои афкори озод будан, мубориза бурдан буд, ёрдами сохтани филмҳои аз рӯи характер публистикӣ ва таъсири фаъолеро барои бинанда пешкаш мекард. Илова бар ин дар солҳои ҷанги дохилӣ ҳуҷҷат, ки фақат собиткунандаи ҳолат буда шаҳодати шоҳидӣ дошт, мавриди баррасии комил буд, лекин баъдтар вай хусусиятҳои алоқаҳои чудонашавандаи худро бо сохтори асарҳои бадеӣ доро гашт. Ин хусусиятҳо дар он шарҳи маҳдуди ҳуҷҷат дар саҳна айён гашт, ки имкони аз нав дида баромадани ҳақиқат, нишон додани одият, воқеиятӣ ва ғайриқатъигии онро медоданд.

Дар баробари қаҳрамони нав, асоси ихтилофи нави ҳуҷҷатият низ ҳамчун яке аз хусусиятҳои марказии баёнгари намоишҳои аввалии публистикии мазмун ва хусусияти қаҳрамонона-достонӣ дошта, дар кинои пас аз истиқлолияти пас аз солҳои 1992 то ба имрӯз гашт, ки ин мероси аз театрҳо ва филмҳои мустанаду бадеии шӯравӣ монда мебошад ва он дар филми мустанади “Устод Осимӣ” аз ҷониби коргардон хеле ҷолиб ба навор бардошта шудааст.

Дар ҳамин ҳол, агар ба мероси гузаштаи театри шуравӣ бингарем, вақте, ки ҳайати театри МГСПС бори аввал бо песаи В. Билль-Белоцерковский “Тиф”(номи аввалааш “Шторм”) шинос шуданд, бисёре аз актиёрон бо назари шубҳаомезе ба он назар карданд. “Хато намекунам агар гӯям, ки аз тамоми ҳайат фақат як ё ду нафар песаро қабул кард, гуем хато намекунем” [4, с. 85], – навиіта буд режиссёри театр, басаҳнагузорандаи намоиш Е. Любимов-Ланской, ки ин назарро метавонем ба филмҳои мустанади пас аз истиқлоли тоҷик низ ташбеҳ бидиҳам.

Дар ҳақиқат филми мустанади “Сомониён”, ки сенарияи онро Д. Раҳматов навишта, коргардони он М Арабов, ва наворбардор Г. Ортиқов аст, дар кинои телевизонии мустанади пас аз истиқлолияти тоҷик эҷодиёти ғайримуқаррарӣ буд, гарчанде дар он расмҳои тарғиботии маъмулӣ мавҷуд буд. Вай бо воқеиятии худ ҳуҷҷатиятӣ муқаррарӣ, рӯзмарраро тасхир ва маҳв мекард. Дар он гузоришҳои ҳуҷҷатиятҳои ҷудогона вуҷуд надоштанд. Тамоми мазмуни филм воқеаномаи фаолияти давлатсозии тоҷикони асри пас аз истилои араб, он одамон буд, ки барои онҳо меҳнати рӯзмарраи бисёр душвори барои мубориза барои истиқлолият сарф кардашон, ҳамчун

корҳои муқаррарӣ ба ҳисоб мерафт. Онҳо худро берун аз муборизаи истиқлолиятхоҳона тасаввур карда наметавонистанд. Онҳо худро комилан дар қабои романтикии қаҳрамонҳо оро намедоданд, балки ба мисли ӯ зиндагӣ мекарданд. Гӯё аз пойҳои қаҳрамони театри тарғиботӣ, ки дер боз котурнаҳои (навъи пойафзоли пошнабаланд, ки артистони театрҳои қадимии Юнон ва Рим барои ҳашамат мепӯшиданд) қолибӣ доштанд, кашида шуданд. Филмҳои мустанади тарғиботии “Бист соли истиқлол” низ монанд ба ҳамин филми мустанади “Сомонён” аст, ки он ҳануз 1999 ба навор гирифта шуда буда ба ҷашни 1100 солагии давлати нахустини тоҷикон Сомониён бахшида шуда буд.

Ин гуна намоишро аз рӯи ғояҳои синамоӣ ба саҳна гузошта, ҳаяҷони дарҷкунии рӯзҳои муқаррарӣ ва кӯшиши расонидан ба аудитория ғайриоддигии одиятро иҷро мекарданд. Аз фикри бофта ба хотири мақсади асосӣ гузашт карда-ифшои мазмуни қаҳрамонии қаторӣ дар мадди аввали назари ҳақиқати корҳои рӯзмарраи ҳизбии кумитаи ҳизб буд. Ҳанӯз С. Раҳимов дар ин бора навишта буд: “тасодуфият, хроникавӣ, набудани дасисаи умумӣ, инкор аз қонунҳои умумии сохтори намоиш “дар маънои муқаррарии худ” дар ҳақиқат дар филмҳои мустанади пас аз соли 1992 мавҷуд мебошад. Аммо агар ҳуқуқи доштани сабки воқеанигории қаҳрамониро ба ӯ диҳем, ин маломатҳо дур мешаванд” [5, с. 65].

Чун ки худ аз худ сабки намоишӣ дараҷаи бадеие аст, ки новобаста бо идроки санъат вобастагӣ дорад, ё ташаккули сохтҳои сабкӣ дар бисёр мавридҳо аз талаботи тамошобин яъне аз “супоришҳои” шартии ҷамъиятӣ, таърихии синамо вобастагӣ дорад.

Чунин низ толеи сабки саҳнавии киноҳои мустанади тоҷик сабки бадеиву-публистикии қаҳрамонии санавӣ, ки пур аз эҳтирос ва қаҳрамонӣ, ки барои барпосозии ҷамъияти нав, мубориза барои мақсадҳои олии он мутобиқат мекард, гузошта шуда буд.

Танзимдарории бадеии филмҳои мустанад сохтори сабкии синаморо пурратар мекард, ки мо инро дар аксари филмҳои пас аз истиқлолияд дида метавонем. Масалан дар саҳна нақши ориёнӣ, ва нишони дини Зардушт уқоби болпаҳни нуқрафом- сапедии ба тарафи тамошобин рӯ ба кунҷҳояш истода буд. Чунин тарзи тартибдиҳӣ диққати тамошобинро ҷалбтар мекард, гӯё ӯро муттамарказ мекард ва ҳамчун шуоъ ба сӯи худи ҳаракат, ба амали иҷрошудаистода, равона мекард. Дар экране, ки дар толор ҷойгир буд, номҳои ба тарзи зуд зуд ивазшавандаи расмҳои синамо пайдо мешуданд. Ҳамаи ин лаҳни публистикии синаморо, бисёрии нақлро дар бораи муборизаи мардум барои созандагӣ ифода мекард.

Фарқияти филм аз гузоришҳои тарғиботиву-ташвиқотии солҳои аввал боз дар ҳаҷми он, мукаммалии характерҳо, ки он қадар ба намуди тез ба новобастагии фаҳмидани бинанда, ҳамчун элементи ташаккули саҳнавӣ дониста мешавад низ буд. Ин гӯё ҳамчун бурриши намоён ва дақиқи дарёфти тавсиф, мукаммалӣ, таъсирбахшӣ, вале бе тобишдиҳии муфассали талаботҳои рӯҳӣ ва маишӣ буд.

Актиёри хурдсол ва баъдтар М. Шодиев нақши Исмоилро офаридаанд, ки амал аз рӯи ҳуҷҷатҳои таърихӣ ба навор бардошта шудааст ва бори аввал дар кинои мустанади пас аз истиқлоли тоҷик актёр истифода гаштааст. Дар иҷроиши якумӣ вай шабоҳат ба машъал, алобе, ки хомӯш кардан номумкин аст... вай қодир буд аз баҳари ҳама барои сохтани давлати иронӣ, даст кашад. Ин на он қадар муфассалии тинати фоҷиаовар буд, балки худраъйии тинати як нафар ватандор буд. Дар намуди дигар Исмоилро М. Шодиев бозида буд, лекин ӯ низ ҳам каме мулоим, каме ботамкинона дар филм ҳамаи он хусусиятҳои типологии пешинаро пешниҳод карда буд.

Дар мавриди худ Исмоили Сомонӣ дар тамоми таҳлили саҳнавии худ қисман бо шакли плакатии синамои тарғиботӣ вобастагӣ дошт. Ин алоқа бо мизоҷи кушоди сиёсии ба тарзи хушобуранги ҳал ва мӯҷазбаёнии воситаҳои баён ифода меёфт. Хусусан ин дар намоиши вақте, ки тамошобин дар саҳна воқеаи ба худ хеле шиносро, монанди аз ҳаёти ҳақиқӣ гирфташудаи андомҳои инсонии ях карда истодаи пӯишҳои нобоб дар

тан доштаи одамони мусаллаҳ бо афкори миллатсозӣ ва сурудҳои форсӣ- тоҷикӣ, ки ба мубориза, яъне ба ҷанг рафта истодаанд, намудор мешавад. Тарзи гузориши актёрон дар ин саҳна бо ҷобаҷогузории дақиқи хатҳо ва рафторҳо фарқ мекарданд, ки коргардонҳо аз ин намуди кори бадеӣ хеле хуб истифода намуда, онро аз ҷиҳате дакументалӣ намудаанд, ки дар таъриххо ҷой дорад.

Филм барои тамошибинони толор каломҳои гарму ҷӯшони даъватҳои созандагиро пешкаш карда, онҳоро дар зери таъсири филм ягона месохт, ки ҳамаи қисматҳои синамо: танзимот, шуоъ, мусиқӣ, режиссура, иҷроиши нақшҳо, ки ҳама тобеи як мақсад- якбора, куллан эҳсосот ва ҳуши бинандаро бо бомаънигӣ, рӯзмаррагии ҳодисаи баамал омада тасхир намояд, ба ӯ чунин нерӯи эҳсосотӣ диҳад, ки баъди тамошои филм, тамошобин ифодаи онро дар меҳнатҳои бунёдкорона, дар амалҳои қаҳрамонона, дар туфони нави кушоишот пайдо хоҳад кард.

Одатан синамои публисистӣ бо ҳуҷҷатият ва маълумотҳои худ на фақат дар асоси тасвири дақиқи муосирият ва баҳодиҳии он аз тарафи коргардон-наққош сохта мешавад. Ҳуҷҷат метавонад ифодаи публисистии эҳтимолӣ низ дошта бошад. Дар чунин мавридҳо наққоши кино фақат ин имкониятро истифода барад, мазмуни онро ифшо карда бо воситаи шаклҳои саҳнавӣ онро дигаргун менамояд. Лекин ин тариқи ягонаи ба даст овардани тарзи публисистӣ нест. Нақши асосиро дар ин мавридҳо мақоми ҳисси граждании режисёр-наққош, ки на фақат интихоби масолеҳи ҳуҷҷатӣ аст, балки боз худи тарзи гузориши масъалаҳои публистӣ бозӣ мекунад.

Ҳамин тавр публисистикаи он як қисмати моҳияти ҷаҳонбинӣ, ки аз тарафи наққоши кино дар асари санъатӣ гузошта шудааст, ташкил медиҳад. Ҳуҷҷатият ва публистикӣ бо ҳамдигар ҳамшабеҳ нестанд. Онҳо метавонанд нуқтаҳои ба ҳам расандае дошта бошанд, лекин муҳим нест, ки мавҷудияти масолеҳи ҳуҷҷатӣ дар филм алоқамандие бо хониши публистикии он дошта бошад.

Адабиёт:

1. Ильин Р. И. Телевизионное изображение. - М., 1964.
2. Куёзнецов Г. В. Журналист на экране. - М., 1964.
3. Муратов С. А. Документальный телефильм. Незаконченная биография. – М.: ВК, 2009.
4. Образцова А. «Шторм». Спектакли и годы. Сборник. - М., 1969.
5. Раҳимов С. Режиссер Мейерхольд. - М., 1969.
6. Сагалаева Ю. Возвращение в Кучугуры. - М., 1999.
7. Юровский А. Я. Телевидение – поиски и решения. 2-е издания. - М., 1983.

ТВОРЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ТАДЖИКСКОГО КИНОМОТОГРАФИЧЕСКОГО ИССКУСТВА ПОСЛЕ ПРИОБРЕТЕНИЯ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Автор статьи анализирует сохраненные художественно-публицистические традиции в таджикской кинопублицистике и поиск новых героев и образов, появление новых тем в современной документалистике таджикского кино после приобретения независимости Республики Таджикистан.

Ключевые слова: документальный фильм, личность, художественный образ, мировоззрение, публицистика.

CREATIVE SEARCHES IN A MODERN TAJIK DOCUMENTARY FILM

The author of article analyzes the kept traditions of art and political journalism in the Tajik film and search of new heroes and images, occurrence of new themes in documentary films of the modern Tajik cinema after the independence of republic of Tajikistan.

Key words: a documentary film, the person, an artistic image, outlook, political journalism.

Сведения об авторе: Бобоев Дустмурод, кандидат филологических наук, доцент кафедры телевидения и радиовещания Таджикского национального университета, dust-murod@bk.ru

Information about the author: Boboev Dustmurod, PhD of philological sciences, docent of chair of television and broadcasting, Tajik National University

ОРОИШ ВА ДИЗАЙН ДАР МАТБУОТИ КӮДАКОНА (ДАР МИСОЛИ «АНБОЗ» ВА «ПИОНЕРИ ТОҶИКИСТОН»)

Қадамова Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуоти кӯдакона ҷузъи ҷудонашавандаи ВАО пазируфта шудааст. Дар баробари дигар нашрияҳо матбуоти кӯдакона дорои хусусиятҳои хос мебошад ва масъалаи ороиши ин гуна матбуот низ таваҷҷуҳи хоса мехоҳад. Талабот дар бозори матбуоти кӯдакона комилан аз анвои бозори матбуоти дигар фарқ мекунад, агар ҷалб намудани таваҷҷуҳи кӯдакон як паҳлуи масъала бошад, паҳлуи дигар назардошти психологияи аудиторияи кӯдакона, хусусиятҳои синнусолии онҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ барои онҳост. Бо мақсади равшантар нишон додани вазъи кунунии ороиш дар матбуоти кӯдаконаи Тоҷикистон ороиши нашрияи «Пионери Тоҷикистон» (ҳамчун аввалин намунаи матбуоти кӯдакона дар кишвар) ва «Анбоз», ки имрӯз идомаи ҳамон рӯзномаи «Пионерии Тоҷикистон» аст, ба баррасӣ гирифта шуд.

Марио Гарсиа яке аз муҳаққиқ ва дизайнерони машҳури рӯзнома дар нашри сеюми китоби худ «Contemporary Newspaper Design» («Ороиши муосири газета») менависад, ки «…сифати баланд дар ороиши газета - ин бонизом ва дуруст пайваст намудани матн бо дигар ҷузъҳои аёнӣ: ҳуруф, сурат, расмҳои ранга, гарификаи иттилоотӣ ва «доғҳои сафед» мебошад. Агар ин пайвастнамоӣ ба таври дуруст сурат бигирад, диққати хонандаро ба худ ҷалб ва иттилоъро ҳадафрастар мекунад” [3].

5-уми апрели соли 1932 дар Тоҷикистон шумораи аввалини рӯзнома барои бачаҳо ва дар бораи бачаҳо «Пионери Тоҷикистон» бо ҳуруфи лотинӣ аз чоп баромад. “Бесаводиро нест мекунем!”, “Маҳви бесаводӣ дар оилаи худамон” - таҳти ин рубрикаҳо хабарҳои мактабиён чоп мешуданд. Рӯзнома дар саводнокунии бачаҳо ва аҳли оилаи онҳо тӯли солҳои 1934-1938 иштирок намуд [7].

Шумораи 21 (99) 5 июни соли 1934-ро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. «Қисмати сарлавҳа, ё бахши унвонии газета, ҳафтавор ё маҷалла, (ки дар замони мо логотип номида мешавад), дар ВАО мавқеи калон дорад. Вай чун воситаи ташхиси мавқеи нашрия дар олами ВАО ва муйянкунандаи «симо»-и он дар байни дигар газетаҳо, чун рамз ва тамғаи тиҷоратии газета шинохта шудааст» [6, с. 8].

Дар қисми болии саҳифаи аввали нашрия дар тарафи чап навиштаҷоти “Дар мубориза барои кори синфӣ тайёр бош” ва дар тарафи рост “Пролетарҳои ҳамаи ҷаҳон як шавед” омадааст, ки ҷузъи муҳими логотипи газетаро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, дар тарафи рости саҳифа доир ба соли нашр, нархи обуна, адреси идораи нашрия, рақам, сол, моҳ ва рӯзи нашри рӯзнома маълумот дода шудааст. Аз солҳои 34-уми шуруъ карда то солҳои 40 рӯзнома бо ранги сафеду сиёҳ дар формати А3, дар ҳаҷми 4 саҳифа нашр мешуд. Дар навишти матн аз як, ду навъи ҳуруф истифода карда шудааст. Сарлавҳа ва зерсалавҳо бо ҳуруфи равғанӣ навишта мешуданд. Сутунҳоро аз якдигар, бар акси зуҳуроти имрӯза, ки танҳо бо «доғҳои сафед» ҷудо мекунанд, хати сиёҳ ҷудо мекард. Аз тасвир ва суратҳо хеле кам истифода мекарданд. Дар шумораҳои муқаррарӣ дуто сурат, танҳо дар шумораҳои вобаста ба ҷашну идоҳо то 5-то сурат ҳамагӣ дар як шумора истифода мешуд, ки ин мутаносибан 1-2%-и тамоми масоҳати шумораро дар бар мегирифтанд. Сифати суратҳо хеле паст буд, албатта, ин хоси технологияи он замон аст, аммо ба замми ин бо гузашти солҳо дар бастаи китобхона коғазҳо, ки равғанӣ буданд, ранги онҳо зардтар шуда, суратҳо тамоман хира гаштаанд. Як хусусияти хоси истифодаи сурат дар нашрия бамаврид аст. Ҳар сурате, ки дар нашрия мавриди истифода қарор мегирифт, дар зераш навиштаҷот мавҷуд буд.

Соли 1940 бошад, «Пионери Тоҷикситон» дар ҳаҷми 2 саҳифа нашр мешуд. Истифодаи расму тасвирҳо зиёд ва сифаташон беҳтар ба назар мерасид. Дар бархе саҳифаҳо ба ғайр аз ранги сиёҳ рангҳои кабуд, сурх ва сабзро низ ба кор мебурданд. Дар шумораи 40-уми 02.06.1940 логотипи «Пионери Тоҷикистон» ба ҳуруфи кириллӣ

нашр шудааст. Ба мо маълум аст, ки он сол мо аз хати лотинӣ ба хати кириллӣ гузаштем. Аз 6-уми июн бошад, дар баъзе сарлавҳа ва зерсарлавҳаҳо ҳуруфи крилӣ мавриди истифода қарор мегирифт. Зери рубрикаҳои «Дар республикаҳои бародарӣ», «Дар хориҷа» мавод нашр мешуданд. Баъзан дар саҳифаҳои рӯзнома зери унвони «Телеграф хабар медиҳад» хабарҳои мамлакатҳои хориҷ ва Шӯравӣ ва хабару аксҳои «ТАСС» истифода мешуданд. Аз шумораи 76 (776) 22.10.1940 баъзе хабару мақолаҳо пурра бо ҳуруфи кириллӣ нашр мешуданд. Дар саҳифаҳои охири рӯзнома баъзан чайнворд ва чистонҳо дар шумораҳои № 9 (701) 3.02.1940, № 41 (743) 6. 06. 1940 барои тафреҳи бачаҳо интишор меёфт.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ рӯзнома муваққатан аз чоп боз монд ва баъди як соли хотимаи ҷанг, 9 майи соли 1946 чопи он барқарор шуд. Аз солҳои 1950 рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» пурра бо ҳуруфи кириллӣ нашр мешуд. Дар шумораи якуми соли 1950 сутуни матнҳо на бо хат, балки ба бо «доғҳои сафед» ҷудо мешуданд. Дар ин сол муҳаррири масъул В. Асрорӣ буд. Рӯзнома дар ҳаҷми 4 саҳифа нашр мешуд.

Солҳои 1960 бошад, рӯзнома ба логотипи худ тағйирот ворид намуд. Логотип дар тарафи рости нашрия ҷойгир шуда дар қисмати болои он шиори «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо, як шавед», «Ба муборизаи барои кори партияи коммунистӣ тайёр бош» ҷой дода шудааст. Калимаи «Пионер» дар фони сиёҳ бо ҳарфҳои сафед «Тоҷикистон» бошад, бо ҳарфҳои ғафси сиёҳ нигошта шудааст. Аз тарафи чапи он нишони сарисинагии пионерон ва аз тарфи рост расми се мактаббача ҷойгир шудааст. Дар қисмати поёнии логотип бошад, қатори унвондор ҷойгир шудааст. Дар шумораи №29 аз 9. 04. 1960 бошад, логотипи рӯзнома ба таври амуди ҷойгир шудааст.

Соли 1980 логотипи рӯзнома ва бархе аз сарлавҳаҳо бо ранги сурх нашр мешуд. Дар ин солҳо муҳарририи рӯзномаро Г. Сафиева бар уҳда дошт. Лозим ба қайд аст, ки логотип ва маводи рӯзнома гоҳо ба тариқи амудӣ – аз поён ба болои саҳифа, саҳифаҳои 3-4 шумораи №17 27.03.1980 ҷой дода мешуд . Дар ин давра расму тасвирҳои зиёде мавриди истифода қарор мегирифтанд. Истифодаи сурат дар матн бамаврид аст ва таваҷҷуҳи хонандаро ба худ ҷалб меунад, чунон ки профессор А. Саъдуллоев қайд мекунад: «Тасвир дар газета ахборест, ки хонанда аввалтар аз ҳама ба он аҳамият медиҳад» [6, с. 12].

Инчунин, дар солҳои 80-ум дар паспорти рӯзнома тағйирот ба вуҷуд омад. Дар баробари маълумот дар бораи ҳайати таҳририя ва нишонии рӯзнома инчунин дар бораи адад ва рӯзҳои нашр низ маълумот ҷойгир шуда карда мешуд. Дар ин солҳо рӯзнома дар як ҳафта ду маротиба чоп мешуд - рӯзи чаҳоршанбе ва шанбе.

Солҳои 1990 дар ороиши рӯзнома дигаргунӣ ба амал омад. Ҳангоми омода намудани саҳифаҳои газета аз ҳама унсурҳои хоси дизайн истифода мебурданд. Мишел А. Картер яке аз дизайнерони машҳури газета бар он назар аст, ки «ороиш (дизайн) - ин ҷараён аст, на ин ки маҳсулот ва он бояд ноаён бошад. Ин ҷараён аз муоинаи дақиқи хурдтарини ҷузҳои одӣ, аз қабили сафедии муайян миёни сутунҳо, сарлавҳа ва матн, сурат ва навиштаҷоти зери онҳо шуруъ мешавад» [3].

Дар солҳои 1990 сармуҳаририи «Пионери Тоҷикистон»-ро Талъат Нигорӣ бар ӯҳда дошт. Дар саҳифаҳои рӯзнома акс ва тасвирҳои истифода шуда маҳсули кормандони рӯзнома буданд.

Соли 1990 «Пионери Тоҷикситон» ба «Анбоз» тағйири ном кард. Баъд пошхӯрии Иттиҳодӣ Шӯравӣ ва аз байн рафтани камсамолу ташкилоти пионерии ҷумҳурӣ, ки рӯзнома органи онҳо буд «Анбоз» муддате байни «замину осмон» монд. Баъд, азбаски мақоми давлатӣ дошт, Вазорти фарҳанг (он замон Вазорати фарҳанг ва иттилоот) чун сохтори иттилоотӣ давлатӣ сарпарастии нашрияро ба уҳда гирифт [7].

Аз соли 1991 ин ҷониб «Анбоз» зери шиори «Дониш талабу бузурги омӯз», логотипаш бо ду ҳуруф кириллӣ ва форсӣ ва дар зери логотип навиштаҷоти «ҳафтаномаи бачаҳову наврасон» бо ранги сабз дар формати А3, дар ҳаҷми 4 саҳифа нашр мешуд. Паспорти ҳафтанома дар сахифаи 4 нашр шудааст. Саҳифаи аввалу охири рӯзнома бо ранги сабз нашр мешуданд. Гарчанде «Анбоз» рӯзнома барои бачаҳо

бошад, дар саҳифаҳои он мақолаҳо оид ба воқеаҳои солҳои 90-ум нашр мешуданд. Дар саҳифаи аввали рӯзнома рӯйдодҳои муҳими кишвар дар шакли хабар нашр мешуданд. Мавод дар саҳифаҳо дар панҷ сутун ҷойгир карда мешуд ва сутунҳоро доғҳои сафед аз ҳам ҷудо менамуданд.

Дар соли 1992 рӯзномаи «Анбоз» бо ҳамон логотип ва ҳамон андозаи А3 дар ҳаҷми 8 саҳифа нашр мешуд. Дар саҳифаи 8-уми рӯзнома барои фароғати хонандагон кроссворд, ҳикояҳои ҳаҷвӣ ва шеърҳои шогирдони мактабҳои ҷумҳурӣ нашр мешуд.

Ҳамон сол дар дохили рӯзномаи «Анбоз» саҳифае барои хурдсолон бо номи «Булбулакон» нашр мешуд, ки аз ҳаёти хонандагони хурдсол ва матлабҳои онҳоро рӯйи чоп меовард. Дар ҳафта як маротиба, рӯзи шанбе нашр мешуд. Дар сарлавҳаҳо аз гарнитураҳои гуногун истифода мешуд, вале ҳуруфи матн якаранг буд. Суратҳое, ки мавриди истифода қарор мегирифтанд, мувофиқи матн ва пуркунандаи он буданд. Аз 11 апрели соли 1992 №15 «Анбоз» боз дар ҳаҷми 4 саҳифа нашр мешуд. Саҳифаи аввалу охир бо ранги сурху сафед чоп мегардиданд.

Солҳои 2000-2001 «Анбоз» бо дастгирии молявии Хазинаи кӯдакони СММ - ЮНИСЕФ, дар формати А4 дар ҳаҷми 16 саҳифа, моҳе як маротиба бо теъдоди 5100 нусха нашр мешуд. Паспорти рӯзнома дар саҳифаи 16 аз боло ба поён дар тарафи рост ҷойгир буд. Дар саҳифаи 8-9 бошад, чун ҳамешагӣ саҳифа барои хурдсолон «Булбулакон» ҷойгир мешуд.

Анонси мавод дар саҳифаи аввали нашрияҳо хоси замони муосир буда, барои диққати хонандаро ба худ ҷалб кардан дар саҳифаи аввали рӯзнома мавриди истифода қарор мегиранд. Дар шумораи апрелии соли 2001 дар саҳифаи аввал анонси мавод оварда шудааст. Дар ҳамин шумора логотипи нашрия аз боло ба поён дар тарафи чапи саҳифаи аввал нашр шудааст. Ҳамчунин дар саҳифаи аввал хабарҳои муҳим зери рубрикаи «Чидаахбор» чоп шудаанд. Аз соли 2000 то 2005 сармуҳарири ҳафтаномаро Т. Султонӣ бар зимма дошт. Солҳои 2000-2001 муассисии «Анбоз»-ро Вазорати фарҳанги ҶТ, аҳли эҷодии нашрия ва Хазинаи кӯдакони СМ ЮНИСЕФ бар ӯҳда доштанд. Аз моҳи июли соли 2001 формати нашрияи «Анбоз» ба А3 мубаддал шуд ва дар ҳаҷми 8 саҳифа интишор мегардид. Дар охири саҳифаҳо кроссворд, филворд, муаммо ва латифаҳо зери рубрикаи «Лабханд» ҷойгир мешуданд. Дар сарлавҳа ва зерсарлавҳаҳо бо ҳуруфҳои гуногун ва диққатҷалбкунанда, ки мавриди ниёзи хонандагони хурд аст, истифода мешуд.

Дар солҳои 2004-2005 чун анъана саҳифаи «Булбулакон» дар саҳифаи 4, зери рубрикаҳои «Аз карда пушаймонем» нигоштаи шогирдони мактабҳо, «Дар чорсӯ» назари хонандагон доир ба ин ё он мушкилоти ҳаёт, «Посух ба савол» саволҳои хонандагон дар дигар саҳифаҳо нашр мешуданд. Қариб, ки дар ҳамаи саҳифаҳо барои фароғати кӯдакон кроссворд, аннаворд, филворд, ва муаммоҳо (дар ягон шумораи рӯзнома гуфтаанд, ки инҳо чӣ маънӣ доранд) мавриди истифода қарор мегирифтан. Дар баробари кор бурдани холигиҳои муайян дар миёни сутунҳо, инчунин аз қолибҳо ва чорчӯбаҳои гуногун барои ҷудо кардани матнҳо истифода мешуд. Расму тасвирҳои гуногун мувофиқи завқи хонандагон дар матнҳо истифода мешуд. Паспорти нашрия дар саҳифа 8 аз чап ба рост нашр мешуд. Дар ин солҳо ду моҳ дар як шумора чоп мешуд.

Соли 2007 дар қисми болои ҳама саҳифаҳои нашрия ду мисра шеър аз эъҷодиёти шоирони гузаштаву муосир, ки ҷанбаи тарбиявӣ ахлоқӣ доштанд, нашр мешуд. Барои мисол ороиши як шумораи рӯзномаи «Анбоз»-ро аз моҳи апрели соли 2007 дида мебароем. Дар саҳифаи аввал хабарҳои муҳим ва анонси маталбҳо, дар саҳифаи 2 боз як навиштаи хонанда дар як сутун дар зери он навишта ановорд ҷойгир шудааст. Дар тарафи рости саҳифа бошад, зери рубрикаи «Кошонаи хирад» зери сарлавҳаи «Бо модари хеш меҳрубон бош» мавод нашр шудааст. Дар қисмати болоии саҳифаи 3 аз тарафи рост бо ҳуруфи калони сиёҳ чистонҳо оварда шудаанд. Дар тарафи чапи саҳифа бошад, маводи шогирди мактаби Душанбе зери сарлавҳаи «Себи ҳафтсин» дар ду сутун то поёни саҳифа оварда шудааст. Дар тарфи рости саҳифа бошад зери рубрикаи «Дар

чорсу» андешаи сокинони шаҳр ҷойгир шудааст. Дар зери ин рубрика тезгӯяк ва филворди гулҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд. Гуфтан ба маврид аст, ки ин маводҳо аз якдигар таввассути раҳҳои гуногун (кубик, гулчаҳо, баргчаҳо ва ғ) ҷудо шудаанд. Саҳифаи 4 боз саҳифаи хурдсолон «Булбулакон» ҷойгир шудааст. Дар ин саҳифа маводҳоеро ҷойгир мекунанд, ки худи хурдсолон навиштаанд ё маводи дар барои хурдсолон навишташударо ҷой медиҳанд. Саҳифа 7 бошад, зери рубрикаи «Аз ҳаёти нависандагони бачагона» мавод нашр меунанд. Матни ин саҳифа аслан дар 5 сутун ҷойгир мешавад. Дар саҳифаи 8 бошад, зери рубрикаи «РАНГОРАНГ» аз ҳаёти кӯдакон хабарҳои муҳимро нашр мекунанд. Аз соли 2006 ин ҷониб сармуҳарири онро Халифабобо Ҷумъазод бар зимма дорад.

Соли 2008 «Анбоз» бо ранги кабуд дар ҳаҷм 4 саҳифа нашр мешавад. Дар саҳифаи аввалу охири нашрия сарлавҳа ва бархе аз зерсарлавҳаҳо бо ранги кабуд нашр мешаванд.

Соли 2010 ду саҳифаи он аввалу охир ранга, дар формати А3, дар ҳаҷми 4 саҳифа нашр мешуд. Аз соли 20013 то ҳозир ҳама саҳифаҳои он ранга дар формати А1, дар ҳаҷми 8 саҳифа нашр мешавад.

Агар аз соли аввали нашри «Пионери Тоҷикистон» то «Анбоз» бингарем, маводи ҳамаи саҳифаҳо ҷанбаи тарбиявӣ ахлоқӣ доранд. Дар мавриди ороиши ин матбуот ҳаминро гуфтанием, ки бо мурури замон чизи куҳна аз байн меравад ва ҷойи онро чизи нав мегирад. Дар он замон «Пионери Тоҷикистон» тавонист усули хосеро ҳам дар матлабҳои худ ва ҳам дар дизайни худ истифода барад. Гарчанде дар ороишаш аз имкониятҳои кам истифода мебурд, тавонист ба яке аз рӯзномаҳои маҳбубу машҳур барои кӯдакони тамоми ҷумҳурӣ мубаддал гардад. Дар ҳоли ҳозир «Анбоз» он рисолате, ки дар он замон «Пионери Тоҷикситон» дошт, анҷом дода наметавонад. Дар солҳои пеш рӯзномаи «Пионери Тоҷикситон» дар як ҳафта ду маротиба нашр мешуд, аммо «Анбоз» дар як моҳ як маротиба нашр мешавад. Бо вуҷуди ин кормандони ҳафтаномаи «Анбоз» кӯшиш мекунанд, ки маводҳои ҷолиб ва мариди таваҷҷуҳӣ хонандагони хурдсолро рӯйи чоп биоваранд. Дар мавриди дизайн ва ороиши «Анбоз» ҳаминро гуфтанием, ки то андозае ба меъёрҳои замони муосир омода мегардад.

Адабиёт:

1. Анбоз. – 1990 - 2014.
2. Головко Е.Б. Дизайн российских газет: генезис, современное состояние и тенденсии развития: автореф: дис. … канд. филол. наук. - М., 2011. - 22 с.
3. Марио Гарсиа. Современный дизайн газет [Электронный ресурс]. – URL: http://evartist.narod.ru
4. Пионери Тоҷикистон. – 1934 - 1990.
5. Розенсон И. Основы теории дизайна.- СПб.: Питер, 2006. – 224 с.
6. Саъдуллоев А. Саҳифабандӣ ва чопи газета. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 128 с.
7. Таълат Нигорӣ. Нашрияи «Анбоз» ба дастгирии ҷиддии давлатӣ ниёз дорад // Ҷумҳурият. – 2012. – 7 апрел.
8. Тулупов В. В. Дизайн периодических изданий.- СПб.: Питер, 2008. - 224 с.

ОФОРМЛЕНИЕ И ДИЗАЙН ДЕТСКО-ЮНОШЕСКОЙ ПЕЧАТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ (НА ПРИМЕРАХ ГАЗЕТ «ПИОНЕРИ ТОҶИКИСТОН» (ПИОНЕР ТАДЖИКИСТАНА) И «АНБОЗ» (ПОПУТЧИК))

В статье впервые анализируется дизайн детско-юношеской газеты на таджикском языке. Автор на примерах первой детско-юношеской газеты «Пионери Точикистон», которая была основана в 1932 году и в 1990 году была переименована на «Анбоз». В статье особое внимание уделяется оформлению логотипа и ее составляющих - страниц, рубрик.

Ключевые слова: оформление, дизайн, размер, верстка, колонки, рубрики.

LAYOUT AND DESIGN JUNIOR PRINT IN TAJIKISTAN (THE EXAMPLES OF THE NEWSPAPERS "PIONEER TOJIKISTON" (PIONEER TAJIKISTAN) AND "ANBOZ" (THE HITCHER))

The paper first analyzes the design of children's and youth newspapers in the Tajik language. By using examples of the first junior newspaper "Pioneer Tochikiston ", which was founded in 1932 and in 1990 was renamed to "Anboz". The article focuses on the design of the logo and its components, pages, categories.

Key words: decoration, design, size, layout, column headings.

Сведения об авторе: Кадамова Нихони, аспирант Таджикского национального университета, e-mail: stela-555@mail.ru

Information about the author: Qadamova Nihoni, post-gradute student of the Tajik National University

СОХТ ВА МУНДАРИҶАИ ДЕВОНИ ИМЛОИ БУХОРОӢ

Маҳмудзода О. Б.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Мулло Муҳаммад ибни Алоуддин ибни Азиз ибни Шайх Юсуфиддин ибни Ҷорунхоҷаи Араб мутахаллис ба Имло ва мансуб ба Бухороӣ аз ҷумлаи он шоиронест, ки нусхаҳои зиёди девонҳояш то замони мо расидааст. Танҳо дар Тоҷкистон 29 девони Имло вуҷуд дорад, ки дар фонди дастнависҳои Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва осори хаттии Академияи илмҳои Тоҷикистон, захираи дастнависҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон, осорхонаи А.А. Семенов ва Китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад. Ба замми ин 5 нусхаи дастнависи девони Имло дар феҳристи дастхатҳои форсӣ-тоҷикии захираи дастхатҳои А.И. Ӯзбекистон ва 5 дастхат дар феҳристи дастхатҳои Институти халқҳои осиёии АИ СССР маҳфуз мебошанд. Тамоми дастнависҳои мазкур аз лиҳози ҳаҷм ва фарогирии анвои гуногуни шеър яксонна буда, аз 1600 то 10106 байт шеърро дар бар мегирад. Аз лиҳози қолабҳои шеъри дар нусхаҳои гуногуни Имло се навъи роиҷи шеърӣ форсӣ- тоҷикӣ: ғазал, рубоӣ ва маснавӣ мушоҳида мешавад.

Аз ҷиҳати фарогирии теъдод абёти ғазал дар ҷойи аввал (то 9550 байт), рубоӣ дар ҷойи дуюм (то 532 байт) ва маснавӣ дар ҷойи сеюм (то 24 байт) қарор дорад.

Ба хотири он ки мо ҳаҷм ва муҳтавои мероси адабии Имлои Бухороиро дар ин мақола муайян карда бошем, тасмим гирифтем, ки яке аз комилтарин девонҳои ӯро, ки таҳти № 668 дар захираи дасхатҳои Институти забон, адабиёт шарқшиносӣ ва осори хатии Академияи илмҳои Тоҷикистон маҳфузаст, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, ҳаҷм ва анвои шеърии меросӣ адабии шоирро муайян намоем. Зеро аввалин, баррасии тамоми нусхаҳои хаттии девони Имло дар як мақола имкони гунҷоиш надорад. Сониян, нусхаи асосии кори мо қарор гирифта, ки аз ҷиҳати ҳаҷм ва муҳтаво мукаммалтарин аст, барои хулоса баровардан дар бораи ҳаҷм ва анвои шеъри мероси адабии Имло маводи кифоя дода метавонад.

Дастнависи № 668, чунонки қаблан гуфта шуд, комилтарин нусхаи девонҳои Имло буда, аз 410 варақ (820 саҳифа) иборат аст. Ҳаҷми дастнавис 19 х 11 см буда, ғафсии он ҳамроҳи муқова 4, 8 см аст. Дастнавис аз картони ғафс муқовабандӣ шуда, ранги муқова сурх аст.

Шиносоӣ бо сохт ва муҳтавои ин дастнавис ба хулосае меорад, ки он ду девони шоирро дар бар гирифтааст. Зеро он аз 5 қисмат иборат буда, 3 қисмати аввал маснавӣ, ғазалиёт ва рубоиёти шоирро фаро гирифтааст. Дар қисматҳои чаҳорум ва панҷум боз ғазалиётварубоиёт сабт гардидааст.

Дар қисмати аввал, дар саҳифаҳои 1-2, маснавии зерин омадааст, ки аз 24 байт иборат буда, дар мавзӯи тавҳид ва маънӣ аст ва бобайти зерин оғоз мегардад:

Ту дар каф оварӣ лаъл аз кафи санг,
Ту пайдо созӣ гул аз, хоки беранг [1, с. 1].

Дар қисмати дуюм аз саҳифаи 2 то саҳифаи 340-юм 782 ғазал ворид шудааст ва ғазали аввал бо абёти зерин оғоз меёбад:

Ба ёдат ақли кул тифли навомӯзе ба мактабҳо,
Ба афсофаш забони гунге абасгӯеба машрабҳо [1, с. 2].

Дар қисматҳои сеюм, ки саҳифаҳои 340-404-ро дар бар мегирад, 147 рубоӣ оварда шудааст. Рубоии нахустин бо байти зерин оғоз меёбад:

Эй чашми ту карда масту девона маро,
Рухсори ту карда ҳамчу парвона маро [1, с. 340].

Рубоии охирини ин қисмат бо байти зайл анҷом меёбад:

Имло наравад дар талаби ҷои дигар,
Зеро, ки зиёву нури ҳар хона тӯй [1, с. 404].

Қисматҳои чорум ва панҷуми девони мазкур зоҳиран муҳтавои девони дигар буда, 622 ғазал ва 119 рубоии шоирро дар бар гирифтааст. Ғазали нахустини ин қисмат матлаи зеринро дорад:

Ба ҳаҷри ишқ ғаввосӣ макун маншин ба соҳилҳо,
Зи дил бар ишқ шояд во шавад ин қуфл дар дилҳо [1, с. 406].

Рубоии охирине, ки бо он девон ба анҷом мерасад, ба тариқи зайл аст:

Вақт аст муқими дари хонаи хаммор туй,
Фориғ зи ғами ҷабҳаву дастор туй.
Зоҳид наниҳад рӯ ба дари майхона,
Аз нашъаи бода кай хабардор туй [1, с. 820].

Аз мутолиаи дастнависи девони мазкури Имлои Бухороӣ маълум мегардад, ки он шомили ду девони ин шоир буда, аввалӣ дорои қолибҳои шеърии маснавӣ, ғазалиётва рубоиёт ва дуюмӣ иборат аз ғазалиёт ва рубоиёт мебошад. Ин девон соли 1162 (1748-49) аз тарафи Мир Аваз ном шахсе китобат шуда, худи котиб ишора мекунад, ки нусха бо фармоиши яке аз муридони Имло Мулло Абдураҳими Афғон китобат шудааст: «Ал вақт ин нусхаи муътабарро бинобар ихлоси ҳақиқати мустақим Мулло Абдураҳим, ки аз одамзодагони хуби ҷамоаи афғония буд ва ғояти тарс корӣ ҳазрати парвардигорӣ дар дили ӯ раҳёфта буд, ки ҳеҷ яке аз авқот бе ёди илоҳӣ намегузашт ва ҳамеша аз ҷиҳати сафои қалбе, ки дошт ин нусхаи мӯътабар аз каломи воридотӣ орифи раббонӣ ва кошифи асрори ирфонӣ, ки мулаққаб ба Имло бувад, дар рӯзи ҷумъа шуҳурии сафар, дар килки шикастаи Мир Аваз ба фармуди муриди комил иродат намуд, Мулло Абдураҳими Афғон дар санаи 1162 ҳичрӣ» [1, с. 406].

Натиҷаи баррасии девони мазкури Имлои Бухороӣ моро ба натиҷае мерасонад, ки дар маҷмӯъ ашъори ин девон шомили 10106 байтро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор ғазал 1404 адад ва иборат аз 9950 байт, рубоӣ 266 адад ва фарогири 532 байт ва як маснавӣ дорои 24 байт мебошад. Аз қиёси ин рақамҳо маълум мегардад, ки мероси адабии Имлоро асосан ғазал ташкил медиҳад ва ӯ қабл аз ҳама шоири сӯфимашраби ғазалсарост. Рубоӣ дар байни анвоъи шеъри Имло мақоми дуюмро пас аз ғазал дорад, ҳарчанд, ки дар ҳудуди 5 фоизи девони ӯро ташкил медиҳад. Маснавӣ дар байни осори Имло мақоми назаррас надорад ва танҳо дар ҳамин нусхаи девони ӯ як маснавӣ ва дар ҳаҷми 24 байт омадааст.

Адабиёт:

1. Имло. Девон. Дастнависи № 668, маҳфуз дар Иниститути забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва осори хатти АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Муҳтарам. Тазкират-уш-шуаро. – Душанбе, 1975.
3. Энсеклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе, 1988.

СТРУКТУРА И СОДЕРЖАНИЕ ДИВАНА ИМЛО БУХАРАЙИ

Статья посвящена анализу и исследованиям объема и жанрового разнообразия поэтического творчества поэта софийского направления Имло Бухарайи. На основе анализа рукописи № 668, хранящейся в отделе рукописей Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия АН Таджикистана автор статьи доказывает, что творческое наследие Имло составляют газель, рубаи и маснави.

Ключевые слова: литература, рукопись, жанр, поэт, газель, рубаи, маснави.

STRUCTURE AND CONTENTS OF THE DIVAN OF IMLO BUKHARAYI

The article is devoted to the analysis and research of the volume and genre of various poetic creation of poet of sofii direction Imlo Bukharayi. On the basis handwritten of No. 668 kept in the handwritten department of Institute of language, literature, orientalist, and written heritage of the Academy of Science of Tajikistan, the author of the article proves that the creation heritage of Imlo consists of ghazel, ruboi, and masnavi.

Key words: literature, handwritten, genre, poet, ghazel, ruboi, masnavi.

Сведения об авторе: Махмуд-заде Обиджони Бекназар, аспирант кафедры таджикской литературы Таджикского государственного педогогического университета имени С. Айни, e-mail: obid-26@mail.ru

Information about the author: Makhmud-zade Obidjoni Beknazar, post-gradute student of the chair of Tajik literature, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

АРЗИШИ НАСРИ ИМОДУДДИНИ ИСФАҲОНӢ АЗ ДИДГОҲИ ДОНИШМАНДОНИ МУТАҚАДДИМ ВА МУОСИР

Раҷабова М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Абӯ Абдуллоҳ Имодуддин ибни Сафиуддин Абулфараҷ Муҳаммад ибни Нафисуддин Абуррачо Ҳомид ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Маҳмуд ибни Ҳибатуллоҳ ибни Алуҳ маъруф ба Имоди Исфаҳонии Котиб (519/1125 - 597/1201), ки дар кутуби таъриху адаб бо алқобу унвонҳои фахрии фақеҳу донишманд, муншии суханвар, вазири аллома, рукнуддавла, имодуддавла, қозӣ, имом, аллома муфтӣ хонда шудааст, яке аз чеҳраҳои барҷастаи ҷаҳони ислом дар қарни дувоздаҳум ба шумор меравад.

Яке аз вижагиҳои шахсияти Имод дар он буд, ки ӯ аз ду тамаддуни бостонӣ – форсиву арабӣ баҳрамандии комил дошта, онро тавассути суханони баландмазмун ва маъниофаринӣ дар назму наср ба кор мебурд. Дар канори ҳифзи “Қуръон”-и маҷид ва аҳодис, ҳифзи девонҳои шеъри араб ва хитобаҳо ҷиҳати тарассуми намунаҳои олии балоғӣ барояш мусоидат мекард. Фузун бар ин, ӯ захираи калони улуми исломӣ, маърифати таворих ва айёми халқиятҳоро соҳиб буд, ки чунин имтиёз дар фанни китобат ҷиҳати иртифоъ ёфтанаш миёни бузургони давр аз мулуку вузаро то ба улумову удабо барояш кӯмак мекард. Аз ин хотир, ағлаби мутарҷимону муаррихон зимни баҳогузорӣ ба ин донишманду адиби забардаст ба маҳсули азими фарҳангии ӯ ишора кардаанд. Дар пайгирӣ аз ин, ӯро дар шумори олимони барҷастаи фиқҳу ақида ва ривояти аҳодис, фусаҳои Арабу Аҷам, арбоби фазлу балоғат ва маърифат қарор додаанд. Афзун бар ин, Имодро дар назму наср ба касрат васф кардаанду дар забону наҳв ва девонҳои араб, маърифати тавориху айёми халқиятҳо тарҷеҳ додаанд, то ҷое ки ҳатто бархе ӯро “аз маҳосини дунё ва мислашро чашмон надида” [8, с. 180] баҳогузорӣ кардаанд. Бешубҳа, Имод соҳиби осори барҷастаест, ки шаҳодати тақаддуми ӯ дар назму наср буда, онро муосирон ва муаррихони баъдӣ низ таъйид сохтаанд.

Ҷиҳати таъйин намудани ҷойгоҳу манзалати воқеӣ ба ин мутафаккири барҷаста қарор додем, ки афкори бузургону таърихнигоронро дар ин маврид бозгӯ намоем.

Ибн ас-Соъӣ ал-Бағдодӣ (593/1197 - 674/1275) дар асари худ “ал-Ҷомиъ ал-мухтасар” маҳорати баланди Имодро дар китобат чунин бозгӯ намудааст: “Ӯ соҳиби қареҳаи баланд, назми баландмазмун ва гуфтори фаровон мебошад. Ӯ тарассули малеҳ ва китобати балеғ дорад” [9, с. 61].

Бино ба ахбори ас-Субкӣ(727/1328 - 771/1370) яке аз муҳаддисону адибони машҳур Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Маҳмуд ибн ал-Ҳасан маъруф ба Ибн ан-Наҷҷор ал-Бағдодӣ аш-Шофеъӣ (578/1183 – 643/1246) дар китоби худ “ан-Нузҳат (ё ад-Дуррат) ас-

самина фи ахбор ал-Мадина” гуфтааст: “Имод аз зумраи олимони дар улуми фиқҳ, ақида, усул, наҳву луғат, таърих собитқадам буда, монанди ӯро чашмон надидаанд” [8, с. 180].

Муҳаддису муаррих ва олими забардасти улуми арабии қарнҳои дувоздаҳум ва сенздаҳум Закиуддин ал-Мунзирӣ (581/1185 - 656/1258) дар тавсифи Имод чунин овардааст: “Имод тамоми фазилатҳои волоро дар фиқҳу адаб, шеъри баландмазмун дар худ тачассум намудаву дар назму наср дасти тавоно дошт ва дар ин замина осори арзишманде таълиф кардааст” [29, с. 393].

Муҳаммад ибни Саид ибн ад-Дубайсӣ (558/1163 - 637/1239) дар “ал-Мухтасар ал-мӯҳтоҷ илайҳ мин Таърих ал-Ҳофиз Абӣ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Саид ибни Муҳаммад ибн ад-Дубайсӣ” ба осори устоди хеш чунин баҳогузорӣ кардааст: “Ӯ соҳиби ашъори бағоят баландмазмун, гуфтори фаровон ва тарассули балеғ мебошад” [7, с. 122]. Муаррихи мавсуф дар китоби дигари худ “Зайл Таърих Бағдод” низ фикри худро тақвият бахшида, чунин гуфтааст: “ Имод олими фозил, соҳиби маърифати баланд дар адабу фиқҳ буд. Ӯ дорои қареҳаи асил,ашъори бағоят баландмазмун, расоили малеҳу латиф ва китобати балеғ мебошад” [6, с. 51].

Бар мабнои ахбори Ибни Халликон (608/1211 - 681/1282) таърихнигору донишманди маъруфи аҳди қадим Ибн ал-Бузурӣ дар китоби “Таърих”-и худ дар таҳсини Имод ба муболиға роҳ додаву чунин гуфтааст: ”Имод пешвои суханварон, офтоби шоирон ва барҷастатарин намояндаи донишмандону фозилон маҳсуб меёбад. Нури фазоили ӯ дурахшиду боз хомӯш гардид. Вай дар суханварӣ пештози замони худ ва дар балоғат фасеҳтарини асраш ба шумор мерафт. Ӯ дар назму наср куллан бартарият дошт” [5, с. 348].

Муаррихи забардаст Ибн ал-Асир (555/1160 - 630/1233) дар таърифи Имод гуфтааст: “Имод нависандаи барҷаста ва дар гуфтор қудратманд аст” [4, с. 276].

Шамсуддин аз-Заҳабӣ (673/1275 - 748/1348) гуфтори забоншиносу луғатнигор ва мутакаллиму файласуфи барҷаста Абдуллатиф ибни Юсуф ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Саъд Муваффақуддин ал-Бағдодӣ аш-Шофеъӣ ан-Наҳвӣ мулаққаб ба Тоҷуддин ал-Киндӣ маъруф ба Ибни Лабод (555/1161 - 629/1232)-ро дар тавсифи Имод чунин сабт намудааст: “Ӯ дар китобат доимоамал, дар луғат соҳиби дониши фарох ва дар назму наср фариди давронаш буд” [16, с. 1124].

Абдурраҳим ал-Аснавӣ (704/1304 - 772/1370) дар “Табақот аш-шофеъият” Имодро чунин ситоиш намудааст: “Манзалату эътибори ӯ дар маҳофили фазоил дурахшону мадҳу санояш саҳаргоҳон ва дар тирагии шабҳо тобон аст. Ӯ дар адаб пештоз буда, дар он устуворона гом ниҳодааст” [3, с. 185].

Тоҷуддин ас-Субкӣ (727/1328 - 771/1370) дар “Табақот аш-шофеъият ал-кубро”донишу фазилати Имодро дар улуми адабӣ чунин баён доштааст: “Имод аз зумраи он нафаронест, ки ҳам дар назм ва ҳам дар наср ҳунари воло нишон дода, исми ӯ шуҳрати баланд пайдо кардааст” [8, с. 179].

Ибн ал-Фуватӣ (642/1244 - 723/1323) ба Имод чунин баҳогузорӣ кардааст: “Ӯ аз фусаҳои Арабу Аҷам ва нависандае ҳадафрас ва баландмартаба мебошад” [10, с. 160].

Дар пайгирӣ аз ин, Ибн ал-Имод ал-Ҳанбалӣ (1032/1623 - 1089/1679) дар мавриди Имод чунин изҳори андеша кардааст: “Ӯ китобату тарассул ва назмро ба ҳам пайванд дода, аз ҳамасронаш бартарият пайдо кард ва мақоми аввалро соҳиб гардид.Ӯ дар девони иншо адои хидмат намуда, бо бадеиёти назму насри хеш кишварро баҳраманд сохт” [15, с. 332].

Шиҳобуддин ал-Умарӣ ад-Димашқӣ (700/1301 - 749/1349) дар “Масолик ал-абсор фи мамолик ал-амсор”Имодро чунин тавсиф намудааст: “Ӯ фақеҳи барҷаста , олими фозил, адиби соҳибистеъдод, нависанда, шоир, нозим ва носири суханвар, дар калом сеҳрофарин, дар сухан муъҷизаофар мебошад” [24, с. 254].

Аҳмад ибни Алӣ ал-Мақризӣ (766/1365 - 845/1441) дар “ал-Муқаффо ал-кабир” тавсифи Имодро чунин овардааст: “Дар шахсияти Имод фазоили улуми фиқҳу адаб ва

шеъри ноб ба ҳам тавъам афтода буд. Ӯ дар назму наср дасти тавоно дошту дар расоилу қасоид қудратманд буд” [28, с. 115].

Дарвоқеъ ҳам чунин суханони саршори самимият инъикосгари эътирофу эҳтироми аҳли илму адаб нисбати Имод ва осори ӯ мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба насри Имод пажӯҳишгарони муосир онро ба се қисмат тақсим намудаанд:

1. Насри девонӣ
2. Насри адабӣ
3. Насри таърихии мусаҷҷаъ

Насри девонӣ. Имод дар таснифоти мухталифи хеш, ба вижа таълифоти таърихӣ аз расоили девониаш ба касрат истифода намудааст. Мисоли равшани онро дар бархе аз расоилаш, ки дар девони Азиз ҷиҳати ирсол ба Бағдод нигошта буд, метавон пайдо намуд [22].

Насри адабӣ. Донишмандони қуруни вусто ва муҳаққиқони муосир дар пажӯҳишоти хеш аз мутуни баргузидаи тазкираи “Харидат ал-қаср ва ҷаридат ал-аср” зимни шарҳи ҳоли адибону шуаро истифодаи фаровон намудаанд. Имод онро бо услуби воҳиди мушобеҳ иншо намуда, дар баъзе аз онҳо таъбирҳои худро ба кор бурдааст.

Насри таърихии мусаҷҷаъ. Дар осори олимони мутақаддим ва пажӯҳишгарони муосир ҳамзамон истифодаи фаровон аз баргузидаи осори таърихии Имод дар тасвири ҳаводиси мухталиф ба мушоҳида мерасад. Дар робита ба сабки нигоришӣ ва забони қаламии Имод метавон таъйид сохт, ки он пур аз саҷъ, мувозана, ташбеҳ, талмеҳот ва дигар саноеи бадеӣ, истидлолҳои қуръониву аҳодисӣ, амсол ва ашъори арабӣ аст. Муаллиф дар мусаннафоти таърихии хеш бо услуби мусаҷҷаъи адабӣ баёни андеша намудааст. Саҷънависӣ ҳатто дар ановини китобҳо низ ба назар мерасанд. Аз ин ҷо метавон гуфт, ки таснифоти ӯ тамоми хусусиятҳои насри фанниро доро аст. Ҳамин хасоис дар ду китоби ӯ–“ал-Фатҳ ал-қуссӣ фи-л-фатҳ ал-Қудсӣ”ва “ал-Барқ аш-шомӣ” равшан ба мушоҳида мерасад. Бадеҳист, ки Имод дар радифи таърихнигорӣ ба адабиёт низ дилбастагии зиёд дорад. Аслан таърихнигорӣ яке аз арсаҳоест, ки ӯ ҳунари адабиву шеърии хешро арза кардааст. Ба қавли донишманди соҳибназари эронӣ Исмоил Ҳасанзода воқеият он аст, ки Имод адиби муаррих буд, на муаррихи адиб [14, с. 51].

Нуктаи мазкур дар пешгуфтори Имод бар“ал-Фатҳ ал-қуссӣ фи-л-фатҳ ал-Қудсӣ”низ тасбити худро пайдо намудааст: “Дар ин китоб эҳтимом варзидам, то миёни адибоне, ки аз беҳтарин нукоти ҷолиби диққат иттилоъ медиҳанд ва байни хабарнигороне, ки ба қиссаи ҳаводиси арзишманд таваҷҷуҳ доранд, қарор гирифта бошам. Ҳар кадоме аз ин ду тоифа ба андозаи қареҳаву тафаккури хеш маънибардорӣ мекунад. Тавфиқи хабарнигор дар истимоъ фармудан ва тавфиқи адиб дар гуфтор аст. Пас дар воқеъ ҳам он алфози ба вуҷудомада чашмае аз чашмаҳои ҷавоҳир аст, ки мо онро ба зуҳур овардем ва аз ғароиби воқеот гуфторест аз гуфторҳои аҷоиб, ки мо онро ворид сохтем ” [22, с. 3].

Шоёни таваҷҷуҳ аст, ки ало рағми гуфтаҳои Имод бархе аз муаррихон санъатгароии ӯро мӯҷиби дилгирӣ ва малоли хотири хонандагон мутазаккир шудаанд. Ин нукта дар нигоштаҳои Абӯ Шома(599/1203 - 665/1267) мисдоқи худро пайдо намудааст: “Воқеан ҳам Имод дар ин ду китоби худ васфу мусаҷҷаъро ба дараҷаи олӣ расондаву мӯҷиби тангдиливу гирифтагии хотири хонанда гардидааст. Пас он саҷъҳоро ба истиснои каме аз онҳо ҳазф намудам ва дар маворидаш ба кор бурдам. Аммо аз доираи ҳадафи таъриф ба ҳаводису воқеот хориҷ нагаштам ва мақсудро аз он расоили тивол ва саҷъҳои дилгиркунанда барчидам, то ки гуфтори он ба хосу омм фаҳмо бошад” [11, с. 5].

Миёни адибони мутақаддим Салоҳуддин ас-Сафадӣ (696/1296 - 764/1363) низ ба насри Имод бо назари интиқодӣ баҳогузорӣ кардаву аз зуҳури такаллуф дар услуби ӯ изҳори нигаронӣ намудааст. Ба андешаи ӯ Имод дар насри худ истифодаи таҷнису ташбеҳро ба дараҷаи иғроқ расонидаву аз ҳадди худ гузар кардааст, мисли он ки дуову азоим мегуфта бошад. Сипас бо овардани бархе аз намунаҳо таъкид медорад, ки дар сурати холӣ будан аз таҷнис онҳо гӯшнавозу дилчасптар садо медоданд [19, с. 120].

Дар канори ин,Тоҷуддин ас-Субкӣ низ аз корбурди фаровони таҷнису мушобаҳа изҳори дилгирӣ намудаву чунин баён доштааст: “Қисми ифтитоҳии абвоби “Харидат”-ро мавриди мутолиа қарор додам, ки дар он таҷнис ба касрат мушоҳида мешуд. Пас нотавонӣ вуҷуди маро фаро гирифт. Валекин бо ин ҳама дар он таҷниси матбӯъ низ мавҷуд мебошад” [8, с. 180].

Фузун бар ин, миёни муаррихон дар таъйин сохтани ҳунари нависандагии Имод ихтилофи назар низ ҷой дорад. Мисоли равшани онро дар мисоли яке аз расоили ӯ метавон ба мушоҳида гирифт. Рисолаи мазкурро муаллиф ҳангоми дар сафари ҳаҷ қарор доштани ал-Қозӣ ал-Фозил (529/1136 - 596/1200) соли 564/1164 барояш ирсол карда буд. Дар номаи мазкур Имод бо истифода аз саноеи бадеъӣ сафари ҳаҷи Қозӣ ал-Фозилро таҳсин намудааст, ки он дар “ар-Равзатайн” низ ба қайд омадааст [11]. Ибни Халликон ҳунари нависандагӣ ва эҷодкории Имодро дар ин рисола таҳсин намудааст [5, с. 151]. Аммо Абӯ Муҳаммад Абдуллоҳ ал-Ёфеъӣ (698/1298 - 768/1366) дар “Миръот ал-ҷинон” рисолаи мазкурро аз назари интиқодӣ баҳогузорӣ намудаву чунин овардааст: “Аммо рисолаи ирсол доштаи ӯ ба ал-Қозӣ ал-Фозил ҳини бозгашташ аз сафари ҳаҷ, ки Ибни Халликон онро таҳсин намудааст, на аз нигоҳи динӣ ва на услуби баён арзишманд намебошад. Дар асл муаллиф дар он муболиғакориро пеша намуда, тасвири маросимҳои муназзами Оллоҳ таъолоро ба ҳадди беэҳтиромӣ расонидааст” [30, с. 373].

Андешаҳои фавқуззикри донишмандони аҳди бостон дар андешоти бархе аз муҳаққиқони муосир низ ба чашм мерасад. Дар миёни мусташриқони Ғарбӣ Карл Броккелман (1868-1956) дар китоби “Таърих аш-шууб ал-исломия” ба сабку услуби Имод назари интиқодӣ дӯхтаву дар мисоли “ал-Фатҳ ал-қуссӣ фи-л-фатҳал-Қудсӣ” истифодаи муҳассаноти лафзиро бори гарони китоб хондааст: “Мутаассифона Имод ин китоби худро бо муҳассаноти лафзӣ гаронвазн кардааст, ки барои хонанда ҷониби забониро пеш мегузорад, дар ҳоле ки барои муаллиф аз назари мавзӯъ дорои аҳамият аст” [12, с. 216].

Афкори интиқодии донишманди фарҳехтаи мисрӣ Аҳмад Амин (1886 - 1954) низ дар боби сабку услуби Имод дар “Харидат ал-қаср” идомабахшу тақвиятбахши гуфтаҳои фавқуззикри Броккелман мебошад: “Аммо аз ҳайси таъриф бар шуаро ва таҳлили осори эшон услуби муаллиф дар китоб маро муассир насохт. Зеро ӯ ғолибан ба корбурди саҷъ иноят зоҳир кардаву дар шакли барои ҳар як шоир мувофиқ онро арзёбӣ кардааст. Ӯ поягузори мактаби саҷънигорист, ки шогирдонаш кори ӯро пайгирӣ кардаанд. Дар сурати аз саҷъу қофия озод намудан ва тааммуқ варзидан дар таҳлили рӯзгори шоир ва арзиши осори ӯ аҳамияти он бештар мегардид. Бар андешаи ман, муаллиф назар ба маъонӣ бештар дар ороишу зинати зоҳирӣ саъй намудааст. Ман аз пайравони ин ҷараён нестам ва маънигароиро бар зинати зоҳирӣ тафзил мениҳам. Аз ин хотир, равияи Ибни Халдун ва мактаби ӯро бар Имод ва мактаби ӯ, монанди Фазлуллоҳ ал-Умарӣ ва аш-Шиҳоб ал-Хафоҷӣ ва дигарон тарҷеҳ медиҳам” [21].

Мунаққиду олими забардасти мисрӣ Шавқӣ Зайф (1910-2005) зимни таҳқиқу бозгӯи қисми шуарои мисрии тазкира санъатгароии Имодро дар он чунин арзёбӣ кардааст: “Шояд таҷнис муҳимтарин васоити ороиши насри Имод бошад, ки ӯ дар насри худ ба тарвиҷи он таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Нафароне, ки ҷузъи мазкур ва ба вижа, аҳволу осори ал-Қозӣ ал-Фозилро ба мутолиа мегиранд, метавонанд дарк намоянд, ки ба кадом андоза Имод дар саҷъи худ ба корбурди таҷнис саъй намудаву онро ба душворбаёниву печидагӣ суқ додааст. Хосатан ҳини тардиди охири абёт бар садри он ин хасоис равшан ба зуҳур омадааст, то ҷое ки ҳатто чунон ки мегӯянд, баъзе ибороташ ба дуову азоим табдил ёфтааст” [21].

Муҳаққиқи мумтози ироқӣ Муҳаммад Беҳҷат ал-Асарӣ (1902-1996) ақидаи хешро чунин ироа доштааст: “Имод дар китобати хеш ҷодаи душворбаёнӣ ва гуфтори ба ҳам печидаро пеша сохта, тавассути он таърихи фарҳангиву сиёсӣ-ҳарбии аср ва расоили девонии хешро нигоштааст. Ӯ насри мусаҷҷаъ ва қофиядор, санъатҳои бадеиро ба таври густурда ба кор бурдааст. Ҳамин алвони бадеияти таърихнигории ӯ сабаб

шудааст, ки зимни қироати осораш хонанда дарк карда наметавонад, ки вай таърих хонда истодааст, ё худ адабиёт. Бо такя ба ин,боризтарин хусусияти сабки ӯро донишмандони мутақаддим дар тасаннӯъ ва истифодаи анвои бадеиёт дар осори насрӣ таъйин кардаанд" [20, с. 61].

Бино ба тасреҳи донишманди араб Умар Мӯсо Пошо (тав.1925) дар китоби "Адаб ад-дувал ал-мутатобаъа" ин услуб дар асри Имод ривоҷи тамом дошту хонандагон онро хуш истиқбол мекарданд ва нависандагон ба он таваҷҷуҳи афзун доштанд. Дар робита ба ин, ҳар асаре, ки холӣ аз алвони бадеиёт, ба вижа, сачъ таълиф мегардид, аз ҷониби ноқидони он аср мавриди эътироф қарор намегирифт [25, с. 85].

Пажӯҳишгари соири араб Наҳла Абдулкарим ал-Ҳартонӣ дар китоби худ "ал-Имод ал-Исфаҳонӣ: ҳаётуҳ ва осоруҳ" зимни баррасии хасоиси фаннии насри Имод изҳор менамояд, ки осори Имод инъикосгари завқу салиқаи асраш буда, истихдоми алвони бадеъиёт, сачъ , таҷнис ва монанди он аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад [13, с. 84].

Олиму мунаққиди мисрӣ Муҳаммад Зағлул Салом (ваф. 2013) сабку услуби Имодро чунин баррасӣ сохтааст: "Ӯ бо услуби хоси аҳди хеш осорашро тасниф менамуд, ки бар мабнои афзунии сачъ ва муҳассаноти бадеъӣ бунёд гаштааст" [18, с. 190].

Муҳаққиқи китоби "ал-Бустон ал-ҷомиъ" Муҳаммад Алӣ ат-Таъонӣ дар мавриди мазҳаби тасаннӯъ ва корбурди он аз ҷониби Имод чунин андешаронӣ намудааст: "Мазҳаби тасаннӯъ бар асоси сачъ ва муҳассаноти бадеъӣ дар китобат, расоили девонӣ, мукотиботи расмӣ, ки муҳимтарин рукнҳои ин услуб маҳсуб мешавад, ташаккул ёфтааст. Пас Имод дар таърихнигории худ зимни баёни ҳаводис як, ду ва ё зиёда аз он расоилро ҳамчун моддаҳои таърихӣ ба кор гирифтаву худ низ бо услуби онҳо нигоштааст" [23, с. 18].

Ба ақидаи муҳаққиқи эронӣ Аҳмади Фурӯғбахш Имод дар таърихнависӣ сабки хосе дошт. Истифода аз алфозу таркибҳои адабии ғомиз сабаб шуда буд, то хонандагони осораш ба заҳмат афтанд ва матолиби таърихӣ гоҳ дар зери ибороту алфози мушкил пӯшида бимонад [26, с. 58].

Мусташриқи маъруф Ҳ.А.Р.Гибб (1895-1971) арзиши таърихномаҳои Имодро баланд арзёбӣ кардаву чунин мутазаккир шудааст: "Имодуддин аз Исфаҳон таърихнигори забардасти аҳди худ ба шумор мерафт. Ҳанӯз аз овони ҷавонӣ ӯ бо хидмати ҳукамои салҷуқии Ироқ фаро гирифта шуда, баъдан ба Димишқ интиқол гардид. Дертар дар он ҷо ба ҳайси котиби асосии Салоҳуддин роҷеъ ба аъмоли Шом фаъолият намудаву дар дар тамоми юришҳояш бо ӯ ҳамроҳӣ мекард. Дар радифи корномаҳо ва ҳасби ҳоли Салоҳуддин ӯ таърихномаи соҳибони аввалии хеш-Салҷуқиён ва таърихи умумии аҳдашро (ки қисмати аъзами он аз байн рафтааст) нигоштааст. Кулли таърихномаҳои мазкур бо услуби ниҳоят печ дар печ ва сарбаста, ки хоси китобати расмии он аҳд буд, тасниф гардидаанд" [2, с. 89].

Соири ховаршиноси номвари аврупоӣ Р.А.Николсон (1868-1945) низ Имодуддини Исфаҳониро дар шумори таърихнигорон ва адибони забардасти барҷастаи қарни дувоздаҳум ба қайд овардааст [31, с. 348,355].

Донишманди олмонӣ Йорг Кремер таърихномаҳои Имоди Котибро дар қиёс бо таснифоти таърихнигорони Ғарбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, онҳоро маъхази аввалиндараҷа дар шинохти воқеоти ҳуруби салибкашон ба қалам додааст [32, с. 60].

Пажӯҳишгари машҳури рус В. В. Бартолд (1869-1930) дар мисоли "Нусрат ал-фатра" арзиши баланди таърихнигории Имодро ба ҳайси манобеи дастиаввали воқеоти замонаш чунин қоил гардидааст: "Мухтасари "Нусрат ал-фатра" ба қалами Бундорӣ тааллуқ дошта, муаллиф кӯшиш намудааст, ки кулли аснод, ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳатто тарзи баён, фасоҳату суханпардозии Имодуддинро риоят намояд. Аз ин рӯ, ҳатто дар таҳрири Бундорӣ низ китоб бар асари қаринасозиву сачъ ва истифодаи луғоти нодир хеле душворфаҳм гаштааст. Аммо ба ҳайси мадорики комилтарин ва қадимтарини таърихи Салҷуқиён он арзиши баландеро доро мебошад. Мо дар он асноди зиёдеро дармеёбем, ки дар соири маохиз ба мушоҳида намерасад. Ҳатто перомуни таърихи

қисми шарқии салтанати Салоҷиқа ва вилоятҳои ба он ҳамҷавори Мовароуннаҳр низ ахбори судманде дарҷ гардидааст, ҳарчанд ки таваҷҷуҳи муаллиф ба он манотиқе, ки худаш сукунат дошт, ба Эрони Ғарбӣ, Ироқ ва Сурия равона гардида буд" [1, с. 74].

Дар пайгирӣ аз ин, бархе аз пажӯҳишгарони муосир низ ба насри Имод бо назари тангбинона баҳогузориву аз он интиқод кардаанд. Нақди эшон саҷъу таҷнис ва соири анвои бадеъиро ба ҷуз мазмуну маъонӣ ва афкори ӯ фаро мегиранд. Муаллифи "Кунуз ал-аҷдод" дар нақди хеш чунин овардааст: "Иншои ӯ саҷъ аст ва "ал-Фатҳ ал-қуссӣ" аксар иборат аз таҷнису бадеиёт мебошад. ал-Қозӣ ал-Фозил ӯро ба тундаре шабоҳат додааст, ки зоҳираш хунук асту ботинаш оташи сӯзон ва мо мегӯем, ки шуҳрати вай аз воқеияташ бештар аст. Бешубҳа ӯ чун дар забон тавоно буд, ба он гунае, ки хостааст, дар истифодааш саъй намудааст" [27, с. 317].

Муҳаққиқи фарҳехта Беҳҷатал-Асарӣ андешаҳои фавқуззикри Муҳаммад Курд Алиро мавриди интиқод қарор дода, аз ҷумла чунин изҳор доштааст: " Адабиёти қадим ва услуби онро бо адабиёти муосир ба риштаи муқоиса кашидан мутлақан саҳеҳ нест . Фузун бар ин, мисоли ягона дар тасҳеҳи даъво санади мунсифона шуда наметавонад ва бар мабнои он наметавон ҳукм кард, чуноне ки муҳаққиқи маъруф Муҳаммад Курд Алӣ аз рӯи "ал-Фатҳ ал-Қудсӣ" ин корро анҷом додааст. Бар он ки ин ҳукм танҳо бар шакли зоҳирӣ ё услуби насри Имод иртибот дорад, аҳдофи маъониву афкори ӯро фарогир шуда наметавонад. Он ҷанбаест, ки нақди воқеиро талаб менамояд. Бароямон равшан аст, ки насри Имод хеле зиёд буда, танҳо девони расоилаш дар чанд муҷаллад омода шудаву пайгири аҳдофу мақосиди мухталифи ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоии замонаш зич алоқаманд мебошад. Пас ҷиҳати ҳукм ва натиҷагирӣ бо риояи адолат нисбати он осор бояд ҳамаи онҳо мавриди қиёс қарор гиранд. Мурод аз гуфтаҳои болоӣ дар он аст, ки бар асоси назароти осемасарона ва андешаҳои нафарони ҷудогона наметавон бар арзиши ин ва ё он асар дуруст ҳукм кард ва баҳои воқеӣ гузошт [20, с. 65-66].

Таваҷҷуҳ ба аҳамият ва ҷойгоҳи осори таърихии Имод ҳамин нуктаро бозгӯ менамояд, ки сабки нигориши ӯ ба гунае аст, ки хонанда бо ҳар бори хондан матолиби тозае аз он ёд мегирад. Аз ин лиҳоз, бо "Таърих"-и ал- Байҳақӣ ва "Таҷоруб ал-умам"-и Мискавайҳ, ки аз таърихномаҳои бузурги он аҳд маҳсуб мешаванд, қобили муқоиса аст. Яке аз вижагиҳои таърихнигории Имод дар он аст, ки ӯ саъй намудааст, то ба рӯйдодҳо аз манзарҳову дидгоҳҳои мухталиф бингарад. Он чӣ аҳамияти осори таърихии Имодро нисбат ба манобеи мушобеҳ дучандон мекунад, иртиботи қавии муаллиф бо дастгоҳи идорӣ ва ҳукуматии замони мавриди баҳс мебошад. Ӯ ағлаб бевосита шоҳиди зиндаи воқеоти муҳими давраш ба шумор мерафт, ё худ аз ашхоси воқеӣ истимоъ намудаву онҳоро дуруст қазоват намудааст. Аз ин хотир, маълумоти ӯ то кунун ба унвони қазовати дуруст мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Тавре ки камтар китобе дар бораи ҳукумати Зангия ва Салоҳия метавон ёфт, ки таҳти таъсири мустақими таърихнигории ӯ набошад. Мисоли равшани он "ар - Равзатайн"-и Абӯ Шома маҳсуб мешавад.

Бо натиҷагирӣ аз назароти донишмандони аҳди қадим ва пажӯҳишгарони муосир дар мавриди арзиши насри Имоди Котиб ҳамин нуктаро бояд изофа намуд, ки он дар беҳтарин ваҷҳ вижагиҳои адабиёти аҳди мазкурро таҷассум сохтааст. Истифодаи ҳунармандонаисанъатҳои бадеъӣ, маънибардорӣ аз оёти Қуръони маҷид ва аҳодис зимни баёни аҳдофу мақосиди матраҳшаванда худ шаҳодати возеҳи камолоти адабии ин нависандаи забардаст ба шумор меравад. Имоди Котиб на танҳо худро ба муҳити адабии давраш созгор сохт, балки дар он ончунон устуворона гом ниҳод, ки муосирону пасояндагон ва соҳибони забонро то кунун дар ҳайрат гузоштааст.

Адабиёт:

1. Бартольд В. В. Сочинения. Том 1. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Издательство Восточной литературы. – М., 1963. - 763 с.
2. Гибб А. Р. Арабская литература. Классический период / перевод с англ. А. Б. Халидова. – М.: Издательство восточной литературы, 1960. - 113 с.

3. الأسنوى، جمال الدين عبد الرحيم. طبقات الشافعية.دار الكتب العلمية. بيروت- لبنان. الطبعة الاولى 1407/ 1987 عدد الاجزاء-2 الجزء الثانى-406 ص.
4. إبن الاثير، عز الدين. الكامل فى التأريخ. راجعه و صحَّحهمحمد يوسف الدقاق. دار الكتب العلمية بيروت-لبنان الطبعة الرابعة 2003/1424 عدد الاجزاء-11، الجزء 10-519 ص.
5. إبن خلكان، أبو العباس شمس الدين أحمد بن محمد. وفيات الاعيان فى انباء ابناء الزمان.حققه الدكتور إحسان عباس. دار صادر، بيروت-لبنان. عدد المجلدات 8، المجلد الخامس -439 ص.
6. إبن الدبيسى، محمد بن سعيد. ذيل تأريخ مدينة السلام. تحقيق بشار عوادمعروف. دار الغرب الإسلامى،بيروت- لبنان.الطبعة الاولى 2006/1427 عدد الاجزاء-5،الجزء 2 -598 ص.
7. إبن الدبيسى، محمد بن سعيد. المختصر المحتاج إليه من تأريخ الحافظ أبى عبدألله محمد بن سعيد بن محمد الدبيسى. حققه مصطفى جواد. المجمع العلمي العراقي – مطبعة المعارف، 1951 عدد الاجزاء 2، الجزء 2- 290 ص.
8. السبكى، تاج الدين ابي نصر عبد الوهاب بن على بن عبد الكافى. طبقات الشافعية الكبرى. تحقيق عبد الفتاح محمد الحلو و محمود محمد الطناحى.دار إحياء الكتب العربية، 1964/1383.عدد الاجزاء 6، الجزء 6 -560 ص.
9. ابن الساعي الخازن،أبي طالب علي بن أنجب تاج الدين.الجامع المختصر في عنوان التواريخ وعيون السير. عني بنسخه ونشره وإصلاح تصحيفه وتعليق حواشيه وعمل فهارسه مصطفى جواد. دار المعارف بمصر،الطبعة الاولى- 1934/1353.الجزء9 -390 ص.
10. ابن الفوطى، كمال الدين. مجمع الآداب فى معجم الالقاب، تحقيق محمد الكاظم، تهران، انتشارات وزارت فرهنگ و ارشاد اسلامى، 1374عدد الاجزاء 6، الجزء 2-591 ص.
11. أبو شامة، شهاب الدين عبد الرحمن المقدسى الدمشقى. كتاب الروضتين فى أخبار الدولتين النورية و الصلاحية. دار الكتب العلمية. بيروت- لبنان. عدد المجلدات- 5، المجلد 1 -384 ص.
12. بروكلمان، كارل.تأريخ الشعوب الإسلامية. نقله إلي العربية أمين فارس و منير البعلبكي. الطبعةالخامسة، دار العلم للملايين بيروت،1973 -911 ص.
13. الحرتانى، نهلة عبد الكريم. العماد الاصفهانى "حياته و آثاره"دار عمار-عمان 1992
14. حسن زاده، إسماعيل. تأريخ نگرى و تآريخ نگارى عماد الدين كاتب اصفهانى. نشريه علمى-پژوهشى ميان رشته اى علوم انسانى دانشگاه الزهرا- تابستان 1386 ش.، شماره 65 ص. 21-56
15. الحنبلي، ابو الفلاح عبد الحي بن العماد. شذرات الذهب فى اخبار من ذهب. حققه عبد القادر الأرناؤوط. دار إبن كثير، 1986 ج. 1-10 / ج. 6 -600 ص.
16. الذهبى،شمس الدين محمد بن أحمد بن عثمان. تأريخ الاسلام و وفيات المشاهير و الاعلام. تحقيق بشار عواد معروف. دار الغرب الاسلامى ، 2003/1424 الطبعة الاولى عدد المجلدات 13، ج. 12-1328 ص.
17. الذهبى،شمس الدين. العبر فى خبر من غبر. الجزء 3.حققه و ضبطه على مخطوطين ابو هاجرمحمد السعيد بن بسيونى زغلول. دار الكتب العلمية بيروت- لبنان1985/1405عدد الاجزاء 4، الجزء 3-410 ص
18. عدد الاجزاء 1- 595 ص.زغلول سلام، محمد. الادب فى العصر الايوبى. الاسكندرية، 1990
19. الصفدى، صلاح الدين خليل بن ايبك بن عبد الله. الوافى بالوفيات. تحقيق وإعتناء احمد الأرناؤوط، تركى مصطفى. دار إحياء التراث العربى، بيروت- لبنان. الطبعة الاولى 2000/1425. عدد الاجزاء- 29 الجزء الاول-284 ص.
20. عماد الدين الاصفهانى الكاتب . خريدة القصر و جريدة العصر. القسم العراقى. تحقيق و مقدمه محمد بهجة الأثرى. بغداد، مطبعة المجمع العلمي العراقى، 1955/1375 عدد الاجزاء-4 الجزء الاول-559 ص.
21. عماد الدين الاصفهانى الكاتب . خريدة القصر و جريدة العصر. قسم شعراء مصر. نشره احمد امين، شوقى ضيف و احسان عباس.دار الكتب و الوثائق القومية بالقاهرة،2005/1426عدد الاجزاء-2 الجزء الاول-322 ص.
22. عماد الدين الاصفهانى الكاتب. الفتح القسى فى الفتح القدسى. دار المنار، 2004 -352 ص.
23. عماد الدين الاصفهانى الكاتب. البستان الجامع لجميع تواريخ اهل الزمان. تحقيق محمد على التعانى.مؤسسة حمادة للدراسات الجامعية و النشر و التوزيع،الاردن-2003 -498 ص.
24. العمرى، شهاب الدين احمد بن يحيى بن فضل الله. مسالك الأبصار فى ممالك الأمصار. كتاب الإنشاء شرقا.تحقيق إبراهيم صالح.أبو ظبى: المجمع الثقافى، 2002السفر الثاني عشر - 535 ص.
25. عمر موسى پاشا. ادب الدول المتتابعة. دار الفكر الحديث، دمشق، 1967
26. فروغ بخش، احمد. عماد كاتب اصفهانى و آثار او."كتاب ماه تأريخ و جغرافيا" مرداد و شهريور 1381–شماره58 و 59
27. كرد على محمد. كنوز الاجداد. مطبعة دمشق، 1950 -440 ص.
28. المقريزى، أحمد بن على. المقفى الكبير. تحقيق محمد اليعلاوى. تونس- دار المغرب الإسلامى، الطبعة الاولى1411/1991عدد الاجزاء-6. الجزء 6-576 ص.
29. المنذرى، زكى الدين ابو محمد بن عبد القوى. التكملة لوفيات النقلة. تحقيق بشار عواد معروف. الطبعة الثالثة- مؤسسة الرسالة،1984/1405 عدد الاجزاء 4 الجزء1-472 ص.
30. اليافعى، ابو محمد عبد الله بن اسعد بن سليمان. مرآة الجنان و عبرة اليقظان فى معرفة ما يعتبر من حوادث الزمان. دار الكتب العلمية ، بيروت- لبنانالطبعة الاولى1997/1417عدد الاجزاء -4، الجزء الثالث -382 ص.
31. Reynold A. Nicholson, M.A. A Literary History of the Arabs. London T.FisherUnwin Adelphi Terrace, 1907-536 pages.

32. J. Kraemer. Der Sturz des Konigreiches Jerusalem (583/1187) in der Darstellung des Imad ad-Din Al-Katib Al-Isfahani (“Падение Иерусалимского королевства в работах Имодуддина ал-Исфахани”). Wiesbaden, 1952.

ЗНАЧИМОСТЬ ПРОЗЫ ИМОДУДДИНА ИСФАХАНИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ДРЕВНИХ И СОВРЕМЕННЫХ УЧЕНЫХ

В данной статье автором рассмотрены значимость прозы знаменитого ученого, историка и писателя ИмодуддинаИсфахани с точки зрения древних и современных ученых. Исследуя данный вопрос автор приводит оценку различных средневековых историков и литераторов о значении прозы ИмодуддинаИсфахани и также результатов исследований современных ученых. Исследователем выявлены, что поистине проза Имодуддина Исфахани имела большой успех и играла важный роль в развитии истории и литературы двенадцатого века.

Ключевые слова: литература, успех, современный, исследования, рассматривает, авторы, развитие, важное.

THE IMPORTANCE OF PROSE IMOMUDDIN ISFAHONI FROM THE POINT OF VIEW OF ANCIENT AND MODERN SCIENTISTS

In given article the author considers the importance of prose of the well-known scientist, the historian and writer ImoduddinaIsfahani from the point of view of ancient and modern scientists. Investigating the given question the author results an estimation of various medieval historians and writers about value of prose Imomuddin Isfahoni and also results of researches of modern scientists. By the researcher are revealed, that really prose Imomuddin Isfahoni made the big success and played important a role in development of history and the twelfth century literature.

Key words: literature, success, modern, researches, considers, writers, development, important.

Сведения об авторе: Раджабова Мархабо Тухтасуновна, кандидат филологических наук, докторант кафедры арабской филологии Худжандского государственного университета имени ак. Б. Гафурова, e-mail: rajabova.marhabo@mail.ru

Information about the author: Rajabova Marhabo Tukhtasunovna, PhD of philological sciences, doctoral student in chair of Arabian philology Khujand State University named after academician B. Ghafurov

БАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Салимов А. И.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улугзода

Абдурраҳмони Ҷомӣ аз зумраи мутафаккирони инсоншиносу ҷомеашиносоне маҳсуб меёбад, ки чеҳраи онҳо дар таърихи бани башар ангуштшумор аст. Тасвири ҷомеаи идеалиро пеш аз ӯ Афлотуну Арасту дар марзи Юнонзамин муҳокимаронӣ менамуданд, ки орзуяшон шоҳони фалсафидон буд. Зимнан «аз ҷиҳати сотсилогию психологӣ утопияро метавон василае донист, ки тавассути он ашхоси мутафаккир як олами маънавӣ офарида, худро аз дунёи ҳастӣ дур меандозанд ва дар сарои фарохи он озодона нафас мегиранд, зеро дунёи ҳастӣ, ки аз азал дунҳимату сифлапарвар будааст, усулан аҳли ҳиссу ҳолро намеписандад» [4, с. 117].

Андешаҳои баробарии иҷтимоиро мо кӯшиш менамоем аз достони машҳури мутафаккир Мавлоно Ҷомӣ «Хирадномаи Искандарӣ» дида бароем. Адолат барои Ҷомӣ дар асосӣ идеалҳои ахлоқӣ ва принсипҳои маънавие бунёд мешавад. Воқеан, муносибатҳои кулли ҷомеа зимни бархӯрди андешаи озодихоҳӣ суръат мегиранд. Як ҳақиқати зиндагиро Ҷомӣ собит месозад, яъне изҳор дорад, ки бо суханпардозиҳои фалсафӣ шароитҳои моддиро таъмин намудан берун аз имкон аст. Файласуфон аз азал тарҳи ҷомеаро сохтан мехоҳанд, ки одамон фарҳанги бо ҳам зистанро омӯхта, дар ин сарои дурушт ризо аз қисмату рӯзгор бошанд. Одамон дар хусуси тақдиру толеъ, пешомади ҳаёти минбадаашон мудом андеша меронанд. Дар қалби ҳар як инсон орзуву

ормонҳои фалсафиву сиёсие ниҳон аст, ки барои донистани он фарди олим гоҳо оҷиз ва гоҳо ёфтам «эврика» гӯён фарёди бунёдӣ мезананд.

Адолат барои Ҷомӣ меъёри асосие мебошад, ки дар моҳияти он нерӯи ҳақиқатдӯстии инсон меистад. Инсон ҷавобгари ҳаёти худ мебошад. Нахуст ҳисси баробарӣ бо одамонро доштан бояд адолат дониста шавад. Ақл, шуури мунтазамҳаракакунанда, санъати фикрӣ, қобилияти эҷод метавонад нури ҳаётбахшро дар андешаи фард пайванд намояд, ки инро Ҷомӣ зимнан аз иродаи қавӣ иборат медонад.Иродаи қавӣ тавонмандии худсозиро дорад. Ирода ҳамон вақт майли баробариӣ менамояд, ки инсон дорои идеяи баробарӣ бошад. Ҷомӣ умдатарин масъалаҳои адолати иҷтимоиро дар асари маъруфаш «Хирадномаи искандарӣ» ҷой додаст. Аз нигоҳи Ҷомӣ ҳаракати инсоният ба Шоҳи боадолат вобаста мебошад. Ҳар гуна ҳаракати таърих маҳсули идеяи сиёсӣ мебошад ва инро Ҷомӣ дар воқеияти объективӣ дарк менамояд. Ҷомӣ дар асараш арзишҳои ҷудонашавандае, ки дар ҷавҳари мардум ниҳон аст, бедор кардан мехоҳад, ва барои ӯ ҷомеаи боадолат дар ҳамон асос сохта мешавад. Инсони идеалии Ҷомӣ маҳсули тарбия, воқеияти иҷтимоӣ, ҳисси виҷдони худӣ, эҳсоси муҳаббати самимӣ ва ғайра мебошад. Фарзандон – насли акнун ба воя расида истода мебошанд ва бояд волидайн дар осиёби мафкураи эшон оби илмро бирезад, ки инро чунин баён мекунад:

Биё, эй ҷигаргӯша фарзанди ман
Бинеҳ гӯш бар гавҳари панди ман,
Шунав панду дониш ба он ёр кун,
Чу донистӣ, он гаҳ ба он кор кун [5, с. 249].

Ҳамин таъкиди Ҷомиро дар рисолати тарбияти инсонӣ Толстойи борикбин бо камоли эҳсосот дарк карда буд, ва ҳамеша иброз мекард, ки фарзанд доштан кори бузург нест, балки фарзанде доштан зарур аст, то аз мавҷудияти он шумораи одамон зиёд нагардад.

Ба дарвеши муҳтоҷ бахшиш намой,
Фурӯбаста кораш ба бахшиш кушой [5, с. 249].

Барои Ҷомӣ беадолатонатарин кор бепарво будан ба рӯзи вазнини дигарон аст. Талаботи инсон ҳудуд надорад, дар ин замина ба худдорӣ майл накардани нафсро Ҷомӣ фоҷиаи ақли фард мефаҳмад. Харобиовартарин ва бузургтарин арзиши одамиро Т. Гобсс дар талаботи беохир муайян кард. Ҷомӣ мехоҳад симоҳоеро тасвир намояд, ки усулан нуқтаи ҳимояи манфиатҳои фарди ва ҷамъиятиро дошта бошанд. Беҳуда Хемингуэй ба ҷаҳониён чӣ қадар кам будани талаботи аслии моро нишон доданӣ намешуд. М. Блауг бошад чунин навиштааст: «Табиати хоси неъматҳои чамъиятӣ дар он аст, ки истеъмоли онҳо метавонад фақат якҷоя (совместно) ва баробар бошад» [2, с. 549].

Ҷомӣ дар «Хирадномаи искандарӣ» чунин тақсими баробарии неъматҳоро нишон додан мехоҳад. Достоевский зимни офариниши фантазияи бадеӣ иброз менамуд, ки нависанда образи идеалиро дар пояе бояд тасвир намояд, то ба ҳаёт наздикӣ доштани онро хонанда бовар кунад. Аслан, «ормоният (ормонгарои – А. С.) ҳамчун ормоният мемонад, вале ин маънои онро надорад, ки мутафаккир дар воқеият ҳам ба мавҷудияти чунин муносибатҳои ҷамъиятӣ комилан муътақид бошад…» [3, с. 149].

Андеша дар хусуси ҷомеаи мукаммал, давлати мукаммал, одамони мукаммал образи хирадмандонаест, ки ҳама чизи воқеӣ оқилона офарида шудааст. Агар назарияҳои иҷтимоӣ сабабгори ҳодисаҳое (масалан, аз назарияи марксизм ба вуҷуд омадани инқилоби октябр соли 1917) сиёсӣ шаванд, он гоҳ идеалҳои тасвирии тахайюлӣ низ имкони дар ҳаёт татбиқ шуданро доранд. Чуноне, ки Носири Хисрав фармудааст: *«Адл вориси ҳама осори ақли пок аст, Ақл офтоби дил асту адл аз он зиёд аст».* Андешаи хаёлӣ дар замири худ такони маънавиро соҳиб аст. Тахайюл хусусияти фарогирии олами бадеиётро дорад. Фалсафаи иҷтимоӣ дар ниҳоди тадқиқотӣ фарогир ба вуҷуд меояд. Дар ҷомеа ҳиссиёти баробар будан бо дигарон ҳамеша одамони камбизоатро фаро мегирифт. Хирадномаи Ҷомӣ бар тахайюлоти идеяҳои инсонсозӣ бунёд ёфтаанд.

Оре, Ҷомӣ маҳз ба хотири нигоҳ доштани баробарӣ идеяи ҳунармандиву худтакмилдиҳиро пешниҳод мекунад. Ҳикмати зиндагии инсон нишон медиҳад, ки баробарписандӣ дар ҳамаи даврaҳои минбаъдаи таърихӣ низ ҳамчун ғоя аз байн нарафтааст.

Мавлоно Ҷомӣ дар рафтору тамоилҳои ҷомеаи замонааш муносибатҳои эгоистӣ (худпарастӣ), колективӣ (дастаҷамъӣ)-и мардумро мушоҳида менамояд. Манфиати ҷомеа барои одамони бештар ба чашм мерасад. Одамони камбизиоат соҳибирода буда, ба сахтиҳои ҳаёт тоб меоранд ва ба ояндаи нек бовар доранд. Сохтори анъанавии бозор фақат манфиати ғаразноки фардҳоро аз худ карда буд, ки он манфиати бегонагонро табиатан инкор мекард. Бинобарон, аз назари Ҷомӣ дар мавриди пайдоиши неъматҳои ҷамъиятӣ, меҳнати дастаҷамъона нақши калон мебозид. Яъне, ҳангоми истеъмоли молҳои чамъиятӣ даромади иқтисодии одамон баробар ба назар гирифта шуда буд. Барои ба чунин зинаи ҷомеа идеали расидан одамонро мебояд соҳиби «хирадиноосферӣ» бошанд. Ҳаёти одамон ҳамчун маҳсули андешаҳояшон тасвир меёбад. Аз ин рӯ Ҷомӣ «Хирадномаи Искандарӣ»-ро бо тасаввури ҷомеаи интелектуалӣ ва ҷомеаи кушод нишон медиҳад. Бо тасвири ин ҷомеа мехоҳад одамонро ба дарки андешаҳои созанда ва корҳои бузург ҳидоят намояд:

Сикандар чу мегашт гирди ҷаҳон,
Хабарпурси ҳар ошкору ниҳон,
Дар аснои рафтан ба шаҳре расид,
Дар он шаҳр қавме писандида дид.
Зи гуфтори беҳуда лабҳо хамӯш,
Фурӯбаста аз носазо чашму гӯш.
Наҷуста ба бад ҳаргиз озори ҳам,
Ба ҳар кори некӯ мададгори ҳам [5, с. 346].

Тасвири шоҳи одил дар симои Искандар хеле барҷаста инъикос шудааст. Инсонияти ӯ иродаи матин ва рӯҳи шикаснопазирро мемонад. Искандар ба шаҳре меравад, ки дар он ҷо зиндагии идеалии инсонӣ сохта шудааст. Одамони ин шаҳр бо поккориву шуҷоат ва хислатҳои олии одамӣ мусаллаҳ шудаанд. Тафаккуру тасаввури қавии онон Искандарро ба вачд меорад ва ӯ бори аввал ингуна инсонҳои нексиришро вомехӯрад. Ҳаёти зебоманзари онҳо маҳсули заҳмати бепоёнашон буд. Мардуми идеалии Мавлоно Ҷомӣ бо нишондоди виҷдон ҳар кори дар назди худ гузоштаро адо мекард. Аз ин хотир дар дунёи онҳо шоҳу гадо баробар буд, ки одамон ҳамаи сифатҳои одамиро соҳиб буданд. Аз бахиливу нотавонбинии ҳамдигарӣ, аз сӯиқасд ба ҷони якдигар, аз ҳамаи хислатҳои аҳриманӣ ин одамон наҷот ёфта буданд. Воқеан, дар ин ҷомеа мардум саодати ҳақиқии ҳаётро эҳсос карда, мақсадҳои зиндагиро ба дараҷаи баланди тафаккур дарк намуда буданд. Шароитҳои модии мардум, ки дар имконият ва натиҷа баробар буданд, аз як ҷониб ҳайратангез бошад, аз тарафи дигар ормони волои инсониятро таҷассум мекард:

На з-эшон тавонгар касе не фақир,
Бар эшон на султон касе, не амир.
Баробар ба ҳам қисмати молашон,
Мувофиқ ба ҳам сурати ҳолашон [5, с. 346].

Ин тасвири ҷомеа фақат идеали ормониро наемонад, балки дар ҷомеа ғояҳои инсондӯстӣ, меҳру муҳаббат ба башарро тарғиб менамояд. Ғояҳои асили гуманистӣ дар заминаи чунин тасвири ҷомеаҳои тахайюли нерӯъ мегиранд ва ҳамаи он андешаҳо танҳо барои расидан ба қадру қимати азалии ҳаёт ва инсон мебошанд. Дар ҳаёт мардум агар ба шинохти худ гузашта, ба хеш аз кунҷи назари васеи фалсафӣ нигоҳ кунанд, он гоҳ ба саодати ҳақиқӣ мерасанд. Дар тасвири ин ҷомеа ҳамаи одамон ҳуқуқҳои фитриро соҳиб буда, озодии онон ба камолоти баланди маънавӣ ва фарҳангӣ расидааст.

Идеалҳои баробарпарастӣ дар таърихи фалсафаи тоҷикон гарчанде ба шаклҳои ормонӣ зуҳур намуда бошанд ҳам, метавонанд барои сохтмони ҷомеаи боадолат мусоидат намоянд. Андешаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ саршор аз панду андарз буда,

одамонро ҳамеша ба хирадгароиву инсондӯстӣ ҳидоят мекунанд. Адолат, ҳақиқат, баробарӣ, бародарӣ, дӯстӣ, сулҳ аз бузургтарин масъалаҳои дар пешгузоштаи ин марди хирадманиш мебошад. Ӯ умдатарин муаммоҳои маргу зисти инсониро зери таҳлили ҳамаҷониба мегирад ва ба фарзандони хокӣ роҳи расидан ба ҳақиқатро нишон медиҳад. Нобаробарии иҷтимоӣ боиси норозогии омма мегардад ва ҷангу куштор аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад. Дар «Хирадномаи Искандарӣ» паҳлӯҳои зиёди зиндагӣ нишон дода шудаанд. Аммо мо чизе, ки зери назари методологӣ қарор додем, фақат дида баромадани масъалаи баробарӣ буд.

Бузуртарин масъалаи ҳамаи даврaҳои таърихӣ идеяҳои адолат, баробарӣ ва озодӣ маҳсуб меёбанд. Ҳамин идеяҳо дар фалсафаи Ҷомӣ дар мақоми аввалини метологӣ қарор мегиранд. Ормонгароии мутафаккир ҷомеаеро тасвир месозад, ки ҳамаи одамон рӯзу рӯзгори саодаманд доранд. Ҷомеаи ормонии ӯ натиҷаи талошҳои давомдор, рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихор мебошад. Ҷомӣ дар асари бунёдии худ эҳсоси озодиталабии азалии одамиро тасвир менамояд. Шоир на танҳо ҳимояи манфиатҳои худ, балки ба мадди назар гирифтани ҳаёти мардуми қашшокро таълим медиҳад.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ сотсиал, дар илм консерватор, дар фалсафа идеалист мебошад. Бинобар он идеалҳои баробарии Мавлоно Ҷомиро аз лиҳози фалсафаи ахлоқӣ-иҷтимоӣ дар ҳамаи давру замон боиси омӯзиш ва тадқиқоти давомдор медонем.

Адабиёт:

1. Бекзода К. Паёмбарони фарҳанги мо. - Душанбе, 2000.
2. Блауг М. Экономическая мысль в перспективе. М.: Дело, 1994.
3. Комилов Р. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик. – Душанбе, 1997.
4. Турсунов А. Эҳёи Аҷам. Душанбе, 1984.
5. Ҷомӣ А. Осор. Ҷ. 5. - Душанбе, 1988.
6. Шамолов А. А. Машҳади Ризо. - Хуҷанд, 1998.

СОЦИАЛЬНОЕ РАВЕНСТВО С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

В статье рассматриваются утопические взгляды социального равенства Абдуррахмана Джами. Автором показаны утопические идеи Абдуррахмана Джами, изложенные мыслителем в его работе «Книга мудрости Искандара». Посредством взглядов Абдуррахмана Джами автор попытался экстраполировать идеи социального равенства людей на современную действительность.

Ключевые слова: идея, равенство, неравенство, справедливость, утопическое общество, социальная философия.

SOCIAL EQUALITY FROM ABDURRAHMAN JAMI'S POINT OF VIEW

The article considers the thought of equality of utopian society from the point of view of Mawlana Abdurrahman Jami. The thinker's ideas of equality are taken under consideration only in "Khiradnomai Iskandari" (Alexander's wisdom-book). The author tries to extrapolate Abdurrahman Jomi's ideas of equality of humankind to the modern conditions.

Key words: idea, equality, inequality, justice, utopian society, social philosophy.

Сведения об авторе: Салимов Аслиддин Иномджонович, аспирант кафедры философии и политологии Таджикского государственного института языков имени С. Улугзаде, e-mail: asliddin.salimov.1989@mail.ru

Information about the author: Salimov Asliddin Inomjonovich, the post-graduate student of the chair of philosophy and politics of Tajik State Institute of Languages named after S. Ulughzoda

МУНДАРИҶА (СОДЕРЖАНИЕ)

ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ (ФИЛОСОФИЯ, ПОЛИТОЛОГИЯ)			
1.	Норбоев Ю. М.	О некоторых вопросах исторических и социальных условий реализации аристотолевских идей в мусульманской философии	3
2.	Карамхудоев Ш. Х.	Ҳикмати Розӣ аз нуқтаи назари Носири Хусрав	8
3.	Идиев Х. У., Турсунова Т. С.	Идеалҳои муосири рушди иҷтимоии Тоҷикистон дар заминаи тағйиротҳои иҷтимоӣ	11
4.	Хамидов Б. А.	Некоторые вопросы по изучению истоков мусульманского правового учения и его философии в социально-культурном контексте	22
5.	Абдуллоев М. М.	Основополагающие принципы учения Ибн Каррама и его влияние на мусульманскую традицию	27
6.	Шейхан А. А.	Формирование идентичности современной молодежи Ирана	35
7.	Раджабов Х. Р.	Знание и науки в философии «Ихван ас-сафа»	41
8.	Раджабов Дж. Х.	Таджикистан-Афганистан: пограничные проблемы	49
9.	Каримова М.	Инъикоси вазъи соҳаи маорифи Тоҷикистон ва дурнамои рушди он	53
10.	Муродова Н. С.	Политическое развитие как объект теории политики	56
11.	Рахматов У. Н.	Значение социальной памяти в структуре национального самосознания населения Таджикистана в период независимости	59
12.	Чилаев Р. С., Шарипов К. И.	Энергоэкономическая оценка энергетической политики Республики Таджикистан	66
13.	Маҳмадов П. А., Маҳмадов С. А.	Таъмини амнияти миллӣ - вазифаи муҳими ҳаёти сиёсӣ	70
ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ (ИСТОРИЯ И ПРАВО)			
14.	Холикназар Х.	Значение года председательства Республики Таджикистан в ШОС для дальнейшего развития этой организации	73
15.	Пирумшоев Ҳ.	Шӯриши Восеъ – эътирози бузурги мардумии зидди низоми аморати Бухоро	79
16.	Келдиёров Б. С.	Доир ба идораи маъмурии аморати Бухоро (то миёнаи асри XIX)	86
17.	Кушматов А.	«Таърихи Наршахи» - исторический источник по истории таджикского народа VII вв.	91
18.	Камолов Ҳ. Ш.	«Таърихи императории Усмонӣ» ва аҳамияти он дар омӯзиши таърихи муносиботи Мовароуннаҳр ва Туркияи Усмонӣ дар садаи XVI	98
19.	Гадоев Ғ.	Инъикоси корхонаи шайхи рехтагарӣ дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ	102
20.	Зарифов Н.	Саҳми Аббос Алиев дар рушди низоми маорифи халқи Тоҷикистон	105
21.	Муминова Х. А.	Первый женский ансамбль – символ начинаний эпохи	110
22.	Салимова М.	Саҳми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тарбияи мутахассисони хориҷӣ	116
23.	Саидов А.	Сведения Мухаммада Юсуфа Мунши и Мирмухаммада Амина Бухари о народном волнении Гиссара XVIII в.	120
24.	Абдуллаев К. Н.	Западная историография истории среднеазиатской эмиграции послереволюционного периода	124
25.	Фозилова М. З.	Формы и методы подготовки женщин-педагогов в 80-е годы XX века	129

26.	Исмоилов Ё. Х.	Геологические исследования в Таджикистане (1924-1941)	136
27.	Холинова М. М.	Периодизация развития института опеки и попечительства в истории права Таджикистана	141
28.	Азизов У. А.	Цели наказания, особенности назначения и исполнения наказания в зороастрийском уголовном праве	144
29.	Буриев И. Б.	Проблемы изучения истории государства и права в условиях глобализации	150
30.	Исроилова Н. Д.	Некоторые вопросы гражданско-правовой ответственности по договору оказания юридических услуг	156
31.	Сулаймонов Ф. С.	Проблемы цивилистической науки в Республике Таджикистан	161
32.	Назаров Д. К.	Деятельность субъектов трудовых отношений в системе взаимодействия международного и национального права	165
33.	Холиков Ш. Л.	Сравнительно-правовой анализ уголовных кодексов Республики Таджикистан и зарубежных стран об ответственности за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью	167
34.	Наджмуддинов Ш.	Понятие и сущность источников земельного права Республики Таджикистан	176
35.	Раджабов М. Н., Саидов Х. Х.	Таможенный кодекс Республики Таджикистан: структура и её содержание	180
ИҚТИСОДИЁТ (ЭКОНОМИКА)			
36.	Рузиев У. Ш., Самадов Р. И., Азизов Ш. С.	Теоретические аспекты инновационного подхода к решению проблем института интеллектуальной собственности в условиях вступления в ВТО	184
37.	Саидова М. Х.	Некоторые подходы к определению экономической эффективности физической культуры и спорта в Республике Таджикистан	190
38.	Хайрхох Н.	Специфика освоения природно-ресурсного потенциала приграничных территорий на северо-востоке Афганистана	193
39.	Кенджаева М.	К вопросу о социальном положении населения Таджикистана в годы независимости	198
40.	Рузбахони М. Х.	Природные факторы Зеравшанского региона и их влияние на развития и размещения отраслей растениеводство	201
41.	Махмадиев Ф. Б., Азимов И. И.	Продовольственная безопасность и бедности населения основная проблема региона	205
42.	Ходжаева Д. А.	Показатели и факторы оценки конкурентоспособности продукции	212
43.	Мамадалиев Ф. С., Тилабов Ё. Э.	Инвестиционная обеспеченность отраслей экономики в условиях низкого уровня внутренних сбережений в Республике Таджикистан	217
ПЕДАГОГИКА ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ (ПЕДАГОГИКА И МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ)			
44.	Карабаев Б. Б.	Инкишофи муошират ба касбият мутамоили донишҷӯён дар таълими забони хориҷӣ	225
45.	Ташбаева Р. Г.	Преподавание дисциплины «Теория статистики» на русском языке в иноязычной группе	229
46.	Абенова А. К. Танирбергенов М. Ж., Сапарбаева У. А., Исаева К., Аханов Б. Ф.	Инновационных технологий обучения на уроках изобразительного искусства	232

47.	Атоева Л.	Самтҳои асосии корҳои ислоҳӣ дар фаъолияти мутахассис-логопед	236
48.	Бобохонова С.	Роль международных организаций в методическом обеспечении детских дошкольных учреждений Республики Таджикистан (на примере кластерного бюро Юнеско Алматы (2006-2012)	240
49.	Афгонов М.	Интегрированное изучение и использование литературно-краеведческого материала в развитии фантазии и речи учащихся	245
50.	Додобоев Х. О.	О состоянии и проблемах организации военно-патриотического воспитания старшеклассников городских школ Таджикистана	248
51.	Намозов Т. Б., Содиков К. И.	Физкультура и спорт лечат наркоманов	252
52.	Иззатова М. И.	Специфика развития дошкольных учреждений Республики Таджикистан	255
53.	Дадобоева М.	Кӯдакони дорои нуқсони узви шунавоӣ ва мушкилоти онҳо	260
54.	Боймуродова М. Н.	Содержание, структура и характер инновационного процесса в образовательном учреждении	269
55.	Нуров А., Нурзода М.	Баъзе ақидаҳои педагогии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ	274
56.	Товбаева М. М.	Изучение слов-реалий на уроках русского языка в условиях таджикской школы	277
57.	Мирзоева С. Д.	Тарбияи экологӣ: мушкилоти иҷтимоию педагогии муосир	281
58.	Рахманова М. Дж.	Реализация дифференцированного подхода при обучении английскому языку	285
59.	Фарачзода З. Б.	Худкоромадӣ ба унвони аввалин гом ба сӯи такомули худшукуфоӣ	287
60.	Бурҳонов Қ. Т., Азимова М. Ҳ.	Истифодаи назари мутафаккирон дар дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ дар мавзӯи «Омӯзиши нумератсия дар доираи 100»	290
61.	Сайфулоева З., Сайфуллаев Х. Г. , Каршиева Г. Г.	Этнокультурные стереотипы в обучении немецкому языку	294
62.	Байдуллоев А., Авганов С., Мардонов С.	Пути развития взаимодействия преподавателей и родителей в формировании интеллектуально-прогностического потенциала студентов	298
63.	Раджабова М. Р.	Формы промежуточного контроля знаний и умений обучающихся устной речи	302
ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ (ТАДЖИКСКИЙ, РУССКИЙ, АНГЛИЙСКИЙ ЯЗЫКИ И ЛИТЕРАТУРА)			
64.	Кенджаева М. С.	Фраземы в "Гияс-ул-лугот" Мухаммад Гиясиддина Ромпури	306
65.	Ишанкулова Н. Ш.	Синтаксическая связь между предикативными частями в системе сложноподчиненного предложения в таджикском и русском языках	312
66.	Ғаффоров А. О.	Алоқаи калимаҳо ва тобишҳои маъноии феълҳо бо пасоянди «-ро» дар насри асри XVI	317
67.	Шоздов Н., Нурова З., Сафаров М.	Роҷеъ ба феълҳои таркибии номӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ	319
68.	Мирова Ш. М.	О средствах речевого этикета и его особенностях	324
69.	Шоев М. Дж., Одинаев А. А.	Тавассути ибора ифода ёфтани муносибатҳои хешутаборӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва франсавӣ	328

70.	Нуров П. Г.	Нақши тарҷума дар ташаккули истилоҳоти илмии техникии тоҷикӣ	333
71.	Рустамова Г., Муллоев А.	Особенности русско-персидско-таджикских литературных взаимосвязей	337
72.	Нуров Н. Н.	Сарчашмаҳои мактаби фикрии Мирзо Бедил	343
73.	Эшонова М. А.	Миллият ва миқёси он дар тафаккури бадеии Мирзо Турсунзода	351
74.	Холов Дж. Ш.	Сухане чанд роҷеъ ба вуруди роман ба адабиёти урду	356
75.	Бобоев Д.	Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар санъати синамои пас аз истиқлоли тоҷик	360
76.	Қадамова Н.	Ороиш ва дизайн дар матбуоти кӯдакона (дар мисоли «Анбоз» ва «Пионери Тоҷикистон»)	364
77.	Маҳмудзода О. Б.	Сохт ва мундариҷаи девони Имлои Бухороӣ	368
78.	Раҷабова М.	Арзиши насри Имодуддини Исфаҳонӣ аз дидгоҳи донишмандони мутақаддим ва муосир	370
79.	Салимов А. И.	Баробарии иҷтимоӣ аз нуқтаи назари Абдурраҳмони Ҷомӣ	377

ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватанаиву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шӯрои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳои аниқ ва равшан ифода гарданд.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия (0,5 сах) аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо бояд дар компютер тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj., ҳурифи 14 пешниҳод карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1 см., ҳошия аз тарафи чап 3 см., аз тарафи рост 2 см., аз боло 3 см., ва аз поён 2, 5 см. - ро ташкил менамояд, матни мақола аз тарафи рост саҳифабандӣ карда мешавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаби муаллиф, ном ва муассисаи корӣ дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт, тарзи гузоштани иқтибос тибқи тартиби муайянкардаи стандарти давлатӣ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроға ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу Ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj.), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками с левой стороны 2 см., с правой стороны 2см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть пристатейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.